ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ
ФАКУЛТЕТИ ТАЪРИХ
КАФЕДРАИ ТАЪРИХИ УМУМӢ

# КУРСИ ЛЕКСИЯҲО
# АЗ ФАННИ ТАЪРИХНИГОРИИ ТАЪРИХИ НАВУ НАВТАРИНИ МАМЛАКАТҲОИ ХОРИҶӢ (ЕВРОПА ВА АМЕРИКА). ҚИСМИ ЯКУМ. ДАВРАИ НАВ.

Мураттиб - муаллиф
номзади илмҳои таърих, дотсент С. П. Сайнаков

Сайнаков Сайнак Паршшоевич

Равшанфикр
Огоҳӣ Озодӣ Ободӣ

ДУШАНБЕ – 2020

# ЛЕКСИЯИ 1. ПРЕДМЕТ, МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ ФАННИ ТАЪРИХНИГОРИИ ТАЪРИХИ НАВУ НАВТАРИНИ МАМЛАКАТҲОИ ЕВРОПА ВА АМЕРИКА

Адабиёт:


1. Историография истории нового времени стран Европы и Америки. М., 2000.
2. Историография истории нового и новейшего времени стран Европы и Америки. М., 2000.
3. Историческая наука и историческое сознание / Под ред. Б.Г. Могильницкого. Томск, 2000.
4. История русской общественной мысли и культуры XVIII–XX веков. М., 1990.
5. Историография истории нового и новейшего времени стран Европы и Америки. Под ред. И.П. Дементьева, А.И. Патрушева - М., 2000.
6. Историческая наука и историческое сознание. Под. ред. Могильницкого. Томск, 2000.
7. Ковальченко И. Д. Методы исторического исследования. М., 2003.
8. Косов А. П. Историография истории (Историография всемирной истории). Методические рекомендации. Витебск, 2014.
9. Методологические и историографические вопросы исторической науки. Томск, 1964, 1966, 1969, 1982.
10. Мейнеке Ф. Возникновение историзма. М., 2004.
11. Медушевская О.М. Румянцева М.Ф. Методология истории. М., 1997.
12. Наумова Г. Р., Шикло А. Е. Историография истории России. 4- е издание. М., 2011.
13. Ракитов А. И. Историческое познание. Системно - гносеологический подход. М., 1982.
14. Сайнаков С. П., Ҳусайнов А. Қ., Мирзоев Ф. А., Наҷмуддинов Т. А. Барномаи таълимӣ аз фанни таърихнигории таърихи наву навтарини мамлакатҳои хориҷӣ (Аврупо ва Амрико). Душанбе, 2017. – 46 с.
15. Сайнаков С. П., Садиров Ш. А., Азизов С. А. Таърихнигории давраи нави мамлакатҳои Европа ва Америка. Курси лексияҳо барои факултетҳои таърихи мактабҳои олӣ. Душанбе, 2018.
16. Терехов О. Э. Историческая мысль и историческая наука Запада XIX – XX веков. Учебное пособие. Кемерово, 2006.
17. Шеуджен Э.А. Историография: Вопросы теории и методологии. Курс лекций. – Майкоп, 2005.
18. Шеуджен Э. А. Историография. История исторической науки. Модульно - рейтинговая система контроля знаний студентов: учебно-методическое обеспечение. – Майкоп, 2009.


**Предмети таърихнигорӣ ҳамчун фанни махсус.** Таърихнигории таърихи умумӣ яке аз фанҳои муҳим дар низоми таҳсилоти олии тахассусӣ маҳсуб меёбад. Омӯзиши ин фан аз рушди илми таърих ва нуфуз пайдо намудани он дар ҳаёти ҷомеаи муосир шаҳодат медиҳад.

Имрӯз дар факултетҳои таърих гирифтани маълумоти таърихӣ бе омӯзиши фанни таърихнигорӣ ба роҳ монда намешавад. Зеро, маҳз тавассути тадриси он масъалаҳои мубрам ва мушаххаси таърихшиносию

таърихнигорӣ азхуд карда мешаванд. Ҳангоми баррасии он давраҳои асосии рушди фалсафаи таърих, таҳлили системавии консепсияҳои муҳимтарини методологӣ, ки дар ин ё он давра дар илми таърих ҳукмрон буданд, фаъолияти мактабҳои асосии таърихӣ, равияҳои илми таърих ва асарҳои намояндагони намоёни онҳо аз нуқтаи назари консепсияҳо ва методологияҳои мухталиф ва диди нав мавриди омӯзиш қарор мегиранд.

Историография аз юнонии *historia* – тадқиқот ва *grapho* – менависам, гирифта шуда, илмест оид ба омӯхтани раванди инкишофи илмҳои таърих, ҷамъи асарҳо доир ба таърих, ки дар ягон давраи таърихӣ навишта шудаанд ё ба муносибати ягон давраи таърихӣ таълиф ёфтаанд. Яъне таърихнигорӣ – самти донишҳои таърихиест, ки омӯзиши қонуниятҳо ва хусусиятҳои пайдоиш ва мавқеи илми таърихро дар ҷомеа, корбасти усулҳои таҳлилу фаҳмондани маъхазҳои таърихнигориро муайян мекунад. Фаҳмиши «историография» оддӣ ва маҳдуд нест. Таърихнигорӣ маънии таърихи донишҳои таърихӣ, тафаккури таърихӣ, илми таърих дар доираи умумибашарӣ ё дар ҳудуди як давлат ва ё масъалаи мушаххаси таърихро дар бар мегирад[1]. Ба маънии дигар иброз намоем, таърихнигорӣ таърихи илми таърихро меомӯзад.

Дар асри XIX, ки он вақт табиатшиносии механикӣ ҳукмрон буду аксарияти рисолаҳои таърихӣ аз гуфторҳои мазмунан панду ахлоқӣ оид ба қаҳрамонон, сарлашкарон ва одамони наҷиб иборат буда, илмияти худи дарккунии таърихӣ баҳсталабу зери шубҳа қарор дошт, вале имрӯз бо гузашти вақт ғояи рушд ва принсипи таърихият мақоми асосиро соҳиб буда, вориди тамоми илмҳои табиатшиносӣ гардидаанд.

Муайян аст, ки дар рафти тавлидшавии дониши таърихӣ, таъсиррасонии факторҳои гуногуни характери иҷтимоӣ - маданӣ дошта ба он пурзӯр мегардад, ки ночор ба тағйирёбии сабки тафаккурронӣ,

[1]Ниг.: Пирумшоев Ҳ. Барномаи корӣ аз фанни Назария ва методолигияи таърих барои магистрҳои факултетҳои таърих (тахассус: таърих). Шакли электронӣ. Душанбе, 2012.



Сайнаков Сайнак Паршиоевич

тарзи диди гузашта ва стандарти ифодаи донишҳои илмӣ оварда мерасонанд. Новобаста аз ин, таърихнигорӣ илми дақиқ эътироф шуда, он қодир аст, ки фактҳои зиёдро танзиму тасниф намуда, ҳам назарияҳои навро коркард намояд ва ҳам назарияҳои мавҷударо таҳлили интиқодӣ намояд.

Фаъолияти илмии муаррихон доимо таваҷҷуҳи ҷомеаро ба худ ҷалб менамояд. Таваҷҷуҳ ба таърих на танҳо танқиди худи илми таърих (консепсияҳо, асарҳои мушаххаси таърихӣ, китобҳои дарсӣ, низоми маълумоти таърихӣ), балки назари интиқодии худи муаррихон, мавқегирии касбӣ ва граждании онҳоро ҳамроҳӣ менамояд.

Мафҳуми «таърих» ба категорияи фаҳмишҳои қадимтарини илмӣ дохил мешавад. Дар ибтидо он тамоми фаъолияти илмӣ, тамоми намудҳои маърифатии олами атрофро дар бар мегирифт. Аллакай дар асрҳои VII – VI пеш аз мелод мафҳуми «таърих» - ро файласуфони номии бостон Фалес ва Анаксимандр, дар рафти муҳокимаву шарҳдиҳии пайдоиши олам ва дигар масъалаҳо ба таври васеъ истифода мебурданд.

Танҳо дар давраи нав таърих ба илми алоҳида табдил ёфт. Имрӯз дар адабиёти илмӣ ин мафҳум бо ду маъно фаҳмида мешавад. Якум, таърих – ин раванди ҳақиқии рушди табиат ва ҷамъият, дуюм таърих – ин илмест, ки ба омӯзиши гузашта ва муаррифӣ кардани он машғул мебошад. Аз ин рӯ, проблемаҳо оид ба таъсиррасонии мутақобилаи ин ду маъно ба сифати яке аз масъалаҳои марказии методологӣ қарор мегирад: сухан ин ҷо дар бораи муносиботи мутақобилаи таърихи воқеӣ ва донишҳои мо оид ба гузашта, дар бораи имкониятҳои мавҷудбудаи илми таърих ва тавассути онҳо дарк намудани гузаштаи ҷамъияти инсонӣ меравад.

Аммо мафҳумҳои «таърих» ва «таърихнигорӣ», инчунин мафҳумҳои аз онҳо маншаъ гирифта, «муаррих» ва «таърихнигор» ҳоло ҳам дар бисёр маврид ҳамчун ҳаммаъно истифода мешаванд. Зиёда аз ин, дар назарияи таърих, мисли гузашта, оид ба мақоми таърихнигорӣ

Сайнаков Сайнак Парвиншоевич

ақидаҳои гуногун мавҷуданд. Як гуруҳи олимон ба ин назаранд, ки он дискурси хаттӣ, яъне мулоҳизаронии хаттии мақсаднок аст, гуруҳи дигар бошад онро фанни комилҳукуқи илмӣ донистаанд.

Дар курси мазкур сухан дар бораи «таърихнигорӣ» ҳамчун зуҳури илмӣ сухан меравад.

Чуноне ки зикр шуд, мафҳуми таърихнигорӣ – «историография» аз ду калимаи юнонӣ: «*historia*» (ҷустуҷӯ, таҳқиқи гузашта) ва «*grapho*» менависам (таърихи қайдшуда) иборат мебошад. Асосаш муҳим он аст, ки корбурди мафҳуми мазкурро даққиқ муайян намуд. Мантиқан зери мафҳуми таърихнигорӣ дар курси мазкур оид ба шаклёбии тафаккури умумӣ оид ба предмет ва зуҳурот меравад. Аз ин бармеояд, ки зери таърихнигорӣ фаъолияти махсуси мақсадноке, ки ба самти ба даст овардан ва қайдкунии донишҳои илмии гузашта оид ба рушди инсон ва ҷамъият равон аст, дониста мешавад.

Мафҳуми «таърихнигорӣ» чанд маъноро ифода менамояд: таърихи донишҳои таърихӣ, таърихи афкори таърихӣ, таърихи илми таърих дар умум ва дар мамлакат ё давраи мушаххаси алоҳида.

То ихтирои хат таърихи хаттӣ вуҷуд надошт. Воқеаҳо ва ҳодисаҳои гузашта дар эҷодиёти даҳонии халқ – асотир, афсона, қиссаю ривоятҳо инъикос меёфтанд. Барои ҳамин, таърихнигорӣ роҳи тӯлониро тай намудааст, он аз пайдоиши худ дар қадим сар карда, схоластикаи асрмиёнагиро гузашта, он даме, ки дар давраи нав методҳои илмӣ коркард шудаанд, ба илм табдил ёфт.

Табиатан дар замони муосир фаҳмиши историография васеътар шудааст. Акнун ин мафҳум як қатор ҷанбаҳоро дар бар мегирад:

якум, омӯзиши шароитҳои ҷамъиятӣ, ки бевосита ба рушди илми таърих таъсир мерасонанд;

дуюм, таҳқиқи раванди ғуншавӣ ва рушди проблематикаҳои таҳқиқотӣ;

Сайнаков Сайнак Париноевич

сеюм, донистани асоси назариявӣ - методологии дарккунии таърихӣ, муайян намудани он ки чӣ тавр консепсияҳо ва назарияҳои таърихӣ равнақ ёфтаанд;

чорум, таҳлили маъхазҳои таърихӣ ва сарчашмаҳои таърихнигорӣ, ки муаррих ба мизони таҳқиқ кашидааст, методҳо ва методикаи таҳқиқи онҳо;

панҷум, донистани «шароитҳои ташкилӣ» - и рушди донишҳои таърихӣ: сохтори муассисаҳои илмӣ, китобхонаҳои таърихӣ ва бойгониҳо, низоми тайёр намудани кадрҳо, таснифот ва тақсимоти онҳо ба соҳаҳои донишҳои таърихӣ.

Таърихнигорӣ ҳамчун қисми таркибии илм дар муҳити алоқамандии васеи байнифаннӣ рушд меёбад. Дар навбати аввал сухан дар бораи алоқамандии он бо дигар фанҳои таърихӣ ва фанҳои ёрирасони таърих меравад. Пеш аз ҳама, таърихи умумӣ ва таърихи ватанӣ барои таҳлили таърихнигорӣ маводи фаровону муҳим пешниҳод менамоянд. Дар баробари ин, таърихнигорӣ хусусан бо маъхазшиносӣ зич алоқаманд аст, зеро доираи васеи сарчашмаҳо, дастовардҳои фаҳмиши танқидии онҳо сатҳи умумии илми таърихро инъикос менамоянд. Мурочиат ба маъхазшиносӣ имконият медиҳад, ки характер, баромади шаклии манбае, ки ба доираи илмӣ ворид шудааст, фаҳмида шавад.

Набояд фаромӯш кард, ки консепсияҳо ва ғояҳои асосие, ки илми таърихро ба ҳаракат даровsecurityанд, дар дохили фалсафа зуҳур ва инкишоф ёфта буданд. Ба назар нагирифтани ҳолати зикршуда донистани давраҳои муҳими рушди донишҳои таърихӣ, ки аз таъсири тафаккури фалсафӣ баҳра бардоштаанд, аз имконият берун аст. Аз ин лиҳоз, таърихнигорӣ бо фалсафа алоқаи мустаҳкам дорад. Таърихнигорӣ бо фанҳои ҷамъиятӣ, аз қабили ҷамъиятшиносӣ, сиёсатшиносӣ, ки тамоюлҳои муҳими сиёсию идеологии ин ё он давраро инъикос менамоянд, сахт алоқаманд аст.

Сайнаков Сайнақ Паршшоевич

Ғайр аз ин, таърихнигорӣ бо методологияи таърих ва фалсафаи таърих низ ҳамбастагӣ дорад. Профессор Ҳ. Пирумшоев масъалаи мазкурро чунин хулоса намудааст: «Методологияи таърих – илмест, ки табиат, принсип ва методи шинохту дарки таърихро меомӯзад. Методологияи таърих ҳамбастагии муайяни мантиқиро дорост. Ба доираи омӯзиши он дар баробари ақидаи касбии муаррихон, ҷаҳонбинии фалсафӣ, сотсиологӣ, иқтисодӣ ва дигар равияҳое, ки дар маҷмӯъ ба ташаккули тафаккури баланди илмӣ мусоидат менамоянд, шомил мегарданд. Вобаста ба ин бояд ба эволютсияи донишҳои таърихӣ ва характери раванди он, принсип ва усули (методи) шинохти таърих, аз ҷумла таҳвили (трансформатсия, дигаршавӣ, ҷойивазкунӣ) ҳолати иҷтимоии (статуси сотсиалӣ) илми таърих диққати махсус дод. Ин масъалаҳо барои фаҳмидани ҷойивазкунии тасрифи (парадигма) таърихӣ, ки қариб садсолаҳо тӯл мекашад, зарурати ҳалкунанда доранд.

Фалсафаи таърих қисми таркибии методология мебошад. Ин мафҳумро нахуст намояндаи маорифпарварии Фаронса Волтер (1694 – 1778) ба илми таърих ворид намудааст. Фалсафаи таърих – доираи донишҳое мебошад, ки матлабаш фаҳмиши табиати раванди таърих, расидан ба дарки принсипҳои бунёдӣ ва бисёрсамтаи таърих аз як тараф, аз тарафи дигар, таҳлили хусусият ва сохтори дониши таърихӣ, алоқамандии он бо дигар самту равияҳои дониш (тоилмӣ, бадеӣ, ахлоқӣ, динӣ ва ғайра), кушодани механизмҳои амали тарафайни ин донишҳо дар муайян намудани хусусиятҳои тавсифи таърих, фаҳмиш ва фаҳмондани таълимоти илмӣ доир ба озодии ирода дар таърих, ҳисоб меёбад. Фалсафаи таърих ба таҳқиқи қонуниятҳои раванди таърихи умумибашарӣ бо тамоми гуногуншаклиаш, таҳлили фалсафии дарки таърих, шакл, усул, ҳудуд ва хусусиятҳои он мусоидат мекунад»[1].

[1]Ниг.: Пирумшоев Ҳ. Барномаи корӣ аз фанни Назария ва методолигияи таърих барои магистрҳои факултетҳои таърих (тахассус: таърих). Шакли электронӣ. Душанбе, 2012.

Сайнаков Сайнак Паршшоевич

Ин алоқамандиҳо дар соҳаи дарккунии илмӣ мебошанд, дар баробари ин, боз алоқамандиҳои характери дигар вуҷуд доранд. Мисол, таърихнигорӣ бо библиография алоқаи ногусастанӣ дорад. Ба таҳқиқоти таърихӣ шуруъ намуда, муаррих, ҳамчун мутахассиси дигар соҳаҳо, вазифадор аст, ки роҷеъ ба проблемаи интихобшуда фаҳмиши библиографӣ дошта бошад. Бе шиносоии библиографӣ оид ба мавзӯъ дар бархе ҳолатҳо мешавад, ки бе мақсад барои масъалаи аллакай таҳқиқшудаю кашфшуда беҳуда солҳоро сарф намуд[1].

**Сохтори низоми илми таърих.** Мундариҷаи таркиби таърихнигорӣ зина ба зина васеъ гардид. Системаи илмҳои таърих дар худ раванди ташаккулёбии симои гузашта, ки дар консепсияҳои умумию мушаххас (назария ва методология, заминаи манбаъвӣ, методҳои таҳқиқот, фанҳои махсус ва ёрирасони таърихӣ) инъикос гардидаастро дар бар мегирад. Консепсия – ин аз мавқеи назарияи муайяни дарккунӣ, заминаи маъхазӣ ва методҳои таҳқиқ системаи ақидаҳо оид ба зуҳурот ва равандҳои таърихӣ мебошад. Назария предмети омӯзиш, донистани характери рушди таърихӣ, факторҳо ва қувваҳои муайянкунандаи онро муайян менамояд. Назария маънии асосии раванди таърихиро шарҳ ва мекушояд. Назария ба раванди дарккунии методология, ки принсипи дарккуниро муайян мекунад ва барои истифодабарии метод асосӣ ба шумор меравад, таъсир мерасонад. Фарқият дар назария ва методология дарккунии гуногуни муаррихонро оид ба равиши рушди ҷамъиятӣ, воқеот ва зуҳуроти алоҳида ба вуҷуд меорад. Ҳар ҷузъиёт (компонент) - и донишҳои таърихӣ мустақилона рушд меёбад. Ҷузъиётҳои тавлидкунандаи система назария ва методология ба ҳисоб мераванд. Маҳз ивазшавии онҳо ҳаракати илмро муайян менамояд.

[1]Ниг.: Шеуджен Э. А. Историография. История исторической науки. Модульно - рейтинговая система контроля знаний студентов: учебно-методическое обеспечение. – Майкоп, 2009. 56 с.

Ғайр аз ин, ба низоми илм институтҳои иҷтимоии илмӣ (муассисаҳои илмии таърих, омода намудани мутахассисон, шакли паҳншавии донишҳои таърихӣ) дохил мешаванд.

Донишҳои таърихӣ дар муҳити алоҳидаи ҷамъиятӣ, шакли муайяни маданӣ, ки аз нигоҳи вазъияти иҷтимоӣ - иқтисодӣ, сиёсӣ, идеологии ҷамъият, рушди афкори фалсафӣ, ҷамъиятӣ, иқтисодӣ муайян карда мешавад, ташаккул меёбанд. Факторҳои мазкур дар ин ё он давраи муайян таъсири худро ба ҳолати илм мерасонанд. Илми таърих бо ҷамъият зич алоқаманд буда, ҳамчун звенои асосӣ байни гузашта, имрӯза ва оянда хизмат менамояд.

Раванди дарккунии таърихӣ характери рӯзафзун (пешрав) - ӣ дорад. Дониши таърихӣ раванди мушкил ва гуногуншакл буда, дар ҳаракати доимӣ қарор дорад, назарияҳо ва гипотезаҳо доимо ҳамдигарро иваз менамоянд. Ивазшавии ғояҳо, консепсияҳо ногузир аст, зеро ҳар назария доираи зуҳуроти муайянро шарҳ медиҳад. Плюрализм (гуногунандешӣ) доим, ҳатто дар таърихнигории Шӯравӣ, ки дар он ғояи марксистӣ ҳукмрон буд, ба назар гирифта мешуд. Имрӯз бошад гуногунандешӣ дар рафти омӯзиш ва мулоҳизаронии прогресси таърихӣ меъёри муайян эътироф гардидааст.

Раванди таърихнигорӣ ғункунӣ ва давомати донишҳо, ҷустуҷӯи бетанаффуси донишҳоро пешниҳод менамояд. Натиҷаҳои ба даст овардашуда барои дар заминаи нуқтаи назари нави дарккунӣ, фактҳо, методҳо дар минбаъда афзоиш ёфтани донишҳо асос мегарданд. Барои ҳамин пайгирӣ намудани масъалаи дар кадом сатҳ анъанаҳои гузашта ҳифз шудаанд, кадоме рушди худро ёфтааст, чӣ аз даст рафтааст, ба куҷо баргаштанд ва имрӯз баргашта истодаанд, муҳим аст[1].

**Мақсади тадриси фанни мазкур** аз омӯзиши рушди илми таърих дар мамлакатҳои Европа ва Америка, мактабҳо ва равияҳои асосии илмии таърихнигории Ғарб, шинос намудани донишҷӯён бо фаҳмиши таърихӣ,

[1] Наумова Г. Р., Шикло А. Е. Историография истории России. 4- е издание. М., 2011.

Сайнаков Сайнак Паршшоевич

қонуниятҳои таърихнигорӣ, сабкҳои таърихнигорӣ, ҷанбаҳои асосӣ ва методологияи таҳқиқоти муосири таърихнигорӣ, фаҳмишҳои далелӣ ва маъхазҳои таърихнигорӣ, намудҳои маъхазҳои таърихнигорӣ, даврабандии таърихӣ, назарияҳо ва консепсияҳои таърихии замон, мазмун ва мундариҷаи асарҳои муаррихони мамлакатҳои мазкур, ҷойгоҳи фан дар низоми илмҳои таърих ва алоқамандии он ба дигар фанҳо мебошад.

**Вазифаҳои асосии** таълими ин фанро ҳалли чунин масъалаҳо муайян мекунад:

- мафҳуми «таърихнигорӣ» ва мақоми он дар ҷомеа;
- омӯхтани далелҳои дохилию берунии рушди илми таърих;
- муайян намудани сатҳи таъсири консепсияҳои асосии таърихӣ - фалсафӣ дар ҳаракати донишҳои таърихӣ;
- барқароркунии алоқаи органикии фаҳмиши таърихӣ бо контексти интеллектуалии давраҳо;
- омӯхтани принсипҳо ва методҳои таҳлили таърихнигорӣ;
- ташаккулёбии этикаи илмӣ, эҳтиёткорона муносибат намудан ба анъанаҳои таърихнигорӣ;
- дида баромадани таърихнигории Ғарб дар остонаи давраи нав;
- омӯзиши ташаккулёбӣ ва рушди таърихнигории давраи нав дар мамлакатҳои Европа ва Америка;
- кушода додани қонуниятҳои умумии рушди тафаккури таърихӣ ҳамчун қисми таркибии илми таърих, инъикос намудани хусусиятҳои методология ва консепсияҳои мактабҳои мухталифи таърихии давраи мазкур;
- ташкил додани навовариҳои таҳқиқоти таърихӣ бо манбаъҳои таърихӣ ва адабиёти махсус роҷеъ ба курси таълимӣ;
- ҷудо ва муайян кардани намудҳои асосии донишҳои таърихӣ, ки дар тафаккури таърихии давраи мазкур вуҷуд доштанд;

Сайнаков Сайнак Паршшоевич

- такя намудан ба масъалаҳо, усулҳо ва равишҳои нав, ки илми муосир дар рушди илми таърих дар умум истифода мебарад;

- ғанӣ намудани ҷаҳонбинии шунавандагони курс роҷеъ ба фанни мазкур тавассути баҳсу мунозира ва кори мустақилона.

**Принсипҳои фанни таърихнигорӣ.** Фанни таърихнигорӣ низ мисли дигар фанҳо принсипу методҳои худро дорад. Принсипи асосӣ барои фанни таърихнигорӣ *принсипи таърихият (историзм)* ба шумор меравад. *Принсипи таърихият* аз он иборат аст, ки ҳар кадом зуҳуроти таърихӣ дар давраи мушаххас, дар лаҳзаи амиқи таърихӣ мавриди таҳлил қарор гирад. Аз ин бармеояд, ки принсипи асосӣ барои муаррихи таърихи илми таърих принсипи мазкур ба шумор рафта, моҳияти он дар он зоҳир мегардад, ки ҳар кадом зуҳуроти таърихнигорӣ (консепсияи муҳаққиқ, мавқеи равияҳо, мактабҳо) ҳатман вобаста ба рушди шарту шароити омили он баррасӣ гардад.

Дар рафти таҳлили далели таърихӣ - илмӣ зарур аст, ки пеш аз ҳама сатҳи дастовардҳои рушди илми таърих, имкониятҳои объективии барои эҷодиёти илмӣ, вазъи таҳқиқот дар соҳаҳои илмии ба ҳам наздик ва ғайра ба назар гирифта шавад.

Талаботи зарурии дигар *принсипи том* буда, муҳаққиқро ба омӯзиши ҳар давра ё равияи таърихи илми таърих чун дар системаи унсурҳои алоқамандии мутақобиладоштаи донишҳои таърихӣ ва сабабҳое, ки тағйирёбии онҳоро муайян менамоянд, раҳнамо менамояд. Чунки омӯзиши ақидаҳои таърихии ҳар як олим, таҳлили консепсияи муҳаққиқ, проблематикаи асарҳои ӯ, вазъи заминаи манбаъвӣ, методу услуби танқидии маъхазӣ ва ғайраро тақозо менамояд. Тамоми ҷузъиётҳои мазкурро дар шакли яклухт методологияи дарккунии таърихӣ ба ҳам алоқаманд менамояд. Маҳз он ба сифати унсури пешбари ақидаҳои таърихии муҳаққиқ баромад мекунад.

Сайнаков Сайнак Парниноевич

Муаррихони илми таърих, бо роҳи принсипи том амал намуда, махсусан он ғояҳои вазъу шароит ва зуҳуротро дар гузашта ҷудо менамоянд, ки барои муҳаққиқони замони муосир аҳамият доранд.

Дар давраҳои муайян, масалан дар Шӯравӣ *принсипи ҳизбӣ* ҳукмрон буд, ки талаб менамуд то мавқеи синфии муаррих муайян гардад ва аз ин нуқтаи назар консепсия ва ақидаҳои илмии ӯ баррасӣ шавад. Инчунин, дар таърихнигорӣ, принсипи объективият, принсипи детерминизм, принсипи системанокӣ ва ғайра амал менамоянд[1].

**Методҳои дарккунии таърихнигорӣ.** Дар илми муосири таърихнигорӣ зери унвони методҳо маҷмӯи усулубҳои зеҳнӣ ё тарзу роҳҳои омӯзиши гузаштаи илми таърих дониста мешавад. Дар таърихнигорӣ методҳои зерини дарккунии таърихӣ муайян карда шудаанд:

1. *Методи муқоисавӣ - таърихӣ*, имконият медиҳад, ки бо мақсади муайян намудани аломати умумӣ, хусусияти ба худ хос доштан (мустақилона) ва сатҳи аз дигарон иқтибосгириашон консепсияҳои гуногуни таърихиро муқоиса намуд.
2. *Методи хронологӣ*, ки бо тартиби хронологӣ ба самти таҳлили ҳаракати тафаккури илмӣ, ивазшавии консепсияҳо, ақидаҳо ва ғояҳо равон аст, имконият медиҳад, ки қонуниятҳои ғункунӣ ва тақвиятёбию афзудани донишҳои таърихиро кушод.
3. *Методи проблемавӣ - хронологӣ*, имконият медиҳад, ки мавзуъҳои васеъро ба масъалаҳои майда ҷудо намуда, ҳар кадоми онҳо бо тартиби хронологӣ баррасӣ карда шаванд. Бархе аз муҳаққиқон методҳои хронологӣ ва хронологӣ - проблемавиро на таҳқиқи гузашта, балки усули баёнкунии мавод медонанд.

[1]Ниг.: Сидоренко О. В. Историография IX – начало XX вв. Отечественной истории (учебное пособие). Владивосток, 2004.

Сайнаков Сайнак Парвизоевич

4. *Методи даврабандӣ*, бо мақсади пайдо намудани равияҳои пешбари тафаккури илмӣ, маълум намудани унсурҳои нав дар сохтори он барои муайян намудани нақши давраҳои алоҳида дар рушди илми таърих равона шудааст;
5. *Методи таҳлили ретроспективӣ (бозгашт)*, бо мақсади муайян намудани унсурҳои куҳна, донишҳои боқимонда, хулосаҳои муҳаққиқони гузаштаро тавассути иттилооти имрӯза санҷидан имконият медиҳад, ки раванди ҳаракати тафаккури муаррихонро аз замони муосир ба самти гузашта омӯхт;
6. *Методи таҳлили перспективӣ (ояндадор)*, ки дар асоси дастовардҳои таърихнигории муосир равияҳо ва мавзуъҳои перспективӣ, масъалаҳои илмии ояндаро муайян менамояд[1].

Инчунин методҳои тавсифӣ - қиссавӣ, шарҳиҳолӣ, таҳлили истилоҳотӣ (луғавӣ) ва ғайра низ мавриди истифода қарор мегиранд.

**Фактҳои таърихӣ.** Маводи аввалаю асосӣ барои таърихи хаттӣ факти таърихӣ ба шумор меравад.

Мафҳуми факт бори нахуст дар асарҳои таърихӣ дар маънии аввал дар асрҳои XIX – XX васеъ истифода шуд. Ба маънои том бошад барои илми таърих масъалаи факт ҳамчун категорияи илмӣ дар асри XX қабул карда шуд. Аммо имрӯз ҳам дар фаҳмиши он диду назари гуногун вуҷуд дорад. Мафҳуми факти таърихӣ дар чанд маънӣ дониста мешавад:

якум, факт ҳамчун ҳодисаи ҳақиқии таърихӣ. Чунин фактҳо, ҳамчун элементҳои гузашта, на танҳо мушкилу гуногуншакл ҳастанд, инчунин наметавонанд бо роҳи эксперименталӣ санҷида шаванд. Ҳамчун зуҳуроти гузашта, онҳо инвариантӣ (тағйирнаёбанда) ва берун аз фаҳмиши муаррих дар макону замони анҷомёфтаи худ объективона мавҷуд мебошанд. Муҳимаш он аст, ки бояд донист, ки фактҳо,

[1]Ниг.: Сидоренко О. В. Историография IX – начало XX вв. Отечественной истории (учебное пособие). Владивосток, 2004.



Сайнаков Сайнаг Нарзиллоевич

новобаста аз шарҳдиҳиашон ва диди таҳқиқотию баҳодиҳӣ ба онҳо мустақиланд;

дуюм, факт ҳамчун ахбори маъхаз. Ин фактҳо субъективӣ мебошанд, чунки ҳодисотро аз диди муаллифи маъхаз инъикос менамоянд. Мисолҳои зиёди таърихӣ бечуну чаро шаҳодат медиҳанд, ки ҳамон як ҳодиса дар чанд маъхаз ҳар хел инъикос ёфтааст. Ҳамзамон дар муносибат ба муҳаққиқон ин фактҳо объектиона мавҷуд мебошанд ва аз он ҳолате, ки онҳо дарк карда шуданд ё дарк нашуданд, ахборотӣ ҳастанд ё мавқуф гузошта шуданд, вобастагӣ надоранд;

сеюм, факт ҳамчун элементи сохтори мантиқии таърих (факти илмии таърихӣ). Дар фарқият аз факти таърихӣ факти мазкур инъикоси зуҳуроти муайяни воқеият дар тафаккури мо, маҳсули эҷодиёти муаррих мебошад. Дар ин маъно факти таърихиро мумкин ҳамчун факти таърихнигорӣ донист[1].

Хулоса, зуҳуроти мушаххаси гузаштае, ки дар сарчашмаҳо инъикос ёфта, ҷиддан мавриди омӯзиш қарор гирифта, таҳлили интиқодонаи касбӣ ва воридшавии он ба гардиши илмӣ сурат гирифтааст, факти илмӣ мешавад. Чунин фактҳо реконструксияи гузаштаро дар ду зина намояндагӣ мекунад: дар сатҳи маъхаз ва сатҳи таҳқиқот. Бо маънии майдатар гирем, зери фактҳои таърихнигорӣ он дониши таърихӣ фаҳмида мешавад, ки муҳаққиқ дар натиҷаи фаъолияти муайяни илмӣ, ки имкон додааст оид ба раванди рушди илми таърих, оид ба ҷузиёти он, муассисаҳо ва тарзҳои ташкилӣ маълумот ба даст овардааст, шинохта шудаанд. Факти дигари асосии таърихнигорӣ консепсияи муҳаққиқ ба шумор меравад. Рушди илм нишон дод, ки факт на танҳо замина мебошад, инчунин натиҷаи таҳқиқот низ мебошад.

Профессор А. И. Ракитов проблемаи факти таърихиро баррасӣ намуда, ба хулосае омадааст, ки таҳлили мафҳуми факт се муҳимияти

[1]Ракитов А. И. Историческое познание. Системно - гносеологический подход. М., 1982. С.185 – 217.; Шеуджен Э. А. Историография. История исторической науки. Модульно - рейтинговая система контроля знаний студентов: учебно - методическое обеспечение. – Майкоп, 2009. 56 с.



Сайнаков Сайнак Паршиоевич

истифодабарии онро муайян менамояд: факт ҳамчун баъзе фикра (порча, парда) - и ҳақиқат, воқеаи объективӣ, вазъият ё раванд дониста мешавад; факт ҳамчун дониши махсус оид ба воқеа, вазъият ё раванди муносиб ҳисобида мешавад; факт ҳамчун синоними ҳақиқат шуморида мешавад[1].

Ба шумули вазифаҳои таърихнигорӣ ҷудо карда гирифтани фактҳо, муайянкунии маълумотнокии онҳо, характер, ҳаҷм, сатҳи дақиқият ва аҳамиятнокӣ низ дохил мешавад. Замони пайдоиши факти мушаххаси таърихнигориро низ ба эътибор гирифтан зарур аст: магар он аз ҷониби ҳамзамони воқеоти таҳлилшуда офарида шудааст ё муаллиф онро аз масофаи таърихӣ, аз мавқеи тарҷеӣ таҳлил кардааст. Фактҳои таърихӣ дараҷабандии худро доранд. Ба фактҳои таърихнигорӣ мумкин аст маълумот дар бораи нашри асарҳои таърихӣ, роҷеъ ба нашри маҷаллаҳои махсуси таърихӣ, гузарондани конференсияю симпозиумҳоро ворид кард.

Дар замони муосир ҷанбаҳои зиёди методологии бо таҳлилкунӣ ва баҳодиҳии фактҳои таърихӣ алоқаманд буда, предмети муҳокимаҳои илмӣ шудаанд. Бо тамомияти баҳснокиаш нигоҳ накарда, бе баҳс он ақидае мондааст, ки факти таърихнигорӣ қодир аст дар рушди донишҳои таърихӣ накши калон бозӣ намояд.

**Маъхазҳои таърихнигорӣ.** Мафҳуми маъхази таърихнигорӣ низ аҳамияти муҳим дорад. Роҷеъ ба масъалаи мазкур бисёре аз муаррихони номӣ фикру ақоиди худро баён доштаанд. Агар мавқеъгирии онҳоро аз наздик бинем, мумкин аст муайян намоем, ки маъхази таърихнигорӣ тамоми он сарчашмаҳо эътироф шудаанд, ки оид ба таърихи илми таърих маълумот медиҳанд.

Лаҳзаи муҳим дар сохтори таърихӣ ва ҳам таҳқиқоти таърихнигорӣ ташаккулёбии базаи манбаъвӣ мебошад.

Ба шумораи маъхазҳои асосии таърихӣ ёдгориҳои хаттӣ шомил мешаванд. Ба ин намуди маъхазҳо сарчашмаҳои таърихнигорӣ низ дахл

[1]Ракитов А. И. Историческое познание. Системно - гносеологический подход. М., 1982. С.186.



Сайнаков Сайнак Парпиоевич

доранд, ки дар онҳо раванди таҳқиқот ва ба ҳам таъсиррасониҳои мутақобилаю аз ҳамдигар вобастаи натиҷаҳои асари муаррих баён ёфтаанд.

Таҳқиқоти таърихиро аз рӯи намуд, барориш ва муаллифӣ классификатся менамоянд. Аз нигоҳи намуд онҳо ба чанд гуруҳ ҷудо мешаванд.

Ба гуруҳи якум таҳқиқоти монографӣ дохил мешаванд. Монография кори илмии нашршуда ҳисоб карда мешавад, ки ба таҳқиқи як мавзуъ бахшида шудааст. Яке аз аввалин корҳо дар намуди мазкур асари муаррихи юнонӣ Фукидид, ки ба таърихи ҷанги Пелопонес бахшида шудааст, ҳисоб карда мешавад.

Монография метавонад асари дастаҷамъӣ ҳам шавад, ба шарте, ки муаллифонро коркарду таҳқиқи як мавзуъ муттаҳид намояд.

Ба намуди муҳими маъхазҳои таърихнигорӣ асарҳои бунёдӣ шомил мешаванд. Инҳо асарҳои бисёрҷилда, ки тамоми соҳаҳои таърихи мамлакатҳо ё халқҳоро дар бар мегиранд, мебошанд. Ба ин гуруҳ асарҳои ба таърихи умумӣ, минтақаҳо, қитъаҳо ва халқҳо бахшида шуда низ шомиланд.

Мақоми махсусро дар байни маъхазҳои таърихнигорӣ мақолаҳо ишғол менамоянд. Мақолаҳо асосан аз 1 то 2 ҷузъи чопиро дар бар гирифта, одатан дар маҷмуаҳо ва маҷаллаҳои махсуси таърихӣ нашр мешаванд.

Ба гуруҳи дигари манбаъҳои таърихнигорӣ брошюраҳо, ки дар таҷрибаи байналмилалӣ ҳаҷми он ба 3 ҷузъи чопӣ баробар дониста шудааст, шомиланд.

Категорияи дигари маъхазҳои таърихнигорӣ, маводи нашршудаи конференсияҳо, симпозиумҳо, семинарҳо ва дигар ҷамъомадҳои илмӣ мебошанд.

Сайнаков Сайнак Паршиоевич

Ба қатори сарчашмаҳои таърихнигорӣ диссертатсияҳо, матни лексияҳо, барномаҳои таълимӣ ва воситаҳои методӣ оид ба курси таърихнигорӣ дохил ҳастанд.

Таърихнигорӣ на танҳо ба омӯзиши асарҳои илмии олимон, балки ба таҳқиқу таҳлили роҳи эҷодии муаррих, лабораторияи ӯ низ машғул аст. Барои ҳамин дар баробари асарҳои илмӣ, зери назари таърихнигорон маводи омодашуда, сиёҳнависи дастнависҳои чопнашуда, рӯзномаҳо, ёддоштҳо, автобиография, анкетаҳо, мукотибот, некрологҳо ва дигар намуди мавод қарор мегиранд. Бояд зикр намуд, ки бисёре аз муаррихони муосир бо компютер кор мекунанд. Дар ин шакли машғулият сиёҳнавису дигар намуди кор вуҷуд надорад, танҳо он маводе, ки дар шакли электронӣ мавҷуд аст, маъхаз қабул шудааст. Дар замони муосир ба гуруҳи маъхазҳои таърихнигорӣ маводи интернетӣ низ ворид шудаанд[1].

Ҳамин тариқ, категорияҳои факт ва маъхаз дар курси таълимии мазкур мақоми махсусро ишғол менамоянд.

**Сабк ва хусусияти забони таърих.** Забони таърихӣ дорои нишонаҳои фарққунандаи худ буда, донистани забон барои муаррих ниҳоят зарурист. Масъалаи мазкурро профессор Ҳ. Пирумшоев баррасӣ намуда, талабот ба миён гузоштааст, ки сохтори забони муаррих ин нишондиҳандаҳоро бояд дар худ нигоҳ дорад: 1) шиносоӣ бо забони замони воқеа; 2) фаҳмиши забони маъхазҳо; 3) донистани мафҳумҳои илмии таърих; 4) донистани ибораҳои аз дигар равияҳои илмӣ ба таърих ворид шуда; 5) муаррих набояд ба зоҳирпарастии мафҳумҳои бегона побанд бошад. Забони адабӣ воситаи асосии тарзи баёни оммафаҳми муаррих бошад[2].

[1]Ниг.: Шеуджен Э. А. Историография. История исторической науки. Модульно-рейтинговая система контроля знаний студентов: учебно-методическое обеспечение. – Майкоп, 2009. 56 с.
[2]Ниг.: Пирумшоев Ҳ. Барномаи корӣ аз фанни Назария ва методолигияи таърих барои магистрҳои факултетҳои таърих (тахассус: таърих). Шакли электронӣ. Душанбе, 2012.



Сайнаков Сайнак Пиримшоевич

**Сабку усули баёнкунии таърих дар ҳар давру замон.** Дар рафти омӯзиши курси мазкур донишҷӯён - муаррихони оянда бояд бо мазмун ва мундариҷаи сабку мафҳумҳои зерин низ дуруст шинос шаванд: провиденсиализм – қадария, сарнавишт, аз решаи «провидение», сарнавишт, нависандаи тақдир, рӯзинавис, яъне он чизе, ки Худо хостааст. Тарафдорони сабки мазкур бо хости Худо ба вуҷуд омадани воқеоту ҳодисотро шарҳ медоданд. Ин сабки таърихнависӣ асосан дар давраи асрмиёнагӣ хос буд. Махсусан, дар замони феодализм асарҳои таърихӣ дар шакли «провиденсиалӣ» таълиф мешуданд; плагиатор – асардузд; плагиат – асардуздӣ, рӯйбардор кардани асар, дузди кардани асар ва навиштани асари худ; компилятор – талфифгар; компилятсия – талфифа, асаре, ки аз рӯи асарҳои дигарон гирифта навишта шудааст ва худи нависандааш маъхазҳоро мустақилона кор накардааст. Камтар тағйир додани асари дигар кас ва навиштани асари худ; панегиристика – ситоишкорона, пур аз таъриф, яъне ситоиш кардани шахсияти ягон шахс, таърифу тавсифи аз ҳад зиёд, аз будаш зиёд нишон додани шахсият ё таърихи ягон давлату ҷамъият; нарративӣ – саргузаштгӯӣ; прагматизми таърихӣ – таҷрибаи таърихӣ, яъне ҳангоми таҳқиқи таърих сабаби рӯй додани воқеаҳоро кофтан сар карданд; ратсионалистӣ (ақлгароёна); ҳақиқатнигорӣ. Ҳамин тавр, имрӯз баёнкунии таърихӣ ба сатҳу зинаи ҳақиқатнигорӣ расонда шудааст.

**Аҳамияти омӯзиши фанни таърихнигорӣ.** Таърихнигорӣ оид ба гузашта донишҳоро ғун карда, дар системаи илмҳои таърихӣ вазифаи маърифатиро иҷро менамояд. Он имконият медиҳад, ки барои ҳал намудани бисёр масъалаҳои таърихӣ аз таҷрибаҳои ғуншуда истифода бурд. Донистани гузашта ва имрӯзаи илми таърих барои муайянкунии рушди босуботи таърих иттилоот пешниҳод намуда, дар самти мукаммалгардонии шакли ташкили таҳқиқоти илмӣ, ташаккулёбии заминаи маъхазӣ, тайёр намудани мутахассисони касбии таърихшинос хизмат хоҳад кард.

Таърихнигорӣ дар муайянкунии вазифаҳои таҳқиқот, заминаи манбаъвии он, методология ва методҳо нақши калонро бозӣ менамояд. Донистани таҷрибаи гузаштаи таърихӣ дар шарҳдиҳии фактҳо, ҷудокунии онҳо ба ин ё он мафҳум ва категория ниҳоят муҳим аст. Таърихнигорӣ байни илми таърих ва таҷрибаи ҷамъиятӣ василаи асосӣ ба шумор меравад. Он талаботу фармоиши иҷтимоии ҷамъиятро ба донишҳои илмӣ ва нақши ин донишҳоро дар ҳал намудани проблемаҳои муосир муайян менамояд.

Таҷрибаи таърихнигорӣ яке аз роҳҳои барқароркунии дақиқияти донишҳои таърихӣ мебошад. Донистани таърихи илми худ касбияти муҳаққиқ - муаррихро мукаммал мегардонад, сатҳи маданияти касбии умумии ӯро боло мебардорад, дар маънавиёти ӯ муносибати эҳтиёткорона бо дастовардҳое, ки дар самти омӯзиши гузашта ба даст оварда шудаанд, тарбия намуда, эҳтиромро нисбат ба насли гузаштаи муаррихон ва муосир ба вуҷуд меорад.

Ҳамин тавр, дар тайёр намудани муаррихони касбии оянда мақом ва манзалати фанни таърихнигорӣ ҳалкунанда ба ҳисоб рафта, маҳз дарккунии амиқи мазмун ва мундариҷаи таърихнигорӣ, методу, методологияи таърихнигорӣ имконият медиҳад, ки донишҷӯён ба маданияти баланди технологияи тадқиқот, тафаккуру мулоҳизаронии танқидӣ, мубоҳисаҳо, таҳлилкунӣ, муқоисанамоӣ, хулосабарории илмӣ расанд.

## ЛЕКСИЯИ 2. ТАФАККУРИ ТАЪРИХӢ ДАР ОСТОНАИ ДАВРАИ НАВ. ТАЪРИХНИГОРИИ ГУМАНИСТӢ

**Адабиёт:**

Брагина Л. М. Итальянский гуманизм. Этические учения XIV-XV вв. М., 1977.

Брагина Л. М. Социально-этические взгляды итальянских гуманистов (вторая половина XV века) М., 1983.

Брагина Л. Д. Итальянский гуманизм эпохи Возрождения. Идеалы и практика культуры. М., 2002.

Баткин Л.М. Итальянские гуманисты. Стиль жизни, стиль мышления. М., 1978.

Барг М. А., Авдеева К. Д.От Макиавелли до Юма: Становление историзма. М., 1984.

Биск И. История исторической мысли в новое время. Иваново, 1983.

Дильтей В. Воззрение на мир и исследование человека со времен Возрождения и Реформации. М., 2000.

Историография истории нового времени стран Европы и Америки. М.: "Высшая школа", 1990.

Историография истории нового времени стран Европы и Америки. М.: "Простор", 2000.

Историография истории новой и новейшей истории стран Европы и Америки. М. 1977.

Ефимов А. А. Проблема динамики исторического развития в трудах Историческая наука и историческое сознание. / Под ред. Б. Г. Могильницкого. Томск, 2000.

История исторического знания. Учебное пособие. / Под ред. Л. П. Репиной. М., 2004.

Сайнаков С. П., Садиров Ш. А., Азизов С. А. Таърихнигории давраи нави мамлакатҳои Европа ва Америка. Курси лексияҳо барои факултетҳои таърихи мактабҳои олӣ. Душанбе, 2018.

Семенов Ю. И. Философия истории. Общая теория, основные проблемы, идеи и концепции от древности до наших дней. М., 2003.

Смоленский Н. И. Теория и методология истории. Учебное пособие. М., 2007.риография новая история

### 1.МАЪЛУМОТИ УМУМӢ ОИД БА ТАФАККУРИ ТАЪРИХИИ ЗАМОН

Тафаккури таърихӣ дар ҳар давру замон мувофиқи талабот, идеология ва муносиботи иҷтимоӣ - иқтисодии он рушд намудааст. Ба мисоли он ки дар асрҳои XV – XVI дар натиҷаи афзудани муносиботи

Сайнаков Сайнак Парпиевич

молию пулӣ дар Ғарб нишонаҳои истеҳсолоти капиталистӣ падид омада, бо боқимондаи истеҳслоти асрмиёнагӣ (феодалӣ) бархӯрданд. Дар навбати худ дар ҷомеа тасаввурот оид ба аҳамият ва арзиши меҳнати озод тавлид ёфт. Дар натиҷа дар асрҳои XV – XVI дар Аврупо тағйироти бузурги иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва сиёсӣ ба вуҷуд омад. Рушд ёфтани ҳаёти ҷамъиятӣ ва шароити корӣ, масъалаҳои шахсияти инсон ва ӯҳдадории шахсӣ шавқу рағбат ба донишро ба мақоми аввал баровარданд. Инсон бо дигар тарз ба худ ва табиат назар кард, баҳодиҳии ӯ, шавқу ҳаваси эстетикиаш, муносиботаш бо муҳити замон ва гузашта тағйир ёфт. Ин тағйирот қисми таркибии давраи эҳёро ташкил медоданд.

Аз ҷониби дигар кашфиётҳои бузурги географӣ, дастовардҳо дар илми ситорашиносӣ боиси он шуданд, ки дар фаҳмиш оид ба макону замон ва мақоми инсон дар он табаддулоти ҷиддӣ ба вуҷуд ояд. Аз тарафи дигар дар мадди назари аврупоиён акнун дар натиҷаи кашфиётҳои географӣ заминҳо ва сокинони он, одамону тамаддуну маданиятҳое, ки (дар назари аввал аҳолии Америка) аврупоиён пеш онҳоро надида буданд, қарор гирифтанд. Системаи геосентрии Птолемей низ мавқеашро аз даст дода буд.

Яке аз воқеаҳои аososие, ки ба рушди соҳаҳои илм, аз ҷумла таърихи таърихнигорӣ такон бахшид, ин дар миёнаи асри XV ихтироъ намудани дастгоҳи китобчопкунӣ шуд. Ин боиси он гардид, ки дар ибтидои асри XVI дар Европа аллакай 250 маркази китобчопкунӣ амал намуда, дар онҳо 40 ҳазор номгӯи китоб нашр карда шудааст. Китобчопкунӣ ба он шароит фароҳам овард, ки асарҳои муаллифони антиқа бо теъдоди муайян нашр шуда, байни омма паҳн гарданд ва ба ин тарз дастрасӣ ба иттилоот ҳам бо суръати тез дар байни халқ сурат гирифт.

Сайнаков Сайнақ Наришоевич

Дар ҳамин шароит равияи нави ғоявӣ - ҷаҳонбинӣ ва фарҳангии бо номи гуманизм ба вуҷуд меояд, ки дар таърихнигорӣ низ таъсири ҷиддӣ расонд[1].

Хусусияти асосии ҷаҳонбинии мазкур ин тафаккур дар бораи қобилияти бузурги имкониятҳои эҷодии инсон буд. Гуманистон аз назария теосентристии олам, маънидодкунии динии таърих даст кашида, дар маркази таҳқиқ ба ҷои он тасаввуроти антропосентризмро гузоштанд[2]. Пас аз барҳамхӯрии империяи Рим акнун бори нахуст шароите ба миён омад, ки аксарияти муаррихонро шахсиятҳое ташкил доданд, ки бо фаъолияти худ ба идороти калисову роҳибхонаҳо алоқамандӣ надоштанд ва бевосита дар ҳаёти сиёсию маъмурӣ ва ҷамъиятӣ ширкат варзида, асарҳои таърихӣ эҷод намуданд.

Муайян аст, ки тафаккури таърихнигории асрмиёнагӣ дар асоси принсипҳои провиденсиализм (қадария) бунёд ёфта буд. Ҳамин тариқ, фаҳмиши таърихии муаррихони асрмиёнагӣ динӣ буд: таърих мувофиқи нақша ва мақсади муқарраркардаи Худо – аз санади офариниш то зуҳур ва реҳлати пайғомбар Исои Масеҳ ва баъд то рӯзи Қиёмат ва барқароршавии Ҳокимияти ҳазорсолаи Худовандӣ, чунин маънидод мекарданд муаррихони асрмиёнагии аврупоӣ раванди таърихиро.

Гуманистон танҳо сабабияти охиринро ҳамчун аз они Худо қабул намуданд, аммо дар шарҳу тавзеҳи воқеоти алоҳидаи таърихӣ ба далел ва рафтори инсонҳо муроҷиат мекарданд ва дар натиҷаи чунин тамоюл кӯшиши ба гузаштаи таърих додани тавзеҳи бошууронаро мекарданд. Тибқи ақидаи онҳо таърих самти фаъолияти инсонҳост, на Худо ва ин ба секуляризатсия, яъне аз ихтиёри калисо гирифта, ба ихтиёри идораҳои

---

[1] Гуманизм (аз лот. humanus – инсонворона, инсонгароӣ) – ҷаҳонбиние, ки аз инсондӯстию инсонпарварӣ, муҳаббат доштан ба одамон, ҳурмат кардани қадру қимати инсонӣ, зуҳроти ғамхорӣ нисбат ба одамон иборат аст. Гуманизми давраи Эҳё (асрҳои XIV – XVI) ҳаракати ҷамъиятӣ ва адабие буд, ки ҷаҳонбании нав падид омадаи буржуазияро дар мубориза зидди феодализм ва идеологияи он (католитсизм, схоластика) равона намуд.

[2] Прохоренко И. А. Основные направления зарубежной историографии всеобщей истории (от древности до конца XX века). Учебное пособие по спецкурсу «Основные тенденции историографии Всеобщей истории». Тольяти, 2010. С. 10.

гражданӣ додани фаҳмишу илми таърихӣ оварда расонд. Ҳамин тариқ, нуқтаи назари нав, яъне аз нигоҳи шууру илмӣ назар кардан ба таърих ба вуҷуд омада, натиҷаи он зуҳур ёфтани таърихнигории гуманистӣ гардид. Хулоса, акнун инсон ва масъалаҳои заминии ӯ (на масъалаҳои динӣ) дар мадди аввали муҳаққиқон қарор ёфтанд[1].

Диққати асосии гуманистонро таърихи сиёсӣ ба худ ҷалб намуд. Зеро сиёсат аз назари онҳо соҳаи махсус ва фаъолияти ниҳоят муҳими инсон дониста шуда, он омӯзиши махсусро талаб менамояд. Маҳз дар чорчӯбаи маданияти гуманистӣ заминаҳои илми сиёсӣ ба вуҷуд омаданд. Мавриди зикр аст, ки асарҳои таърихии гуманистон низ пеш аз ҳама таърихи воқеаҳои сиёсӣ ва ҳарбӣ мебошанд. Он вақт аҳамияти калони мустақилона доштани ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии раванди таърихӣ ҳоло пурра дарк карда нашуда буданд ва аз ин лиҳоз, асосан аз мадди назари таҳқиқи таърихнигории гуманистӣ қариб, ки берун мондаанд.

Дар асрҳои XV – XVI асарҳои таърихӣ байни халқ бисёр маъмул буданд. Ҳатто асарҳои зиёд роҷеъ ба усули навиштан ва омӯзиши таърих аз нашр баромаданд. Гарчанде ки дар тарбия намудани инсонҳо таърих яке аз мақоми асосиро ишғол мекард, ҳоло ҳам ва дарояндаи дароз ҳам он фанни донишгоҳӣ нашуда буд ва ҳамчун навъи адабиёт дониста мешуд. Донишҳои таърихӣ ва тарзи кор кардан бо маъхазҳои таърихӣ дар филологияи гуманистӣ ва ҳуқуқшиносӣ, ки бо таҳлили матнҳои гуногуни таърихӣ алоқамандӣ доштанд, баррасӣ мегардиданд.

Оғози танқиди маъхазҳо яке аз хизматҳои асосии гуманистон буд, даъвати онҳо «*ad fonts*» – *«рӯ ба маъхазҳо»* маънии инкор намудани усули схоластика дошта, тамоюли муайян намудани воқеияти таърихии матнҳои антиқӣ, ки дар ҳуҷҷату асарҳои қадим инъикос ёфта буд, мебошад[2].

Сайнаков Сайнак Наршиоевич

---

[1]Теория и методология истории. Учебник для вузов. Ответственные редакторы В. В. Алексеев, Н. Н. Крадин, А. В. Коротаев, Л. Е. Гринин. Волгоград, 2014. С. 32.

[2]Айрапетов А. Г. История исторической науки. Историография всеобщей истории. Курс лекций // http://www.allbest.ru/

Гуманистон дастовардҳои маданиро ҳамчун нишондоди асосии таҳаввулоти ҷамъиятӣ баҳогузорӣ мекарданд. Онҳо аз тақсимбандию даврбандии таърихи умумӣ ба чор монархия – Ошурӣ - Бобулӣ, Мидӣ - Форсӣ, Юнонӣ - Мақдунӣ, Римӣ, ки дар таърихнигории асрмиёнагӣ расм буд, даст кашида, даврабандии се зинагиро пешниҳод карданд, ки дар ин самт саҳми муҳаққиқи итолиёӣ Флавио Биондо хеле калон буд:

- давраи қадим – асри тиллоии ҷаҳони антиқа;
- асри миёна – ваҳшигарии готӣ;
- асри нав – эҳёи мероси антиқа, яъне давраи гуманистон.

Дар он вақт, дар баробари бо забони лотинӣ, навиштани асарҳои таърихӣ бо забонҳои миллии дастраси оммаи халқ, аз қабили италянӣ, франсузӣ, немисӣ, англисӣ ва ғайра ба роҳ монда шуд.

Эҳё ин пайравӣ намудани гуманистон ба муаллифон антиқа ва намояндагони маданияти қадимро дар худ таҷассум мекард[1], ки бо хусусиятҳои хоси ҳаёти иҷтимоӣ - сиёсии Европаи асрҳои XV – XVI, ки бо барқароршавии мутлақият ва ташаккулёбии монархияҳои миллӣ алоқаманд буд, вобастагӣ дошт. Рӯ овардани гуманистон ба антиқа ҳамчун давраи шуҷоатнокии шаҳрвандӣ ва азамати сиёсӣ, ин ҷустуҷӯи намунаҳо буд, ки мумкин ғояи нави ҷамъиятиро тасдиқ мекарданд. Маънидодкунии бошууронаи таърих таъкид мекард, ки таҳлили интиқодии маъхазҳои таърихӣ гузаронда шавад.

Асарҳои гуманистон аввалин ҷанини шакли илмии донишҳо оид ба таърих буданд. Лекин бояд қайд намоем, ки асарҳои онҳо низ вобаста ба шароити замон маҳдудият доштанд. Чунки ҷаҳонбинии онҳо ҳам аз таъсири таълимоти руҳониёни таассубгаро пурра озод набуд. Ҳатто намояндагони ин равия дар бисёр мавридҳо аз мунозираи амиқ бо намояндагони калисо канораҷӯӣ мекарданд. Чорчӯбаи диди таърихии онҳо ҳанӯз ҳам аз аҳамияти аввалиндараҷа додан ба воқеаҳои сиёсӣ,

[1]Ниг.: Теория и методология истории. Учебник для вузов. Ответственные редакторы В. В. Алексеев, Н. Н. Крадин, А. В. Коротаев, Л. Е. Гринин. Волгоград, 2014. С. 31.



Сайнаков Сайнак Паршоевич

таърихи ҳарбӣ, фаъолияти шахсиятҳои алоҳида пурра берун набаромада буд. Эътирофнамоии накши асосии шахсиятҳо дар таърих ва таъсири онҳо дар раванди минбаъдаи таърих шарт буда, дар асарҳои гуманистон ҷой дошт. Ин қисман далели воқеии гаштан аз принсипи «*ad fonts» буд.*

Хулоса, ба норасоию нуқсон нигоҳ накарда, гуманистон даъвати рӯ овардан ба манбаъҳоро ба миён гузоштанд, намояндагони ин равияи таърихнигорӣ кӯшиш намуданд, ки дар ҳуҷҷатҳои таърихӣ далелҳои воқеиро дарёбанд ва аз қиссапардозию ақидаҳои бофтаю сохта даст кашанд. Хизмати дигари асосии гуманистон дар он буд, ки онҳо мероси хаттии антиқаро аз нобудшавӣ наҷот доданд. Маҳз онҳо бори нахуст ба ҷамъоварӣ ва нашри васеи ёдгориҳои қадима оғоз намуданд. Масалан, намояндаи машҳури гуманизм Алд Манусий (1449 – 1515) дар чопхонаи худ дар Венетсия асарҳои 27 нафар муаллифон - намояндагони антиқаро дар 96 ҷилд аз нашр баровардааст. Ташаббускори археологияи классикӣ Кириако (1391 – 1451) бошад ба ҷамъоварии навиштаҷотҳои болои сангу дигар ёдгориҳои моддӣ машғул шуда, онҳоро бо маълумоти асарҳои муаллифони антиқа муқоиса намудааст[1].

Мавриди қайд аст, ки дар ин вақт низ дар баробари таърихнигории гуманистӣ таърихнигории калисоӣ фаъолияти худро идома медод. Аз ҷумла, намояндаи калисо, муаррихи франсузӣ Луи - Себастян ле Нэн де Тиллемон (1637 – 1698) асари шашҷилдаи «Таърихи императорон ва дигар шоҳзодагон, ки дар тӯли шаш асри насрония ҳукм ронданд» ва китоби 16 ҷилдаи «Таърихи калисо дар шаш асри аввал» - ро менависад. Муаллифи мазкур ба маъхазҳои истифода намуда қариб, ки аз нуқтаи назари танқидӣ муносибат накардааст. Аз ин ҷиҳат, асарҳои мазкур тибқи сабки компелятивӣ навишта шудаанд. Барои муаллифашон – Тиллемон – таърихи Рим ҳама таърихи императорон аст, меъёри асосии

[1]Историография античной истории. Учебное пособие. Под редакцией профессора В. И. Кузищина. М., 1980. С. 21.



Сайнаков Сайнак Паршиоевич

аҳамияту баҳодиҳиаш ба таърихии императорон ин муносибату рафтори онҳо бо насрония мебошад[1].

Хулоса, дар натиҷаи ба майдон ворид шудани гуманистон таъсири намояндагони калисо дар навиштани асарҳои таърихӣ заиф гардида, заминаҳои нахустини ташаккулёбии илми таърих гузошта шуд.

Ҳамин тариқ, гуманистон дар рушди таърихнигории ҷаҳонӣ саҳми асосии худро гузошта, тавонистанд, ки таърихро аз хурофоти динӣ берун бароварда, ба соҳаи гражданӣ табдил диҳанд ва бори нахуст аппарати илмӣ дар таърихнигорӣ ба таври мушаххас пайдо шуда, усули нишон додани иқтибос (бори нахуст аз ҷониби Флавио Биондо сурат гирифт) -ро дар поварақ ҷорӣ намуданд[2].

Хизмати асосии гуманистон дар он буд, ки консепсияи дунявии таърихро пешниҳод карда, дар таҳқиқ ва навиштани таърих истифода намудани маъхазҳои нарративӣ, археографӣ, эпиграфӣ, нумизматикӣ ва ҳуҷҷатиро ба роҳ монданд. Дар баробари ин, хизмати онҳо дар аз нестӣ наҷот додан, ҷамъоварӣ ва бознашр намудани меъроси маънавии антиқа низ калон буда, онҳо, барои дар оянда рушд ёфтани тафаккури илмии таърих заминаи мустаҳкам гузоштанд.

---

[1]Назаров С. В. Историография всеобщей истории (в связи с развитием исторической мысли). Учебное пособие. Армавир, 2002. С.37.
[2]Вайнштейн О. Л. Западноевропейская средневековая историография. М. – Л., 1964. С. 247.

## 2.МУАРРИХОН - ГУМАНИСТОНИ ИТАЛИЯ

Ватани гуманизм Италия буда, якчанд муаррихони забардасти замон аз ин мамлакат бaромаданд. Дар таърихнигории гуманистии Италия якчанд равия бо намояндагони барҷастаашон амал мекарданд, ки байни онҳо Франческо Петрарка, Ҷованни Боккаччо, Лоренсо Валла, Леонардо Бруни Аретино, Флавио Биондо, Никколо Макиавелли, Франческо Гвиччардини ва ғайра дар рушди таърихнависию ғункунии донишҳои таърихии замони худ саҳми назаррастар гузоштаанд.

**Равияи шарҳиҳолнависӣ.** Асосгузорони таърихнигории гуманистӣ намояндагони равияи мазкур Ф. Петрарка ва Ҷ. Боккаччо шинохта шудаанд.

Франческо Петрарка (1304 – 1374) таърихи Римро дар шакли биографӣ навиштааст. Дар асараш «Дар бораи арбобони машҳур», ки бо забони лотинӣ таълиф ёфтааст, ӯ жанри биографии муаррихи бостон Плутархро аз нав эҳё намудааст. Ф. Петрарка дар асари худ тарҷумаи ҳоли 21 намояндаи бузурги Рим, аз Ромул сар карда, то Сезарро меорад. Дар баробари римиҳо шарҳи ҳоли шахсиятҳои таърихии бостон Пирр, Искандари Мақдунӣ ва Ганнибалро низ ба қалам додааст. Дар навиштани асараш муаллиф аз китоби муаррихи римӣ Тит Ливий (с. 59 п.м. – с. 17 м.) истифода намуда, қаҳрамононашро аз будаш зиёд нишон дода, он тасвирҳои Тит Ливий, ки дар онҳо муаррихи мазкури римӣ заифию характери манфӣ доштаи қаҳрамнонро овардааст, Петрарка умуман нишон надодааст. Мавриди қайд аст, ки чунин муносибати Петрарка ба шарту шароит ва мақсади замон мувофиқ буд. Чунки муаллиф дар давраи асри XIV, замоне, ки аз нигоҳи сиёсӣ Италия заиф буду ҳам аз ҷониби душманони дохил ва ҳам аз берун пароканда гардида буд, хост, ки ба хонанда тавонмандии гузаштаи Римро нишон дода,

мардумро дар самти муттаҳид намудану тавоно кардани меҳан рӯҳбаланд намояд[1].

Бо ин нигоҳ накарда, дар асари мазкури Ф. Петрарка, дар муқоиса бо таърихнигории асрмиёнагии барвақта, нуқтаи назари танқидӣ ҷой дорад.

Намояндаи дигари давраи мазкур Ҷованни Боккаччо (1313 – 1375) низ кӯшиш намудааст, ки асарҳои таърихӣ нависад. Дар китоби худ «Оид ба занҳои машҳур» шарҳи ҳоли 105 бонуи аксарияташон намояндагони дунёи қадимро овардааст.

Дар баробари ӯ Филиппо Виллани (1325 – 1405) дар бораи шахсиятҳои таърихии Флоренсия[2] ва Ҷоҷио Вазари (1511 – 1574) бошад асари худ «Шарҳи ҳоли рассомон, ҳайкалтарошон ва меъморони машҳуртарин» (1550) - ро офаридаанд[3].

Яке аз бузургтарин тарафдорони ин жанр намояндаи Флоренсия Веспасиано да Бистиччи (1421 – 1498) буда, муддати дароз ба сифати котиби шахсии сиёсатмадор ва дипломатии машҳури Флоренсия Козимо ди Ҷованни де Медичи (1389 – 1464) кор кардааст. Асари ӯ «Тарҷумаи ҳоли одамони машҳури асри XV» буда, дар баробари императорон, шоҳон, папаҳо ӯ ҳаёт ва фаъолияти шаҳрвандони оддии Флоренсияро низ ба қалам додааст. Веспасиано де Бистиччи аввалин шарҳиҳолнавис буд, ки дар асарҳояш тарҷумаи ҳоли ҳамзамононашро аз ҳисбои занон, аз ҷумла, шарҳи ҳоли Алессандра де Бардиро ҷой додааст.

**Равияи риторикӣ.** Аввалин муаррихи ҳақиқӣ байни гуманистон намояндаи равияи мазкур Леонардо Бруни Аретино (1369 ё 70 ё 74 – 1444) шинохта шудааст. Фаъолияти меҳнатии худро вай ҳамчун хизматчӣ дар дарбори папаи Рим оғоз намуда, баъд котиби давлатии ҷумҳурии Флоренсия таъйин мегардад. Дар ибтидо ӯ ҳамчун тарҷумони асари

[1]Назаров С. В. Историография всеобщей истории (в связи с развитием исторической мысли). Учебное пособие. Армавир, 2002. С. 37 – 38.
[2]Виллани Дж. Новая хроника, или История Флоренции. М., 1997.
[3]Вазари Дж. Жизнеописания наиболее знаменитых живописцев, ваятелей и зодчих. В 2-х т. М. – Л., 1933.

Сайнаков Сайнак Паршиоевич

файласуф ва нависанда - шарҳиҳолнависи Юнони Қадим Плутарх (тахмин с. 46 – тахмин с. 127) оид ба шарҳиҳоли Сисерон ва ду китоби муаррих, ходими давлатӣ ва лашкаркаши юнонӣ Полибий (тахмин 200 п. м. – 120 п. м.) аз забони юнонӣ ба лотинӣ ном баровардa буд. Дар самти қоида ва тарзи дуруст тарҷума кардан, ӯ асари махсусро бо номи «Оид ба тарҷумаи дуруст» навиштааст, ки дар ин самт яке аз аввалин кӯшишҳо дар доираи илмӣ буда, назарияи тарҷумаро бунёд гузошт. Баъд аз ин вай ба навиштани таърихи Флоренсия (Таърихи халқи Флоренсия, 12 ҷилд) даст мезанад. Аҳамияти муҳими асар дар он аст, ки дар унвони он ба ҷои «хроника» мафҳуми нав «*historia – таърих*» ҷой дода шудааст.

Чун аксарияти муаррихон - гуманистон, Леонардо Бруни низ бештар байни чанд маъхаз ба яктои муайян такя намудааст. Барои қисматҳои зиёди асари ӯ «Таърихи халқи Флоренсия» ҳамин гуна маъхаз хроникаи Ҷованни Виллани (1276 – 1348) хизмат кардааст. Аммо, муаллиф, он маводеро, ки аз шарҳдиҳии бошуурона берунанд, партофта, таъсири провиденсиализми Виллани низ дар асари ӯ дида намешавад.

Леонардо Бруни дар муқоиса бо муаррихони асрмиёнагӣ далелҳои таназзул ва барҳамхӯрии Римро на аз диди қазову қадар, балки аз нуқтаи назари ақли инсонӣ, сабабҳои воқеӣ нишон додаст. Заминаҳои асосии таназзули Римро муаррих дар аз байнравии шакли идоракунии ҷумҳурӣ ва онро иваз намудани ҳокимияти истибдодии императорон мебинад.

Ғояи сиёсии исбот намудани бартарияти сохти ҷумҳуриявӣ (ҷумҳурии Рим, давлати асрмиёнагии Флоренсия) бар истибдод (дар империяи Рим ва дар он давлатҳои Италия, аз ҷумла Милан, ки сохти яккаҳукмронӣ доштанд), тамоми эҷодиёти Бруниро фаро гирифтааст. Леонардо Бруни Флоренсияро вориси ғояҳои озодихоҳонаи ҷумҳуриявии Рими бостон ва такягоҳи он дар Италияи муосир медонад.

Ҳамин тариқ, Леонардо Бруни дар таърихнигории гуманистӣ барҳақ асосгузори мактаби сиёсӣ - риторикӣ шинохта шудааст. Баъди ӯ дар ин самти таърихнигорӣ профессори риторика аз Венетсия Маркантонио

Коччио Сабеллико (1436 – 1506) асарҳо эҷод намудааст. Китоби ӯ «Эннеадҳо (аз юнонӣ нӯҳ, нӯҳгона)» ягона асар дар он вақт буд, ки таърихи умумӣ дар он аз нуқтаи назари гуманистӣ оварда шудааст. Яъне ӯ дар навиштани таърих комилан аз консепсияю чорчӯбаи чор монархия ва қиссаву ривоятҳои Библия даст кашид.

**Мактаби интиқодии эрудикӣ.** Намояндагони намоёни мактаби мазкур Флавио Биондо (Бондо) ва Лоренсо Валла буданд, ки таҳкурсии танқиди илмии маъхазҳоро гузошта, дар минбаъда барои рушд ёфтани методикаи таҳқиқоти таърихӣ заминаи мустаҳкам гузоштанд.

Флавио Биондо (1392 ё 1388 – 1463), бадарғашудаи сиёсӣ аз шаҳри Форли, муддате ҳамчун котиб дар хизмати папаи Рим Евгени IV будааст. Ӯ ҳамчун яке аз аввалин археологҳо дар илми таърих шинохта шудааст. Асари ӯ «Рими барқароршуда» дар асоси шоҳидии муаллифони қадим, навиштаҷоти дигар ва ёдгориҳои моддии таърихӣ навишта шуда, ба барқароркунии топографияи антиқии шаҳри Рим бахшида шудааст. Дар асари дигараш «Рими нусратовар» Ф. Биондо бори нахуст кӯшидааст, ки муассисаҳои давлатӣ, ҳарбӣ, шаҳрвандӣ, динӣ, инчунин анъана ва намуди либосҳои римиёни бостонро инъикос намояд. Дар муқоиса бо дигар гуманистон Ф. Биондо дар рафти инъикоси ягон масъала, ба баррасию истифодабарии маълумоти як маъхаз қаноат накардааст, балки тамоми маъхазҳои дастрасро ҷалб намуда, онҳоро системанок муқоиса менамояд. Қимати илмии таҳқиқоти ӯ боз дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф байни маъхазҳо боваринокатару дақиқтарро муайян намудааст. Дар баробари ин, Ф. Биондо тибқи усули хронологӣ асар офарида, далелҳоро гуруҳбандӣ накардааст. Барои ӯ чун муаррих пеш аз ҳама барқарор намудани далели таърихӣ муҳим аст, на ин ки аз он ягон панду ибрати таърихиро ҷудо намуд.

Дар баробари як қатор таҳқиқот оид ба таърихи Рими қадим ва Италия ба қалами ӯ асари калонҳаҷми роҷеъ ба таърихи асрҳои миёна «Даҳ китоби таърих аз замони таназзули империяи Рим» дар ҳаҷми 31

Сайнаков Сайнак Парвинхоевич

қисм тааллуқ дорад. Ф. Биондо асари худро аз соли 410, замони Римро забт намудани доҳии вестготҳо Аларих сар карда, бо воқеаҳои соли 1410 хотима медиҳад. Муддате ин давра ҳамчун давраи асрмиёнагӣ дар таърихнигории Аврупо қабул шуда буд[1].

Ба ибораи дигар гӯем, Ф. Биондоро мумкин аст аввалин муаррих - гуманист эътироф кард, ки чорчӯбаи хронологии асрҳои миёнаро муайян карда буд, аммо як гуруҳ муҳаққиқон менависанд, ки худи мафҳуми «асрҳои миёна» дар асарҳои ӯ во намехӯрад, лекин тибқи гузориши дигар муҳаққиқон маҳз ӯ дар соли 1453 мафҳуми *«асрҳои миёна – medium aevum»* - ро низ ба кор бурдааст.

Ғайр аз ин, Ф. Биондо аввалин маротиба меъёри боэътимоднокии маъхазҳоро ин тавр муайян намуд: якум, ба ҳақиқат монанд ва воқеъбинона навиштани ҳодисот; дуюм, қадимтар ё пештар навишта шудани маъхаз, наздик будани он бо замони воқеоти ба қалам дода шуда.

Лоренсо Валла (1407 – 1457) яке аз намояндагони равияи мазкур буда, ҳамчун муаррих - маъхазшинос бо рисолаи худ «Андеша оид ба қалбакӣ ва сохта будаи ҳадядиҳии Константин» (1440) машҳур аст. Дар он ӯ Санади «Ҳадяи Консантин», ки гӯё онро дар асри IV император Константин тартиб дода, бо нишон миннатдорӣ барои шифоёбӣ аз махав тавассути ғусли таъмиду қабул намудани дини насронӣ ба епископ Силвестер мартабаи папаро ҳадя намуда, ба ӯ ҳуқуқи идора кардани Римро додааст, ҳаматарафа зери интиқод қарор дод. Ҳамин тариқ, Л. Валла ҳуҷҷате, ки дастдарозии Ватиканро ба ҳокимияти дунявӣ асоснок мекард, шубҳанок дониста, зери интиқод қарор дод.

Се далели асосии интиқодии Л. Валла роҷеъ ба ҳуҷҷати мазкур инҳо мебошанд:

---

[1]Назаров С. В. Историография всеобщей истории (в связи с развитием исторической мысли). Учебное пособие. Армавир, 2002. С. 41.

Сайнаков Сайнак Паршоевич

1. Далелҳои ахлоқӣ - динӣ ва сиёсӣ - ҳуқуқӣ, ки ба роҳбари руҳонӣ имконият намедоданд ҳокимияти дунявиро соҳибӣ намояд, инчунин исботи беваколатии император, ки ҳокимиятро ба дигар шахс диҳад.

2. Оид ба ин воқеаи ғайримуқаррарӣ маъхазҳои дигар вазифадор буданд, ки шоҳидӣ диҳанд, аммо ин хел ҳуҷҷату маъхази дигар дар таърих мавҷуд нест.

3. Таҳлили лингвистикии матни санад ғайримувофиқии мустақими терминологӣ ва сабки навишти ҳуҷҷатро бо меъёри забони классикии лотинии асри IV муайян намуд. Мунаққид ба хулосае меояд, ки ин ҳуҷҷат бо сабку усул ва меъёрҳои забони лотинии замони варварӣ, яъне на барвақттар аз асри VII, баъди замони ҳукмронии император Константин, тартиб дода шудааст[1].

Ҳамин тариқ, Л. Валла оид ба ғайриҳақиқӣ будани «Ҳадяи Константин» исботи қотеъро пешниҳод намуд. Гарчанде Л. Валла санаи дақиқи тартиб додани ҳуҷҷати мазкурро муайян кардан натавониста бошад ҳам, калисои католикӣ низ пас аз интиқоди мазкур дигар ба он такя накард.

Ягона асари соф таърихии Лоренсо Валла «Таърихи Фердинанди I Арагонӣ» буда, дар он таърихи дарбори Неапол ва воқеоти он замон дарҷ гардидаанд.

Шогирди Лоренсо Валла Юлий Помпоний Лет (1427 – 1497) буда, дар Донишгоҳи Рим дарс додааст. Ӯ соли 1456 дар шаҳри Рим маҳфили гуманистии «Академияи Рим» - ро таъсис додааст. Эҳё намудани Римро орзу намуда, ӯ ҳатто бо тарзи рафтору либоспӯшиаш кӯшиш намудааст, ки зоҳиран ҳамчун римӣ намудор шавад. Аъзоёни «Академияи Рим» - и ӯ ҳатто номҳои лотиниро қабул намуда, маросиму идҳои Рими бостонро ҷашн мегирифтанд. Ин рафтори онҳо боиси норизогии маъмурияти папа

[1]Айрапетов А. Г. История исторической науки. Историография всеобщей истории. Курс лекций // http://www.allbest.ru/

шуда, Юлий Помпоний Летро бо ҳамроҳии дигар фаъолони академияи мазкур ба маҳбас кашиданд. Аз маҳбас озод шуда, ба нашр намудани асарҳои антиқа машғул мешавад. Ба як қатор асарҳои муаллифони бостон тавзеҳот навишта, баробари ин муаллифи асарҳо роҷеъ ба таърихи Рим мебошад[1].

**Мактаби нави «сиёсӣ».** Никколо Макиавелли (1469 – 1527), адабиётшинос, файласуфи сиёсӣ, муаррих, ходими давлатӣ – намояндаи мактаби нави сиёсӣ буда, солҳои 1498 – 1512 ҳамчун котиби ҳокимияти Флоренсия кор кардааст. Асари асосии таърихии ӯ «Таърихи Флоренсия» мебошад, ки яке аз хусусиятҳои фарқкунандааш дар он мебошад, ки он на бо забони лотинӣ, балки ба забони италянӣ навишта шудааст. Тафаккурронии Н. Макиавелли ба масъалаҳои ҷамъиятӣ - сиёсии Флоренсия ва Италия равона шудааст. Фалокатҳои асосии низои сиёсиро этироф карда, ӯ ночор мавҷуд будани ҳокимияти мустаҳками давлатиро асоснок менамояд. Давлат аз рӯи ақидаи Н. Макиавелли ҳокимияти олӣ буда, он дар рушди худ ду давраро аз сар мегузаронад – диловарӣ ва таназзул. Муносибат бо ҳаёти дохилисиёсӣ аз хусусиятҳои дигари фарқкунандаи консепсияи таърихии Н. Макиавелли мебошад. Аз нуқтаи назари мубориза барои ҳокимият ва манфиатҳои моддӣ ӯ таърихи ватани худ – Флоренсияро инъикос менамояд. Ӯ мӯътақид аст, ки дарккунии вазъу ҳол, ки низои дохилӣ ва хусуматро ба вуҷуд меорад, дарси муҳим ва муфид мебошад. Манфиатнокии омӯзиши таърих аз он иборат аст, ки ҳокимон ва шаҳрвандон аз таҷрибаи дигарон, яъне гузаштагон, бахра гирифта, нигоҳдории ягонагиро дар ҷомеа азхуд менамоянд. Н. Макиавелли се хатти муборизаи дохилисиёсиро қайд менамояд: миёни нобилҳо, байни нобилҳо (табақаи ҳукмрон) ва пополанҳо (халқ), миёни пополанҳо ва плебсҳо. Н. Макиавелли дар таҳқиқи таърих усули проблемавиро истифода бурд. Дар асари худ

Сайнаков Сайнак Нарзиқоевич

[1]Историография античной истории. Учебное пособие. Под редакцией профессора В. И. Кузищина. М., 1980. С. 23.

симои таърихии сиёсатмадорон Ҷулио ва Козимо Медичиро инъикос намудааст[1].

Хулоса, Н. Макиавелли таърихро аз нуқтаи ташкилоти ҳокимият ва қабул намудани қарорҳои сиёсӣ баррасӣ намудааст. Дастовардҳо дар ин самт аз истифодабарии таҷрибаи таърихӣ, ки аз омӯзиши гузаштаи таърихӣ ба даст меоянд, вобаста аст. Навоварии консепсияи таърихии Н. Макиавелли аз он иборат аст, ки омӯзиши таърих аз ҷониби ӯ тавассути диктаи мақсадҳои сиёсӣ ба роҳ монда шуда, он қариб, ки пурра аз ақидаҳои калисоӣ берун баровarda шуда буд. Тамоми маводи таҷрибавии ӯ зери як ғоя тобеъ буд – ҷустуҷӯи қонуниятҳои сиёсӣ, ки метавон аз ҷониби ҳокимони ҳамзамони муҳаққиқ ва ояндагон истифода шаванд.

Яке аз ҳамзамонони Н. Макиавелли ходими намоёни давлатӣ ва дипломатӣ, намояндаи равияи сиёсӣ Франческо Гвиччардини (1483 – 1540) мебошад. Асарҳои асосии ӯ «Таърихи Флоренсия аз соли 1378 то соли 1509» (1509) ва «Таърихи Италия аз соли 1492 то соли 1534» мебошанд.

Нуқтаи назарии ӯ дар бисёр маврид аз Н. Макиавелли фарқ мекард, зеро ки онҳо ҳар кадомашон ақидаҳои фарқкунандаи сиёсиро пайравӣ мекарданд. Ф. Гвиччардини намояндаи заминдорони калони Флоренсия буд. Идеали сиёсии вай ҷумҳурии Венетсия мебошад, ки дар он қудрат дар дасти гуруҳи хурди оилаҳои доро буд. Аммо дар натиҷаи дарк кардани он ки дар амал татбиқ намудани ин идеалаш аз имкон берун аст, дар фарқият аз Н. Макиаввели ӯ ба рушди ояндаи Италия ноумедона баҳо додааст. Чунин мавқеъгириаш ӯро аз ғояи «гуманизми гражданӣ» дур намуда, дар вай дар баёни масъалаҳои сиёсию ахлоқӣ скептитсизм ва ҳатто беорӣ ба вуҷуд овардааст.

[1]Айрапетов А. Г. История исторической науки. Историография всеобщей истории. Курс лекций // http://www.allbest.ru/



Сайнаков Сайнак Паршиоевич

Такондиҳандаи асосиро дар сиёсат Ф. Гвичардини манфиатҳои шахсӣ ва майл намудан ба оромии индивидҳои алоҳида дониста, дар сиёсат аполитизм[1] ва тамоми бепринсипнокиро маъқул донист. Дар фарқият аз Н. Макиавелли ӯ оид ба манфиати умумии давлат фикр намекард.

Дар фарқият аз дигар муаррихон - гуманистон, аз он ҷумла Н. Макиавелли, муаллиф дар рафти навиштани асарҳояш ғайр аз маъхазҳои нарративӣ (саргузаштгӯӣ), инчунин маводи ҳуҷҷатӣ, ки ҳамчун сиёсатмадор - дипломат ба мукотиботи дипломатӣ, санадҳои давлатӣ ва ғайра дастрасӣ доштааст, истифода намудааст. Ин имкон дод, ки таърихи Флоренсия ва Италияро васеътар инъикос намояд ва муборизаи дохилишаҳрӣ, низоъҳои ҳарбии байни давлатҳои ҷудогонаи Италия, характеристикаи равшани ходимони сиёсиро инъикос намояд. Хусусияти дигари хоси таҳқиқоти Ф. Гвичардини ҳамчун муаррих ин таваҷҷуҳ намудани вай ба масъалаҳои иқтисодӣ ва молиявӣ мебошад, ки дигар муаррихони гуманист ба ин масъалаҳо камтар аҳамият додаанд. Ӯ ба ин назар буд, ки талаботи моддӣ инсонҳоро ба ҳаракат медароранд. Ф. Гвичардини дар бисёр маврид, аз Н. Макиавелли ҳам дида, реалисттар буд, лекин барои ӯ муайян намудани қонунҳои умумии рушди таърих аҳамият надорад, ӯ масъаларо майда намуда, кӯшиш намудааст, ки воқеотро тавассути сабабҳои ҷузъӣ ва ночиз шарҳ диҳад. Муборизаи сиёсӣ барои ӯ на қонуни рушди таърихӣ, балки бозии тасоддуфии шавқу рағбати шахсӣ ва манфиатпарастона мебошад. Ф. Гвичардини дар инъикос намудани воқеот ба баёнкунии яктарафаю ғаразноки онҳо даст задаст: вай ба онҳо аз нуқтаи назари чӣ қадар онҳо барои системаи олигархӣ муфид ва бемуфид будаанд, баҳо додаст ва роҳи дигари рушду перспективииояндаи таърихиро намебинад[2].

[1]Аполитизм, юнонӣ буда, дасткашӣ аз корҳои сиёсӣ, инкори иштирок дар сиёсат.
[2]Ниг.: Назаров С. В. Историография всеобщей истории (в связи с развитием исторической мысли). Учебное пособие. Армавир, 2002.



Сайнаков Сайнак Паршиоевич

Хулоса, муаррихони давраи мазкури Италия дар рушди таърихнигории умумиҷаҳонӣ саҳми назарраси худро гузоштанд.

Сайнаков Сайнак Парпишоевич

## 3.ТАЪРИХНИГОРИИ ГУМАНИСТИИ ДИГАР ДАВЛАТҲОИ АВРУПОИ ҒАРБӢ

Дар асри XVI таърихнигории гуманистӣ дар дигар давлатҳои Аврупо низ паҳн гардид ва характери хоси миллиро мегирад.

Дар баробари усулҳои берунаи таърихнависии гуманистӣ акнун олимони тарафдорони табақаҳои гуногун, инчунин мадҳиясароёни сохти монархиявӣ, намояндагони калисо, ҳам католикӣ ва ҳам протестантӣ, онро ба манфиати табақаю ғояҳои сиёсии худ истифода мебурданд.

**Франсия.** Дар Франсия таърихнигории гуманистӣ ҳамчун силоҳи ғоявӣ дар мубориза байни гуруҳҳои дворянӣ ва табақаи сеюм истифода мешуд, барои ҳамин он ранги тезу тунди сиёсиро гирифт.

Яке аз донандаҳо ва паҳнкунандаи бузурги таърих ва адабиёти антиқа Гийом Бюде (1468 – 1540) мебошад, ки аз мавқеи худ дар дарбори шоҳӣ истифода бурда, дар Фонтенбло китобхонаро таъсис дода, баъдтар он ба Париж кӯчонда шуда, барои таъсисёбии Китобхонаи миллии Франсия маҳаки асосӣ мешавад. Мазкур дар оилаи мансабдори олирутба таваллуд шуда, дар Донишгоҳи Орлеан таҳсил намудааст. Дар дарбори шоҳӣ дар вазифаҳои котиб ва китобхоначӣ фаъолият кардааст. Нақши Гийом Бюде дар омӯзиш ва паҳн намудани мероси антиқа хеле калон буд.

Таъсири аникро дар тафаккури минбаъдаи таърихӣ ва ҷамъиятии Ғарб мутафаккири франсузӣ Жан Боден, гарчанде худ муаррихи касбӣ набуд, гузошт.

Агар Л. Валла устоди мунаққиди маъхазҳо шинохта шудааст ва Н. Макиавелли бошад баъди худ оид ба таърихи сиёсати дохилӣ асари пурарзиш ва равияи нав – бо номи макиавеллизмро мерос гузошта бошад, диққати Жан Боден (1530 – 1596) - ро таҳқиқи масъалаҳои назариявии илми таърих ба худ ҷалб намуданд. Дар ибтидо роҳиб будааст ва аз ин тарзи ҳаёт даст кашида, дар Палатаи судии Париж

Сайнаков Сайнак Партишоевич

хизмат карда, дар вақти фароғат машғули таҳқиқи илм шудааст. Асари ӯ «Усули ба осонӣ дарккунии таърих», ин мулоҳизаронӣ оид ба фанни таърих, усулҳои фаҳмиши таърих, талабот ба таърихчӣ мебошад. Ӯ навиштааст, ки таърих фаъолияти инсонҳо, талаботи ҳаётии онҳо, табиати инсон ва муҳити атрофро меомӯзад[1].

Жан Боден баёнкунандаи ақоиди намояндагони пешсафи табақаи сеюм, тарафдори қатъии монархияи мутлақи тавоно буд, ҳамзамон ӯ ба ин назар буд, ки шоҳ наметавонад ҳуқуқи моликияти тобеинро вайрон намояд, аз ҷумла бе розигии онҳо андозҳоро бор кунад. Дар ин ҷо нишонаҳои аввалини назарияи буржуазии ҳуқуқи табиӣ, ки баъдтар дар асрҳои XVII – XVIII васеъ паҳн гардид, ба назар мерасанд. Дар рисолаҳояш Ж. Боден, ҳамчун Н. Макиавелли, ақидаҳои дар таърих мавҷуд будани қонуниятҳои дохилии объективиро ҳимоя мекард.

Ж. Боден яке аз аввалинҳо шуда, дар илми таърих мафҳуми қонуниятро ҷорӣ кард, вобастагии рушди халқҳо ва шакли давлатдориро аз нигоҳи шароиту омилҳои табиӣ, муҳити ҷуғрофӣ нишон дод. Иқлим – хӯрок – хун ва талха – мизоҷ ва ахлоқ – ҳаёти ҷамъиятӣ. Дар баробари ин, Ж. Боден таъсири омилҳои географиро дар таърих муқовиматнопазир надонист, яъне қонунҳои хирадмандона, дин, инчунин маданият метавонанд ахлоқро, ки дар зери таъсири иқлим ба вуҷуд омада будааст, ба шакли дигар тағйир диҳанд.

Ба қавли ӯ усулҳои омӯхтани таърих дар асоси принсипҳои ахборотӣ, ҳақгӯӣ, ҳақиқатнависӣ, маъногӯӣ бунёд ёфтаанд, на баҳодиҳии дидактикии таърих; нуқтаи назари муқоисавӣ - таърихӣ, исботкунии алоқаҳои сабабӣ -натиҷавӣ, дар ғояи рушди рӯзафзуни ҷамъияти инсонӣ, дар истифодабарии таҳлили филологии маъхазҳои таърихӣ, дар намуди саргузаштгӯии дастрас ва шавқовар, ин аст фаъолияти методологии муаррих.

---

[1]Ниг.: Боден Ж. Метод легкого познания истории. М., 2000.



Сайнаков Сайнак Париншоевич

Ба таърихнавис Ж. Боден талаботи сатҳи баландро пешниҳод менамояд: касбият, хулқу ахлоқаш накӯкор бошад, забонҳои қадимаро дар сатҳи олӣ донад, характери мустаҳкам дошта бошад, қобилиятнокӣ ва табиатан болаёқат бошад[1]. Дар масъалаи навиштани таърих низ ӯ се давраро тавсия намудааст: 1) муайян намудани предмет ва ҷамъоварии мавод; 2) паи ҳам дуруст ҷобаҷогузорӣ намудани маводи дар шакли таҳрир кардашуда; 3) ислоҳкунии норасоии китобҳои қадима [2].

Ж. Боден инчунин дар асоси шароити иқлим ва ҳаракати тамаддунҳо аз ҷануб ба шимол даврабандии таърихии худро пешниҳод кард. Ж. Боден се давраи бузургро дар таърихи умумӣ ҷудо менамояд, ки ҳар кадоми онҳо ду ҳазор солро дар бар мегиранд. Дар давраи якум нақши пешбарандаи ҷамъиятиро халқҳои ҷануб - шарқӣ иҷро мекарданд, дар давраи дуюм сокинони ҳавзаи баҳри Миёназамин ва дар давраи сеюм халқҳои Шимол. Ҳамин тариқ, ӯ зинаҳои таърихии инсониятро ба се давраи алоҳида – қадим, асри миёна ва нав тақсимбандӣ кардааст.

Дар васфи сохти идоракунии монархиявӣ Ж. Боден зикр намудааст, ки агар мо ба муҳити атроф бодиққатона назар намоем, дар ҳама ҷо монархияро мебинем. Диққати худро ба хурдтарин равона менамоем – ва дар галаи занбӯрҳо низ мо шоҳигарии хурдро мебинем. Байни занбӯрҳо саргала аст, дар подаи гавазнҳо доимо подакаш аст, дар байни рамаи гӯсфандон рамакаш намоён аст, ҳангоме ки селаи турнаҳо парвоз мекунад, ҳатман яктои аз онҳо ба села роҳнамоӣ мекунад ва дар ҷисмҳои аз табиати зинда ҷудогона яке доимо бо бартарияти худ ба ҳайрат меорад: алмос – дар миёни сангҳо, зар (тилло) – байни флузот, офтоб – андар миёни ситораҳо ва оқибат Худованди ягона – соҳиб ва офаридигори тамоми олам. … Чӣ чизи дигаре ман дар бораи ҳукумати

---

[1]Айрапетов А. Г. История исторической науки. Историография всеобщей истории. Курс лекций // http://www.allbest.ru/

[2]Лаптева М. П. Теория и методология истории. Курс лекций. Перм, 2006. С. 44.



Сайнаков Сайнак Наршоевич

шоҳӣ илова намоям, ки бешак аз ҳама наздик ба табиат буда, аз ҷониби Худо, офаридигори табиат, муқаррар шудааст[1].

Аз мафкураи замони худ пеш рафта, Ж. Боден масъалае ба миён гузошт, ки таърих илм аст, ки дорои усулҳои махсуси дарккунии худ мебошад. Дар баробари ин, ҳамчун инсони замони худ, ба тасаввурот оид ба таъсиррасонии қувваҳои муҷизакоронаву ҷодугарона ва аввалияи иблисона дар равиши таърихӣ эҳтиром гузоштааст ва дар кашфу дарёфти қонунҳои объективонаи таърих бисёр вақт ба алхимия, астрология, ки дар он замон байни одамони соҳибмаълумот низ таъсиргузор будаанд, мурочиат кардааст.

Дастоварди бузурги тафаккури таърихии ин давра навишта шудани асари муҳаққиқи франсузӣ Жозеф Жюст Скалигер (1540 – 1609) «Дар бораи беҳтар намудани хронология» (1583) шуд, ки бо он муаллиф таҳкурсии ин фанни илмиро гузошт[2]. Инчунин дар ин самт муаллиф соли 1606 «Тезаурус темпорум»[3] - ро аз нашр баровард, ки дар он роҷеъ ба ҳамаи солноманависони машҳури антиқа маълумот дода мешавад. Ж. Ж. Скалигерро, инчунин асосгузори эпиграфикаи илмӣ мешиносанд. Ӯ матнҳои зиёдро бо забонҳои лотинӣ ва юнонӣ ҷамъ намуда, ба профессори Донишгоҳи Гейделберг Ян Грутер (1560 – 1627) дода, дар нашр намудани онҳо низ ба ӯ кӯмаки худро дареғ надоштааст, дар натиҷа соли 1603 маҷмӯаи калонҳаҷми иборат аз 12 ҳазор навиштаҷоти лотинию юнонӣ ва этрусскӣ тартиб дода шуд.

**Англия.** Дар Англия таърихнигории гуманистӣ дар асри XVI дар муқоиса бо Италия ва Франсия сустар рушд ёфта буд. Ҳоло ҳам солноманависӣ бештар роиҷ буд. Намояндагони бузургтарини муаррихон - гуманистони англиси наздик ба равияи сиёсӣ, асосгузори

[1]Ниг.: Боден Ж. Метод легкого познания истории. Перевод с латинского на русский язык выполнен М. С. Бобковой. М.: Наука, 2000. – 412 с. (электронная версия издания).
[2]Теория и методология истории. Учебник для вузов. Ответственные редакторы В. В. Алексеев, Н. Н. Крадин, А. В. Коротаев, Л. Е. Гринин. Волгоград, 2014. С. 37.
[3]Тезаурус темпорум – Ганҷинаи айём.



Сайнаков Сайнаг Париншоевич

аввалини утопияи сотсиалистӣ Томас Мор ва охири асри XVI – ибтидои асри XVII файласуфи машҳур Ф. Бэкон буданд. Ҳар дуи онҳо ходимони бузурги сиёсии мутлақияти Англия буданд. Онҳо дар таърих мактаби таҷрибаи сиёсиро медиданд.

Дар рушди тафаккури таърихии гуманистии Англия Томас Мор (1478 – 1535) нақши калон дорад. Мазкур дар асараш «Утопия» (1516) сохти иҷтимоӣ ва сиёсии Англияи давраи худро зери интиқод қарор дода, моликияти хусусиро сабабгори асосии нобаробарии иҷтимоӣ ва мавҷуд будани истисмор дар гузашта ва имрӯза шуморидааст. Бо ин тезисаш Т. Мор ҳудуди синфии гуманизмро рахна намуда, дар мафҳуми гуманизм кӯшиши расидан ба адолати иҷтимоӣ дар муносибат ба истисморшавандагонро ворид намуд. Ҳамзамон, Т. Мор зуҳуроти иҷтимоии масъаларо фикр накарда, нисбати оворагардӣ ва дуздӣ фикри худро баён дошта, пешниҳод намудааст, ки дуздон ба ғуломии якумра дода шаванд[1].

Т. Мор, аз соли 1518 то соли 1533 канслери шоҳи Англия Генрихи VIII буда, асари дигари худ «Таърихи Ричарди III» (1514 – 1518) - ро навиштааст ва дар он истибдодро маҳкум намудааст. Асари мазкур бо ду забон – лотинӣ ва англисӣ навишта шуда, барои оммаи васеи мардум пешкаш гардидааст. Ин асар тибқи равияи сиёсии гуманизм навишта шуда, муаллиф қотилони Ричарди III – ро ҳамчун золим ба қалам додааст. Баръакси Н. Макиавелли, ки ахлоқро аз сиёсат пурра ҷудо намуда буд, Т. Мор барои ҳоким талаботи риоя намудани принсипҳои олии ахлоқиро дар ҳамагуна ҳолат пешниҳод намуд. Тақдири Ричард III - ро баррасӣ карда, ӯ кӯшиш намудааст, то ки нишон диҳад, ки вайрон намудани принсипҳои олии ахлоқӣ ҳам давлат ва ҳам худи хокимро ба марги бешарафона мерасонад.

[1]Назаров С. В. Историография всеобщей истории (в связи с развитием исторической мысли). Учебное пособие. Армавир, 2002. С. 46.

Т. Мор аз доираи васеи маъхазҳо, ҳам хаттӣ ва ҳам шифоҳии замони худ истифода намудааст. Аммо ӯ ба шарҳдиҳии объективии онҳо кам аҳамият дода, кӯшиш намудааст, ки симои Ричардро яктарафа нишон диҳад.

Бо сабки дигари сиёсӣ соли 1621 асари таърихии Френсис Бэкон (1561 – 1626) «Таърихи ҳукмронии шоҳ Генрихи VII» бо забони англисӣ навишта шуда, баъдан ба лотинӣ тарҷума шудааст. Асари худро муаллиф бо мақсади болобардории монархияи мутлақ, аз ҷумла сулолаи Тюдорҳо, навиштааст[1].

Ф. Бэкон, ки яке аз идеологҳои асосии буржуазияи прогрессивӣ ва дворянҳои нав буд, чун Н. Макиавелли, тарафдори ҳокимияти тавонои мутамарказ, инчунин, агар ба манфиати умум зарур бошад, роҳ додани он ба рафтори ғайриахлоқӣ, буд. Ф. Бэкон дар асараш Ричарди III - ро низ муҳокима менамояд, аммо дар фарқият аз Т. Мор ба симои ӯ ҳамчун ҳоким эътибор медиҳад.

Ба тарафдории ҳокимияти мустаҳкам фикри худро изҳор намуда, баробари ин Ф. Бэкон тибқи анъанаи гуманистӣ тарафдори дар тахт будани ҳокими бомаърифат, ки ба маслиҳати одамони донову маълумотдор гӯш медиҳад, буд. Ӯ ба парламент ва мушовирони шоҳ аҳамияти махсус додааст. Ф. Бэкон, ба монанди Ф. Гвиччардини, ба масъалаҳои иқтисодию молиявӣ низ диққати ҷиддӣ додааст.

Ҳарчанде Ф. Бэкон, чун ҳамаи муаррихон - гуманистон, дар асарҳояш ба шахсиятҳо диққати калон дода бошад ҳам, аммо ӯ кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар асоси усулу натиҷаҳои «эмпирикӣ» далелҳоро омӯхта, маънидодкунии сабабӣ - натиҷавии раванди таърихиро пешниҳод намояд.

**Германия.** Дар Германия дар асри XVI дар алоқамандии муборизаҳои иҷтимоӣ - сиёсӣ ва динии давраҳои Эҳё ва Ҷанги деҳқонӣ, таърихнигорӣ, минҷумла гуманистӣ ҳам, чун силоҳи ғоявӣ дар хизмати

[1]Бэкон Ф. История правления короля Генриха VII. М., 1990.



Сайнаков Сайнак Паршшоевич

гурӯҳҳои ҳархелаи иҷтимоӣ қарор дошта, тамоюлҳои бо ҳам зидди сиёсӣ ва диниро инъикос мекард. Ҳамзамон ҳам дар таърихнигории гурӯҳи иртиҷоии католикӣ ва ҳам гуруҳи мухолифини протестантӣ консепсияи теологии таърих мавқею таъсири худро нигоҳ дошта, дар бархе мавридҳо ғояҳои гуманистӣ ба назар мерасиданд. Барои ҳамин дар таърихнигории асри XVI Германия ҷои асосиро асарҳои омехта, яъне дар намуд тақлид намудан ба асарҳои гуманистӣ, моҳиятан бошад наздик ба солномаҳои асрмиёнагӣ ишғол мекарданд. Асарҳои пурра гуманистӣ бошанд ангуштшумор буда, дар сатҳи васеъ машҳур набуданд.

Омехта намудани анъанаи таърихнависии асрмиёнагӣ, тасаввуфӣ бо таъсироти гуманистӣ хоси яке аз муаррихони немиси ин давра Себастян Франк (1499 – 1542) буд. Ӯ дар аввал ифодакунандаи табақаҳои радикалии бюргерӣ, баъд таъсири ғояҳои гуманистиро эҳсос намуда, лютеран ва баъдтар анабаптист шуда, аз ин ҷараён ҳам баромада, ба равияи хоси «пантеизми тасаввуфӣ» мегузарад.

Дар асари асосии С. Франк «Хроника, Солнома ва Библияи таърихӣ», ки соли 1531 нашр шудааст, дар омехтагии сабки асрмиёнагии таърихнависӣ бо маънидкунии теологии таърих ва ратсионализми гуманистӣ масъалаҳои таърихӣ баррасӣ гардидаанд. Муаллиф оғозшавию ибтидои таърихиро аз нуқтаи назари пантеистӣ инъикос намудааст.

С. Франк, ғайр аз ин, таърихро аз диди манфиатҳои халқи оддӣ баррасӣ намудааст. Мисол, ӯ моликияти шахсиро муҳокима намуда, онро чун сарчашмаи зулму истибдоди дороён аз болои камбағалон донистааст. Дар давлат он қувваеро мебинад, ки баъди пайдоиши худ ба тарафи сарватмандон гузашта, он ёрӣ мерасонад, ки мавқеи халқи оддӣ танг карда шавад. Вай мазҳаби католикиро ба он айбор менамояд, ки аз принсипҳои насронияи ибтидоӣ дур рафтааст. Дар асари худ муаллиф ба деҳқонон низ изҳори ҳамдардӣ намудааст, ки маҷбуриятҳои

Сайнаков Сайнаг Паршшоевич

ноадолатонаи феодалонро бардошта истодаанд. Сабаби шӯришҳои деҳқонӣ, аз ҷумла Ҷанги деҳқонии солҳои 1524 – 1525, маҳз ҳамин ноадолатиҳо буданд. Ҳамзамон муаллиф ин шӯришҳоро низ маҳкум менамояд ва иброз намудааст, ки халқ бояд ба исён даст назанад ва интизори бо мадади Худованд халосшавӣ аз бадбахтиҳо бошанд.

Асари мазкури С. Франк, бо забони соддаи немисӣ навишта шуда, байни мардум обрӯ пайдо намуда, дар ташаккулёбии забони адабии немисӣ нақши калон бозид.

Агар асарҳои С. Франкро муҳаққиқон схоластикӣ - гуманистӣ баҳогузорӣ карда бошанд, асарҳои намояндаи дигари Германия Беат Ренан (1485 – 1547) аллакай равияи тозаи гуманистиро муаррифӣ менамоянд. Беат Ренан пайрави мактаби эрудикии муҳаққиқи италянӣ Биондо дар Германия буд. Дар маркази таҳқиқоти ӯ масъалаҳои таърихи германиҳои қадим ва таърихи Германияи давраи аввали асрҳои миёна қарор доштанд. Асарҳои бузурги ӯ «Тавзеҳоти интиқодӣ ба Татсит» (1619), «Се китоби таърихи Германия» (1531) мебошанд. Асари якум ба Германияи бостон ва давраи кӯчиши бузурги халқҳо бахшида шуда, дар китоби дуюм муаллиф асосан тақдири қабилаҳои германии франкро пайгирӣ намудааст. Давраи ҳукмронии онҳоро ҳамчун паҳншавӣ ва мустаҳкамшавии ғуломдорӣ (дақиқтар крепостнойӣ) ва барҳамхӯрии монархияи франкҳоро чун барқароршавии озодии қадими германӣ баҳо додааст. Китоби сеюмаш характери маданӣ - таърихӣ ва маъхазшиносӣ дорад[1].

Беат Ренан дар навиштани асараш ба маъхазҳо аз нуқтаи назари танқидӣ муроҷиат кардааст. Барои усули илмии ӯ равиши аз тарафи Биондо пешниҳод шуда, яъне танқиди конъектурии[2] матн хос буд. Муаррих донандаи хуби забонҳои лотинӣ ва юнонӣ буда, ин имкон дод, ки дар барқароркунии маънои матне, ки нобуд шудааст, муваффақ

[1]Назаров С. В. Историография всеобщей истории (в связи с развитием исторической мысли). Учебное пособие. Армавир, 2002. С. 47 – 48.
[2]Конъектура – тақрир, бо тахмину фаросат муқаррар кардани маънои матне, ки нобуд шудааст.



Сайнаков Сайнак Парпиоевич

шавад. Фаъолияти илмии Беат Ренанро муаллифони минбаъда қадр намуда, асарҳои ӯ бошанд аввалин таҳқиқоти воқеан илмӣ оид ба таърихи Германия дониста шудаанд.

Ҳамин тариқ, зери таъсири ҷаҳонбинии гуманистӣ дар давлатҳои дигари қитъаи Европа низ таърихнигории гуманистӣ паҳн гардид ва характери хоси миллиро гирифта, тарафдорони табақаҳои гуногун онро ба манфиати мартабаю ғояҳои сиёсии худ истифода мебурданд.

Сайнаков Сайнак Парпишоевич

# 4.ТАЪРИХНИГОРИИ РОССИЯ

Дар охири асри XV эҳёшавии Рус ба охир расида, гуфтугӯи мадании он бо Ғарб оғоз меёбад. Дар шакли хос ва бисёр заиф давраи эҳё таъсири худро ба Рус низ расонд.

Дар Россия дар давраи мазкур ҳоло ҳам маркази асосии китобнависию китобдорӣ, паҳнкунии идеология ва рушди донишҳои таърихӣ роҳибхонаҳо боқӣ мондаанд. Дар баробари солноманависии анъанавӣ дар Россия, ки мураттибону муаллифони онҳо асосан ба инъикос намудани таърихи ватанӣ машғул буданд, хронографҳо – асарҳои таърихӣ низ паҳн мегардиданд, ки тавассути онҳо хонандаи рус бо таърихи умумӣ шинос мегардид. Ин боиси он шуд, ки дар ибтидои асри XVI китобдорони рус хронографияи мазмунан компелятивиро тартиб доданд, ки дар он таърихи умумиро аз давраи сохтмони сутуни Бобулистон то ин тараф дарҷ намудаанд. Маъхази асосӣ барои он асари «Ҷанги яҳудӣ» - и Иосиф Флавий, хроникаҳои византӣ ва матнҳои славянҳои ҷанубӣ гардидаанд. Даврабандии таърих дар он тавассути замони ҳукмронии чор шоҳигарӣ: Бобул – Форс – Шоҳигарии Мақдуния – Рим муқаррар гардидааст.

Ин даврае буд, ки раванди аз ҳолати парокандагӣ ба муттаҳидшавии сарзамини Рус дар атрофии Москва сурат гирифт. Пас аз шикаст додани тотору муғулҳо дар майдони Куликово (1380) Россия бори нахуст орзуи барои ба мақоми ҳукмрони ҷаҳонӣ баромадани худро ба миён гузошт[1]. Табиист, ки чун анъанаи идеологияи асрмиёнагӣ, муаллифони рус низ Москва ва мавқеи онро дар ин самт шабеҳи гузаштаи равшану нусратовар медоданд. Дар ҳамин вақт дар таърихнигории рус ғояи «Москва Рими сеюм» ба миён омад. Хотиррасон менамоем, ки эҳё намудани Рим дар эҷодиёти гуманистони Ғарб низ яке аз масъалаҳои асосӣ буд.

---

[1]Историография античной истории. Учебное пособие. Под редакцией В. И. Кузищина. М., 1980. С. 30.



Сайнаков Сайнак Парпишоевич

Ғояи Москва вориси Византияро бори нахуст дар замони Ивани III митрополит Зосима ба миён гузошт, ки маҳз дар давраи ӯ муттаҳидкунии заминҳои Рус дар атрофии Москва шуда гузашт. Ӯ Иванро «Константини нав» ва Москваро «шаҳри нави Константин» номид[1].

Дар таърихнигорӣ ва сиёсати давлатии Россия мақоми асосиро ғояи «Рус аз ҷониби Худо интихобшуда» ва «назарияи Москва – Рими сеюм», ки дар давраи ҳукмронии шоҳ Василий III аз ҷониби роҳиби Псков Филофей тақрибан дар соли 1524 пешниҳод шуда буд, ишғол намуданд. Филофей бар зидди калисои католикӣ баромад намуда, иброз доштааст, ки «ду Рим аз байн рафтанд, сеюм абадан по бар ҷо истодааст ва чорум пайдо намешавад». Ду Рими аввалро ӯ Империяи Рим ва Византия дар назар дорад, сеюм бошад Москва аст. Ӯ иброз менамояд, ки державаи якуми ҷаҳонӣ – Рим дар натиҷаи мулҳидӣ ва Рими дуюм – Византия бошад дар натиҷаи бастани унияи Флорентӣ бо калисои католикӣ дар соли 1439 аз мазҳаби ҳақиқии православӣ дур рафта, аз байн рафт. Филофей фикри худро ҷамъбаст намуда, ба Василий III таъкид менамояд, ки барои насрониён дар зери осмон шоҳи ягона туӣ ва назарияи худро дар бораи абадияти давлати Рус ҷамъбаст менамояд[2].

Ин замоне буд, ки пас аз забти Константинопол аз ҷониби туркҳо яке аз сарварону маркази асосии калисои православӣ Москва мешавад. Назарияи Москва – Рими сеюм ҳам обрӯи калисои православии рус ва ҳам давлати Россияро мустаҳкам намуд[3].

Дар як вақт назарияи дигар низ ба вуҷуд омад, ки тибқи он тоҷу салтанати Рус меросхӯри ҳақиқии державаҳои пешин, аз ҷумла Византия мебошад. Ин назарияро митрополит[4] Спиридон кор карда, он дар асарҳои таърихии «Паём дар бораии кулоҳи Мономах» (1510 – 1520) ва

Сайнаков Сайнак Парпиоевич

[1]Историография истории СССР. Под редакцией В. Е. Иллерицкого и И. А. Кудрявцева. Учебник для студентов исторических факультетов университетов и педагогических институтов. Изд. 2-е, исп. и доп. М., 1971. С. 38.
[2]Сидоренко О. В. Историография IX – начало XX вв. Отечественной истории (учебное пособие). Владивосток, 2004. С. 26.
[3]Шапиро А. Л. Историография с древнейщих времен по XVIII век. Курс лекций. Л., 1982. С. 91.
[4]Митрополит – унвон, мартабаи руҳоният дар калисои насронӣ.

«Гуфтор дар бораи князҳои Владимир», дарҷ гардидааст. Мувофиқи назарияи мазкур императори Византия Константин Мономах тоҷи шоҳӣ ва салиби худро бевосита ба князи Киев Владимир Мономах додааст. Гарчанде ки Константин 1055 вафот кардааст ва Владимир Мономах дар Киев солҳои 1113 – 1125 идора карда буд, ривояти мазкур дар Рус машҳур шуда, солномаҳои мазкур мақоми махсусро ишғол намуда буданд. Ҳатто бархе аз муаллифони солномаҳо шаҷараи шоҳони русро ба императори Рим Октавиан Август ҳам бурда мерасонданд. Сонӣ дар асрҳои XVI – XVII ғояи нав, ки аз Инҷил маншаъ мегирифт, ба миён омад. Яъне, тезиси Москва, московитҳо ва славянҳо насли фарзанди шашуми Иафета (писари пайғомбари Худо Нуҳ) Мосох мебошанд, дар таърихнигории Россия машҳур мегардад. Бори нахуст дар асри XVI муаррихони Полша Белский ва Стрийковский чунин консепсияи худро пешниҳод намуданд, ки тибқи он славянҳо ва московитҳо бо набераи зикршудаи Нуҳ пайғомбар алоқамандии бевосита доранд.

Дар асри XVI солноманависӣ мавқеи худро аз даст надода бошад ҳам, дар баробари ин акнун солномаҳоро на дар роҳибхонаҳо, балки дар назди дарбори князҳо ва дарбори шоҳӣ тартиб медоданд ва мазмуни онҳо низ ҳар чи бештар характеру эътирофи расмӣ мегирад. Ҳаҷми солномаҳо низ нисбатан калонтар гардид. Аз ҷумла, як солномае (Лицевой свод), ки бо супориши худи Иван Грозний тартиб додаанд, аз даҳ ҷилд иборат буд. Се ҷилди аввали он ба таърихи умумиҷаҳонӣ ва ҳафти ҷилдаш ба таърихи Россия бахшида шудааст. Қариб дар ҳар саҳифаи он миниатюраро ҷой додаанд, ки ҷамъулҷамъ дар солномаи мазкур зиёда аз 16 ҳазор мусаввара ҷой дода шудаанд. Мазмунан он аз таърихи замони офариниши олам сар шуда, то давраи ҳукмронии Иван Грознийро дар бар мегирад.

Дар баробари ин, дар давраи мазкур дар Россия навиштани асарҳои таърихӣ оид ба ҳаёт ва фаъолияти шахсиятҳои алоҳида – шоҳон ва митрополитҳо роиҷ мегардад.

Сайнаков Сайнак Паришоевич

Ба қатори асарҳои таърихии намоёни ин давра «Солноманависии оғози ҳукмронии шоҳ ва князи бузург Иван Василевич», ки ба ҳаёт ва фаъолияти Иван Грозний бахшида шудааст, «Таърих оид ба шоҳигарии Қазон», ба ақидаи мутахассисон муаллифаш шахси хизматчӣ будааст, ки дар асорати хони Қазон афтида, зинда халос хӯрда, таърихи Қазонро аз давраи бунёдёбӣ то забти он аз ҷониби Иван Грозний ба қалам додааст, дохил мешаванд.

Бо хоҳиши митрополит Макари руҳонии Иван Грозний Андрей соли 1560 «Китоби зинаҳо (Китоби зинаҳои шаҷараи шоҳӣ» - ро менависад. Ин кӯшиши нахустини ба таври системанокӣ тавассути шакли шаҷаравии князҳо навиштани таърихи давлати Москва буд.

Воқеоту ҳодисоти таърихӣ дар ин асар на тавассути солҳо, балки тибқи зинаҳо, давраи ҳукмронии князҳо, оварда шудааст. Асар ба 17 зина, мувофиқ ба давраи ҳукмронии князҳо ва митрополитҳо, аз Олгаи Муқаддас ва Владимири I Светославич сар карда, то ҳукмронии Иван Грозний ҷудо карда шудааст.

Муаллиф дар асари мазкур ба он кӯшидааст, ки нишон диҳад, ки шакли якаҳукмронӣ аз ибтидо барои Россия хос аст ва он ҳанӯз дар давраи князҳои Киев барқарор гардида буд ва дар баробари ин, таърихи Россия бо таърихи мазҳаби православӣ алоқамандии ногусастанӣ дорад.

Княз Андрей Курбский низ ҳангоми навиштани асараш «Таърихи оид ба князи бузурги Москва» аз сабки солноманависӣ даст кашидааст. Андрей Курбский, ки соли 1563 аз Москва ба назди шоҳи Полша фирор намуда буд, асари худро бар зидди Иван Грозний навишта, давраи шоҳигарии ӯро ба замони адл – солҳои идоракунии Радаи интихобшуда ва зулмот – солҳои опричнина ҷудо менамояд.

Ҳамин тариқ, чуноне ки аён аст, таъсири таърихнигории гуманистӣ дар таърихнигории Россия хеле заиф буд. Яъне дар Россия ҳоло ҳам солноманависӣ ҳукмрон буда, аз ҷиҳати характери ғоявию таҳқиқоти методологӣ он аз ҳар ҷиҳат дар зери таъсири калисо боқӣ мондааст. Бо



Сайнаков Сайнак Нариншоевич

ин нигоҳ накарда, дар асри XV – ибтидои асри XVII хусусиятҳои таърихнигории гуманистӣ, аз қабили диққати ҷиддӣ равона намудан ба инсон ва ҳолати воқеии фаъолияти сиёсии ӯ, оғози таваҷҷӯҳ намудан ба мероси файласуфон ва муаррихони антиқа, ба вуҷуд омадани асарҳои калонҳаҷм, ки ғояи сиёсати воҳидкунии сарзамини рус ва халқи русро таҷассум мекарданд, ба вуҷуд омаданд.

Сайнаков Сайнак Парпишоевич

## ЛЕКСИЯ 3. ТАФАККУРИ ҶАМЪИЯТӢ - СИЁСӢ ВА ТАЪРИХИИ АСРИ XVII

### Адабиёт

Барг М.А. Эпохи и идеи. Становление историзма. М., 1987.

Бертран Р. Мудрость Запада. М., 1998.

Биск И. История исторической мысли в новое время. Иваново, 1983.

Бриггс Э., Клэвин П. Европа нового и новейшего времени. С 1789 г. и до наших дней. М., 2006.

Виноградов К. Б. Очерки английской историографии нового и новейшего времени. Л., 1975.

Гайденко П.П. Эволюция понятия науки. М., 1980.

Еремин Л. Н. Некоторые проблемы генезиса идеологии Британского империализма в английской буржуазной историографии // Вопросы методологии и истории исторической науки. Отв. ред. Ю. С. Кукушкин. М., 1977. Вып. 1.

Зверева Г. И., Модель Г. А. Организация исторической науки в Великобритании // Организация исторической науки в странах Западной Европы. Отв. ред. В. В. Согрин. М., 1988.

Историография истории нового времени стран Европы и Америки. М.: “Высшая школа”, 1990.

Историография истории нового времени стран Европы и Америки. М.: “Простор”, 2000.

Историография истории новой и новейшей истории стран Европы и Америки. М. 1977.

Историография нового времени стран Европы и Америки. М., 1967.

Историография новой и новейшей истории стран Европы и Америки. М., 1977.
Категории и методы исторической науки. М., 1984.

Мортон А. История Англии. М., 1950.

Тревельян Дж. М. Социальная история Англии. М., 1990.

Рассел Б. История западной философии. Ростов-на-Дону, 2006.

Болдырева Н. Архивохранилища Великобритании. // Проблемы британской истории. М., 1980.

Мещерякова Н. М. Прогрессивные историки Англии о народных движениях в буржуазной революции XVII в. // Буржуазные революции XVII – XIX вв. в современной зарубежной историографии. Отв. ред. И. П. Дементьев. М., 1986.

Сайнаков Сайнак Партишоевич

Сайнаков С. П., Садиров Ш. А., Азизов С. А. Таърихнигории давраи нави мамлакатҳои Европа ва Америка. Курси лексияҳо барои факултетҳои таърихи мактабҳои олӣ. Душанбе, 2018.

## 1.КОНСЕПСИЯИ ҲУҚУҚИ ТАБИӢ ВА ШАРТНОМАИ ҶАМЪИЯТӢ

Заминаҳои ҷаҳиши ҷамъиятӣ - таърихӣ ва гнесеологӣ дар ҷамъиятшиносӣ ва таърихнигорӣ, инқилобҳои Голландия ва Англия, рушди муносиботи сармоядорӣ дар Аврупо, дастовардҳои илмҳои дақиқу табиӣ, хусусан механика, анатомия ва физиология, кашфиётҳои И. Кеплер, Г. Галилей, И. Нютон, ақидаҳои фалсафии Ф. Бэкон, Р. Декарт ба он оварда расонданд, ки диди нави илмӣ оид ба олам ба вуҷуд ояд: макон ва замон мустақил ва мутлақ мебошанд, материя сохти атомӣ дорад, ҳаракат ҳамчун ҷойивазкуниии механикӣ тавассути ҷозиба муайян мешавад, сабаб ва натиҷа хаттӣ алоқаманданд. Усули таҳқиқи эмпирикӣ бошад мавқеи назорату мушоҳида ва таҷриба, воридшавии ҳиссӣ ва бошуурона ба моҳияти ҷисмҳо ва зуҳуротро баланд бардошт.

Тафаккурронии таърихи инсоният дар асри XVII пеш аз ҳама бо назарияи ҳуқуқи табиӣ ва назарияи шартномаи ҷамъиятӣ зич алоқаманд буд. Тарафдорону саромадони намоёни ин ғояҳо ҳуқуқшиноси голландӣ Гуго Гротсий (1583 – 1645) ва файласуфи англис Томас Гоббс (1588 – 1679) ва дигарон буданд[1].

Муҳаққиқон зери таъсири дастовардҳои илмҳои табиатшиносӣ имкон ёфтанд, ки бисёр масъалаҳое, ки то ин дам зери таъсири теология тавзеҳ дода мешуданд, илман шарҳ диҳанд. Акнун кӯшиш мекарданд, ки таъсиррасонии математика ва табиатшиносиро ба таърих ҷорӣ намоянд. Кӯшиши методҳои геометрия ва механикаро меъёри ҳамагуна тафаккурронии илмӣ намуда, Т. Гоббс хусусиятҳои қонунҳои ҳаёти

[1] Прохоренко И. А. Основные направления зарубежной историографии всеобщей истории (от древности до конца XX века). Учебное пособие по спецкурсу «Основные тенденции историографии Всеобщей истории». Тольяти, 2010. С. 12.



Сайнаков Сайнак Паринноевич

ҷамъиятӣ ва мушкилоти онҳоро ба инобат нагирифт. Лекин аз нуқтаи назари шуур баррасӣ намудани масъалаҳои ҷамъиятӣ аз ҷониби ӯ пешравии фикрӣ буд. Томас Гоббс асари Фукидидро ба забони англисӣ аз нашр баровард[1]. Гуго Гротсий бошад асари Татситро нашр намуда, худаш низ оид ба таърихи Голландия асарҳо офаридааст. Ба қалами Г. Гротсий асари "Оид ба қоидаи ҷанг ва сулҳ" (1625) ва ба қалами Т. Гоббс рисолаи "Левиафан" (1651) тааллуқ доранд. Баъди Н. Макиавелли ва дигар гуманистон Т. Гоббс ва Г. Гротсий ба давлат аз нуқтаи назари инсонӣ баҳо дода, қонунҳои табиии онро берун аз тавзеҳоти схоластикӣ тавассути ақл ва таҷриба пешниҳод намуданд.

Ф. Бэкон дар асараш «Органони нав» оид ба ягонагии таърих ва донишҳои таҷрибавии табиии илмӣ навиштааст[2]. Тибқи ақидаи ӯ ҳам таърихи ҷамъият ва ҳам таърихи табиӣ ба таҳқиқи воқеаҳо ва зуҳуроти алоҳида банд будаанд. Дар натиҷаи мушоҳида хулоса ва мулоҳиза ба вуҷуд меоянд. Ҳамин тариқ, дар ин вақт байни таҳқиқи зуҳуроти табиӣ ва воқеаҳои гузашта (таърих) фарқиятҳои принсипӣ ҷудо нашуда будаанд. Принсипҳои бисёри таҳқиқоти табиат ҳамчун умумӣ дониста мешуданд ва файласуфони соҳаи илмҳои иҷтимоӣ кӯшиш мекарданд, ки дар раванди фаҳмиши ҷамъият ва таърихи он аз онҳо истифода баранд. Аз ин лиҳоз, илмҳо оид ба ҷамъиятшиносӣ бо номҳои «физикаи иҷтимоӣ», «геометрияи иҷтимоӣ» номгузорӣ карда шуда буданд. Пункти аввали илми иҷтимоӣ ин фишурда оид ба инсони маҳдудшудаи алоҳида, ки ҳиссаи аз табиат ҳуқуқи табиӣ дорад: ҳуқуқ ба ҳаёт, озодӣ ва баробарӣ (назди Худо), хушбахтӣ, моликияти хусусӣ, озодона зидди тақдир истодагарӣ намояд. Аммо дар табиати инсон ибтидои таҷовузу золимонаро низ ҷудо намуданд. Хусусиятҳои муошират ба иттиҳоди одамон дар ҷамъият оварда расонд. Аммо ба одамон хосияти теладиҳии ҳамдиагрӣ низ хос буда, он сабаби ҷангҳо мебошад. Ҳамин тариқ,

[1]Шапиро А. Л. Историография с древнейщих времен по XVIII век. Курс лекций. Л., 1982. С. 114.
[2]Ниг.: Суботин А. Л. Фрэнсис Бэкон. М., 1974. – 175 с.



Сайнаков Сайнак Паришоевич

ҷамъият ин ё он комбинатсияи ҳуқуқҳои табиӣ тасаввур карда мешуд. Пайдоиши давлат ҳамчун институти иҷтимоӣ аз инстинкти табии худҳифзкунии одамон ба вуҷуд омад. Кӯшиши аз худқиркунӣ (несткунӣ) нигоҳ доштан одамонро дар қадим ба он оварда расонд, ки шартнома банданд (шартномаи ҷамъиятӣ), ки тибқи он ба гурӯҳи алоҳидаи ҷомеа оид ба таъмин намудани бехатарии ҳаёт ва муътадилӣ ваколатҳо дода шуд[1].

Консепсияи ҳуқуқи табиӣ ва шартномаи ҷамъиятӣ дар асарҳои мутафаккирони голландӣ Г. Гротсий и Б. Спиноза ва файласуфони англис Т. Гоббс ва Ҷ. Локк коркард шудааст. Аз ҷумла, Т. Гоббс дар асараш «Левиафан» давлатро «як шахсияти шаҳрвандӣ, ки дар он шахсиятҳои бисёри табиӣ роҷеъ ба худнигоҳдорӣ машғул шуда, зери таъсири тарс аз ҳамдигарӣ муттаҳид шудаанд», донистааст. Г. Гротсий дар асараш «Оид ба қоидаи ҷанг ва сулҳ» ба хулосае мебиёяд, ки «инсонҳо ба он хотир дар давлат ихтиёрӣ муттаҳид шуданд, ки оилаҳои ҷудогонаи пароканда наметавонанд дар алоҳидагӣ зидди зулмот мубориза баранд». Ҷ. Локк дар асараш «Ду рисола оид ба идоракунии давлат» се «ҳуқуқи аз лаҳзаи таваллуд» - и шахсиятро ҷудо менамоянд: ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқ ба озодӣ ва ҳуқуқ ба моликият, ки ин пешниҳоди ӯ ҳамчун шиорҳои асоснок барои инқилобҳои буржуазӣ – ғояи озодӣ, баробарӣ, мустақилияти халқӣ хизмат карданд.

Муҳаққиқи французӣ Жак Боссюэ (1627 – 1704) низ ба Г. Гротсий ва Т. Гоббс ҳамфикр буда, зикр менамояд, ки давлат дар натиҷаи шартномаи озоди ҷамъиятӣ ба вуҷуд омадааст. Аммо дар фарқият аз онҳо, Ж. Боссюэ, ки руҳонии мазҳаби католикӣ буд, консепсияи мазкури худро тибқи назарияи пешқадами теологӣ пешниҳод намудааст. Ж. Боссюэ сабабҳои ҳодисаҳои таърихиро ба аввалиндараҷа ва дуюмдараҷа тақсим менамояд. Муҳити табиӣ ва сифати инсонҳову тамоми халқҳо

[1]Айрапетов А. Г. История исторической науки. Историография всеобщей истории. Курс лекций // http://www.allbest.ru/



Сайнаков Сайнак Париноевич

танҳо сабабҳои дуюмдараҷаи ҳодисаҳои таърихӣ мебошанд. Сабаби авалиндараҷаи ин ҳодисаҳо иродаи Худо мебошад. Таърихро офарида, инсонҳо танҳо иродаи Худовандро амалӣ менамоянд, лекин фикр менамоянд, ки мустақилона амал намудаанд. Гуго Гротсий Худовандро офаридигори олам ва одам эътироф намуда, дар баробари ин, иброз доштааст, ки қонунҳои табиӣ номумкин аз ҷонби Ӯ тағйир дода шаванд. Ж. Боссюэ, баръакс нақши Худовандро маҳдуд нишон намедиҳад. Худованд, мувофиқи ақидаи ӯ, «тамоми мардумонро идора мекунад». Худованд агар хоҳад забткоркунанда, хоҳад қонунбарор ва ғайраро офарад[1]. Хулосаи ҷамъбастии фикри ӯ чунин аст, ки «Худо ҷаҳонро идора ва тамоми одамонро роҳандозӣ мекунад»[2]. Ҳамин тавр, Ж. Боссюэ ба ҳимоя провиденсиализм баромад менамояд. Ӯ менависад, ки ҳокимияти монархиявӣ наздик ба ҳокимияти Худовандӣ аст ва ҳамзамон аз ҳама наздик ба табиат аст, зеро он зоҳири худро дар симои ҳокимияти падар дар оила дорад. Ж. Боссюэ консепсияи абсолютизм[3] (мутлақият) - ро асос гузошт. Ба қалами ӯ асарҳои «Мулоҳиза оид ба таърихи умумиҷаҳонӣ», «Таърихи гумроҳии калисоҳои протестантӣ» тааллуқ доранд.

Муҳаққиқони немис С. Пуфендорф (1632 – 1694) ва Хр. Волф (1679 – 1754) низ ақидаҳои таърихии худро пешниҳод намудаанд.

Хулоса, назарияҳои «ҳуқуқи табиӣ» ва «шартномаи ҷамъиятӣ» таъсири худро ба таърихнигории Европа расонда, бархе аз муаррихони забардасти мамлакатҳои алоҳида зери таъсири он асарҳои худро навиштанд.

Сайнаков Сайнаг Наргинобевич

---

[1]Шапиро А. Л. Историография с древнейщих времен по XVIII век. Курс лекций. Л., 1982. С. 120 – 121.
[2]Ниг.: Пирумшоев Ҳ. Барномаи корӣ аз фанни Назария ва методолигияи таърих барои магистрҳои факултетҳои таърих (тахассус: таърих). Шакли электронӣ. Душанбе, 2012.
[3] Прохоренко И. А. Основные направления зарубежной историографии всеобщей истории (от древности до конца XX века). Учебное пособие по спецкурсу «Основные тенденции историографии Всеобщей истории». Тольяти, 2010. С. 13.

## 2. МУАРРИХОНИ ИНҚИЛОБИ АНГЛИЯ АСРИ XVII

Инқилоби Англия дар соли XVII дар таърихнигорӣ баррасии масъалаҳои ҳукумат ва моликиятро фаъол гардонд. Тарафдорони мутлақият асоснок мекарданд, ки ҳокимият, пеш аз ҳама шоҳӣ, аз тарафи Худованд ирсол шудааст ва ниёз ба ягон интиқод надорад. Ҳуқуқи шоҳ ба ҳокимияти мутлақро онҳо дар асоси Китоби Муқаддас шарҳ дода, иброз медоштанд, ки монарх (шоҳ) ворисн бевоситаи Ҳазрати Одам буда, ҳокимияти ӯ муҳтоҷи ягон назорат нест. Ҳамин тавр, публитсистони консервативӣ инқилоби Англияро ғайриқонунӣ медонистанд. Равияи роялистиро[1] дар таърихнигории инқилоб Эдуард Хайд (лорд Кларендон) инъикос намудааст. Дар асари «Таърихи исёнҳо ва ҷангҳои шаҳрвандӣ дар Англия» ӯ мавқеи идиллистии[2] ҷамъияти пешазинқилобии англисиро тасвир менамояд. Дар он вақт, менависад ӯ, розигӣ ҳукмрон буд, ҳама дар мавқеи худ дар зери идоракунии хирадмандонаи шоҳи маърифатнок мустақар буданд[3]. Инқилоб ё исён – натиҷаи фаъолияти тӯдаи найрангбозони кинаҷӯ аст. Ҷангҳои шаҳрвандӣ – ин давраи даҳшат, даврае, ки ақлҳоро таълимоти золимона ва хатарнок фаро мегиранд. О. Кромвел дар асари муаррихи мазкур ҳамчун қотил, золим ва золимкор инъикос гардидааст. Аммо, муаллиф, хулоса мебарорад, ки бо ҳукми тақдир ҳама нек ҷамъбаст гардид. Бо ба тахт нишастани Карли II ҳама чиз чун пештара ҷо ба ҷо шуд[4].

Тарафдорони инқилоб низ дар дин такягоҳ меҷустанд. Аммо дар мизони тавозун ба ғояи пайдоиши Худовандии ҳокимият онҳо ба консепсияи ҳуқуқи табиӣ такя мекарданд. Тибқи ақидаи онҳо Худованд инсонҳоро баробар офарида, ба онҳо ҳуқуқҳои табиӣ дод, ки набояд аз

---

[1]Аз калимаи французӣ *royal* – шоҳ, шоҳпарастон, тарафдорони шоҳ.
[2]Зиндагии орому саодатмандона.
[3]Ниг.: Виноградов К. Б. Очерки английской историографии нового и новейшего времени. Л., 1975.
[4]Айрапетов А. Г. История исторической науки. Историография всеобщей истории. Курс лекций // http://www.allbest.ru/



Сайнаков Сайнак Париншоевич

ҷониби ягон ҳокимият халалдор гарданд. Аммо пешниҳодот оид ба ин ҳуқуқҳо аз ҷониби идеологҳо ва муаррихони инқилоб якхела набуд.

Ҷеймс Гаррингтон, яке аз идеологҳои индепендентҳо[1] дар асараш «Ҷумҳурии Океания» қайд менамояд, ки ҳолати табиии инсонҳо нобаробар аст. Ӯ вобастагии шакли идоракунии давлатро дар Англия аз характери тақсимоти моликият (тавозуни моликият) дар ҷамъият муайян кард. Аз ҷумла тибқи ақидаи ӯ дар Англияи асрмиёнагӣ «тавозуни моликияти готӣ» мавҷуд буд, ки бо он шакли монархиявии идоракунии давлат мувофиқ буд. Вале дар солҳои инқилоб азнавтақсимкунӣ, ҷо ба ҷо гузории замин ба вуқуъ омада, «тавозуни мардумии моликият» ба вуҷуд омад. Дар натиҷа ба ҷои монархия бояд ночор ҷумҳурӣ биёяд. Ҷ. Гаррингтон маънидодкунии иҷтимоии Инқилоби Англияро пешниҳод намуда, онро аз мавқеи синфҳои нави мулкдор, назарияи табиӣ - ҳуқуқӣ шарҳ додааст.

Доҳии равияи инқилобии левеллерҳо[2] Ҷон Лилберн дар асараш «Фошкунии занҷирҳои нави Англия» исбот намуд, ки инқилоб ба охир нарасид, ислоҳоти демократӣ ҳатман идома дода шавад. Ӯ тамоми имтиёзу унвонҳоро инкор ва баробарии умумии шаҳрвандон дар назди қонунро эълон кард. Дар асл ӯ талаби ҷорӣ намудани ҳуқуқи умумии интихоботро намуда буд. Оғози мазлумии халқи англис, аз даст додани озодӣ ва ҳуқуқи англисҳоро Ҷ. Лилберн бо забткориҳои нормандҳо алоқаманд донист. Аз мавҷудияти шакли моликияти хусуси тарафдорӣ намуда, ӯ чунин мешуморид, ки ин падида аз оғоз вуҷуд дошт, на дар натиҷаи забткориҳо, чи хеле ки Ҷ. Уинстенли ақида дошт, ба вуҷуд омадааст.

[1] *Аз англисии Independent – озодӣ, яъне о*зодпарастон

[2] Левеллерҳо (аз англ. Ievellers – айнан баробаркунандаҳо) – ҳизби радикалии демократӣ дар Англия, қатъиян зидди монархия ва ашрофон буда, барои мустақилияти халқ мубориза мебурданд, дар замони инқилоби буржуазии асри XVII; барпо кардани ҷумҳурӣ, ҷорӣ карда шудани ҳуқуқи интихоботии умумиро талаб мекард.



Сайнаков Сайнак Паршиоевич

Ҳимоятгари ғоявии диггерҳо[1] («левеллерҳои ҳақиқӣ») Ҷерард Уинстенли (1609 – 1676) муқаррар кард, ки қатли Карли I ва барқароркунии ҷумҳурӣ ба озодкунии деҳқонон аз маҷбуриятҳои феодалӣ ва худсарии маъмурият оварда нарасонд. Баромади диггерҳо ҳамчун табиатан идомаёбии дигаргунсозиҳои инқилобӣ дониста мешуд. Ӯ ба фикр меояд, ки моликияти хусусӣ бо табъи ақлонӣ ва табиии инсон мухолиф аст. «Дар ибтидои замон – менависад ӯ – Офаридигори бузург – ақл, заминро офарид, ки он махзани умумӣ бошад, танҳо эгоизми инсонҳо оҳиста - оҳиста ба он оварда расонд, то ки онҳо заминро тақсим намуда, онро ҳудудбандию девор кашиданд». Ба шумули ин гуна одамон ӯ ворисони забткорони нормандӣ: шоҳон, ҷентерҳои[2] наву кухнаро дохил менамояд. Тибқи ақидаи Ҷ. Уинстенли инқилоб бояд моликияти хусусиро аз байн бардорад ва гузариш ба соҳибияти коллективонаи заминро амалӣ намояд. Асари машҳури ӯ «Қонуни озодӣ» мебошад[3].

Хулоса, инқилоби Англия дар рушди тафаккури ҷамъиятӣ ҳаракати фаъолро ба вуҷуд овард. Дар омӯзиши таърихи мушаххас он қадар зиёд хизмат накарда бошад ҳам, аммо назарияҳои ҳуқуқи табиӣ, шартномаи ҷамъиятӣ ва пайдоиши моликият имконият доданд, ки равандҳои таърихӣ чуқуртару беҳтар дарк карда шаванд.

Сайнаков Сайнак Париишоевич

[1]Заминкобон – ҳаракат дар Англия, ҳаракати бенавоёни деҳот, ки зидди моликияти хусусӣ баромад мекарданд.
[2]Яке аз табақаҳои ҷамъиятии Англия, ки намояндагони он дар инқилоб нақши асосӣ бозиданд.
[3]Айрапетов А. Г. История исторической науки. Историография всеобщей истории. Курс лекций // http://www.allbest.ru/

## ЛЕКСИЯИ 4. ТАЪРИХНИГОРИИ ҒАРБ ДАР АСРИ XVIII. ҶАҲОНБИНИИ ТАЪРИХИИ МАОРИФПАРВАРОН

**Адабиёт:**


Адо А. В. Вступительная статья. // А. Собуль. Из истории Великой буржуазной революции 1789-1794 гг. и революции 1848 г. во Франции. М., 1960.

Волгин В. П. Развитие общественной мысли во Франции в XVIII в. М., 1958.

Гусев В. В. Изучение новой истории стран Западной Европы и США в СССР. 1976-1981. Воронеж. 1983.

Дунаевский В. А., Кучеренко Г. С. Западноевропейский утопический социализм в работах советских историков. М., 1981.

Историческая наука в XX в. Историография истории нового и новейшего времени стран Европы и Америки. Учебное пособие / Под ред. И. П. Дементьева, А. И. Патрушева. М., 2007.

Историческая наука и историческое сознание / Под ред. Б. Г. Могильницкого. Томск, 2000.

Историография истории нового времени стран Европы и Америки. М.: “Высшая школа”, 1990.

Историография истории нового времени стран Европы и Америки. М.: “Простор”, 2000.

Историография истории новой и новейшей истории стран Европы и Америки. М. 1977.

Историография нового времени стран Европы и Америки. М., 1967.

Историография новой и новейшей истории стран Европы и Америки. М., 1977.

Портреты историков: Время и судьбы: в 2 Т. /Под ред. Г. Н. Севостьянова, Л. Т. Мильской. М., 2000.

Румянцева М. Ф. Теория истории. М., 2002.

Сайнаков С. П., Садиров Ш. А., Азизов С. А. Таърихнигории давраи нави мамлакатҳои Европа ва Америка. Курси лексияҳо барои факултетҳои таърихи мактабҳои олӣ. Душанбе, 2018.

Семенов Ю. И. Философия истории. Общая теория, основные проблемы, идеи и концепции от древности до наших дней. М., 2003.


### 1. ХУСУСИЯТИ УМУМИИ ТАЪРИХНИГОРИИ МАОРИФПАРВАРӢ

Дар асри XVIII дар фалсафа ва афкори ҷамъиятии Ғарб ҷаҳонбинии нав падид омад, ки дар таърих бо номи ҷараёни

Сайнаков Сайнак Парпиноевич

маорифпарварӣ маълум аст. Зуҳури ғояву назарияи маорифпарварӣ ба тағйироти тафаккурронӣ, ҳаёти ҷамъиятию иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеаи ғарбӣ алоқаманд буд.

Дар асри XVIII дар ҳаёти иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва сиёсии Ғарб тағйироти навбатӣ ба вуҷуд омад, ки он пеш аз ҳама ба ибтидои табаддулоти саноатӣ дар Англия, инқилобҳои буржуазии Франсия ва Америка марбут буд. Аз ҷониби дигар талаботи сармоядорӣ шароит фароҳам оварданд, ки дар илмҳои табиӣ – механика, химия, биология ва ғайра кашфиётҳои нав гузаронда шавад. Дар самти илмҳои оид ба ҷамъият бошад аз ҷониби А. Смит иқтисоди сиёсии классикӣ ташаккул дода шуд.

Дар таърихнигории маорифпарварӣ системаи фалсафии асрҳои XVI – XVII, аз ҷумла, таълимоти Ф. Бэкон, Р. Декарт, Ҷ. Локк ҳам таъсир расонд.

Таъсири амиқро дар таърихнигории маорифпарварӣ кашфиётҳои географӣ низ расонданд, ки дар натиҷаи он аз дигар қитъаҳо маводи бойи географӣ ва этнографӣ ҷамъоварӣ карда шуд. Вобаста ба ин, ҳудуди географии таҳқиқоти таърихӣ васеъ гардида, он аз доираи аврупоӣ берун баромад. Муаррихон - маорифпарварон Ф. Волтер, И. Гердер, Ж. Кондорсе ва дигарон аллакай ба таърихи ҳиндуҳо, чиниҳо, арабҳо ва ғайра диққати муайян равона намуда, саҳми онҳоро дар маданияти умумиинсонӣ зикр кардаанд.

Эътиқод ба ақл ва тантанаи он дар ҳаёт, боварӣ ба прогресс асоси ғоявии маорифпарваронро ташкил медод. Ғояҳо, озодӣ, баробарӣ ва пешравии ҷамъиятӣ дар низоми арзишҳо пешбаранда шуданд. Муҳаррики прогрессро маърифати бошуурона ва тафаккури солим, ки ба муқобили этиқоди кӯр - кӯрона, таассубу хурофот меистод, ба даст гирифт. Дар натиҷа интиқодкунии нобаробарии табақавӣ, худсарии мутлақият, калисои католикӣ оғоз гардид. Ҳамин тавр, ҳаракати васеи ғоявӣ - зеҳнӣ ва маданӣ – маорифпарварӣ ба вуҷуд омад.



Сайнаков Сайнаг Парпишоевич

Маорифпарварӣ – чун ҷараёни прогрессивии давраи гузариш аз феодализм ба капитализм саҳми худро дар инкишофи маданият, илм, ақидаҳои ҷамъиятию сиёсии мардум гузоштааст. Маорифпарварон роҳҳои барҳам додани қафомонӣ ва камбудиҳои ҷомеаро дар такомули маориф ва маърифатнок гардонидани оммаи халқ медиданд. Мавриди зикр аст, ки ҷаҳонбинӣ ва нуқтаи назари маорифпарварон дар пояи ақидаҳои идеалистӣ қарор гирифта буд.

Назариётчиёни маорифпарварӣ ба консепсияи «ҳуқуқи табиӣ» ва «шартномаи ҷамъиятӣ» такя мекарданд. Ҷамъиятро онҳо ба ҷисм ва ҷисми одамро ба конструксияи механикӣ шабоҳат медоданд. Аз ин ҷо тасаввурот оид ба имконияти кор карда баровардани қонунҳои абадии рушди ҷамъиятӣ ба вуҷуд омаданд. Бояд ҷамъиятро дар асоси ақл, дар мутобиқат бо ҳуқуқҳои табиии инсон, дигаргун намуд. Бисёре аз маорифпарварон умед ба монархҳои бомаърифат доштанд, ки қодир буданд ғояҳои онҳо – консепсияи мутлақияти бомаърифатро дар амал ҷорӣ намоянд. Дар ин самт як қисми маорифпарварон бо шоҳу маликаҳои мамлакатҳои абарқудрати он замони Аврупо дӯстиву мукотибот доштанд. Аз ҷумла, дар ин бора мукотиботи Ф. Волтер ва Дидро Дени бо маликаи Россия Екатеринаи II, дӯстии Ф. Волтер бо шоҳи Пруссия Фридрихи II мисол шуда метавонанд. Ватани маорифпарварӣ Англия буда, аммо баъдтар маркази маънавии он Франсия мегардад. Яке аз дастовардҳои бузурги маорифпарварӣ ин аз ҷониби намояндагони он аз нашр баровардани «Энсиклопедия ё фарҳанги тафсирии илм, санъат ва ҳунар» буд.

Барои маорифпарварон хусусияти таваҷҷӯҳи зинда ба таърих хос буд, ки дар он намояндагони ин ҷараён мактаби таърихии таҷрибаи сиёсӣ ва ахлоқиро медиданд. Тамоюли нишон додани ягонагии шуури инсон кӯшиши аз тарафи маорифпарварон навиштани таърихи инсониятро тавзеҳ медиҳад. Аз ҷумла, асарҳо оид ба таърихи умумиҷаҳонии Ф. Волтер, И. Г. Гердер дар ин самт мисол шуда



Сайнаков Сайнак Парпишоевич

метавонанд. Дар донистани рушди таърихии инсоният дар тафаккури бархе аз намояндагони маорифпарварӣ, махсусан Ж. Ж. Руссо, дар шарҳдиҳии таърих унсурҳои историзм ва нуқтаи назари диалектикӣ ба назар мерасад. Ин кӯшиш бо майлу таваҷҷӯҳ доштан ба таърихи халқҳо ва мамлакатҳои алоҳида сурат мегирифт. Некбин (оптимист) будан ба таърих хоси аксарияти маорифпарварон будааст. Назарияи пешрафт дар таърихро муаррихони маорифпарвар Ф. Волтер, И. Г. Гердер, Ж. Тюрго, Ж. Кондорсе дар асарҳояшон таҷассум мекарданд.

Маорифпарварон оид ба худи предмети илми таърих низ фаҳмиши нав пешниҳод намуданд. Таърих барои онҳо на танҳо саҳнаи шоҳон ва қаҳрамонон, балки пеш аз ҳама таърихи тамаддунҳо ва инсоният дониста шуд[1]. Барои ҳамин онҳо ба доираи таҳқиқоти он таърихи маданият, таърихи урфу одат, расму русум, афзоиши аҳолӣ дохил намуданд. Барои бархе аз муаррихони маорифпарвар таваҷҷуҳ намудан ба таърихи саноат, савдо, мукаммалшавии техникӣ хос буд. Шароити моддиро дар ҳаёти инсон дарк намуда, дар ақидаҳои таърихии баъзе маорифпарварон тамоюли материалистона ба назар мерасад.

Инчунин маорифпарварон мафҳумҳои «маданият» ва «тамаддун» - ро васеъ паҳн мекарданд, ки дар зери онҳо беҳтар намудани шароити зиндагӣ, сабук намудани рафтори дағали ҷорӣ буда, мукаммалгардонии шавқу завқ ва одат, тарз, рафтору кирдорро медонистанд. Аммо дар баробари ин, ба ҳамаи пешравиҳои фикрӣ нигоҳ накарда, маорифпарварон ба назарияи европоцентризм бартарӣ медоданд.

Таърихнигории маорифпарварӣ дар аввал дар давлатҳои пешбари аврупоӣ равнақ ёфта, баъд ба дигар давлатҳои қитъа паҳн гардид.

Ҳамин тавр, ғояҳо ва дастовардҳои давраи маорифпарварӣ дар рушди минбаъдаи илми таърих саҳми худро расондаанд. Муаррихони асрҳои минбаъда аз муаррихони маорифпарвар фаҳмишҳои руҳияи

[1]Ниг.: Назаров С.В. Историография всеобщей истории (в связи с развитием исторической мысли). Учебное пособие. Армавир, 2002. 176 с.



Сайнаков Сайнак Паршиоевич

миллӣ ва миллат ҳамчун индивидҳои таърихӣ фаҳмида шуда, мафҳуми таърихи умумӣ ҳамчун раванди умумӣ ва ягонаи рушди инсоният, эътиқод ба қонуниятҳои раванди таърихӣ, таваҷҷуҳ ба зуҳуроти маданӣ, на ин ки танҳо рушди сиёсӣ, тасаввурот роҷеъ ба муносиботи мутақобилаи зичи халқҳои гуногун ва оид ба нақши савдою тиҷорат дар барқароркунии алоқаҳои маданӣ байни халқҳоро ба мерос гирифтанд.

Сайнаков Сайнак Парпишоевич

## 2.ТАЪРИХНИГОРИИ МАОРИФПАРВАРИИ АНГЛИЯ

Дар Англия як қатор файласуфону муҳаққиқони маорифпарвар фаъолият доштанд, ки аз худ асару ақидаҳои нодири таърихиро боқӣ гузоштанд.

Генри Сент - Ҷон Болингброк (1678 – 1751), файласуф, нависанда, муаррих, ходими давлатии Англия буда, асарҳои асосии таърихии ӯ «Нома оид ба омӯзиш ва манфиати таърих» (1735), «Қайдҳо оид ба таърихи Англия (1730 – 1731)» мебошанд.

Г. Болингброк баръакси ғояи таърихи шавқовар ғояи таърих ҳамчун илмро ҳимоя мекард. Дар асари худ «Нома оид ба омӯзиш ва манфиати таърих» таърихро на раванди таърихӣ, балки асосан фаъолияти маънавии инсон фаҳмидааст [1]. Таърих набояд усулҳои фалсафиро нусхабардорӣ кунад, зеро ин фан методҳои худии таҳлили маъхазҳоро дорост. Дар баробари ин, диди таърихӣ на бояд бо вазифаҳои ҷузъии касбӣ маҳдуд гардад, балки вазифаҳои умумифалсафиро низ дар бар гирад. Таърих, менависад ӯ, фалсафаест, ки ба инсон бо ёрии ибрату назираҳо дар ҳама гуна ҳолатҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ чӣ тавр идора кардани худро меомӯзад. Ӯ яке аз аввалинҳо шуда, талабот ба миён гузошт, ки таърих бояд аз мушоҳидаю мулоҳизаи мурдагон ба мушоҳидаю мулоҳизаи зиндагон гузарад. Мазкур вазифаи муаррихро дар мубориза барои озодӣ, фошкунии дурӯғ ва дурӯягӣ, ки ҳама гуна иерархия ба онҳо асос ёфтааст, мебинад. Тибқи пешниҳоди ӯ:

- шавқу таваҷҷуҳ ба таърих – яке аз зуҳуроти табиати инсонӣ – бо таъсири амри тақдири талаботи ҳаёт ва манфиати инсон асоснок мебошад;

- таърих набояд вазифаҳои маҳдуди касбиро ҳал намояд, балки масъаллаҳои фалсафӣ, ки проблемаҳои ҳаётан муҳим ва рӯзмарраи инсониятро дар бар мегиранд, баррасӣ намояд.

---

[1]Ниг.: Болингброк. Письма об изучении и пользе истории. М., 1978.



Сайнаков Сайнак Партиноевич

- таърих ба даврахо - ҳалқаҳои муайян тақсим шудааст, оғози ҳар кадоми онҳо бо сабабҳои бунёдӣ асоснок шудаанд.

Файласуф - идеалисти машҳур англис Давид Юм (1711 – 1776), таърихро ҳамчун раванд тасаввур мекард, ки ба он омилҳои гуногун – географӣ, иқлим, иқтисодиёт, муассисаҳои давлатӣ, қонунгузорӣ ва дин таъсир мерасонанд. Ӯ муаллифи асари ҳаштҷилдаи «Таърихи Англия аз давраи ба зӯрӣ даромадани Сезар то инқилоби соли 1688» (1752 – 1762) мебошад, ки дар маркази таҳқиқи ӯ таърихи сиёсӣ қарор дорад, аммо дар руҳияи маорифпарварӣ вай ба масъалаҳои дин, ахлоқ, маданият ва тафаккури ҷамъиятӣ низ диққатро равона намудааст. Даврабандии таърихиро мазкур дар асоси замони идоракунии сулолаҳо ва шоҳҳон пешниҳод кардааст. Асари мазкур бо забони равон, инъикоскунии возеҳи саргузашту воқеаҳо иншо шудааст ва ин боиси он гардид, ки китоби ӯ зиёда аз сад сол барои англисҳо ҳамчун маъхази асосӣ оид ба таърихи миллӣ хизмат кард. Аммо вобаста ба таҳқиқоти илмӣ дар асари Давид Юм норасоӣ ба назар мерасид. Чун қоида ӯ ба нақл кардани дигар асарҳои таърихӣ қаноат намуд, дар бисёр маврид маълумотро бе интиқодкунӣ қабул намудааст.

Дар тафаккури ҷамъиятии он давра таъсири асарҳои Эдуард Гиббон (1737 – 1794), хусусан китоби ҳафтҷилдаи ӯ «Таърихи футурравӣ ва азбайнравии империяи Рим» (1776 – 1788) хеле назаррас буд[1]. Дар ин асар таърихи сиёсии империяи Рим, аз давраи ҳукмронии Коммод (с. 180 – 192) то таслимшавии Константинопол дар соли 1453, инъикос ёфтааст. Таърихи Византия барои муаллиф ин таърихи мустақими империяи Рим ба ҳисоб меравад. Муаррих империяи Римро ёдгории бузурги нобиғаи инсонӣ ва замони империяро давраи таърихӣ, ки дар он ҷойгоҳи насли инсонӣ дар хушбахтарин ва гул - гул шукуфтатарин мавқеъ буд, донистааст. Эдуард Гиббон ҳамчун муаррих масъалаи таназзул ва барҳамхӯрии империяи Римро на дар «тақдири Худовандӣ», балки дар

[1]Гиббон Э. История упадка и разрушения Римской империи. Т. 1 – 7. М., 1883 – 1886.



Сайнаков Сайнак Паришоевич

муносибатҳои мутақобилаи сабабҳо ва натиҷаҳои муайян, рушди табиии ҷамъият арзёбӣ кардааст.

Андешаҳо оид ба тақдири империяи Британия, махсусан ҷудо шудани мустамликаҳои амрикоиро дар таърихнигории Британия маҳз ӯ ба ҳаракат даровард.

Вазифаи таърихчиро Э. Гиббон дар кушода додани аҳамияти далелҳои мушаххаси таърихӣ медид. Вай маводи таърихиро дар пайдарҳамии проблемавӣ - таърихӣ баён менамояд. Сабабҳои азбайнравии империяҳои ғарбӣ ва шарқии Римро ӯ чунин нишон додааст:

- васеъшавии ҳудуди забткориҳо;

- вайроншавии мувозинат байни се шохаи ҳокимият, ки дар давраи ҷумҳурӣ бунёд ёфта буданд. Ин ба барқароршавии «демократияи ваҳшӣ», диктатураи Сезар ва пасон ба деспотизми намунаи шарқиёна оварда расонд.

- насрония, ҳамчун омилу сабаб, марги империяи Римро тезонид. Бо қабул намудану идеологияи расмӣ шудани он азбайнравии руҳияи ҳарбӣ, дастболо шудани руҳияи пасту беғайратӣ, мутеъ шудану хоксорӣ, муқобилат накардан, ҳамзамон болоравии бетоқатӣ, таъқиботи таассубонаи мулҳидону равшанфикрон ба вуҷуд омад.

Давраи асрмиёнагии аврупоиро Э. Гиббон хунин ва ҷинояти беақлонаи аз ҷониби калисо ва орденҳои роҳибхонаҳо ҷорӣ намуда, донистааст[1].

Инчунин, дар таърихнигории Британия нақши муаррихони Шотландия ҳам назаррас буд. Хусусан, намояндагони мактаби таърихнигории Шотландия А. Фергюсон ва У. Робертсон ба таҳқиқи масъалаҳои ҳаёти моддӣ, рушди саноат ва савдо, тақсимоти молу мулк машғул буданд.

---

[1]Айрапетов А. Г. История исторической науки. Историография всеобщей истории. Курс лекций // http://www.allbest.ru/



Сайнаков Сайнак Паршшоевич

Адам Фергюсон (1723 – 1816) дар Донишгоҳи Эдинбург ба сифати профессори фалсафа фаъолият дошта, дар асари худ «Таърихи ҷамъияти шаҳрвандӣ», ба монанди Монтеске кӯшиш намудааст, ки қонуни умумӣ, ки рушди ҷамъиятиро идора мекунад, кушояд. Ӯ ба хулосае меояд, ки нақши асосиро дар инкишофи ҷамъият қонуни прогресс бозӣ мекунад, ки он ба самти мукаммалшавии насли инсон мебарад. Адам Фергюсон таърихро ба давраҳои навбатӣ тақсимбандӣ мекунад, ки ҳар яки онҳоро намуди хоси фаъолияти хоҷагидории инсон хос аст: ваҳшигарӣ (шикорчиён ва моҳидорон), варварӣ (чорводорӣ), тамаддун (кишоварзӣ).

А. Фергюсон, инчунин кӯшиши муқоиса намудани зинаҳои рушди пешниҳоднамудаи худро бо шакли тақсимоти моликият низ кардааст. Ба ақидаи ӯ шикорчиён - моҳидорон ва чун гуруҳҳои алоҳидаи неъматғундорон, моликияти хусусӣ надоранд, он дар зинаи дуюм, аниқтараш дар чорводорон зуҳур менамояд ва дар зинаи сеюм, дар кишоварзон рушди пурраро касб менамояд.

Мазкур, ғайр аз ин яке аз аввалинҳо шуда, дар таҳқиқи масъалаҳои таърихӣ усули муқоисавиро истифода намудааст. Минҷумла, барои донистани таърихи германитаборони қадими замони муаррихи римӣ Татсит, тасвири ҳаёт, тарзи зисти ҳиндуҳои Америкаи Шимолии замони худро истифода намудааст.

Муаррихи дигари шотландӣ Уилям Робертсон (1721 – 1793) ҳам дар асарҳояш «Таърихи Шотландия», «Таърихи Америка», «Таърихи ҳукмронии император Карли V» ва ғайра, омилҳои самтии рушди таърихиро баррасӣ намудааст. Вай байни онҳо дар мадди аввал омилҳои саноатӣ ва савдоро мегузорад. Сабабҳои моддиро эътироф намуда, консепсияи У. Робертсон то андозаи зиёд ранги таърихӣ гирифтааст.

Хизмати дигари ӯ дар он аст, ки мазкур нисбат ба пешгузаштагонаш даврабании таърихи асрмиёнагии аниқтарро пешниҳод менамояд. Сарҳади ниҳоии онро соли 1500 муайян намудааст. Тибқи ақидаи ӯ аз ин вақт сиёсати байналхалқӣ, бо маънии томи ин

Сайнаков Сайнак Парпиоевич

мафҳум, сиёсати мувозинати аврупоӣ сар мешавад. Ҳамагуна тағйироти ночиз дар мавқегирии ягон давлати аврупоӣ аллакай ба халалдор намудани системаи мувозинат мерасонад, ки низоъҳои вазнинро ба вуҷуд меорад.

Дар дохили давраи ҳазорсолаи асримиёнагӣ ду қисматро пешниҳод кардааст. Сарҳади байни онҳоро юришҳои салибӣ интихоб намудааст, ки дар сиёсати аврупоӣ ва маданияти қитъа тағйироти калонро ба бор оварда, ба рушди тиҷорат такон доданд. Намунаи дигари пешниҳоди У. Робертсон дар таърихнигорӣ ин фишурдаи «феодализм ҷамъи католитсизм» мебошад[1]

Ҳамин тавр, дар зери таъсири равияи маорифпарварӣ муаррихони англис назару ақидаҳои худро баён доштаанд.

Сайнаков Сайнак Парвишоевич

[1]Назаров С. В. Историография всеобщей истории (в связи с развитием исторической мысли). Армавир, 2002. С. 57 – 58.

## 3.ТАЪРИХНИГОРОН - МАОРИФПАРВАРОНИ ФРАНСИЯ

Дар Франсия низ дар баробари дигар равияҳои илмӣ таърихнигории маорифпарварӣ рушд ёфт.

Таваҷҷӯҳ ба таърихи асри миёна, аз ҷумла ба масъалаҳои пайдоиши муассисаҳои иҷтимоӣ - сиёсӣ ва ташаккулёбии халқияту миллати фаронсуз дар асарҳои муаррихони давраи мазкур ҷиддан дида шудааст. Оид ба масъалаҳои мазкур баҳсу мунозира байни граф Анри де Буленвиле (1658 – 1722) ва аббат[1] Жан Батист Дюбо (1670 – 1742), дар сеяки аввали асри XVIII дар таърихнигории Франсия тарафдорони худро пайдо намуд. А. де Буленвиле, дар асараш «Таърихи давлати қадимаи Франсия» (1727)» назарияеро пешниҳод намуд, ки манфиати ашрофонро ифода мекард ва аз худ фишурда оид ба пайдоиши ҷамъият ва давлати франсузиро мерос гузошт, ки тибқи он ҷамъият ва давлати франсузӣ дар натиҷаи забткориҳои германиҳо (франкҳо) дар Галлия ба вуҷуд омадаанд. Тибқи назари ӯ забткорон пас аз худ асоси табақаи дарбориёнро гузоштанд, яъне дворянҳои Франсия ворисони франкҳо мебошанд ва галлу римиҳои мазлум – тобеин, халқи оддӣ ва дар натиҷа табақаи сеюм гардиданд. «Ҳуқуқи ғолиб», дар хуни нажоди дарбориён муҷассам кардашуда, аз насл ба насл дода мешуд. Шоҳон дар ибтидо аз тарафи ашрофон интихоб мешуданд, ки дар навбати худ онҳое баргузида мешуданд, ки байни табақаи худ пешсаф буданд. Ақидаи Анри де Буленвиле дар таърих бо номи «назарияи германӣ» маълум аст.

Жан Батист Дюбо бошад тафсири «назарияи романӣ» - ро муқобили ривояти германӣ гузошт. Асари ӯ «Таърихи танқидии барқароршавии монархия дар Галлия» соли 1734 нашр гардид. Ҳамин тавр, вай дар ин асараш бар зидди назарияи германии А. де Буленвил назарияи романиро пешниҳод намуд. Мувофиқи он ҷамъияти Франсия на дар натиҷаи забт намудани Галлия, балки дар натиҷаи зина ба зина

[1]Аз лотинии *abbas* – падар, унвони фахрӣ дар калисои католикӣ.

омезиш ёфтани аҳолии таҳҷоии Галлия ва франкҳои ба минтақа воридшуда ба вуҷуд омад. Дар ҳамин асос раванди ташаккулёбии миллати француз ба вуҷуд омад. Имтиёзҳои дворянӣ – бофта, натиҷаи ғасб намудани ҳуқуқи халқ мебошанд. Ин назарияҳо пеш аз ҳама зиддияти дарбориён ва табақаи сеюмро дар соҳаи иқтисодӣ ва ҳаёти ҷамъиятӣ - сиёсӣ инъикос менамуданд. Маорифпарварон далели забткориҳои франкҳоро пазируфтанд, аммо хулосаи ғаразонаи табақавии Буленвилеро рад карданд. Хулоса, баҳс байни тарафдорони ин ду назария дар таърихнигории Франсия то охири асри XIX идома ёфт[1].

Шарл Луи Монтеске (1689 – 1755) аз оилаи сарватманди музофотӣ буда, тарафдори монархияи конститутсионӣ, дар асоси тақсимбандӣ ва мувозинати баробарии шохаҳои ҳокимият ба сифати кафолати озодии фардҳо буд. Асарҳои асосии ӯ «Оид ба сабабҳои азамат ва таназзули римиҳо» (1734) ва «Оид ба руҳи қонунҳо» (1748) мебошанд. Дар шарҳдиҳии фарқиятҳои қисмати таърихии халқҳо ва мамлакатҳо ба таърихи мушаххаси ҷамъиятҳои инсонӣ назар карда, усули муқоисавиро истифода бурд. Дар асараш «Оид ба руҳи қонунҳо» (1748) мазкур қонунҳои таърихиро ҳамчун муносибатҳои зарурӣ, ки аз табиат, хосияти ҷисмҳо маншаъ мегиранд, шарҳ додааст[2]. Рушди таърихӣ дар натиҷаи ниҳоӣ аз сабабҳои табиӣ - ҷуғрофӣ муқаррар гардидааст. Аз ҷумла, ӯ менависад: «Аз фарқият ба талабот, натиҷаи тафовути иқлимҳо, фарқияти тарзи ҳаёт ва аз фарқият дар тарзи зист, тафовути қонунҳо ба вуҷуд меояд». Ба ақидаи ӯ шароити табиӣ характер ва руҳи халқро ташаккул дода, ба фаъолияти иқтисодии он таъсир мерасонад, оқибати амр шакли идоракунии давлатӣ ва қонунбарории мавҷудбудаи халқҳои гуногунро муайян менамояд.

---

[1]Айрапетов А. Г. История исторической науки. Историография всеобщей истории. Курс лекций // http://www.allbest.ru/; Репина Л. П. История исторического знания: пособие для вузов / А. П. Репина, В. В. Зверева, М. Ю. Парамонова. 2-е изд. М., 2006. – С. 108 – 109.
[2]Монтескье Ш. Л. О духе законов // Избранные произведения. М., 1955.

Сайнаков Сайнак Паршшоевич

Волтер Франсуа Мари Аруэ (1694 – 1778) аз оилаи хазиначии палатаи ҳисоб буда, тарафдори монархияи конститутсионӣ мебошад. Ӯ дар фалсафа ва таърихнигорӣ муаллифи консепсияи мутлақияти маърифатӣ дониста шудааст. Дар илм бори нахуст мафҳуми «фалсафаи таърих» - ро ворид намудааст: вазифаи таърихчӣ на танҳо ғункунию ҷамъоварии далелҳо ва қайдкунии воқеот аст, инчунин тавзеҳ додани чи тавр ҳар воқеа дар замони ҳозира аз гузашта тавлид меёбад ва барои оянда падар (замина) ба ҳисоб меравад, мебошад. Дар фарқият аз Ш. Л. Монтеске, ӯ ҳамчун мутахассиси касбӣ ба омӯзиши таърих машғул шуда, таҳқиқоти таърихӣ яке аз фаъолиятҳои бевоситаи эҷодии ӯ буд. Волтер муаллифи як қатор асарҳои таърихӣ, аз қабили «Асри Людовики XIV», «Таърихи Карли XII», «Таърихи Россия дар давраи ҳукмронии Пётри Кабир», «Таҷриба оид ба ахлоқҳо ва руҳияи халқҳо ва оид ба воқеаҳои асосии таърихӣ» мебошад.

Ӯ менависад, ки «ман қариб дар ҳама ҷо танҳо таърихи шоҳонро мебинам, ман мехоҳам таърихи одамонро нависам». Мазкур даъват намуд, ки на ин ки таърихи калисову шоҳон, балки таърихи инсонҳо навишта шавад, руҳия, ахлоқ ва анъаноти халқҳо омӯхта шавад. Ӯ зидди назарияҳои теологии таърихнигорӣ баромад мекард. Тибқи ақидаи вай се унсур доимо ба хислату характери инсонҳо таъсиррасон мебошанд: иқлим, идоракунии давлатӣ ва дин. Волтер предмети таърихро васеъ намуда, на танҳо таърихи сиёсӣ, балки омӯхтани таърихи ҳунармандӣ, савдо, баҳрнавардӣ, зистшиносӣ ва гуруҳҳои иҷтимоиро ба миён гузошт. Дар баробари ин чорчӯбаи географии илми таърихро низ васеъ намуда, аз доираи европосентризм гузашта, ба омӯзиши таърихи халқҳои осиёӣ, аз ҷумла халқҳои қадими Байнаннаҳрайн, мисриён, ҳиндуҳо ва чиниҳо муроҷиат намуд, ки дастовардҳои мадании онҳоро имрӯз аврупоиён истифода менамоянд. Волтер Ҳиндустонро гаҳвораи дониш номида, ба тамаддуни баланди асрмиёнагии мусулмонҳо низ ҷиддан назар

Сайнаков Сайнак Парвизоевич

намудааст, ҳоло он ки Аврупои он замон ҳолати ҷаҳолату торикиро ба сар мебурд[1].

Волтер тарафдори назарияи пешрафт (прогресс) дар таърих буд. Тибқи назари ӯ намоянда, паҳнкунандаи прогресс – қисми соҳибмаълумоти ҷамъият мебошанд. Табақаи авом «на бояд мулоҳиза намоянд, на бояд бо роҳи мустақил раванд».

Волтер аз муаррихон даъват мекард, ки ба бойгонӣ мурочиат намоянд ва дақиқияту адолатнокии сарчашмаҳоро санҷанд. Волтер аз нуқтаи назари танқидӣ ба маъхазҳо баҳогузорӣ намуда, зикр менамояд, ки дақиқ ва маъхази дасти аввал он ёдгориҳое ҳисоб мешаванд, ки ба қалами ҳамзамонони бомаърифати рӯйдоду воқеот таалluқ доранд.

Оид ба давраи асрмиёнагӣ Волтер муносибати манфӣ дошт: он давраи бемаънитарин, дағалтарин хурофот буд. Давраи асрмиёнагӣ давраи ваҳшигарии таърихии халқҳои ваҳшӣ, ки насронӣ шуданду ботамаддун нашуданд, – иброз доштааст ӯ.

Волтер ба таҳқиқи таърихи Россияи замони Пётри Кабир машғул шуда, менависад, ки пеш аз Пётр Россия аз Мексикаи дар арафаи аз ҷониби аврупоиён кашфшуда ҳам тамаддуни пасттар дошт. Як одам (яъне Пётр) сохти бузургтарин давлати ҷаҳониро ба куллӣ тағйир дод. Волтер менависад, ки шоҳ дар танҳоӣ мамлакатро азнавсозӣ кард, халқи худро ба одамони ҳаққонӣ табдил дод[2].

Жан - Жак Руссо (1712 – 1778) – фарзанди соатсози швесарӣ, идеологи эгалитаризм[3] буда, ақидаҳои фалсафӣ - таърихии ӯ дар асарҳояш «Мулоҳиза оид ба пайдоиш ва асосҳои нобаробарӣ байни одамон», «Роҷеъ ба шартномаи ҷамъиятӣ ё принсипҳои ҳуқуқи сиёсӣ» ва ғайра оварда шудааст.

---

[1]Шапиро А. Л. Историография с древнейщих времен по XVIII век. Курс лекций. Л., 1982. С. 170.
[2]Шапиро А. Л. Историография с древнейщих времен по XVIII век. Курс лекций. Л., 1982. С. 175.
[3]Эгалитаризм, аз франсузии е*galitarisme*, аз *egalite* — баробарӣ. Консепсияи эгалитаризм бар зидди элитаризм (беҳтаринҳо, интихобшудагон, баргузидагон, консепсияи чудо намудани ҷамъият ба элита ва омма) равона шуда буд.



Сайнаков Сайнак Партишоевич

Аз консепсияи ҳуқуқи табиӣ ва шартномаи ҷамъиятӣ дур шуда, иброз доштааст, ки дар давраи ибтидоӣ баробарӣ ва озодӣ тантана мекарданд. Инсонҳо ба шикор ва неъматғундорӣ машғул буда, ҳаёти озодона, солим, некбинона ва хушбахтона ба сар мебурданд. Дар давраи минбаъда зиёдшавии нуфузи аҳолӣ қонеъ намудани талаботи мавҷударо мушкил гардонд ва ҳавасмандии рушддиҳии қобилиятро ба вуҷуд овард. Инсонҳо кашф ва гудохтану коркарди оҳан, коркарди заминро азхуд карданд. Дар натиҷа оҳан ва нон ҷинси инсониро хароб карданд. Моликияти хусусӣ ба вуҷуд омада, баробарии ибтидоӣ аз байн рафт. Табақаи дорои ҷамъият ҳушёрӣ намуда, шартномаро аз боли дигарон бор намуда, давлатро таъсис доданд. Аз ҳамон вақт сар карда, таърихи инсоният ин пастравӣ мебошад. Пешравии муваққатӣ дар шароити азнавтақсимкунии моликият ва барқароркунии тартиботи ҷумҳуриявӣ мумкин аст. Дар алоқамандӣ ба ин ӯ мувофиқи қонун будани шӯриш бар зидди идоракунии золимонаро асоснок кардааст. Инак, Ж. Ж. Руссо асоси материалистонаи пешравии ботамаддунро кушод, аммо ҳамзамон ба ғайримутобиқии он низ ишора кардааст.

Анн Робер Жак Тюрго (1727 – 1781), иқтисодчӣ - физиократ, ходими сиёсӣ, дар асараш «Андешаҳо оид ба таърихи умумиҷаҳонӣ» (1750) консепсияи пешрафти худро пешниҳод кард. Инсоният бо қадамҳои сусту оҳиста ба самти мукаммалшавии бузург ҳаракат мекунад. Ж. Тюрго низ давраи асрмиёнагиро пастравии чуқур эътироф намуд, аммо дар баробари ин, дар асрҳои миёна тамоюли рушдро, асосан дар самти ихтирооти техника, чудо менамояд. Аз рӯи ақидаи вай рушди шаҳрҳо ва мустаҳкам шудани ҳокимияти шоҳӣ дар асри миёна барои дастовардҳои маънавии инсон дар давраи нав замина ба вуҷуд оварданд.

Дар таърихнигории маорифпарварии Франсия файласуфон - материалистон, ба монанди Дени Дидро (1718 – 1784), Клод Адриан

Гелветсий (1715 – 1771), Пол Анри Голбах (1723 – 1789) саҳми назаррас доштанд.

Принсипи асосии назарияи файласуфони материалист тасаввурот дар бораи инсон ҳамчун мавҷуди табиӣ, қисми ҷудонашавандаи системаи табиат буд. Дар давраҳои ибтидоӣ ҳиссиёти табиии инсон ӯро ба самти худнигоҳдорӣ, ба даст овардани манфиати шахсӣ ва кайфият тела дода, ҳамзамон ӯро бедор менамояд, ки аз азоб халос хӯрад. Қаҳтӣ одами ваҳширо маҷбур мекунад, ки шаш моҳи пуррaро дар кӯлҳо ва ҷангалзорҳо гузаронад, ӯро маҷбур намуд қат кардани камонро азхуд намояд, ба чоҳ партофтанро ёд гирад. Ҳамчунин гуруснагӣ тамоми шаҳрвандону халқҳои ботамаддунро маҷбур мекунад, ки кор кунанд, заминро коркард намоянд, ҳунармандиро азхуд намоянд ва ҳамагуна уҳдадориҳоро иҷро намоянд.

Гузариш ба молу мулки ҷамъиятӣ ва пайдоиши давлатро Дидро ва Гелветсий аз нуқтаи назари талаботи инсон, аз ҷумла муборизаи ночору бомуваффақона бо табиат, шарҳ додаанд. П. Голбах бошад молу мулки ҷамъиятиро аз аввал мавҷудбуда донист.

Ақидаи мазкурро инкишоф дода, онҳо схемаи давраҳои аввали таърихро пешниҳод намуданд, ки бо схемаи Анн Робер Жак Тюрго наздик аст. Ба ақидаи Дидро одамон паи ҳам аз неъматғундорӣ ба шикорчигӣ, баъд ба чорводорӣ ва оқибат ба заминдорӣ гузаштанд. Дар зинаи заминдорӣ моликияти хусусӣ ва ташкилоти сиёсӣ ба вуҷуд омад.

Тарафи заифи нуқтаи назари файласуфон - материалистони маорифпарвар дар антропологизми хоси онҳо буд. Ягонагии инсон ва табиатро қайд намуда, онҳо хусусиятҳои хоси қонунҳои рушди ҷамъиятро дарк накарда, онҳоро дар маҷмуъ бо қонунҳои умумии табиат шабеҳ доданд. Ин амалкард бархеи онҳоро ба самти шарҳдиҳии натуралистонаи ин ё он воқеоти таърихӣ, ҳамчун ҳолати физиологӣ ё тартиботи тиббӣ кашид. Ба таври мисол, П. Голбах менависад, ки «Тунду тезии зиёдатӣ дар талхаи фанатик, тезҳаракатии хун дар дили

забткор, ҳозимаи бади ҳар монарх, ҳавою ҳаваси ягон зан баҳонаи кофӣ ҳастанд, ки ҷангҳоро шурӯъ кард, халқҳоро ба қашшоқӣ ва мотам ғӯтонд».

Дар баробари омилҳои табиӣ, ба фикри онҳо фаъолияти инсонҳоро метавон тавассути дигар сабабҳои воқеӣ, аз ҷумла, рафтори бошууронаи одамон, ғояҳои онҳо шарҳ дод. Минҷумла, худи П. Голбах дар ин бора мегӯяд, ки «Афкор дунёро идора мекунанд»[1].

Математик, файласуф ва иштирокчии Инқилоби Франсия Жан Антуан Кондорсе (1743 – 1794) бошад дар асари худ «Ангораи манзараи таърихии пешрафти ақли инсонӣ» қайд менамояд, ки ҳамчун меъёрҳои муайянкунандаи пешрафт дар таърих рушди ақлу шуур, донишҳои илмӣ ва дастовардҳо дар самти ба даст овардани озодӣ амал мекунанд. Ин меъёрҳо дар даврабандии таърихи умумиҷаҳонии Ж. Кондорсе, ки аз 9 давра иборат аст, ҷой дода шудаанд[2].

Панҷ давраи аввал хатти тулӯи рушди инсоният аз сохти ибтидоӣ то замони антиқаро дар бар мегиранд, давраи шашум (асрҳои V – XI) бо барҳамхӯрии империяи Рим сар шуда, то давраи аввали асрҳои миёна идома ёфта, онро муаллиф ҳамчун пастравии чуқур хосият дода, аммо, қайд менамояд, ки дар ин замон дар шаҳрҳои ибтидоӣ маориф мавҷуд буд, ки дар оянда эҳёро ба вуҷуд овард. Дар давраи ҳафтум (асри XI – миёнаи асри XV) кашфиётҳои муҳим ба вуҷуд омаданд, ки асосиаш байни онҳо ихтироъ намудани дастгоҳи китобчопкунӣ буд, ақли инсонӣ энергияи аз даст рафтаро баргардонд, мартабаи хурофотро суст намуд. Дар ин давра заифшавӣ ва харобшавии хурофот оғоз гардида, дар Италия, Швейтсария ва Англия руҳияи озодпарстӣ сар мешавад. Давраи ҳаштум (миёнаи асри XV – миёнаи асри XVII), яъне аз ибтидои замони китобчопкунӣ, давраи мазкурро олим давраи тезҳаракатии прогресс, пешравии илм ва фалсафа зикр кардааст. Тибқи тезиси ӯ «Ақл комилан

[1]Теория и методология истории. Учебник для вузов. Ответственные редакторы В. В. Алексеев, Н. Н. Крадин, А. В. Коротаев, Л. Е. Гринин. Волгоград, 2014. С. 41.
[2]Кондорсе М.А. Эскиз исторической картины прогресса человеческого разума. М., 1936.

Сайнаков Сайнак Паршиоевич

занҷирҳои худро мешиканад». Дар давраи нӯҳум (аз замони Декарт то саршавии Инқилоби Франсия) «одамон дар охир ба фаҳмишу дарккунии ҳуқуқҳои ҳақиқии инсон расиданд». Дар ин шароит инқилобҳо дар Америкаи шимолӣ ва Франсия ногузир буданд. Ж. Кондорсе ба он мӯътақид буд, ки таърих барои пешбинӣ намудан имконият мекушояд. Ба ин ғояи худ такя намуда, ӯ оид ба давраи даҳум, – яъне оид ба пешрафти ояндаи шуури инсонӣ дар тамоми дунё ақидаҳои худро пешниҳод кардааст[1].

Ӯ зикр намудааст, ки вазифаи муаррих аз омӯхтани монеаҳо дар роҳи прогресси инсоният, нишон додаани роҳҳои аз онҳо халос хӯрдан ё гузаштан мебошад. Предмети таҳқиқи Кондорсе таърихи тамаддун буд[2].

Сайнаков Сайнак Партшоевич

[1]Муфассалтар ниг.: Айрапетов А. Г. История исторической науки. Историография всеобщей истории. Курс лекций // http://www.allbest.ru/

[2]Муфассалтар ниг.: Баденттэр Э., Бадентэр Р. Кондорсе (1743 – 1794). М.: Лодомир, 2000. – 398 с.

## 4.ТАЪРИХНИГОРИИ ГЕРМАНИЯ ДАР ДАВРАИ МАОРИФПАРВАРӢ

Германия дар давраи мазкур дар як давлат муттаҳид набуд ва он таъсири худро ба таърихнигорӣ низ расонд. Парокандагии сиёсӣ маорифпарварони немисро водор намуд, ки дар асарҳояшон ғояҳои ваҳдати миллӣ ва ҳуқуқи давлати ягонаро тарғиб намоянд.

Яке аз мутафаккирони барҷастаи немис Иммануил Кант (1724 – 1804) дар асари худ «Ғояҳои нисбат ба таърихи умумӣ зери нуқтаи назари космополитизм» (1784) ақидаашро роҷеъ ба бо роҳи ташкилоти «иттифоқи бузурги халқҳо» таъсис додани «сохти мукаммали шаҳравндӣ» пешниҳод намудааст, ки дар он ҳатто хурдтарин давлат аз ҳимоя ва бехатарӣ бархӯрдор мебошад. Муҳаққиқ ба он боварӣ дорад, ки тамоми равандҳои таърихӣ ба самти амалишавии ин мақсад мераванд ва даъвати сохтани чунин таърихи умумиро ба миён мегузорад, ки он бо ёрии усулҳои оморӣ қонуниятҳои раванди муттаҳидшавӣ ба воҳиди ягонаи насли инсониро нишон диҳад. Дар асари дигари худ «Оғози тахминии таърихи инсоният» файласуф ба сифати омили рушд меҳнати инсонро нишон медиҳад. Ба назари ӯ меҳнат ва натиҷаи тақсимоти он нуқтаи аввали рушди ҷамъият мебошанд. Барои тасдиқу тақвияти ин фикри худ И. Кант аз Библия мисолҳои мувофиқро пешниҳод менамояд[1].

Қисми таркибии фалсафаи таърихи И. Кантро назарияи маданияти ӯ ташкил медиҳад. Мавриди зикр аст, ки вай маданиятро аз тамаддун тафовут гузошт. Гузаштагон ва муосирони ӯ чун анъана зери мафҳуми маданият тамоми ихтирооту дастовардҳои инсон, дар тафовут аз офариниши табиӣ донистанд. И. Кант бошад маданиятро танҳо он зуҳурот мешинохт, ки ба манифати халқ хизмат мекунанд, аммо тамаддунро ӯ намуди сохтори ҷамъиятии бо он муосир донист.

---

[1]Ниг: Кант И. Идея всеобщей истории во всемирно-гражданском плане // Кант И. Сочинения. В 6 томах. Том 6., М., 1966. С. 5 – 23.

Яке аз асарҳои ҷамъбастӣ, ки дар он таърихи маданият ба муқобили таърихи тозаи сиёсӣ гузошта шудааст, монографияи муҳаққиқи дигари немис Иоганн Иоахим Винкелман (1717 – 1768) «Таърихи санъати бостон» (1764) мебошад. Дар он муаллиф қайд менамояд, ки санъат бо муҳити табиӣ алоқаманд ва аз хулқу рафтор, анъана ва сохтори сиёсӣ вобастагӣ мебошад. Аз ин сабаб, аз ғояи Ш. Монтеске дур рафта, ӯ тибқи такмилёбии бадеӣ, ба ҷои аввал байни санъатҳои бостон санъати Юнонро, ки дар муҳити озоди шаҳрвандӣ, муҳаббат ба манфиату хайри ҷамъиятӣ ва муносиботи инсондӯстӣ дар шахсияти инсонӣ офарида шудааст, мегузорад.

Дар ин росто муҳаққиқ ҳангоми шарҳдиҳии моҳияти санъати юнонӣ дар рушди он давраҳои алоҳидаро ҷудо намуда, онҳоро бо тағйироти ҳаёти сиёсии юнониёни қадим алоқаманд медонад. Аз навиштани асари ӯ сар карда, таҳқиқи илмии таърихи санъати антиқа оғоз мегардад ва худи Иоганн Иоахим Винкелманро саромади таърихи илмии санъат эътироф намудаан мумкин аст.

Яке аз намояндагони намоёни маорифпарварии Германия шогирди И. Кант Иоганн Готфрид Гердер (1744 – 1803) дар асараш «Ғояҳо оид ба фалсафаи таърихи инсоният»[1] (1784 – 1791) таърихи инсониятро ҳамчун давоми таърихи табиат дида баромадааст. Маҳаки прогресс – паҳншавии ғояи гуманистӣ мебошад. Бо номи Гердер фаҳмиши маданият ҳамчун тарзи ҳаёти ҷамъиятӣ алоқаманд аст. Ҳамчун давра дар таърих – давраи зарурӣ дар рушди маданият. Бо ҳамин Гердер муносибати манфии аксарияти маорифпарваронро дар бораи асрҳои миёна паси сар кард. Ӯ ватани инсониятро қитъаи Осиё дониста, менависад, ки аз ин ҷо кишоварзӣ, чорводорӣ ва муносиботи ҷамъиятӣ дар байни халқҳои аврупоӣ паҳн гардиданд. Ҳалқаи пайвасткунанда байни таърихи гузашта ва ояндаро ӯ маданияти германӣ донист. Дар баробари ин, мазкур мухолифи ашадии европосентризм ва шовинизм буда, дар ин зуҳурот

[1]Гердер И. Г. Идеи к философии истории человечества. М., 1977.

Сайнаков Сайнак Наршоевич

вахшигариро медид. Фаъолияти романтикҳоро пешакӣ пай бурда, Гердер ба омӯзиши сурудҳо ва қиссаҳои халқӣ диққати зиёд дода, онҳоро бойгонии ҳаёти мардумӣ номид. Ӯ гумон дошт, ки Библия – ба монанди достонҳои эпосии Юнони бостон маҳсули эҷодиёти халқ аст. Аз ин лиҳоз, онро тавассути истифодабарии усулҳои илмӣ омӯхтан даркор аст.

Дар маорифпарварии Германия муҳаққиқоне буданд, то ки кӯшиш намуданд, ки омӯзиши таърихро ҳамчун фанни алоҳида ба роҳ монанд. Хусусан, дар Донишгоҳи Гёттинген масъалаи мазкур баррасӣ гардида, нақши асосиро дар ин самт профессор Иоганн Кристоф Гаттерер (1727 – 1799) бозидааст.

Вай табдилдиҳии таърихро ба илми мустақил бо ҳал намудани чор вазифа алоқаманд медонад: 1) дақиқ муайян намудани предмети таҳқиқоти таърихӣ; 2) инкишоф додани назарияи идроку дарккунии таърихӣ, ки бо воқеият (ҳақиқат) комилан мувофиқ бошад; 3) коркарди методҳои умумии тадқиқоти таърихӣ; 4) таъсис додани муассисаҳои тахассусии таърихӣ[1].

Таърих, тибқи ақидаи ӯ вазифадор аст, ки «қувввaҳои ҳаракаткунандаи рушдро» кушояд ва «муносиботи ниҳонии байни сабабиятҳои амалкунанда ва натиҷаҳоиояндаро» нишон диҳад. Байни методҳои таҳқиқ муҳаққиқ дутои асосиро ҷудо менамояд: хронологӣ ва синхронӣ (яквақта, ҳамзамон). Методи аввалаш дар тасаввуроти ӯ шарҳ медиҳад, ки давлат, миллат ва маданият чӣ хел тадриҷан ташаккул меёбанд, усули дуюм бошад барои омӯзиши равандҳои монанди ҳамдигарӣ, яквақта, бо истифодаи васеъ аз маводи оморӣ пешниҳод шудааст.

Барномаи И. К. Гаттерер дар назди илми таърихи замони ӯ вазифаҳои навро гузошт ва пешниҳодоти ӯ аз чорчӯбаи давраaш гузашта, интизори замони оянда буданд. Ӯ ҳатто барои баланд

[1]Назаров С. В. Историография всеобщей истории (в связи с развитием исторической мысли). Армавир, 2002. С. 60.; Шеуджен Э. А. Историография. История исторической науки. Курс лекций. Майкоп, 1999. – 256 с.

Сайнаков Сайнак Парпишоевич

бардоштани мақом ва манзалати фанҳои ёрирасони таърих ҷидду ҷаҳд намудааст. Бо ин мақсад вай оид ба хронология, нумизматика, генеалогия, дипломатика ва география дастур - роҳнамоҳоро навиштааст.

Намояндаи дигари мактаби Гёттинген Август Людвиг Шлётсер (1735 – 1809) буд. Дар асарҳои худ оид ба таърихи умумӣ Август Людвиг Шлётсер танҳо ба баррасӣ намудани воқеаҳои сиёсию ҳарбӣ маҳдуд нашуда, кӯшиш намудааст, ки омилҳои иқтисодиро низ ба назар гирад ва дар пайравии ин, ба тағйирёбии талаботи физикии одамон аҳамияти калон додааст. Хостори тамоми паҳлуҳои мавҷудияти ҷамъиятиро дар бар гирифта, ба таърих характери ҳақиқии умумиҷаҳонӣ дода, муҳаққиқ қайд менамояд, ки ҳамаи халқҳо ва ҳамаи давраҳои таърихӣ, ки дар бораи онҳо маълумоти боэътимоду саҳеҳ боқӣ мондааст, сазовори омӯзиши ҷиддии илмӣ мебошанд.

Хизмати муҳими муҳаққиқ дар он аст, ки ӯ ба схемаи умумиҷаҳонӣ - таърихӣ давраҳои гузаришро ворид намудааст. Дар таърих, пешниҳод менамояд ӯ, санаи дақиқи оғоз ва анҷоми давраро барқарор намудан аз имкон берун аст, чунки ба вуҷудоии ҳар давраро давраи дарози гузариши аз ҳолати кӯҳна ба нав пешопеш меояд. Ӯ чунин мешуморад, ки рушди насрония, воридшавии варварҳо ва забткориҳои онҳо дар Аврупо, аз ҷумлаи воқеот ҳастанд, ки азбайнравии давраи қадим ва гузариш ба давраи асрмиёнагиро баён медоранд[1].

Г. А. Л. Шлётсер яке аз аввалинҳо шуда, дар таърихнигории Германия ба омӯзиши таърихи дигар халқҳо, аз ҷумла русҳо таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст. Ҳамин тариқ, мазкур, дар Гёттинген бори нахуст дар Германия «Ҷамъият оид ба омӯзиши таърихи рус» - ро таъсис дода, ба таҳқиқи таърихи Россия дар илми аврупоӣ асос гузошт. Дар ин самт ӯ солномаҳои қадимаи русиро дар панҷ ҷилд аз нашр баровард. Дар баробари ин, муҳаққиқ яке аз аввалинҳо шуда, усули акнун он вақт нав

[1]Шеуджен Э. А. Историография. История исторической науки. Курс лекций. Майкоп, 1999. – 256 с.



Сайнаков Сайнак Парвиноевич

пайдошудаи муқоисавии таърихӣ - филологии интиқоди маъхазҳоро истифода намудааст.

Сайнаков Сайнак Парпишоевич

## 4.ТАЪРИХНИГОРИИ ИТАЛИЯ ДАР ДАВРАИ МАОРИФПАРВАРӢ

Давраи маорифпарварӣ бо таназзули Италия, хусусан пастарвӣ дар маданият ва маорифи шоҳигарии Неапол рост омад. Дар шоҳигарии мазкур ташкилоти калисои католикӣ, аз ҷумла ордени он Иезуитҳо таъсири калон доштанд. Таълимоти онҳо мактабу маорифро низ фаро гирифт. Ин сабаби он шуд, ки ғояи маорифпарварӣ дар Италия суст паҳн гардад, барои ҳамин дар таърихнигорӣ нуқтаи назари ҷараёни эрудитӣ - филологӣ ҳукмрон боқӣ монд, ки намояндагони он танҳо ба зуҳуроти берунӣ дар таърих диққат дода, кӯшиши донистани рушди дохилии ҷамъияти инсониро намекарданд. Вале бар зидди нуқтаи назари мазкур Ҷамбаттиста Вико (1668 – 1744) баромад кард, ки назарияи ӯ дар асараш «Асосҳои илми нав дар алоқамандӣ бо табиати умумии миллатҳо» (1725) оварда шудааст[1].

Дар зери таъсири илмҳои табиӣ - математикӣ Вико низоми муҳимро оид ба қонуни ягонаи рушд барои ҳамаи халқҳо пешниҳод менамояд, ки ҳамаи падидаҳои соҳаи ҳуқуқ, адабиёт, забон, сохти ҷамъиятиву сиёсӣ ба он тобеъ мебошанд[2]. Ҳамаи ин падидаҳоро ӯ кӯшиш менамояд, ки на дар ҳолати аз ҳамдигар ҷудогона, балки дар умумият ва алоқамандии онҳо дарк намояд. Вико раванди таърихиро ҳамчун раванди органикӣ мефаҳмид[3]. Тибқи ақидаи ӯ халқҳо худ ба худ, дар доираи қонунҳои муайяни дохилии ба табиати инсон тааллуқ дошта, рушд меёбанд. Ҳамзамон принсипи рушди дохилӣ аз ҷониби Худованд, ки ба таърих дахолат мекунад, тартиб дода шудааст. Аммо ин мудохила танҳо қонуни идеалии абадӣ мебошад, ки инкишофи ҷамъияти инсониро идора мекунад.

---

[1]Вико Дж. Основания новой науки об общей природе наций. М., 1994.

[2]Репина Л. П. История исторического знания: пособие для вузов / А. П. Репина, В. В. Зверева, М. Ю. Парамонова. 2-е изд. М., 2006. – 288 с.

[3] Прохоренко И. А. Основные направления зарубежной историографии всеобщей истории (от древности до конца XX века). Учебное пособие по спецкурсу «Основные тенденции историографии Всеобщей истории». Тольяти, 2010. С. 14.



Сайнаков Сайнак Партиноевич

Қонунҳои умумии рушди инсониятро муайян намуда, муҳаққиқ иброз медорад, ки ҳамаи ҷамъиятҳо дар роҳи равнақи худ зинаҳои якхелаи рушдро мегузаранд: илоҳӣ, қаҳрамонӣ ва инсонӣ. Яъне асри илоҳӣ (ҳолати бедавлатӣ, тобеи коҳинон); асри қаҳрамонон (давлати аристократӣ); асри инсонҳо (ҷумҳурии демократӣ ё монархияи намояндагӣ).

Давраи якум «Асри Худоҳо» – ин давраи кӯдакии инсоният, даврае, ки он дар ҳолати ибтидоӣ қарор дорад. Ҳаёти маънавӣ дар одамон бо зарбаи якуми раъд (тундар) сар мешавад, баъди ин муаллиф менависад, ки раъд натиҷаи «туҳфонӣ ҷаҳонӣ» мебошад, чунки дар натиҷаи он ботлоқзорҳо, кӯлҳо, қаламравҳои васеи обӣ ба вуҷуд омаданд, оби онҳо бухор шуда, шумораи зиёди абрҳоро ба вуҷуд оварданд. Бо ин раъду барқ алоқаманд аст. Ҳаёти маънавии одамон дар натиҷаи тарси аз зарбаи раъду барқ ба вуҷуд омада бедор мешавад. Тарс одамонро маҷбур кард, ки ба ғорҳо гурезанд, дар ин вазъият мардҳои алоҳида бо худ занҳоро гирифта бурданд, ки ин ба пайдоиши оила оварда расонд.

Раъду барқ одамонро маҷбур кард, ки ҳастии мавҷуди даҳшатноки фавқултабиӣ – Юпитер, ё худои раъду барқро эътироф намоянд. Тарсидан аз худои мазкур ба инсонҳо тасаввурот дар бораи некию бадиро дод, одамонро маҷбур кард, ки аз Юпитер мадад ҷӯянд, ҳамин тавр парастиши онро ба вуҷуд оварданд. Дар асоси парастиш забони махсуси мистикӣ, санъати мистикӣ ва ғайра ба воя мерасанд.

Дар давраи қувваҳои табиатро худо пиндоштан, тамоми ҳокимият ба онҳое тааллуқ дорад, ки байни худоҳо ва одамон миёнарав ҳастанд. Дар иҷро намудани ин нақш падарони оилаҳо ё патриархҳо мебароянд. Ҳокимияти онҳо сахту вазнин, он бояд барои иҷро намудани қонунҳои шаҳрвандӣ одамони дағал ва ваҳширо тайёр намояд.

Ба ғайр аз одамони тобеи патриархҳо боз одамони зиёд – «нимҳайвон - нимодам» ҳастанд, ки барои ҳаёт мубориза беамон мебаранд. Заифтаринашон аз байни онҳо, барои он ки аз тавоноён наҷот

Сайнаков Сайнак Парвизоевич

ёбанд, аз патриархҳо мадад меҷӯянд, ки оқибат онҳо ин тавонмандони ғоратгарро қир мекунанд. Бо ин Вико асотир дар бораи азимҷуссаҳо, дар бораи нузул шудани титанҳо, аз ҷумла, асотир дар бораи Гераклро алоқаманд медонад.

Аз ин лаҳза, Вико оғозшавии давраи нав – «асри қаҳрамонҳо» - ро сар мекунад. Одамоне, ки азимҷуссаҳо - ғоратгаронро қир карданд, онҳоеро, ки ба наздашон омада, бар зидди тавонмандон аз онҳо мадад пурсиданд, ба худ тобеъ мекунанд. Онҳоро маҷбур мекунанд, ки ба фоидаашон кор кунанд, барои назорат намудани ин вобастагиҳо (ғуломон) бошад болонишинҳои қаҳрамон дар давлат муттаҳид мешаванд ва ба сохтани шаҳрҳои истеҳкомӣ оғоз менамоянд. Мувофиқи назарияи Вико, шакли аввалини идоракунӣ дар давлат шакли идоракунии аристократӣ буд, чунки падарони оилаҳо - патриархҳо органи асосии давлат – сенатро ташкил медоданд.

Лекин «асри қаҳрамонӣ» низ, дар натиҷаи исёну баромадҳои табақаи поёнӣ, хусусан муборизаи плебейҳо, ки аристократҳо маҷбур мешаванд гузашт намуда, табақаи поёниро дар байни худ роҳ диҳанд, ба охир мерасад. Ҳамин тавр, давраи сеюм «асри инсонҳо» сар мешавад. Сохтори нави ҷамъиятӣ – демократия, ки аз ҷониби синфи нави ҷамъиятӣ плебейҳо таъсис дода шуд, барқарор мешавад. Аммо нуқсонии ин сохтори давлатӣ дар он аст, ки дар вақти он муборизаи доимии байни дороён ва камбағалон идома меёбад, ки ҷанги шаҳрвандию анархияро ба вуҷуд меорад. Ин одамонро маҷбур менамояд, ки барои барқароркунии монархия иқдом намоянд, ки Вико онро яке аз шаклҳои идеалии сохти давлатӣ донистааст. Монархия барои ҳимояи заифон барқарор карда мешавад, барои он қонунҳои нарму сабук хос аст, табақаҳо ва миллатҳо дар монархия дар шаҳрвандии умум сиришта (маҳлул) мешаванд.

Аммо, аз нуқтаи назари Вико монархия аз худ хатар эҷод мекунад, пеш аз ҳама он одамонро аз фаъолона иштирок намудан дар ҳаёти сиёсӣ дур намуда, бадахлоқ ва хору залил мегардонад. Ин дар навбати худ ба



Сайнаков Сайнак Паршиоевич

дағалкунии навбатии хулқу рафтор, варварии нав, аммо на ба варварии ибтидоӣ, ки аз тухми рушди минбаъда ғанӣ, балки варварии инқироз, таназзул, мерасонад.

Яке аз роҳҳои баромад аз ҳолати ба вуҷуд омада ин забткунии ҳамин хел ҷамъиятҳои таназзул ёфта истода, аз ҷониби варварҳои ҷавону тоза мебошад, чи тавре ки ин воқеа дар асри V бо империяи Рим рух дод. Тибқи назари Вико, варварии асрмиёнагӣ, ки варварии инқирозии бевақтаи империяи Римро иваз намуд, ҳамчун эҳёи нави «асри Худоҳо» - падид омад, ки бо он давраи нави рушд оғоз мегардад. Баъди ин, давраи нав – «асри қаҳрамонон» омад, ки Вико дар намуди Аврупои асрмиёнагии феодалӣ мебинад, пас аз ин бошад давраи нав «асри инсонҳо», ки дар тасаввури ӯ давраи муосир арзёбӣ мешавад[1].

Ҳамин тавр, гардиши нав, чи хеле ки Вико медонад, дар он ҳолат оғоз мегардад, ки агар ҷамъияти куҳнаи таназзулёфта, аз ҷониби варварии наву тоза ишғол карда шавад.

Дар ҷамъбасти масъала бояд зикр кард, ки асари Вико «Асосҳои илми нав дар алоқамандӣ бо табиати умумии миллатҳо» - дорои хусусиятҳои фарққунандаи худ мебошад. Дар он фикру ақидаҳои нодиру ҷолиб, назари аҷоиби интуитивии муаллиф, нисбати қонунҳои рушди ҷамъиятӣ, дурандешии фарсахҳо пеш аз тасаввуроти он замон дар таърихнигорӣ ҳукмрон буда, ҷой дода шудаанд. Ақидаҳои таърихии Вико аз назарияҳои таърихии дигар мутафаккирони маорифпарвар ба куллӣ фарқ доранд. Аз ҷумла, ӯ менависад, ки ҳамаи халқҳо тавассути як схемаи мувофиқ ба табъи инсоният рушд меёбанд, дар натиҷаи ин агар таърихи як гуруҳ халқҳоро донӣ, метавонӣ тавассути он таърихи дигар халқҳоро таҷдиду барқарор намоӣ[2].

[1]Назаров С.В. Историография всеобщей истории (в связи с развитием исторической мысли). Учебное пособие. Армавир, 2002. С. 60 – 62.
[2]Теория и методология истории. Учебник для вузов. Ответственные редакторы В. В. Алексеев, Н. Н. Крадин, А. В. Коротаев, Л. Е. Гринин. Волгоград, 2014. С. 42.



Сайдаков Сайнак Партишоевич

Таърих барои Вико ин на ҳосили ҷамъи фактҳо ва ҳодисаҳо, ҳатто оид ба ягон принсип систематизатсияшуда ҳам бошанд. Таърих – ин маводе, ки таҳқиқи он имконият медиҳад роҳи инсоният ва моҳияти раванди таърихӣ дониста шавад. Таърих ҳоло илм нест, он метавонад ва ӯҳдадор ҳам аст илм шавад.

Илми нав вазифадор аст ба савлои «чӣ тавр?» ҷавоб диҳад. Предмет, объект ва мақсади таҳқиқоти он бояд ҷаҳони гражданӣ шавад. Он аз ҷониби инсонҳо офарида шудааст, аз ин хотир аз нуқтаи назари илмӣ даркшаванда аст, оламҳи шаҳрвандиро ҳам мо дар он сатҳе дарк менамоем, ки дар он сатҳе, ки шаклҳои геометриро дарк менамоем. Норасоии бисёре аз муаррихонро ӯ дар он мебинад, ки одати деринаро пайравӣ менамоянд, яъне тасаввуроти замони худро ба давраҳои алоҳидаи фарсаххо дур паҳн менамоянд. Ӯ ба он бовар дошт, ки аз тамоми гардишҳо гузашта, таърихи инсоният «тартиботи шаҳрвандӣ» -ро барқарор менамояд, ки дар он вақт ваҳшат маҳдуд мегардад, инстинктҳо паси сар мешаванд, қонунҳои адолат ба вуҷуд меоянд. Дар фарқият аз ҳамзамонони худ Вико модели дарккунии равандҳои таъихиро дар соҳаи илмҳои гуманитарӣ, на илмҳои табиӣ, меҷуст. Вико илми таърихро шууру фаҳмиши инсоният оид ба корнамоии худаш донистааст. Инсонро ӯ ҳам масъули шароитҳои таърихӣ ва ҳам офарандаи онҳо баррасӣ намудааст[1].

[1]Лаптева М. П. Теория и методология истории. Курс лекций. Перм, 2006. С. 47 – 50.



Сайнаков Сайнак Паршиоевич

# 6.ТАЪРИХНИГОРИИ МАОРИФПАРВАРИИ ШМА

Маорифпарварии америкоӣ дар шароитҳои мубориза барои истиқлолият ва ваҳдати миллии мустамликаҳои Англия дар Америкаи Шимолӣ ба вуҷуд омад. Ҳамин тариқ, намояндагони намоёнтарини он, муборизони роҳи озодӣ, Бенҷамин Франклин, Томас Ҷефферсон ва Томас Пейн буданд[1].

Эҷодиёти Бенҷамин Франклин (1706 – 1790) саҳифаҳои нахустини дафтари давраи маорифпарварии ШМА - ро оғоз мебахшанд. Дар асарҳои ӯ ғояҳои маорифпарварӣ, худбаҳодиҳии шахсияти инсонӣ, ки меъёри он қобилият ва меҳнат мебошанд, инъикос ёфтаанд. Б. Франклин аз назари идеалистӣ рушди ҷамъиятиро баррасӣ намудааст. Тибқи ақидаи ӯ қувваи ҳаракатдиҳандаи прогресс такмилдиҳии ахлоқ ва донишҳо мебошанд.

Дар мақолаҳои публитсистӣ ва хусусан дар асари «Очерки таърихии конститутсия ва ҳуқумати Пенсилвания» (1759) ӯ, ба хотири далелбиёрӣ барои ҳуқуқи мустамликаҳои Америкаи шимолӣ дар роҳи ба даст овардани истиқлолият, борҳо ба таърих муроҷиат намудааст. Барои асоснок намудани ғояи худ Б. Франклин ба назарияи пайдоиши шартномавии ҳокимияти олӣ муроҷиат кардааст. Дар назарияи ӯ звенои ягонаи алоқамандии Англия ва Америкаи Шимолӣ ҳокимияти монархии Британия эътироф шудааст, ки бояд дар мустамликаҳо тавассути хартияҳо ва ассамблеяҳо маҳдуд бошад, ба монанди оне ки чи хел ҳокимияти он дар метрополияҳои Англия, тавассути муқаррароти конститутсионӣ, маҳдуду ихтисор карда шудааст.

Дар рушди илми таърихи ШМА яке аз ходимони намоёни давлатӣ ва ҷамъиятии замони Ҷанг барои истиқлолият ва муаллифи Эъломияи истиқлолияти ШМА Томас Ҷефферсон (1743 – 1826) низ саҳм

[1]Ниг.: Американские Просветители. Избранные произведения в 2-х т. Сост. Н. М. Гольдберг. М.: «Мысль», 1968 – 1969.



Сайнаков Сайнак Паршиноевич

гузоштааст. Дар Эъломияи мазкур консепсияи таърихии пайдоиши инқилоб аниқ ифода ёфтааст. Дар баробари мазмуни асосии назариявӣ, ки аз онҳо инқилоб натиҷаи рушди мустамликаҳо баҳогузорӣ шуда, ҳокимияти мавҷудбудаи шоҳӣ ба талаботи худогоҳҳии баландрафтаи сокинони мустамликаҳо мутобиқ нест, маншаъ гирифтааст, инчунин дар он сӯистифодакунӣ ва ҷабру зулми шоҳи Англия муфассал оварда шудаанд.

Барои Томас Ҷеферсон рушди ҷамъият пеш аз ҳама маҳсули фаъолияти қонунбаророн ва сарчашмаи нобаробарӣ дар мавҷуд будани номукамалии институтҳои сиёсӣ мебошад. Ҳамзамон дар раванди ҷумҳуриҳоҳии худ ӯ то андозаи муайян аз маорифпарварони зиёди франсуз содиқтар буд. Ӯ ҳуқуқҳои бечуну чарои халқро дар самти хестан ба шӯришҳои инқилобӣ бар зидди истибдод эътироф намудааст[1].

Томас Пейн (1737 – 1809) низ дар афкори сиёсию ҷамъиятии Америка нақши муайян гузошта, дар маорифпарварии ШМА дар мавқеи радикалӣ меистод[2]. Афкори ҷамъиятии Томас Пейн аз бисёр ҷиҳат ба ақидаҳои ҷамъиятии намояндагони қаноти чапи маорифпарварони франсуз наздик буд. Ӯ бо роҳи демократӣ назарияи ҳуқуқи табииро шарҳ додааст ва моликиятро ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ мансуб донистааст. Ҳолати табииро Томас Пейн ҳамчун ҳаёти одамони дар коллектив муттаҳид шуда медонад, на ин ки мавҷуд будани фардҳои бо ҳамдигар хусумат дошта.

Томас Пейнро памфлеташ[3] «Нияти солим» (1776), машҳур намуд, ки он ҳамчун зангӯла барои даъват намудани мардум ба мубориза барои озодӣ хизмат намуд. Дар ин асар муаллиф ба монанди Т. Ҷефферсон консепсияи истиқлолият ва ҷумҳурихоҳиро асоснок намуда, сабабҳои ҷанг барои истиқлолиятро таҳлил карда, кандашавии ногузири таърихии

---

[1]Шелдон Г. У. Политическая философия Т. Джефферсона. М.: Республика, 1996. 255 с.
[2]Гольдберг Н. М.Томас Пейн. М.: «Мысль», 1969. 198 с.
[3]Памфлет (аз англисии *pamphlet* «брошюра, буклет»), яке аз намудҳои асарҳои бадеӣ - публитсистӣ, намунаи адабиёти сиёсӣ, мақола ё брошюра, ки мазмуни қатъии фошкунанда дорад.

алоқа байни мустамликаҳои Америкаи Шимолӣ ва Англияро нишон додааст. Мазкур бори нахуст дар адабиёти америкоӣ кушоду равшан нишон дод, ки асоси мустамликадории англисиро манфиатҳои иқтисодӣ ташкил медоданд ва Англия ба таври системавӣ мустамликаҳоро истисмор намуда, садди роҳи рушди онҳо шудааст[1].

Давраи нав дар эҷодиёти Томас Пейн аз иштироки ӯ дар Инқилоби Франсия сар мешавад, ки радикализми ӯро боз ҳам чуқуртар намудааст. Дар асараш «Асри ақл» (1794) аз мавқеи деизм масъалаҳои диниро баррасӣ намуда, Библияро ҳамчун сарчашмаи ривоятӣ - асотирӣ маънидод намудааст. Бо лаҳни тунд фаъолияти калисоро низ интиқод кардааст, ки ба назари муаллиф ба мустаҳкамшавии истибдод оварда расондааст.

Дар асари дигари худ «Адолати аграрӣ» (1797) Томас Пейн системаи мавҷудаи тақсимоти моликиятро танқид намудааст, ки одамони зиёдро ба қашшоқӣ оварда расондааст.

Оид ба сарчашмаи даромади капиталистӣ муҳаққиқ чунин овардааст, ки агар мо масъалаи мазкурро бодиққат пайгирӣ намоем, муайян мекунем, ки ғункунии моликияти манқул дар бисёр ҳолат натиҷаи музди кам додан барои меҳнате, ки ин моликиятро офаридааст, ба даст омадааст.

Гарчанде ки маорифпарварии Америка дар зери таъсири ақидаҳои маорифпарварии Англия ва Франсия ба вуҷуд омада бошад ҳам, он дар оянда ба афкори ҷамъиятии аврупоӣ таъсири амиқ гузоштааст[2].

[1]Назаров С. В. Историография всеобщей истории (в связи с развитием исторической мысли). Учебное пособие. Армавир, 2002.
[2]Мир просвещения. Под ред. Винченцо Ферроне и Даниэля Роша. М.: Памятники исторической мысли, 2003.



Сайнаков Сайнак Царшиоевич

## 7. ТАЪРИХНИГОРИИ РОССИЯ ДАР АСРИ XVIII

Дар асри XVIII таърихнигории Россия бо хусусияти хоси худ рушд намуда, дар нимаи аввали аср таърихнигории дворянӣ ва дар нимаи дуюм бошад равияҳои маорифпарварӣ, тамоюли буржуазӣ дошта ва инқилобӣ фаъолият доштаанд.

Ислоҳоти бузурги Пётри Кабир дар Россия соҳаи маданият ва маорифро низ фаро гирифта буд ва он ба таърихнигорӣ низ таъсири мусбӣ расонд. Аз соли 1710 Пётр дар асоси ҳуруфоти кириллии калисоӣ ҳуруфоти шаҳрвандиро ҷорӣ кард, ки он хеле сода ва барои хондан осонтар буд. Шумора ҳам минбаъд на бо ҳарфҳои калисоӣ, балки бо рақамҳои ҳиндӣ, яъне ҳозиразамон (ки дар Аврупо бо номи рақамҳои арабӣ машҳуранд) ифода карда мешуд. Барои чоп намудани адабиёти илмӣ, таърихӣ, сиёсӣ ва актҳои юридикӣ дар шаҳрҳои Москва ва Петербург чопхонаҳои нав кушода шуданд. Ин чопхонаҳо дар чоряки аввали асри XVIII 600 китобро аз чоп бароварданд.

Яке аз натиҷаҳои муҳими ислоҳот ин ба вуҷуд омадани матбуоти даврӣ дар Россия буд, ки аввалин бор 2 - юми январи соли 1703 нахустин газетаи рус «Ведемости», ки дар бораи ҳаёти байналхалқӣ ва дохилии Россия маълумот медод, аввал дар Москва ва баъд дар Петербург, ба нашр сар кард. Муҳаррири он худи Пётр буд. Соли 1714 китобхонаи давлатӣ кушода шуд.

Аз тарафи Пётр аввалин осорхона дар Россия – Кунскамера таъсис дода шуд, ки ба ҷамъоварии коллексияҳои таърихӣ ва ашёҳои нодир машғул буд. Ин ибтидои бунёди фаъолияти осорхонаҳо дар Россия гардид.

Дар охири ҳаёти худ Пётр бо ҳамроҳии олими соҳаи тиби худ Л. Л. Блюментрост лоиҳаи Академияи илмҳоро тартиб дод. Ба фикри Пётр академия бояд аз академияҳои давлатҳои ғарбӣ тафовут дошта, дар баробари муассисаи илмӣ ба таълим низ машғул мешуд. 22 - юми январи

Сайнаков Сайнак Партинович

соли 1724 ӯ Оинномаи Академияро тасдиқ намуд, аммо он танҳо соли 1725 пас аз маргаш дар Петербург кушода шуд, ки аксарияти аъзоёни муассисаи мазкурро хориҷиён ташкил доданд. Дар ин сол назди Академия гимназияи махсус, ба хотири тайёр намудани донишҷӯён барои донишгоҳи он кушода шуд[1].

Дар ибтидои асри XVIII дар натиҷаи сиёсати фарҳангии Пётри Кабир илми таърихи Россия низ инкишоф ёфт. Дар ибтидои асри XVIII дар Россия ҳанӯз кӯшиш мекарданд, ки вазифаи таҳқиқоти таърихро аз рӯи нуқтаи назари синфи ҳукмрон муайян намоянд. Таърих ба соҳаи мустақил табдил ёфта, асарҳои таърихӣ аз рӯи характер, мазмуну мундариҷа ва мақсад аз адабиёту публитсистика ҷудо шуданд.

Ҳанӯз дар замони Пётр якчанд асари таърихӣ, аз ҷумла оид ба Ҷанги Шимолӣ, навишта шуданд. Масалан, соли 1708 Петри I ба корманди типографияи Москва Ф. Поликарпов супориш дод, ки таърихи Россияро аз асри XVI то замон ӯ нависад, аммо пас аз анҷоми кор китоб аз ҷониби Пётр рад карда шуд. Сабаб дар он буд, ки дар он рафти Ҷанги шимолӣ мухтасаран ва бе асосноккунии маъхазӣ навишта шудааст. Ғайр аз ин, Ф. Поликарпов дар руҳияи кухна тарбият ёфта, ба ислоҳотхоҳии Пётр интиқодона назар дошт.

Соли 1716 котиби сафорати Россия дар Шведсия Алексей Илич Манкиев (? – 1723) асари худро бо номи «Асоси таърихи Россия» ба анҷом расонд. Ӯ дар баробари солномаҳо, санадҳои давлатӣ ва маъхазҳои моддиро низ васеъ истифода намуд. Асар аз ҳафт қисм иборат буда, даврабандии он ба давраҳои асосии таърихи Россия мутобиқат мекард. Дар китоби аввал муаллиф масъалаҳои пайдоиши халқи рус ва давлати русро баррасӣ намудааст. Ӯ қайд кардааст, ки таърихи давлатдории Россия аз Рюрик сар мешавад, ки мутлақиятро дар Россия асос гузошт. Дар баробари ин, шаҷараномаи сулолаи шоҳони русро

[1]Сайнаков С. П. ва дигарон. Таърихи Россия (охири асри XVII – ибтидои асри XX). Курси лексия (нашри дуюм бо таҳриру иловаҳо). Душанбе, 2014.



Сайнаков Сайнак Наршиоевич

тавассути Рюрик ба сулолаи императорони Рим расонд. Моҳияти сиёсии консепсияи таърихии А. И. Манкиев дар он зоҳир мегардад, ки мутлақият дар Россия барвақт барқарор шуда, он мукаммалтарин шаклу сохтори давлатӣ мебошад. Ба ҳаракатҳои халқӣ бошад муаллиф баҳои манфӣ дода, шахсияти Степан Разин ва дигар шӯришчиёнро танқид намудааст.

Дар баробари таърихи сиёсӣ дар асари мазкур таърихи иқтисодӣ низ вомехӯрад. Масалан, муаллиф муносиботи савдоӣ бо Англияро дар асри XVI баррасӣ менамояд. Китоби А. И. Манкиев ба масъалаҳои таърихи умумӣ низ дахл менамояд. Минҷумла, ӯ дар бораи пайдоиши халқи рус сухан ронда, барои муқоиса ривоятҳоеро овардааст, ки ба пайдоиши мисриён, юнониён, римиҳо, англисҳо, французҳо ва венгерҳо дахл доранд. Муаллиф, инчунин дар бораи қонунгузории Византия, махсусан қонунҳои Юстиниан, кашфи Америка, оид ба шахсияти Кромвел ва инқилоби Англия маълумот медиҳад.

Дар баробари асарҳои характери умумӣ дошта, дар чоряки аввали XVIII китобҳое навишта шуданд, ки махсусан ба давраи ҳукмронии Пётри I бахшида шудаанд.

Вазифаи асосии таърихнигории Россия аз асосноккунии ҳуқуқи мамлакат дар рафти Ҷанги Шимолӣ ба соҳилҳои баҳри Балтика иборат буд. Ба ин хотир ноиб - канслер П. П. Шафиров соли 1717 асари худро бо номи «Мулоҳизаҳо оид ба сабабҳои Ҷанги Шимолӣ» навишт. Пётри I шахсан барои асари мазкур хулосаи муроҷиатӣ ба хонандаро навишт. Дар ин асар ҳуқуқи таърихии Россия барои баромадан ба баҳри Балтика нишон дода шудааст[1].

Ба қалами Феофан Прокопович (1681 – 1736) асари таърихӣ бо номи «Таърихи император Пётри Кабир аз таваллуди вай то муҳорибаи Полтава» тааллуқ дорад. Он ба чор китоб ҷудо шудааст, ки дар наски

[1]Историография истории СССР. Под редакцией В. Е. Иллерицкого и И. А. Кудрявцева. Учебник для студентов исторических факультетов университетов и педагогических институтов. Изд. 2-е, исп. и доп. М., 1971. С. 68.



Сайнаков Сайнак Паршиоевич

аввал ҳаёти Пётр аз лаҳзаи таваллуд то саршавии Ҷанги шимолӣ, дар китоби дуюм солҳои аввали Ҷанги Шимолӣ (то бунёдёбии Санкт - Петербург, с. 1703), китоби сеюм то воқеоти соли 1708, қисми чорум ба амалиёти артиши Карли XII дар Украина оғоз ва бо ғалабаи русҳо дар муҳорибаҳои Полтаваю Переволочной ба итмом мерасад.

Борис Иванович Куракин бошад, ашрофзода ва дипломат, аз ҳамсафони наздики Пётри Кабир буда, дар юришҳои ҳарбии ӯ иштирок намуда, «Рӯзнома ва қайдҳои сафар», «Ҳаёти княз Борис Куракин», «Қайдҳо дар бораи ҷанги руссу швед то соли 1710», «Таърих дар бораи шоҳ Пётр Алексеевич» ва «Муқаддима ба бобҳои таърих» - ро навиштааст.

Дар зери таъсири фалсафаи Ғарб дар таърихнигории Россия низ рӯ гардондан аз сабку услуби провиденсионализм сар мешавад. Барои шарҳ додани сабаби сар задании ҳодисот, таҳлил намудани сабабҳои онҳоро гузаронданд. Ҳамин тариқ, диди назари ратсионалистона ба таърих ба мақоми аввал мебарояд. Далелҳои таърихӣ ва ҳодисотро тавассути нуқтаи назари фаъолияти инсон баррасӣ мекарданд ва худи равиши таърихиро бо мизони шууру нуқтаи назари ақл медиданд. Дар баробари ин, дар ҷамъият талабот ба донишҳо ва илми таърих афзуд. Давраи гузариш аз донишҳои таърихӣ ба илм дар Россияро ба номи Василий Никитич Татишев нисбат медиҳанд.

Бузургтарин таърихнависи дворянии давраи мазкури Россия В. Н. Татишев (1686 – 1750), муҳаққиқи машҳури рус, ходими давлатӣ буда, солҳои 1720 – 1722 ва 1734 – 1737 фаъолияти заводҳои давлатиро дар Урал роҳбарӣ намудааст. Солҳои 1741 – 1745 губернатори губернияи Астрахан буд. Ӯ бисёр сарчашмаҳои таърихи Россия, аз ҷумла «Ҳақиқати рус» ва «Судебник» - и соли 1550 - ро пайдо намуда, ба нашр пешкаш кард[1].

[1]Историография истории СССР. Под редакцией В. Е. Иллерицкого и И. А. Кудрявцева. Учебник для студентов исторических факультетов университетов и педагогических институтов. Изд. 2-е, исп. и доп. М., 1971. С. 83.



Сайнаков Сайнак Паршиоевич

Асари худ «Таърихи Россия аз давраҳои басо қадимтарин» - ро, ки 30 сол аз болои он заҳмат кашид, дар ҳаҷми панҷ ҷилд навиштааст[1].

В. Н. Татишев ҳангоми навиштани таърих ба мазмуну баромади маъхазҳо, аз нуқтаи назари дақиқбаёнкунӣ, яъне сатҳи дақиқияти онҳо, диққати асосӣ дода, онҳоро ба чор категория ҷудо намудааст:

1) муаллиф – иштирокчии бевоситаи ҳодисоти ба қаламдода;
2) муаллиф – ҳамзамони рӯйдод;
3) муаллиф, – ки баъдтар навиштааст, аммо дар асоси ҳуҷҷатҳо;
4) муаллиф – ҳамватан, ки забонро хуб медонад, на хориҷӣ.

Муаррих таснифоти худро оид ба илми таърих низ пешниҳод намуда, онро ба чор зергуруҳ ҷудо намудааст:

- таърихи муқаддас (ё худовандӣ);
- экклезиастикӣ (таърихи калисоӣ);
- сиёсӣ ё таърихи дунявӣ;
- таърихи илм ва олимон.

Дар баробари ин, аз нуқтаи назари маводи иншошуда таърих метавонад *генералӣ* (умумӣ), *универсалӣ* (ҳамаҷониба), *партикулярӣ* (хусусӣ) ва *махсус* шавад. Даврабандии таърихро дар намуди қадим, миёна ва нав пешниҳод намудааст. Тартиботи навиштани таърихро низ тавсия додаст: таърихи музофотҳо, ҳокимон (архонтҳо) ё бо тартиби хронологӣ ба монанди солномаҳо ва хроникаҳо. В. Н. Татишев консепсияи назарияи «шартномаи ҷамъиятӣ» ва сабки ратсионалистиро дар эҷодиёташ нишон додааст. Ӯ низ тарафдори сохти монархиявӣ дар Россия буда, онро наҷотбахши ватан донистааст[2].

Ҳамин тариқ, аз нуқтаи назари ратсионализм ва прагматизми таърихӣ, В. Н. Татишев асосгузори илмҳои таърих, манбаъшиносӣ ва таърихнигории Россия шинохта шудааст. Ӯ, инчунин ба барқароршавии географияи таърихӣ, этнография, хаританависӣ ва дигар фанҳои

Сайнаков Сайнак Парпишоевич

[1]Татищев В. Н. История Российская. В 7 т. М.–Л., 1962–1968.; Собр. Соч. в 8 т. М., 1994 – 1996.
[2]Теория и методология истории. Учебник для вузов. Ответственные редакторы В. В. Алексеев, Н. Н. Крадин, А. В. Коротаев, Л. Е. Гринин. Волгоград, 2014. С. 43.

ёрирасони таърихӣ дар Россия асос гузоштааст.

Яке аз падидаҳои манфии таърихнигории Россия дар давраи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки аз давраи Пётр ва баъди ӯ аз хориҷ олимони таърихшинос барои фаъолият намудан ба Академияи илмҳои Россия даъват гардиданд, ки бархеи аз онҳо дар асарҳои худ назарияҳои зидди русиро ҷой додаанд. Масалан, аввал Байер баъд Миллер “назарияи норманӣ” - ро кор карданд, ки тибқи он гӯё дар рус давлатдориро қабилаҳои скандинавиасл – норман (варяг) - ҳо ташкил карданд, ки баъд ин назария аз тарафи М. Ломоносов зери танқид қарор гирифт.

Аввалин хориҷие, ки дар таърихнигории Россия паи худро монд, профессори собиқи Кенигсберг Готлиб Зигфрид Байер (1694 – 1738) буд.

То ба Россия омаданаш ӯ мероси хатии Византияро омӯхта, бо ин тарз барои навиштани таърихи қадимаи рус омодагӣ мебинад. Солномаҳои русӣ бошанд ба Байер дар намуди тарҷумаи лотиниаш дастрас буданд. Барои омӯхтани забони русӣ бошад ӯ умуман кӯшиш накардааст. Дар байни таҳқиқоти ҷиддии Байер масъалаи варягу рус қарор дорад. Ӯ консепсияи худро дар асоси маводи скандинавӣ ва географияи Руси Киевӣ пешниҳод намудааст. Рисолаи Байер оид ба варягҳо барои назарияи норманӣ санги асос шуд.

Герард Фридрих Миллер (1705 – 1783) низ қариб 60 сол дар Академияи илмҳои Россия фаъолият намуд ва дар асараш қайд намудааст, ки скандинавҳо ба русҳо ҳокимонро додаанд.

Баъдтар дар инкишофи таърихнигории Россия М. В. Ломоносов ва омӯзгорони дигари Донишгоҳи Москва, ки бо хоҳиш ва лоиҳаи ӯ 12 - уми январи 1755 дар ҳайати факултетҳои философия, ҳуқуқ ва тиб таъсис дода шуд, бозиданд. Дар ҳақиқат ҳанӯз соли 1725 дар Петербург дар назди Академияи илмҳои Россия донишгоҳ кушода шуд, аммо ба кӯшишҳои Ломоносов ва дигар олимон нигоҳ накарда, фаъолияти онро ба тартиб даровара натавонистанд.

Сайнаков Сайнак Парниоевич

Соли 1756 донишгоҳ аввалин газетаро бо номи «Московский ведомости» аз чоп баровардан сар кард, ки дар он низ масъалаҳои таърихӣ баррасӣ мегардиданд. Донишгоҳи Москва аз ҳамон замон сар карда, то ҳозир маркази асосии фарҳангӣ ва илмии Россия ба ҳисоб меравад. Хулоса, мактаб ва таърихнигории дунявии Россия дар асри XVIII инкишоф ёфта, хусусиятҳо ва таъсири калисоӣ дар он боз ҳам суст шудан гирифт.

Дар инкишофи таърихнигории миллии Россия дар асри XVIII нақши М. В. Ломоносов хеле бузург аст. Ломоносов Михаил Василевич (1711 – 1765), аввалин олими табиатшиноси рус, ки шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо кард, шоир, ки асосҳои забони муосири русро гузошт, тарихнигор, муссавир буда, дар инкишофи илм ва иқтисоди рус саҳми калон гузошта буд. Ӯ Академияи славянӣ - юнонӣ - лотиниро хатм карда, бо 12 шогирди беҳтарин ба донишгоҳи Академияи Императории Петербург ба хондан фиристонда мешавад ва сонӣ 4 - соли дигар дар Германия таҳсили худро давом медиҳад. Соли 1745 М. В. Ломоносов унвони профессорӣ ва академикиро касб мекунад. Ӯ қариб ҳамаи илмҳои замонро аз худ кардааст. Асари таърихии вай «Таърихи қадимаи Россия» мебошад. Мазбур зидди назарияи норманӣ баромад намуда, тибқи манбаъҳои дасти аввал исбот кардааст, ки пеш аз омадани қабилаҳои варяг (норман) дар рус низоми хоси давлатдории славянӣ мавҷуд будааст.

Инчунин дар инкишофи илми таърих М. М. Шербатов, И. Н. Болтин, Н. И. Новиков хизмати калон кардаанд.

Михаил Михайлович Шербатов (1733 – 1790) – ходими ҷамъиятӣ, муаррих ва публитсист буда, муаллифи як қатор асарҳои таърихӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, оморӣ ва маърифатӣ мебошад.

М. М. Шербатов ба таҳқиқи таърих бо дастгирии бевоситаи Екатеринаи II сар кард. Маҳз малика ӯро таърихнигори дарбор таъйин намуда, иҷозат додааст, ки аз бойгонӣ ва китобхонаи дарбор истифода намуда, бойгонии Пётри Кабирро коркард намояд.

Асари асосии таърихии ӯ «Таърихи Россия аз давраҳои

Сайнаков Сайнак Паршиноевич

қадимтарин» ба ҳисоб рафта, аз болои он то охири умр кор карда, онро то оғози ҳукмронии Михаил Романов оварда расонд. Гарчанде ки фурсат даст надод, ки муаллиф мундариҷаи китобро то замони Пётри Кабир оварда расонад, аммо характеристикаи Пётр ва ислоҳоти вай дар дигар асарҳои М. М. Шербатов пешниҳод гардидаанд.

Ӯ дар асарҳояш на танҳо воқеоти таърихи Россияро инъикос менамояд, балки муҳокима намуда, онҳоро бо ҳодисоти Аврупои Ғарбӣ муқоиса намудааст. Муаррих аз аввалинҳо шуда, дар таърихнигории рус кӯшиш намудааст, ки ҳаёти дохилии ҷамъиятро инъикос намояд ва ғайрат кардааст, ки хусусиятҳои хоси ҳаёти русиро нишон диҳад. Дар асарҳояш ӯ аз мавҷудияти ҳуқуқи крепостнойӣ ва имтиёзҳои дворянӣ дифоъ намудааст.

М. М. Шербатов, инчунин масъалаҳои вазъи географӣ, иқтисодиёт, сохти маъмурӣ ва ҳайати этникии Россияро баррасӣ намудааст. Ҳамчун пайрави фалсафаи маорифпарварӣ ӯ тарафдори тантанаи ақл ва маориф дар раванди таърихӣ будааст. М. М. Шербатов дар таърихи инсоният чор шакли сохтори давлатиро муайян намудааст: монархиявӣ, аристократӣ, демократӣ ва деспотӣ.

Иван Никитич Болтин (1735 – 1792) яке аз мунаққидон ва мухолифони назарияи М. М. Шербатов буда, дар давраи хизматчии давлатӣ буданаш аз бисёр мавзеъҳои Россия дидан кардааст. Дар натиҷа диду шунид ва таҷрибаи хешро дар коркарди бисёр масъалаҳои таърихнигорӣ ва маъхазшиносии Россия сарфа менамояд.

И. Н. Болтин талаботи асосиро дар назди муаррих дар баёнкунии ҳақиқатнигории фактҳои таърихӣ медонад. Дақиқ тасвир намудани факти таърихӣ аз сатҳи методикаи маъхазшиносӣ вобастагӣ дорад. Методикаи маъхазшиносӣ на таввасути шумораи ёдгориҳои ҷалб карда, балки бо мақсади барқарор намудани таърих дуруст тавонистани истифодаи онҳо муайян карда мешавад. Ӯ ба таҳқиқи интиқодонаи маъхазҳо даъват намуда, се давраро дар фаъолияти сарчашмашиноси пухтакор муайян

менамояд:

1. Бояд муқоисаи матни солномаҳоро гузаронда, ғалатиҳое, ки дар натиҷаи нусхабардории чандинкарата дар матни онҳо ворид шудаанд, бартараф кард (солномаҳоро аз назар гузаронд, бо ҳамдигар муқоиса намуд, ғалатиҳоро, ки нусхабардор содир намудааст, ислоҳ кард ва онҳоро ба он шаклу сатҳе расонд, ки муаллифон онҳоро иншо намудаанд).

2. Аниқ кардани маънии матне, ки аз ғалатиҳои дар рафти нусхабардорӣ орӣ монда (яъне, дар тавзеҳоти солномаҳои аллакай ислоҳшуда, масалан дар шарҳдиҳии калимоте, ки аз истифода баромаданд ё куҳна шуданд, то ки маънии дақиқи гуфтор дуруст дарк карда шавад).

3. Маълумоти таърихӣ ва мушоҳидаро бо маълумоти характери географӣ пурра кард (дар вақти ахборҷамъкунӣ ба маълумоти характери географӣ дошта низ таваҷҷуҳ кард, чунки таърих ва география чунон зич алоқаманданд, ки агар якторо надонӣ, дар бораи дигараш дуруст навиштан наметавонӣ)[1].

Дар баробари маъхазҳои ватанӣ И. Н. Болтин, ба хотири санҷиши ҳаматарафаи фактҳои таърихӣ, даъват менамояд, ки бояд аз сарчашмаҳои мамолики дуру наздик низ истифода намуд. Ҳақиқат бояд аз дуруғгӯию пардоззанӣ ҷудо карда шавад. Ҳамин тариқ, И. Н. Болтин масъалаи маъхазшиносиро дар сатҳи олӣ мебардорад.

Ӯ менависад, ки дар вақти ҷамъоварӣ намудани мавод барои асари таърихӣ, бояд донист, ки таърих ҳамчун илм солнома нест, он ба ҳар гуна далелҳои майда - чуйда, ҷузиёти беҳуда, ки дар солномаҳо ҷо дода шудаанд, ниёз надорад. Дар рафти омӯзиши зуҳуроти таърихӣ И. Н. Болтин ба хулосае меояд, ки умумияти табиат урфу одату хӯ ва наздикияти рушди ҷамъиятии халқҳои гуногунро муайян менамояд.

Сайнаков Сайнак Паршоевич

---

[1]Сидоренко О. В. Историография IX – начало XX вв. Отечественной истории (учебное пособие). Владивосток, 2004. С. 75.

Аммо ҳангоми дарёфти факторҳои раванди таърихӣ И. Н. Болтин, ба мушоҳидаи характери умумии дар ҳама ҷо яксони моҳияти табиати инсон, маҳдуд нашуда, ба нақши шароитҳои иқлим, тарбия ва шакли идоракунӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ муроҷиат менамояд. Ӯ муайян менамояд, ки таъсири асосиро ба рушди инсонҳо ва ҷамъият иқлим мерасонад, сабабиятҳои боқимонда дуюминдараҷа мебошанд. Ҳамин тавр, аз ин пас ғояҳо дар бораи шароити географӣ дар таърихнигории минбаъдаи Россия ба инобат гирифта шуданд.

Нақши иқлимро дар таърихи халқҳои алоҳида нишон дода, ӯ мафҳуми «характери миллӣ» - ро пешниҳод менамояд, ки ба назари вай он аз иқлим вобастагии калон дорад. Гузариш аз таҳқиқи характери худи инсон ба муҳити атрофи табиӣ ва таъсири он дар раванди рушди ҷамъияти инсонӣ дар баёнкунии раванди таърихӣ нуқтаи назари прогрессивӣ буд.

Ҳамин тавр, дар консепсияи таърихии И. Н. Болтин ғояҳои «офариниши Худованд», «табиати инсон» ва «муҳити табиии географӣ», ки ба рафти ҳодистои таърихӣ таъсир мерасонанд, мавқеи асосиро ишғол менамоянд.

И. Н. Болтин низ сохти крепостнойиро тарафдорӣ намудааст. Ӯ консепсияи рушди таърихии Россияро пешниҳод менамояд, ки тибқи он тартиботи крепостнойиро дар Россия дар муқоиса бо Франсия, Англия, Германия ва Пруссия гузошта, менависад, ки он ба манфиатҳои халқи рус ҷавобгӯ аст ва нисбат ба тартиботе, ки дар мамлакатҳои номбаршуда ҷорӣ аст, одилонатар мебошад. Яъне деҳқони рус аз деҳқонони давлатҳои мазкур ҳаёту ҳуқуқу озодиҳои беҳтарро бархӯрдор мебошад.

Масъалаҳои иҷтимоӣ - сиёсии Россияро баррасӣ намуда, сохти монархиявиро дар рус асоснок намуда, менависад, ки славянҳо аз қадим зери ҳукмронии монарх ҳаёт ба сар мебурданд, аммо дар ибтидо ҳокимияти княз маҳдуд буд, дар маҷлисҳои умумихалқӣ ҳар шаҳрванд



Сайнаков Сайнак Паршиоевич

ҳақ дошт овози худро монад. Лекин дар рафти парокандагии феодалӣ ҳокимияти князҳо ва ашрофзодагони боярии ҷудогона пурзӯр шуда, дар мулкҳояшон худсарона барои худ ҳамагуна ҳуқуқҳоро раво донистанд.

И. Н. Болтин сиёсати забткорона ва анексионии Россияро дар консепсияи худ дастгирӣ намуда, онро бо сиёсати империяи Рим муқоиса намуда, сиёсати хориҷии мамлакати худро дастгирӣ намудааст. Ӯ менависад, ки Рим забт мекард, Россия бошад экспансияю ассимилятсияи сулҳонаи халқҳои қаламравҳои ба худ ҳамрошударо мегузаронад.

Ҳамин тавр, И. Н. Болтин таърихнигори империяи дворянӣ буда, сиёсати хориҷии мамлакати худро дастгирӣ намудааст.

Дар баробари таърихнигории дворянӣ дар охири асри XVIII таърихнигории буржуазии Россия низ зухур намуд, дар натиҷа предмет ва объекти илми таърих низ васеъ гардид. Дар баробари Петербург ва Москва коркарди илми таърихи Россия дар дигар марказҳои музофотӣ низ ба миён омад. Маҳз, дар охири аср таҳқиқи масъалаҳои иқтисодӣ дар таърихнигории рус зиёд шуданд. Намояндагони намоёни равияи иқтисодӣ В. В. Крестинин, М. Д. Чулков, И. И. Голиков ва ғайра буданд.

Муаррихи дигари намоёни Россия Николай Иванович Новиков (1744 – 1818) дар нашр намудани маъхазҳои таърихӣ саҳми калон гузоштааст. Ӯ дар таъсисёбии маҷаллаҳои илмӣ низ нақши асосӣ гузоштааст.

Ба таърихнигории инқилобӣ бошад дар Россия А. Н. Радишев (1749 – 1802) асос гузошт. Қуллаи баланди афкори ҷамъиятӣ - сиёсӣ ва таърихнигории Россия дар ин давра ба номи Александр Николаевич Радишев сахт алоқаманд аст. А. Н. Радишев соли 1749 дар губернияи Саратов ба дунё омадааст. Ӯ дар баробари дар ватан таҳсил гирифтан соли 1771 Донишгоҳи Лейпсигро хатм кард.

Дар донишгоҳи Лейпсиг А. Н. Радишев илмҳои тиб, ҳуқуқ, адабиёт, илмҳои табиӣ ва забонҳоро азхуд кард. Ба Россия баргашта, хизматро дар



Сайнаков Сайнак Парвиноевич

Сенат, Камерс - коллегия ва дигар мақомоти давлатӣ давом дод. Ҷанги деҳқонӣ бо сарварии Е. Пугачёв, Ҷанги Америка барои озодӣ ва Инқилоби бузурги Франсия афкори ҷамъиятӣ - сиёсии А. Н. Радишевро тамоман дигаргун карданд. Ӯ худ аз Петербург ба Москва ба саёҳат баромада, ба чашми худ ба аҳволи деҳқонони крепостной ошно мешавад ва ин дидаи чашми худро дар асараш «Саёҳат аз Петербург ба Москва» дар соли 1790 дарҷ мекунад.

А. Н. Радишев даъват мекунад, ки мутлақият ва сохти крепостнойӣ бояд тавассути инқилоб аз байн бардошта шавад. Дар ин фикр ӯ аз маорифпарварони франсуз пеш гузашт. Дар асараш «Саёҳат аз Петербург ба Москва» вай истисмори деҳқононро аз тарафи помешикон нишон медиҳад ва помешикҳоро зери танқиди сахт мегирад. Мазбур гузарондани инқилоби деҳқониро маъқул донистааст.

Аз тарафи деҳқонон кушта шудани помешикҳоро ӯ ҳуқуқи табиии барзгарон барои дифои худ медонист. А. Н. Радишев ба он боварӣ надошт, ки сари тахт «шоҳи одил» меояд, ки дасти деҳқононро бигирад. Барои ҳамин ӯ на танҳо ба гузарондани инқилоби деҳқононӣ даъват мекунад, ки системаи крепоснойиро аз байн хоҳад бурд, инчунин пурра сарнагун кардани мутлақиятро низ талаб мекард.

Идеали А. Н. Радишев – ҷумҳурӣ буд, ки дар он бояд ҳамаи мардум баробарҳуқуқ бошанд. А. Н. Радишев таъкид кардааст, ки «ҳамаи одамон табиатан озод ба дунё меоянд ва ягон кас ҳуқуқ надорад ин озодиро аз онҳо кашида гирад». Ба гуфтаи ӯ ҳамаи одамон бояд баробар меҳнат кунанд. Замин бояд дар дасти деҳқон бошад. Ҳуқуқи инсон ва моликияти ӯ бояд дар зери ҳимояи қонун бошад. Маориф ва таҳсил барои ҳамагон дастрас бошад. Сензура барҳам дода шавад, ҳама бояд ақидаи худро озодона эрод кунанд. А. Н. Радишев ба ҷумҳурии оянда боварӣ дошт, ки дар он худи халқ, пеш аз ҳама деҳқонон, давлатро идора мекарданд. А. Н. Радишев ба прогресси иҷтимоии инсоният боварӣ дошт.

Дворянҳо ва Екатерина II дар симои А. Н. Радишев душмани ашадии худро медиданд. Дар ин вақт Радишев дар типографияи хурди худ мебоист асари худ «Саёҳат аз Петербург ба Москва» - ро аз чоп мебаровард. Аммо ин кори ӯ барор нагирифт. Баъд аз чанд рӯз июни 1790 Екатерина II бар зидди вай баромад намуда, нашр кардани ин китобро манъ кард ва А. Н. Радишевро дастгир карданд. Дар рафти мурофиаи судӣ ӯро ба марг маҳкум карданд. Ӯ то охир аз ақидаҳояш даст накашид. Аммо ба муносибати бастани сулҳ ба Шведсия вай авф карда шуд ва ҳукми қатл ба 10 соли бадарға иваз карда мешавад. Бад аз марги Екатерина II Павели I А. Н. Радишевро аз бадарға озод кард. Аммо баъд аз бозгашт ӯ доимо дар зери назорати политсия буд. 11 - уми сентябри 1802 ӯ худкушӣ кард. Пеш аз марг ӯ менависад: «Насли оянда аз бораи ман қасос мегирад».

Хулоса, дар давраи мазкур донишҳои таърихӣ ба илм табдил ёфта, таърихнигории Россия рушд ва таъсири маорифпарварии Европаи Ғарбӣ дар он эҳсос мегардад.

Ҳамин тариқ, дар таърихнигории давраи мазкури Россия равияҳои дворянӣ, буржуазӣ - маорифпарварӣ ва инқилобӣ мавқеъ гирифта буданд.

Сайнаков Сайнак Парпишоевич

## ЛЕКСИЯИ 5. ИЛМИ ТАЪРИХИ ҒАРБ ДАР НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XIX. ТАЪРИХНИГОРИИ РОМАНТИКӢ

**Адабиёт:**

Историография истории нового времени стран Европы и Америки / А.В. Адо, И.С. Галкин, И.В. Григорьева и др. / Под ред. И.П. Дементьева. – М., 1990.

Историография истории нового и новейшего времени стран Европы и Америки / Под ред. И.П. Дементьева, А.И. Патрушева - М., 2000.

Историография истории Древней Греции // История Древней Греции /Под ред. В.И. Кузищина. М., 1996. С.19-35.

Историография истории нового времени стран Европы и Америки. Учеб. пособие // Под ред. И.П.Дементьева. – М., 1990.

Историография истории России до 1917г.: Учеб. для студ. высш. учеб. заведений: В 2 т. // Под ред. М.Ю. Лачаевой. – М., 2003.

Реизов Б.Г. Французская романтическая историография. Л. 1956.

Сайнаков С. П., Садиров Ш. А., Азизов С. А. Таърихнигории давраи нави мамлакатҳои Европа ва Америка. Курси лексияҳо барои факултетҳои таърихи мактабҳои олӣ. Душанбе, 2018.

Шапиро А.Л. Историография с древнейших времен до XVIII в. Курс лекций. – Л., 1982.

Шапиро А.Л. Историография с древнейших времен до 1917г. Учебное пособие. – Л., 1993.

Шеуджен Э.А. Историография: Вопросы теории и методологии. Курс лекций. – Майкоп, 2005.

## 1.МАЪЛУМОТИ УМУМӢ ОИД БА ТАЪРИХНИГОРИИ РОМАНТИКӢ

Дар давраи мазкур ғояҳои мутафаккирони асри XVIII ва Инқилоби Франсия аҳамияти умумиаврупоиро касб карданд. Дар Европа дар нимаи аввали асри XIX барои инқилобу ислоҳоти буржуазӣ шароитҳои нав ба вуҷуд омаданд. Инқилоби саноатӣ, ки аз Англия сар шуд, дар тамоми қитъаи Аврупо паҳн гардид. Аз тарафи дигар дар Ғарб сохти иҷтимоии ҷамъият тағйир ёфта, синфҳои нав – буржуазия ва пролетариат ташаккул ёфтанд. Раванди барқароршавии равияҳои идеологӣ, ба монанди либерализм, консерватизм, радикализм, сотсиализм шуда

Сайнаков Сайнак Партишоевич

гузашт. Ғояи прогресс, ки ба он ҳама, аз техника сар карда, то инсон тобеъ буданд, тамоми зинаҳои ҷамъиятро фаро гирифт.

Намунаи барҷастаи давраи мазкур ин барқарор шудани принсипи таърихият (историзм) мебошад. *Принсипи таърихият* аз он иборат аст, ки ҳар кадом зуҳуроти таърихӣ дар давраи мушаххас, дар лаҳзаи амиқи таърихӣ мавриди таҳлил қарор гирад [1].

Инқилоби Франсия ҳамчун ҳодисаи дигаргунии қатъӣ дар давраи нав дар маркази баҳсҳои гуруҳҳои ҷамъиятӣ - сиёсӣ қарор дошт. Дар баробари ин, пешгӯии маорифпарварон оид ба ивазшавии сохти табақавӣ ва давлати мутлақ ба сохти ҷамъиятии дорои баробарии шаҳрвандӣ ва монархияи конститутсионӣ ё ҷумҳурӣ дуруст дониста шуданд. Аммо эътиқоди маорифпарварон ба таъҷилан расидани тантанаи ақл ва озодӣ утопия боқӣ монд ва ин назарияи равонии пешрафтро асоснок ноустувор гардонд.

Ҳамин тавр, шарҳдиҳии таърих ба воситаи консепсияи ҳуқуқи табиӣ ва шартномаи ҷамъиятӣ нокифоя ва беэътимод дониста шуд. Дар инқилоби Франсия ва воқеаҳои баъдина на танҳо ғояҳои ратсионалистӣ, балки воҳимаву даҳшат, манфиатҳои тамаъкорона ва хурофот бо ҳам бархӯрданд. Ночор дар ҷамъият масъала оид ба аҳамияти таърихии на танҳо муборизаи ғояҳо, инчунин чи хеле ки таҷрибаи инқилобӣ нишон дод, муборизаи гуруҳҳои иҷтимоӣ ба миён омад. Кушода шудани роҳ барои табаддулоти саноатӣ бошад масъалагузорӣ оид ба нақши иқтисод дар рушди ҷомеаро фаъол гардонд.

Дар ҳамин шароит дар маданият ва илмҳои иҷтимоӣ - гуманитарӣ равияи нав – романтизм[2] ташаккул меёбад. Мафҳуми романтизмро бори нахуст нависандаи немис барон Георг Фридрих Филипп фон Гарденберг

---

[1]Теория и методология истории. Учебник для вузов. Ответственные редакторы В. В. Алексеев, Н. Н. Крадин, А. В. Коротаев, Л. Е. Гринин. Волгоград, 2014. С. 44.

[2]Романтизм (аз франс. romantisme) – як равияи адабиёт ва санъати Европа, ки нимаи аввали асри XIX дар Германия, сонӣ дар Франсия ва баъзе мамлакатҳои дигар ба вуҷуд омада, бо қоидаю услуби класситсизм мубориза мебурд, фардият ва ҳиссиёти қаҳрамононро ба мадди аввал мегузошт; пайравони ин равия дар асарҳои худ мавзуъҳои таърихӣ ва халқиро васеъ истифода мебурданд.



Сайнаков Сайнак Партшоевич

(бо тахаллуси адабии Новалис, с. 1772 – 1801) ҷорӣ намуд. Ба романтикҳо тамоюли кушодани далелҳои нав, додани тавзеҳи нав ба далелҳои аллакай маълум хос буд. Ин шарҳу тавзеҳоти онҳо на танҳо бошуурона, инчунин дар асоси фаҳмиши интуитивӣ (ҳисси беихтиёрона, гувоҳи дил, ҳисси пешакӣ) низ буданд. Ба масъалаи якранг набудани ақидаҳои романтикон нигоҳ накарда, мумкин аст чанд хусусияти умумии фарқкунандаи равияи мазкурро нишон дод:

1. Принсипи таърихият нигоҳ ба гузаштаро ҳамчун ба раванди органикии пайдоиш, барқароршавӣ, гулгулшукуфӣ, таназзул ва азбайнравии ин ё он зуҳурот пешниҳод намуд. Ҳар воқеоти таърихиро мебоист дар дохилу доираи ҳамон замон, дар системаи он арзишҳо, ки ба онҳо он тааллуқ дошт, шарҳ дода шавад. Аз ин принсип диққати ҷиддӣ додани романтикҳо ба ҳодистоти таърихии хусусияти ба худ хос доштаю беҳамто буда маншаъ мегирад.

2. Объекти рағбату завқи илмии онҳо пеш аз ҳама таърихи халқҳо ва мамлакатҳои алоҳида буд. Ин тамоюл талаботи воқеии худбаробаркунӣ (ҳаммонанд кардан, худидентификатсия) - и халқҳои Европа ва Америкаро, ки дар асри XIX болоравии ҳаракатҳои миллиро аз сар мегузаронданд, инъикос мекард.

3. Хусусияти хоси таърихнигории мазкур дар натиҷаи ниҳоӣ зери таъсири «руҳи мардумӣ» (шуури коллективӣ, психологияи миллӣ), ки ҳамзамон бо халқ зуҳур кардааст, муайян карда шудааст.

4. Ҳар миллат «руҳи халқӣ» - и худро дорад. Сарфаҳм рафтани руҳи халқӣ тавассути аз худ кардан, тавассути мушоҳидаи ҳиссӣ ворид шудан ба моҳияти предмет мумкин аст. Пешниҳоду нақл намудани хусусиятҳои хосу бемислу беназири давраҳо мумкин аст, агар ба баёнкунии равшану намунавӣ дастёб шуд[1].

[1]Айрапетов А. Г. История исторической науки. Историография всеобщей истории. Курс лекций // http://www.allbest.ru/



Сайнаков Сайнак Паршиоевич

Ҳамин тавр, таърихнигории романтикӣ ҳаракати таърихро ҳамчун раванди органикӣ медонист. Ҳар ҳодисаи таърихро он дар барқароршавӣ, рушд ва барҳамхӯриаш баррасӣ мекард. Муаррихон - романтикон тамоми ҳодсиаҳои гузаштаро ҳамчун нотакрор ва беҳамто қабул мекарданд. Дар асарҳои онҳо бори нахуст дар тафаккури таърихӣ ва гуманистии Ғарб ҳудуди саҳеҳ байни гузаштаву ҳозира ба вуҷуд омад. Ҳар давраи таърихи умумиҷаҳонӣ оид ба мавҷудияти худ, беҳамто будан ва саҳм гузоштан дар рушди таърихи инсоният ҳуқуқи баробарро гирифтанд.

Ғояҳои мусбию беҳтарини романтикон дар ҷиддан мавриди омӯзиш қарор додани решаи таърихии институтҳои гуногун (мисол ҳуқуқ), хусусиятҳои «руҳи халқ», хислати индивидуалии давраҳо ва зуҳурот таҷассум ёфта буд. Ҳамаи инҳо барои даҳсолаҳои минбаъда ҳамчун барномаи рушд замина гардиданд.

Дар натиҷа равишҳои зерин сурат гирифтанд:

1. Рӯ оавардан ба омӯзиши таърихи миллӣ, дар натиҷаи ин паст шудани таваҷҷӯҳ ба таърихи умумиҷаҳонӣ;

2. Баланд бардоштани нақши таърих ҳамчун қисми муҳими таркибии ғояи миллатгароӣ;

3. Васеъкунии мавзуъҳои таърихнигорӣ (эҷодиёти халқ, таърихи ҳуқуқ ва ғайра);

4. Инкоркунии ғояҳои инқилоб ва табаддулоти бузург дар таърих;

5. Азнавбаҳодиҳӣ дар самти муносибат ба ҳуҷҷатҳо ва фактҳо, на танҳо дар назари муаррихон, инчунин файласуфон яку якбора баланд рафтани аҳамиятнокии онҳо. Ин раванд дар даҳсолаҳои минбаъдаи асри XIX идома ёфта, қуллаи баландтарини худро дар позитивизм дарёфт[1].

Дар нимаи авали асри XIX таваҷҷуҳи ҷамъият ба таърих бениҳоят баланд буд. Ҳанӯз соли 1823 О. Терри қайд намуд, ки маҳз таърих дар

---

[1]Ниг.: Гринин Л. Е. Теория, методология и философия истории: очерки развития исторической мысли от древности до середины XIX века. Лекция № 9. Первая половина XIX в. // Философия и общество. № 4. – октябрь – декабрь – 2010. С. 145 – 197.

асри XIX нишону паи худро мемонад ва ба он номи худро мегузорад, чи тавре ки фалсафа номи худро ба асри XVIII дод. Маҳз дар ин давра дар донишгоҳҳои бонуфуз факултету шуъбаҳои таърих кушода шуда, осорхонаҳо, ҷамъиятҳои таърихӣ, маҷаллаҳои тахассусии таърихӣ таъсис дода шуданд. Дар як қатор давлатҳо маҷмӯаи бисёрҷилдаи маъхазҳо оид ба таърихи миллӣ, аз ҷумла «Ёдгориҳои таърихи Германия», «Ҳуҷҷатҳои интишорнаёфта оид ба таърихи Франсия», «Ҳуҷҷатҳои давлатии Америка» аз нашр баровардa шуданд. Аҳамият пайдо намудани лексияҳои кушоди Ф. Гизо, Ф. Шлоссер, Т. Н. Грановский, ғайри ин романҳои таърихии В. Скотт, В. Гюго, О. де Балзак, Ф. Купер ва А. С. Пушкин таъсири худро на танҳо дар адабиёти бадеӣ расонданд, инчунин ҳангоми навиштани таърихи миллии кишварҳояшон аз онҳо васеъ истифода шуданд.

Дар ин вақт муаррихони франсузӣ Ф. Гизо, О. Терри ва Ф. Мине бори нахуст назарияи буржуазии мубориза синфиро тартиб доданд, аммо характери эксплуататор (истисмор) - ӣ доштани давлати буржуазиро инкор мекарданд.

Дар романтизм се равияи асосиро ҷудо менамоянд: консервативӣ, либералӣ ва демократӣ.

Намояндагони равияи консервативӣ рафт ва натиҷаи Инқилоби Франсияро манфӣ баҳогузорӣ менамуданд. Равияи либералӣ дар романтизм бошад ратсионализми маорифпарварон, консепсияи пешрафти онҳоро бо ғояҳои рушди органикии ҷамъият синтез карданд. Тарафдорони ислоҳот, романтикони либералӣ аҳамияти таърихии инқилоб, аз ҷумла Инқилоби асри XVIII Франсияро эътироф намуданд.

Ҳамин тариқ, романтизм аз бисёр ҷиҳат имкон дод, ки таърихнигории миллии давлатҳои Ғарб рушд намояд. Дар давраи мазкур нашри як қатор маъхазҳои пеш дастнорас буда сурат гирифт, муассисаҳои зиёди таърихӣ, аз қабили комиссияҳо, маҷаллаҳо, ҷамъиятҳою марказҳои илмии таърих кушода шуданд.

Ба дастовардҳои таърихнигории романтикӣ офаридани шакли нави асарҳои таъхрихӣ низ шомил аст, ки дар онҳо мақоми асосӣ ба нақли ҳақиқӣ ва муфассали таърихӣ дода шудааст. Ин боис гардид, ки нақши илми таърих дар коркарди ақидаи ҷамъиятӣ ва дигар самтҳои ҳаёти иҷтимоӣ баланд гардад. Техникаву ҳунари таҳқиқоти таърихӣ ва истифодабарии танқиди таърихӣ низ аз давраҳои пештар дида, дар давраи таърихнигории романтикӣ ба сатҳи баландтар бардошта шуд.

Дар баробари муваффақиятҳо таърихнигории романтикӣ низ тарафҳои манфии худро дошт. Яке аз норасоиҳои равияи мазкур, новобаста аз тобишҳои иҷимоӣ - сиёсии он, ин асоси методологияи идеалистии сар то пои он мебошад. Романтизм, ғояи рушдро, ки ҳанӯз дар асри XVIII падид омада буд, дастраси тамоми тафаккури ҷамъиятию илмӣ гардонд, аммо ғояи рушд танҳо ҳамчун рушди ғояҳо дониставу баррасӣ мешуд. Ҳар муассисаи алоҳида, сохти ҷамъиятӣ ё сиёсӣ, тамоми таърихи халқ дар умум танҳо аз нуқтаи назари амалӣ намудани ғояи муайян ё рӯй гардондан аз он омӯхта мешуд. Ғояҳо оламро идора мекунанд, сарнавишти халқҳо ва давлатҳоро муайян менамоянд, муборизаи байнихудии ҳизбҳо, синфҳо, миллатҳои бутунро ба миён меорад. Ҳамин тариқ, асоси моддии ҳаёти ҷамъиятӣ аз назари романтикон қариб, ки канор монд ва онҳо ба он беэҳтиромона мунсибат намудаанд.

Норасоии дигари романтизм ин аз ҳад зиёд боло бардоштани нақши хусусиятҳои миллӣ, ба худ хос будани нишонаҳои миллӣ дар рушди таърихии ин ё он халқ мебошанд. Ин миллатгароӣ дар оянда имконияти ташаккул додани таълимот дар бораи миссияи таърихӣ ва бартарияти як халқ аз болои дигар халқро ба миён овард.

Сайнаков Сайнак Паршиоевич

## 2. ТАЪРИХНИГОРИИ ФРАНСИЯ

Дар давраи мазкур дар Франсия таълими таърих дар литсейҳо ҷорӣ карда шуд, дар сохтори факултетҳои адабиётшиносӣ ва забоншиносӣ кушодани кафедраи таърих ба назар гирифта шуда буд. Императори Франсия Наполеони I низ ба таърихи таваҷҷӯҳи зиёд дошта, дар замони ӯ чанд муассисаи соҳаи таърих таъсис дода шудаанд. Аз ҷумла, дар назди Институти миллӣ сексияи таърих ва адабиёти қадим кушода шуд. Соли 1816 бошад Академияи навиштаҷот барқарор карда шуд. Соли 1821 бошад барои тайёр намудани архивистон «Мактаби хартий» таъсис дода шуд. Аз соли 1819 сар карда, дар буҷаи давлатӣ барои нигоҳдории ёдгориҳои таърихи миллӣ маблағҳо ҷудо карда мешуданд.

Дар замони Наполеон бархе аз муаррихон шахсияташро боло бардошта, ӯро дар баробари Искандари Мақдунӣ ва Карли Кабир мегузоштанд.

Тағйироти куллӣ дар илми таърих дар давраи Реставратсия ба вуҷуд омад. Маҳз дар ҳамин давра таърих дар Франсия «илми аср» гардид. Ин тағйироти куллӣ бо хусусияти хоси «тафаккури романтикӣ», ки таваҷҷӯҳи баланд ба гузаштаи таърих, махсусан ба он нақше, ки дар ин солҳо илми таърих ба даст овард, сахт алоқаманд аст. Таърих ба майдони асосии муборизаи ғоявӣ - сиёсии иртиҷоияти дворянӣ ва буржуазияи либералӣ табдил ёфта, ба сифати масъалаи асосӣ муносибат ба Инқилоби Франсия ва мероси он, ки дар институтҳои буржуазӣ, меъёрҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва таълимоти сиёсӣ таҷассум ёфта буд, ба миён омад.

Дар умум тафаккури таърихӣ дар ин давра возеҳу равшан сиёсатзада ва идеологизатсиязада буд. Аксарияти муаррихони франсузӣ бевосита ба фаъолияти сиёсӣ ва давлатӣ машғул буданд[1]. Ин боиси он

---

[1]Терехов О. Э. Историческая мысль и историческая наука Запада XIX – XX веков. Учебное пособие. Кемерово, 2006. С. 19.

гашт, ки дар таърихнигории романтикии Франсия ду равияи асосии он – консервативӣ ва либералӣ ҷудо шаванд.

Дар таҳқиқи таърих ва даврабандии он нақши мутафаккири бузург, асосгузори сотсиализми хаёлӣ Клод Анри Сен - Симон (1760 – 1825) низ калон буд, ки ӯ дар муайян намудани зинаи рушд аз аввалинҳо шуда, аз мафҳумҳои «ғуломдорӣ» ва «феодалӣ» истифода намуд. Схемаи зинаи рушди ӯ аз инҳо иборат буд:

- зинаи ибтидоии пеш аз давлат;
- зинаи ғуломдории Антиқа (зинаи юнонию римӣ);
- феодализми крепостнойӣ (зинаи асрмиёнагӣ);
- ҷамъияти саноатӣ (зинаи муосир).

Даврабандии мазкур, бо камтар ворид намудани тағйирот ба он, баъдтар аз ҷониби равияи марксизм пурра иқтибос гирифта шуд[1].

**Мактаби консервативӣ.** Намояндагони равияи консервативӣ дар Франсия нависандагон ва публитсистон Жозеф де Местр, Л. де Боналд, Ф. Монлозе, Ф. Шатобриан аз тарзу равиш, тасвиру усулҳои мактуботи романтикӣ истифода бурда, кӯшиш намуданд, ки тобишу хусусияти асрмиёнагиро, ки тибқи ақидаи онҳо он замон насрония ахлоқро нексиришт кард, аз нав таҷдид намоянд. Романтикҳои кӯҳнапарст нуқтаи назари ратсионалистии маорифпарваронро инкор карда, консепсияи ҳуқуқи табиӣ ва шартномаи ҷамъиятиро зери интиқод қарор доданд. Аз ҷумла, дар асарҳои Ж. де Местр «Андешаҳо оид ба Франсия» (1797), Франсуа Рене де Шатобриан (1768 – 1848) «Нобиғаи Насрония» (1802) ва ғайра сохтори табақавии пешазинқилобӣ, монархия ва калисои католикӣ аз будаш зиёд нишон дода шудаанд. Кӯҳнапарастони мазкур муқаррар намуданд, ки:

1. Маълум шуд, ки ақл, маърифат (дар назар фалсафаи маорифпарварон) барои таъмин намудани устуворию бардавомӣ дар

[1]Ниг.: Теория и методология истории. Учебник для вузов. Ответственные редакторы В. В. Алексеев, Н. Н. Крадин, А. В. Коротаев, Л. Е. Гринин. Волгоград, 2014. С. 49.



Сайнаков Сайнак Париншоевич

ҷомеа заифу нотавон будааст. Тартибот доимо аз ҷониби этиқоди умумӣ нигоҳ дошта мешавад, ки нигоҳдоранда ва паҳнкунандаи он калисо мебошад. «Навиштани Конститутсия, қайд менамояд Ж. де Местр, доимо бешафқатию сангдилӣ аст, ҳол он ки ҳамаи моҳияти кор дар руҳи халқ аст. Руҳи мазкур пеш аз ҳама дар эҳсосоти ватандӯстӣ зуҳур меёбад.

2. Одамон табиатан нобаробар мебошанд, барои ҳамин нобаробарии табақавӣ табиатан вуҷуд дорад. Одамони беҳтарини мамлакат, яъне дарбориёну ашрофзодагон вазифадоранд, ки уҳдадориҳои махсусро ба ҷо оранд.

3. Дар муҳиту атрофи воқеӣ ҳама аз рӯи сохтори монархиявӣ ба тартиб даровардa шудааст: Худованд оламро идора мекунад, руҳ инсонро, падар оиларо, шоҳ мамлакатро. Иштироки халқ дар корҳои идоракунӣ сафсата аст[1].

Ҳамин хел аз ҷониби онҳо тартиботи табиие тасвир карда мешуд, ки гӯё он дар Франсия бо зуҳури халқи нав (табақаи нав) – буржуазия вайрон карда шуд. Инқилоб, иброз медоштанд онҳо, сӯиқасди ин «нажоди ғуломон», бемаънигии хунин буд, ки организми давлатии табиатан камолёфтаи Франсияро шикаст.

Граф Жозеф де Местр (1753 – 1821), публитсист, ходими сиёсӣ, файласуф, яке аз идеологҳои асосии ҳаракатҳои клерикалӣ - монархӣ буда, муддате дар ҳиҷрат дар Санкт - Петербург зистааст. Соли 1796 дар ҳиҷрат рисолаи ӯ «Андешаҳо оид ба Франсия», ки бар зидди Инқилоби Франсия равона гардида буд, аз нашр баромад. Ба қалами ӯ инчунин асарҳои «Оид ба папа» (1819), «Шомгоҳони Петербург» (1821) тааллуқ доранд.

Ж. де Местр ақидаҳои маорифпарваронро нисбат ба инсон рад мекард. Ба ӯ тасаввуроти пессимистӣ оид ба табиати инсон хос аст, – инсонҳо бадахлоқанд. Аз ин сабаб қонуни олам ин зулм, ноадолатӣ ва

[1]Айрапетов А. Г. История исторической науки. Историография всеобщей истории. Курс лекций // http://www.allbest.ru/. С. 21



Сайнаков Сайнак Париншоевич

натиҷаи ногузири онҳо дар ҷамъият куштор, ҷангҳо, ҷиноятҳо мебошанд. Барои идоракунии ҷамъият ҳокимияти эътирознопазири калисо ва давлат, дағалӣ ва зулм, инкивизитсия ва ҷаллод заруранд. Беҳтарин тартиботи ҷамъиятӣ, ба гуфти ӯ, ҳокимияти номаҳдуди шоҳ аст, ки бо ёрии дарбориён идора мекунад. Болотар аз шоҳ дар замин танҳо ҳокимияти калисо меистад, ки дар симои папа таҷассум ёфтааст. Барои ҳамин дар нуқтаи назари идеологияи худ Ж. де Местр дурусткории папа ва мутлақияти шоҳро мегузорад, ки ба ақидаи ӯ ба мистикаи ибтидоӣ такя менамоянд ва ҳокимияти илоҳиро намояндагӣ мекунанд.

Шоҳ ҳокимияти худро тавассути ҳуқуқи Худовандӣ ба даст меорад. Аз барои ҳамин, аз нуқтаи назари Ж. де Местр, ғояи шартномаи ҷамъиятӣ на танҳо нодуруст аст, инчунин он бевиҷдонона аст. Бунёди ҳақиқии ҷамъият – алоқамандии органикии воҳидҳо ва гуруҳҳои хусусӣ бо давлат аст, ки аз онҳо танҳо ба монарх мустақилият дода мешавад.

Ж. де Местр душмани ашадии Инқилоби Франсия буда, ақидаи принсипиалии аз имкон берун будани дигаргунсозӣ дар ҷамъият ва давлат тавассути дар рӯҳияи ақл навиштани қонунҳо ва конститутсияро асоснок намудааст. Давлат тавассути конститутсияҳои навишташуда асос намеёбад. Моҳияти кор дар рӯҳу иродаи халқ аст, дар таърихи худ одамон ба қувваҳои торик ва қавӣ тобеъ мебошанд, ки чунин қувваҳо рафтор, анъана, хаёли воҳӣ ҳастанд, ки аз болои инсонҳо қатъи назар аз ирода ва шуурашон ҳукмронӣ мекунанд

Назари умумии муҳаққиқ ба таърих динӣ - провиденсиалӣ буд. Аз нуқтаи назари мазкур ӯ Инқилоби Франсияро шарҳ додааст. Мазкур қайд намудааст, ки гарчанде ки инқилоб кори шайтонӣ буд, аммо бошад набошад дар он ҳам возеҳу равшан дасти насиба намудор аст: инқилоб ҳамчун ҷазо пайдо шуд, аз ҷониби Худо ба гуноҳҳои франсузҳо ҳамла намуд. Бо такаббуру ғурури фалсафаи худ, яъне ғояи маорифпарварон, бо даъвои доноӣ ва роҳбарӣ намудани инсонҳо баромад намуд. Барои



Сайнаков Сайнак Парвишоевич

он ки инқилобро мутеъ ва беобрӯ намояд, Худованд маҷбур шуд, ки онро дар давраи ҳукмронии кӯтоҳмуддаташ ҷазо диҳад ва ин ҷазои даҳшатнок ягона воситаи наҷоти Франсия буд. Сабабҳои мушаххаси инқилобро ӯ бо рушди тафаккури танқидӣ, фалсафа ва илми асрҳои XVII – XVIII алоқаманд донист, ки эътиқоди динӣ ва тартиботи кӯҳнаро заифу вайрон гардонданд. Сарчашмаи пешини фалсафаи харобкунандаро ӯ дар Ислоҳотчигӣ, таълимоти Мартин Лютер ва Жан Калвин медид.

Намояндаи дигари намоёни романтизми консервативии Франсия Франсуа Рене де Шатобриан (1768 – 1848) буд. Дар ҷавонӣ ӯ дар муҳити озодандешии фалсафӣ ва сиёсӣ ба воя расида, дар солҳои инқилоб қатъиян аз онҳо даст кашид. Муддате дар ҳиҷрат дар Лондон зиста, дар он ҷо асари худ «Таҷрибаи таърихӣ, сиёсӣ ва ахлоқӣ оид ба инқилобҳои қадим ва нав» - ро менависад, ки он соли 1797 дар Париж аз нашр мебарояд. Дар ин асар ӯ тамоми табаддулоти сиёсии аз Юнони Қадим сар карда, то дар замони худаш рух додаро оварда, онҳоро бо номи умумӣ инқилоб ба қалам додааст.

Ақидаҳое, ки оид ба таърих дар ин асар ҷой дода шудаанд, дар руҳияи скептитсизм[1] мебошанд. Дар он ҳаракатҳои ногузир дар доираи баста шуда, ки аз он инсон ҷиддан мехоҳад бароядро, пешниҳод менамояд. Мисол, Инқилоби Франсия дар асл ҳеҷ чизи навро надод, дар он такрори он чизе, ки аллакай дар таърихи антиқа буд, дида мешавад.

Франсуа Рене де Шатобриан низ нуқсону айби асосии инқилобро дар ғояҳои абстрактӣ, аз ҳаёти воқеӣ ҷудо будаи маорифпарварон медид, ки инқилобчиён онҳоро пешаи худ карда буданд. Аз ҷумла, тибқи назари ӯ якобинчиён кӯшиши дар амал ҷорӣ намудани ғояи дурӯғини

[1]Скептитсизм (аз юн. skeptikos – фикр мекунам, шак дорам). Равияи фалсафаи идеалистӣ, ки ҳар гуна имконняти дарккунии олами мавчуда ва ҳақиқати объективиро ба шубҳа мегирад. Шаккокӣ, нобоварӣ, ба ҳар чиз бо шубҳа нигоҳ кардан; хаққоният, имконият, дурустии чизеро ба зери шубҳа гирифтан; шаккокия.

мукаммалгардонии инсон, рафтори ӯ ва муассисон намуда, ба хотири ин ба бадкирдории бемисл роҳ доданд.

Таъсири калонро ба тафаккури таърихии замон асари ҳаштҷилдаи ӯ «Нобиғаи насрония» (1802) гузошт. Ӯ дар ин асар хостааст нишон диҳад, ки хушбахтии инсон дар эътиқоди ӯ ба дини насронӣ аст, аз тамоми динҳои мавҷуда насрония инсонгаротар аст ва барои озодӣ, рушди санъату илм аз ҳама мусоидтар аст. Дар асри миёна, ки насрония ҳумрон буд, Франсуа Рене де Шатобриан дар он давра сарчашмаи ахлоқи олӣ, назму шеъри баланд ва санъати баланд, идеали сохтори ҷамъиятӣ ва сиёсиро мебинад. Дар умум асари мазкури Франсуа Рене де Шатобриан орзую ҳаваси тартиботи кӯҳнаи Франсия буд.

**Мактаби либералӣ**. Дар Франсия солҳои 20 – 30 - уми асри XIX «мактаби таърихчиёни давраи Реставратсия» ба вуҷуд омад. Намояндагони намоёни он О. Терри, Ф. Гизо, Ф. Мине, А. Тер буданд. Объекти таваҷҷуҳи ҷиддии таҳқиқоти онҳо табақаи сеюм буд. Аз давраҳои асрмиёнагӣ сар карда, онҳо масъалаи мубориза табақаи мазкурро зидди дарбориён дунболагирӣ намуданд. Дар фарқият аз намояндагони кӯҳнапарасти романтикӣ намояндагони равияи либералӣ - романтикӣ побанди ба мафҳуми руҳи халқ додани моҳияти мистикӣ набуданд. Халқ (буржуазия ва мардумони баромади иҷтимоии ғайрасилзода) – ин умумият бо маданияти махсус ва хислати маънавӣ мебошад. Чунин баёнкунӣ тамоюли сиёсӣ - идеологии муаррихони либералиро таҷассум мекард. Яке аз намояндагони намоёни ин равия Огюстен Терри (1795 – 1856) дар асари бунёдии худ «Таҷрибаи таърихи зуҳур ва муваффақияти табақаи сеюм» (1856) баён медорад, ки таърихи табақаи сеюм дар Франсия аз асри XII, замоне, ки шаҳрҳои асрмиёнагӣ аз сенорҳо худмухториро гирифтанд, сар мешавад. Болоравии табақаи сеюм бо роҳбарии буржуазия дар рафти Инқилоби Франсия мустаҳкам ва бо инқилоби соли 1830 ба интиҳо мерасад. Ӯ чун аксарияти муаррихони замонаш ба омӯзиши таърих тавассути сиёсат ворид шуда,

Сайнаков Сайнак Парнишоевич

кӯшиш намудааст, ки бо ёрии он барномаи сиёсии буржуазияи либералиро асоснок намояд. Ба қалами ӯ «Даҳ соли таҳқиқоти таърихӣ», «Таърихи забт намудани Англия аз тарафи норманҳо» (1825), «Номаҳо оид ба таърихи Франсия» (1827) мебошанд.

Дар «Номаҳо оид ба таърихи Франсия» О. Терри фаҳмиши худро оид ба принсипи таърихӣ ҷой додааст. Қоидаи бузургро, ки О. Терри барои таърихнигорон пешниҳод менамояд, ин бояд фарқ намуд, на ин ки омехта кард... Ҳарф мемонад, рух иваз мешавад. Мисоли равшан дар ин ҷода ин назарҳо атрофи этноними “франсуз” мебошад.

Ҳамин тариқ, ӯ дар вақти инъикоси воқеот мушаххасотро талаб менамояд ва бар зидди модернизатсиякунии гузашта баромад мекард.

Дар мақолаҳои дар солҳои 20 - ум нашршудааш мазкур ислоҳоти илми таърихро ба миён гузошта, усули баёнкунии абстрактиро дар рӯҳияи ратсионализми маорифпарварии асри XVIII интиқод мекунад. Вазифаи асосии муаррихро О. Терри дар воридшавӣ ба «руҳи давра» ва бо ёрии тасаввуроти бадею интуитсия барқароркунии гузаштаро бо хусусияти хосу беҳамто доштанаш медонад.

Дар баробари ин муҳаққиқ ҳеҷ вақт методҳои ратсионалии дарккунӣ ва зарурати дар асоси онҳо барқарор намудани қонуниятҳои муайяни таърихиро рад намекард. Дар ҷавонӣ ӯ шогирд ва котиби сотсиалисти бузурги хаёлӣ Сен - Симон будааст. Ба қатъшавии ҳамкориҳои онҳо нигоҳ накарда, бархе аз паҳлӯҳои нуқтаи назари О. Терри махсусан дар зери таъсири Сен - Симон ба вуҷуд омадаанд. Аз ҷумла, консепсияи тақсимкунии ҷамъият ба синфҳо ва мубориза онҳо, донистани илми таърих ҳамчун таърихи иҷтимоӣ, яъне таърихи ҷамъият, халқ аз қабили онҳо мебошанд.

Ӯ дар таърихи тафаккури таърихӣ ҳамчун падари «муборизаи синфӣ» дар таърихнигории Франсия ворид шуд. Ғояи муборизаи синфҳо, аниқтараш дар маънидодкунии муаллиф «табақаҳои гуногун», «халқҳои



Сайнаков Сайнак Таринпоевич

гуногун» ё «нажодҳо» - ро ӯ дар асоси консепсияи таърихи Франсияи худ ворид намуда, пайдоиши онро бо забткориҳои германиҳо дар Галлия алоқаманд донист. Ҳамин тариқ, муҳаққиқ консепсияи таърихии худро тибқи назарияи забткунӣ, ки бори нахуст назарияи мазкур дар давраи Инқилоби буржуазии Англия ба вуҷуд омад, пешниҳод намуд.

Дар натиҷаи забткориҳо, – менависад О. Терри, – дар қаламрави Франсия ду «нажод», ду халқи оштинопазири бо ҳам хусумат дошта – забткорон - франкҳо, аҷдодони дарбориён ва мазлумон – галлу римиҳо, аҷдодони табақаи сеюм зуҳур карданд. Мубориздаи онҳо таърихи минбаъдаи мамлакатро тезу тунд намуд. Марҳалаи асосии он «инқилобҳои коммуналии» асри XII, Инқилоби Франсия дар асри XVIII буданд. Мубориза аз давраи Реставратсия аз сар гирифт, анҷоми он бояд тантанаи ниҳоии табақаи сеюм гардад.

Муборизаи коммунаҳои шаҳрӣ бар зидди феодалон дар асрҳои XI – XII дар эҷодиёти ӯ мавқеи асосиро ишғол менамояд. Муборизаи шаҳрҳо барои худмухториро О. Терри «инқилоби ҳақиқии иҷтимоӣ», муқаддимаи таърихии Инқилоби асри XVIII - и Франсия донистааст. Дар ҳаракатҳои шаҳрӣ ва инқилобҳои коммуналӣ О. Терри таҳкурсии ҷамъияти нави аврупоӣ, зуҳури синфи нав – буржуазияро мебинад, ки тибқи нуқтаи назари ӯ аллакай дар ибтидои асри XIX пешбарандаи асосии маданият мебошад.

Чунин ақидаҳоро О. Терри дар асарҳояш дар давраи Реставратсия пешниҳод кардааст. Аммо баъди инқилоби соли 1830, ки тибқи ақидаи ӯ он муборизае, ки табақаи сеюм бурда истодааст, ҷамъбаст мекунад, ақидаҳои О. Терри дучори оғози тағйиротворидкунии муаллиф гардиданд. Аммо ба ақидаҳои ӯ махсусан Инқилоби соли 1848 таъсири ҷиддӣ расонданд, ки дар рафти он бори нахуст зада шикастани табақаи сеюм саҳеҳ дида шуд. Зиддияте, ки байни пролетариат ва буржуазия соли 1848 шуда гузашт, назари О. Терриро тағйир дод. Ӯ акнун исбот мекард, ки чунин антагонизм дар гузашта набуд ва на бояд дар оянда бошад. Дар

алоқамандӣ ба ин муаррих ба таърихи ҳаракатҳои халқии гузашта бо дигар самт назар мекард. Ҳамдардии пешинаи ӯ ба Жак Простак, ки пештар ӯро ҳамчун қаҳрамони таърихи Франсия бароварда буд, аз байн меравад. Дар солҳои охири ҳаёташ бошад О. Терри ба самти дин, миститсизм тоб хӯрда, аз гуноҳҳои пеш содирнамудааш бар зидди калисо афсӯс мехӯрд.

Франсуа Пера Гийома Гизо (1787 – 1874) – сиёсатмадор, муаррих буда, ӯ низ, ба монанди О. Терри дар бартарӣ аз дигар давраҳои таърихӣ даврai асрмиёнагиро бисёртар аҳамият додааст, аммо новобаста ба ин дар маркази диққати муаррих даврai нав низ қарор доштааст. Дар солҳои 20 -ум, асарҳои вай, ки ба таърихи Франсия дахл доштанд, инҳо мебошанд: «Таҷрибаҳо оид ба таърихи Франсия» (1823), «Таърихи тамаддун дар Аврупо» ва «Таърихи тамаддун дар Франсия».

Ф. П. Г. Гизо дилбохтагии романтикии О. Терриро бо методҳои «ҳамдардӣ» ва донистани бадеии гузашта ҳамраъйӣ накард. Ф. П. Г. Гизо, ки қобилияти фавқулоддаи таҳлилӣ дошт, кӯшиш намуд, ки самтҳои асосиро дар рушди ҷамъият ҷудо намояд, барои офаридани таърихи ҷамъбастӣ майл намуд. Дар ин самт ӯ анъанаи волтериро дар таърихнигорӣ давом дод. Онро инкишоф дода, ғояи прогрессро дар таърих ҳимоя мекард. Ба муаррихони дигари либералӣ низ он хос буд, аммо дар асарҳои Гизо бошад он пайдарпай ва равшану возеҳ инъикос ёфтааст. Рушди рузафзун ба самти мукаммалшавии ҷамъият ва инсонро ӯ ҳудуду нишонаи тамаддунҳо, хусусан аврупоӣ, ки аллакай XV аср вуҷуд дорад ва доимо дар ҳолати прогрессӣ қарор дорад, донистааст.

Дар баробари О. Терри Ф. Гизо яке аз асосгузорнони назарияи буржуазии муборизаи табақавӣ ҳисобида мешавад. Дар заминаи он ӯ консепсияи худро оид ба таърихи Франсия ва Аврупо тартиб додааст. Тибқи назари ӯ мубориза байни табақаҳо тамоми таърихи навро пур мекунад, мумкин гуфт, ки аз он Аврупои муосир тавлид ёфтааст. Ӯ мисли О. Терри, муборизаи мазкурро натиҷаи забткориҳои германиҳо



Сайнаков Сайнак Парпиоевич

донистааст. Аммо дар асарҳои асосии худ ӯ ба ин масъала тавзеҳи чуқуртар дода, онро на бо забткориҳо алоқаманд донист, балки бо рушди минбаъдаи муносиботи молумулкӣ, пеш аз ҳама муносиботи моликияти замин алоқаманд намуд. Дар асари худ «Таърихи тамаддун дар Франсия» масъалаи муайянкунандаи моҳияти феодализмро мебардорад. Ӯ се нишонаи мавҷудбудаи феодализмро ҷудо менамояд. Якум – иҷтимоӣ – характери шартии моликияти заминдорӣ, ки муҳаққиқ дар мақоми аввал мегузорад. Ду нишонаи дигар – сиёсӣ. Аввалаш якшавии ҳокимияти болоӣ бо моликони замин, ки бо шарофати он хокимияти сиёсӣ дар дасти феодалон буд, дуюм ҷорӣ намудани иерархия дар миёни соҳибмулкони феодалӣ.

Ӯ махсусан бо курсҳои лексионии худ, «Таърихи тамаддун дар Франсия» (1823), «Таърихи тамаддун дар Европа» (1828), ки дар Донишгоҳи Сорбонна мехонд, машҳур буд.

Ф. Гизо шарҳу тавзеҳи худро оид ба мафҳуми тамаддун пешниҳод кардааст, ки зери он аввал пешрафт ва рушд дониста мешавад[1]. Ӯ ду ҷанбаро ҷудо менамояд: пешрафти ҳаёти шаҳрвандӣ; муносиботи байни инсонҳо ва пешрафти рухи инсонӣ. Ба назарияи забти Галлия аз тарафи римиҳо ва баъд франкҳо такя карда, ӯ табақаи сеюмро аз решаи римӣ ҷудо менамояд. Тибқи ақидаи вай таърихи гузаштаи Франсия пур аз муборизаҳои табақавӣ буд. Яке аз давраҳои ин гуна муборизаҳои даҳшатоk, аммо одилона, Инқилоби Франсияи охири асри XVIII буд. Асоси муборизаи байни табақаҳо ин зиддияти молумулкӣ (замин ва вобаста ба он) меистод, ки дар навбати худ дар табиати инсон реша давонда буданд ва аз сатҳи рушди маънавии инсон вобастагӣ доранд.

Ф. Гизо мӯътақиди он набуд, ки муборизаи табақаҳо бояд бо ғалабаи комили як тараф аз болои тарафи дигар ба охир расад. Идеали вай ваҳдати миллӣ дар давраи ҳукмронии буржуазия буд. Ӯ побанду

---

[1]Ниг.: Гизо Ф. История цивилизации в Европе. М., 1996.

муштоқи рушди таърихии Англия буд, ки дар ин мамлакат гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ маҷбур буданд ва тавонистанд, ки дар лаҳзаи зарурӣ ба самти созиш ҳаракат намоянд. Роҳи таърихии Англия ва Франсияро муқоиса намуда, Гизо қайд менамояд, ки Британия метавонист барои Франсия пас аз ҳодисоти соли 1879 намуна шавад. Англия Робеспер ё Наполеони худ – Кромвелро пешгирӣ ва мутеъ намуд, ки ин имконият дод, Англия, ором, аммо инқилоби тақдирсози соли 1688 - ро гузаронад ва системаи мустаҳками ҷамъиятиро барқарор намояд. Тибқи назари муаллиф Франсия танҳо дар июли соли 1830 тавонист ин таҷрибаро такрор намояд.

Франсуа - Огюст Мине (1796 – 1884), муаллифи «Таърихи Инқилоби Франсия» (1824) буда, дар инқилоб се қувваро ҷудо менамояд: синфи соҳибимтиёз, синфи миёна (буржуазия) ва халқ. Фаъолияти инқилобии синфи миёна натиҷаи худ, конститутсияи соли 1791 - ро дошт ва фаъолитнокии халқ ба барқароршавии диктатураи якобинчиён ва қабул намудани конститутсия дар соли 1793 оварда расонд. Ф. Мине ба тарафдории синфи миёна майл намуда бошад ҳам, аммо принсипи таърихиро пайгирӣ намуда, ӯ ҳамаи давраҳои инқилобро қонунӣ донист. Ба назари ӯ то инқилоб дар Франсия шакли асрмиёнагии ҷамъиятӣ мавҷуд буд. Тартиботи мазкури кӯҳнаро инқилоб ба тартиботи нав, то ҳаде одилонатар ва мутобиқ бо талаботи замон иваз намуд. Инқилоб на танҳо ҳокимияти сиёсиро иваз намуд, балки дар тамоми сохторҳои дохилии миллат табаддулот ба вуҷуд овард. Ӯ инчунин даъват кард, ки роҷеъ ба инқилоб бояд ҳам аз нуқтаи назари сиёсӣ ва ҳам ахлоқӣ муҳокимаронӣ кард.

Муҳаққиқи дигар Адолф Тер (1797 – 1877) дар асарҳои худ «Таърихи Инқилоби Франсия» (1823 – 1827) ва «Таърихи консулгарӣ ва империя» (1845 – 1869), ҳамчун Мине, ҳамаи давраҳои инқилобро ногузир эътироф кард. Ӯ консепсияи «блоки инқилобӣ» - ро пешниҳод



Сайнаков Сайнак Паршиоевич

карда, онро аз мавқеи буржуазӣ - либералӣ ва ватандӯстӣ шарҳу тавзеҳ дод. Дар асарҳои А. Тер маводи фаровони нав оид ба таърихи ҳарбӣ ва молиявии инқилоб оварда шудааст.

Алексис – Шарл - Анри Клерел де Токвил (1805 – 1859), аз авлоди дарбориёни қадима, мансабдори калон (вазири корҳои хориҷии Франсия, с. 1849), сотсиологи сиёсӣ ва муаррих буда, бо навиштани асари худ «Демократия дар Америка»[1] (1835), ки натиҷаи сафари солҳои 1831 – 1832 ӯ ба ШМА буд, шӯҳрат ба даст овард. Аз рӯи характери худ асари мазкур пурра сиёсӣ аст, аммо он дар ташаккулёбии консепсияи таърихии А. де Токвил таъсири калон расонд. Ин асар таъсири ҷиддии худро ба ташаккулёбии шарҳу тавзеҳдиҳии таърихи Инқилоби асри XVIII Франсия расонд. А. де Токвил ба Инқилоби якуми Америка баҳои мусбӣ додааст, ки тибқи назарсанҷии вай дар фарқият аз Инқилоби Франсия дар вазъияти муҳаббат ба тартибот ва қонуният рушд ёфта, алоқаи мустаҳкамро бо рӯҳияи динӣ ва ғояҳои озодӣ нигоҳ дошт. Идеали сиёсии Токвил, инчунин Англия низ буд, ки дар он ҷо иттиҳоди буржуазия ва дарбориён ба вуҷуд омад.

А. де Токвил ҳанӯз соли 1835 менависад, ки дар Америка дар асос (замина) - и фаъолият озодӣ қарор дорад, дар Россия бошад – ғуломдорӣ. Онҳо роҳҳои аз ҳам ҷудогона доранд, аммо ба ҳақиқат хеле наздик аст, ки Худованд пинҳон аз мо барои ҳар ду онеро омода кардааст, ки ҳар кадоми онҳо хӯҷаини нисфи олам хоҳанд шуд. Чуноне ки медонем, ин назарияи А. де Токвил дар асри XX амалӣ шуд.

Ӯ менависад, ки аз истибдоди аксарият ба деспотизми яккадаст расидан як қадам аст. Сарлашкари боистеъдод ҳама вақт метавонад бо ёрии артиш ҳокимиятро ғасб намояд ва халқ, ки аз итоат намудан ба ҳокимияти марказӣ одат намудааст, ҳамин ки хӯҷаини нав тартиботро таъмин намояд ва дорошавиро ҳимоя намояд, халқ бо ҷону дил аз

[1] Токвиль А. Демократия в Америке. М., 1992.

иштирок дар идоракунӣ даст мекашад. Воситаи ягона, ки метавонад чунин зуҳуротро пешгирӣ намояд, худи озодӣ аст. Озодӣ, ба ғайр аз фақат каноаътмандии манфиатҳои моддӣ, ба одамон бисёртар чизҳоро медиҳад. Аммо барои озодии ҳақиқӣ як конститутсия ва давлати бюрократӣ нокифояанд: ин танҳо тофта бастани сари озодӣ ба ҷисми ғулом мебошад. Десентрализатсияи васеи ҳокимият, бо назардошти нигоҳ доштани ҳуқуқи минимум дар дасти ҳокимияти марказӣ, зарур аст. Мамлакати калон наметавонад бе сохтори федеролӣ ҳастӣ намояд. Ва озодии матбуоту ташкилотҳо беҳтарин кафили зидди тирания (истибдод) - и аксарият ба ҳисоб меравад.

Дар асари дигараш «Тартиботи куҳна ва инқилоб» (1856) ӯ тафаккурронии сиёсии худро, аммо ин бор дар асоси маводи таърихӣ, идома додааст. Ӯ аввалин муаррих буд, ки ҳангоми навиштани асараш ба маъхазҳои бойгонии давраи пешазинқилобӣ ва давраи Инқилоби бузурги Франсия (протоколҳои Штатҳои генералӣ, маҷлисҳои музофотӣ ва ғайра) муроҷиат намудааст.

Ғояи асосии асари мазкури ӯ ин буд, ки дар қаҳри Франсияи кӯҳна то соли 1789 аллакай решаҳои Франсияи нав вуҷуд доштанд, ки аз онҳо бо роҳи осоишта, бе инқилоб метавонист «ҷамъияти нав» ба воя расад. Ин давраи болоравии иқтисодӣ буд, вақте ки дворянҳо ва буржуазия гул - гул мешукуфтанд, деҳқонон бошанд хеле барвақт аз инқилоб мулкдори замин шуданд ва оҳиста - оҳиста дар назди шахсияти монарх ҳамчун шаҳрванд дар самти ҳуқуқӣ баробар карда шуданд.

Дар зимни он ҷамъияти франсузӣ аз озодии сиёсӣ кайҳо тарки одат кард. Штатҳои генералӣ аз аввали асри XVII ҷамъ намешуданд. Муассисаҳои феодалиро вайрон намуда, шоҳон онҳоро ба бюрократия – ҳокимияти мутамаркази дағал иваз намуданд. Худидоракунии маҳаллӣ нест карда шуд. Ҳукумат ба таври сунъӣ мавҷудияти табақаҳоро дастгирӣ мекард ва худи ҷамъият зери парастории доимӣ нигоҳ дошта мешуд.

Сайнаков Сайнак Паршоевич

Агар рӯҳи озодӣ нигоҳ дошта шуда бошад ҳам, ки он дар муборизаи парламент бар зидди шоҳ зоҳир мегардид, он танҳо қудрати азбайнбарии истибдодро дошт, аммо на истифодабарии осудаҳолонаи озодӣ. Соли 1789 французҳо «тартиботи кӯҳна» - ро аз байн бурданд, аммо муҳаббат ба озодӣ, ки андаке пеш аз инкилоб пайдо шуда буд, зери таъсири анархияи инқилобӣ тез аз байн рафт. Шавқу рағбат ба ҷамъкунии сарват, зарур будани ҳокимияти тавоно дар шарити ҷангҳои бетанаффус ва тарс дар назди барқароркунии сохти табақавӣ ба ҷорӣ намудани диктатура оварда расонд. Наполеон табақаҳои французиро ба ҷамъияти ягона муттаҳид намуд, аммо дар баробари он давлати мутамаркази бюрократии «тартиботи кӯҳна» - ро барқарор кард. Баъди барҳамхӯрии ҳокимияти Наполеон дар байни французҳо чанд бор майл ба озодӣ ба вуҷуд омад, аммо озодӣ доимо аз ҷониби тартиботи боқимондаи наполеонӣ – ҳомиёни мутамарказӣ ва бюрократия боз буғӣ карда мешуд.

Асари худ «Тартиботи куҳна ва инқилоб» - ро Токвил дар зери таъсири хотироти инқилоби солҳои 1848 – 1849 ва табаддулоти Наполеони III навиштааст. Тартиботи авторитариро қабул накарда бошад ҳам, инчунин А. де Токвил ба усулҳои инқилобии дигаргунсозии ҷамъиятӣ ва ба фаъолияти издиҳом назари манфӣ дошт. Аммо ӯ қайд кардааст, ки тартиботи кӯҳна (сохти сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар Франсия то соли 1789) барои мардум ғайриқабул буданд ва инқилоби Франсияро зиддифеодалӣ донистааст. Дар баробари ин Токвил тавассути инқилоб барҳам задани тартиботи куҳнаро ногузир намешуморид. Тибқи мушоҳидаи ӯ, ки дар асоси таҳлили маводи чопшуда ва бойгонӣ хулосабарорӣ кардааст, хеле пеш аз инқилоб дар Франсия аллакай унсурҳои асосии ҷамъияти буржуазӣ, аз қабили молу мулки деҳқонӣ, ғайримарказӣ (супурда шудани баъзе вазифаҳои ҳукуамти марказӣ ба ташкилоти маҳаллӣ) кардани маъмурият ва баробарии шаҳрвандон дар

Сайнаков Сайнак Паршиоевич

самти ҳуқуқӣ ба вуҷуд омаданд. Инқилоб танҳо якбора ҳаракатҳои беихтиёронаву ташвишу тараддудӣ ва дарднокро бе гузариш, бе эҳтиёткорӣ, яъне ҳамаи онро, ки андак - андак, худ ба худ ва дар муддати давраи тӯлонӣ бояд паси сар мешуд, ба анҷом расонд. Дар масъалаи он ки маҳз барои чи инқилоб сар задааст, А. де Токвил ба ҷои муайян намудани сабабҳо, масъалаи оид ба гунаҳкорони инқилобро ба миён гузоштааст. Тибқи хулосаи ӯ гунаҳкорони инқилоб пеш аз ҳама ҳукуматдорони тартиботи кӯҳна мебошанд, ки ҳокимиятро мутамарказ намуда, худсарию истибдодро ҷорӣ карда буданд. Онҳо (амалдорон) аз болои барзгарон маҷбуриятҳо ва зулму ситамро бор карда, кишоварзонро аз ҷамъияти дигарон ҷудо намуданд.

А. де Токвил аввалин шуда, дар байни муаррихон таърихи пешазинқилобӣ ва баъдиинқилобии Франсияро дар системаи ягона алоқаманд кард.

**Равияи демократӣ.** Жюл Мишле (1798 – 1874), намояндаи равияи демократӣ, муаллифи «Таърихи Франсия» ва «Таърихи Инқилоби Франсия» мебошад. Ба қалами ӯ инчунин асари бо номи «Халқ» тааллуқ дорад, ки дар он симои аз будаш зиёд нишондодашудаи мулкдор – меҳнаткаш инъикос ёфтааст. Ӯ зикр менамояд, ки маҳз ғаризаи табиӣ (инстинкт) ва хислатҳои накӯкорӣ халқро ба мақсади ниҳоии дуруст – озодшавӣ аз ҷабри бисёрасра бурд. Монеа дар ин самт муборизаи ҳизбҳо, ки аз тарафи доҳиёни мансабпараст ташкил карда шуд, гардид. Ж. Мишле аввалин шуда, байни муҳаққиқони Инқилоби Франсия дар асарҳояш оид ба таърихи Инқилоби Франсия ҳуҷҷатҳои бойгониро истифода кард. Дар рӯҳияи ҳамин ғояҳо асари ӯ «Таърихи Инқилоби Франсия» навишта шудааст. Ин кӯшиши аз поён назар намудан ба инқилоб, ҳамчун таърихи муборизаи оммаи халқ буд, на ин ки таърихи буржуазия ва парламент. Ж. Мишле дар ин асараш возеҳу равшан ҳаракатҳои оммавии халқиро инъикос намудааст. Тамоми дастовардҳои инқилбро ӯ бо қаҳрамонӣ, истодагарӣ ва талафоти халқ алоқаманд кард.

Сайнаков Сайнак Паршиоевич

Ҳамчун асоси Инқилоби Франсия, ба гуфтаи ӯ, ғояҳои озодӣ, бародарӣ, адолат меистоданд, на манфиатҳои моддӣ. Ӯ Жорж Дантонро васф намудааст ва Максимилиан Робесперро, баръакс – инквизитор номидааст.

Ӯ ҳамчун муаррих тарафдори ҷумҳурӣ, демократия ба ҳисоб рафта, мубориза ҷасур бар зидди иртиҷоияти клерикализм[1] буд. Ж. Мишле дар таърихнигорӣ ҳамчун олиме сабт шудааст, ки ҳаёти худро ба навиштани таърихи халқ бахшидааст. Дар фарқият аз мактаби либералӣ қувваи асосии такондиҳанаи таърихи Франсияро на буржуазия, балки мардуми оддӣ, аз назари ӯ мулкдорони майда ва деҳқонон, донистааст. Ж. Мишле иброз медорад, ки дар фарқият аз буржуазия, инчунин одамони соҳибмаълумот, дар умум халқ камолоти табииро ҳифз менамояд. Халқ дар фаъолияти амалии худ на ба мулоҳизакории ақлӣ, балки ба инстинкти боқувввати халқӣ такя менамояд, ба халқ муҳаббат ба ватан, побандии мустаҳкам ба замин, қаҳрамонӣ, худқурбонкунӣ ва гармии самимона хос аст. Ж. Мишле аз таҳти дил ҳамдардии худро ба вазъи вазнини зиндагии табақаи поён баён мекард. Барои ҳамин инқилоби соли 1848 - ро ӯ нек пазируфт ва ҳамчун умеди худ дар роҳи беҳбудӣ донист, новобаста аз он ки бароmadи коргарон ӯро метарсонд. Тибқи ақидаи ӯ онҳо ягонагии миллатро халалдор намуданд.

Сайнаков Сайнак Наршоевич

[1]Клерикализм – аз лотинии *clericalis* «калисоӣ», аз юнонии κλῆρος (клир), «руҳониён», равияи сиёсӣ, ки нақши асосиро дар ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва мадании ҷамъият ба калисо ва руҳониён нисбат медиҳад.

## 3.ТАЪРИХНИГОРИИ АНГЛИЯ

Ба рушди донишҳои таърихии Англия дар даҳсолаҳои аввали асри XIX инқилоби саноатӣ таъсири калон расонд, ки раванди дифференсиатсия (ҷудошавӣ) - и донишҳои гуманитарӣ ва зина ба зина касбӣ шудани таҳқиқоти таърихиро тезонид.

Нақши калонро дар рушди таърихнигории давраи мазкур фаъолияти клубҳои публикаторӣ бозиданд, ки ба омӯзиши ёдгориҳои таърихии ватанӣ машғул буданд. Фаъолияти онҳо таъсисёбии муассисаи бойгонии – «*Public record office*» - ро дар соли 1838 муайян намуд.

Яке аз омилҳои асосие, ки ба равнақи тафаккури таърихии Англия таъсир расонд ин болоравии таваҷҷӯҳи ҷамъият ба таърих буд. Ба ин Инқилоби Франсия имконият фароҳам овард, ки дар зери таъсири он дар байни синфҳои доро майлу кӯшиши аз будаш зиёд нишон додани давраи асрҳои миёна, таърифу тавсифи сохтори иҷтимоию сиёсии пеш аз инқилоб буда, зиёд гардид.

Ғайр аз ин, мубориза бар зидди нақшаҳои забткоронаи Наполеон, худшиносии миллиро баланд бардошта, таваҷҷӯҳ ба гузаштаро баланд бардошт. Он дар ривоятҳои қадима, қиссаҳои нашршуда ва инчунин аз нашр баромадани романҳои таърихии Валтер Скотт (1771 – 1832), ки дар онҳо воқеоту равандҳои асосии таърихи Аврупои асрмиёнагӣ инъикос ёфтаанд, дарҷ гардидаанд.

Омили боз доштани рушди таърихнигории Англия ин назорати қатъии калисои англиканӣ аз болои раванди таълими донишҷӯён буд. Олимон маҷбур буданд, ки доимо тибқи муқаррароти динӣ фаъолият намоянд. Дар пайгирии мавзуъҳои асарҳои таърихӣ мақоми намоёнро таърихи калисо ва догмаҳои динӣ ишғол мекарданд. Танҳо солҳои 40 - ум – ибтидои солҳои 50 - уми асри XIX дар Оксфорд ташаккулёбии мактаби «юриспруденсия ва таърихи нав» оғоз гардид. Дар умум тафаккури таърихии давраи мазкури Англия берун аз муҳити донишгоҳӣ

Сайнаков Сайнак Париншоевич

рушд меёфт. Ғайр аз ин, муборизаҳои тезу тунд дар майдони сиёсӣ ба он оварда расонд, ки дар асоси ғояҳои ҳизбӣ дар таърихнигории нимаи аввали XIX Англия ду равия – торӣ[1] ва вигӣ[2] ташаккул ёфтанд, ки ҳар кадоми онҳо дар баҳодиҳӣ нисбати раванди таърихӣ нуқтаи назари худро доштанд.

Новобаста ба он ки таърихнигории Англия дар замони романтизм характери аниқи сиёсӣ дошт, аммо маҳз дар ҳамин давра дар самти предметӣ ва географӣ доираи таҳқиқоти таърихӣ васеъ гардид. Соли 1838 ҷилди якуми таҳқиқоти васеи Т. Тук «Таърихи нархҳо ва муомилоти пулӣ» аз нашр баромад, ки дар он дар асоси маълумоти далелии ғанӣ ҳаракати нархҳо ба маҳсулоти хӯрока ва пасту баландшавии қурби пул аз соли 1793 сар карда, муфассал баррасӣ гардидааст. Маҳз, дар ҳамин давра асарҳои умумӣ оид ба таърихи соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт нашр шуданд. Дар ин асарҳо дар самти фаҳмидани сабабҳои пайдошавии саноати нав кӯшишҳои нахустин ба харҷ дода шудааст.

Манфиатҳои васеи тиҷоратии Англия дар Шарқ таваҷҷуҳи муаррихони англисро ба ин минтақа зиёд намуд, ки дар ин самт Ҳиндустон ҷойгоҳи махсусро ишғол мекард. Дар ибтидои асри XIX Г. Коулбрук асари худ «Очерки ведҳо» - ро нашр намуд, ки аз ин пас дар таърихнигории ғарбӣ омӯзиши системавии хати қадимаи ҳиндӣ оғоз гардид.

Мақоми пешбарро дар таърихнигории нимаи аввали асри XIX равияи вигӣ ишғол мекард. Дар ташаккулёбии ақидаҳои таърихии равияи мазбур ғояҳои утилитаризми файласуф ва ҳуқуқшинос Иереми Бентам (1748 – 1832) нақш гузоштанд, ки ӯ исбот намуд, ки критерияи

---

[1]Торҳо (суиқасдчиён) – Ҳизби ашрофони заминдор (таъсисёбӣ с. 1678 – парокандашавӣ 1834), дар асоси он Ҳизби консервативии Британия таъсис дода шуд.

[2] Вигҳо (ғоратгарон, зархаридон) – ҳизб (таъсисёбӣ с. 1678 – парокандашавӣ 06.06.1859), номи кӯҳнаи либералҳои британӣ, дар асрҳои XVIII – XIX вигҳо ҳамчун ҳизби буржуазияи тиҷоратӣ-саноатӣ дониста мешуд. Аз ҳисоби вигҳо ва пилитҳо (торҳои мӯътадил, тарафдорони Роберт Пил) дар соли 1859 Ҳизби либералии Британия созмон ёфт.



Сайнаков Сайнак Паршиоевич

мақсаднокии ҳама гуна муассиса ва санади ҳуқуқӣ бояд принсипи фоиданокӣ бошад.

Намояндаи равияи консервативии таърихнигории романтикии Англия аз ҳизби вигҳо публитсист ва ходими сиёсӣ Эдмунд Бёрк (1729 – 1797) дар рисолаи худ «Андешаҳо оид ба Инқилоби Франсия» (1790) инқилоби Франсияро ҳамчун таҷовузкоронаю хунин ба қалам дода, интиқод кард, ки он ба бетартибию беҳокимиятӣ оварда расонд. Худи инқилоб ин натиҷаи сӯиқасди маорифпарварон, ки инқилоби фалсафиро амалӣ намуданд ва синфи нави доро мебошад. Қувваи ҳаракатдиҳандаи он – якобинчиён – одамони қувва, шефтаву савдозадаи таассуб ва ҳамзамон бесалоҳияту худписандон буданд. Инқилоб равиши табии рушдро, ки Худо муқаррар намуда буд, вайрон кард. Баръакси Франсия дар Англия, тибқи назари ӯ, ҳатто дар лаҳзаҳои қатъитарин эҳтиёт, дурандешӣ, одобу ахлоқ, ки дин дастгирӣ мекард, принсипи асосии роҳбарикунандаи сисёсатмадорон буданд.

Намояндаи бузурги равияи мазкур Генри Галлам (1777 – 1859) буд. Дар асари асосии худ «Таърихи конститутсионии Англия аз Генрихи II то Георги II (1485 – 1760)» ӯ системаи сиёсии Англияро таъриф мекунад, ки гӯё дар он «миёнаи тиллоӣ» тантана менамояд ва деспотизму анархия вуҷуд надорад. Дар фарқият аз дигар мамлакатҳо, қайд менамояд вай, дар Англия доимо қонуният ҳукмрон буд ва ба қонун ҳама, аз ҷумла ҳокимон ҳам, эътибор медоданд. Дар ҳақиқат, ӯ эътироф менамояд, ки дар таърихи Англия низ давраҳое буданд, ки ягон оштинопазирӣ ё ақидаю вазъиятҳои мухолифи якдигар муваққатан дастболо мешуданд. Мисол, дар давраи идоракунии Генрихи VIII истибдод ҳукмрон ва дар давраи инқилоби миёнаи асри XVII анархия тантана мекард. Аммо чунин давраҳо ба таври истисноӣ буда, кӯҳтомуддат буданд. Асосан Англия ин мамлакатест, ки зери қонуни хирадмандона ва конститутсия гул - гул шукуфта истодааст.

Г. Галлам, ки дар асараш бо тартиб ва муайян, принсипҳои таърихнигории вигиро ташаккул дод, ба хотири мазмуни асараш дар байни хонандагон дастоварди калонро ба бор овард. Аз нигоҳи илмӣ барои замони худ муаллифи асар қадамҳои калонро ба пеш гузошт. Аммо дар баробари муваффақиятҳо, Г. Галлам масъалаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодиро умуман назар накардааст, барои ӯ мафҳумҳои синф ва мубориза синфӣ бегона мебошанд. Вале воқеоти сиёсӣ ва таърихи конститутсиониро муаллиф дар асоси маъхазҳои васеъ пурра инъикос намудааст.

Дар асари дигари худ «Назар ба вазъияти Аврупо дар асрҳои миёна» (1818) ӯ дар бисёр мавридҳо ба таърихи гузаштаи Англия муроҷиат намудааст ва онро мамлакати пешбару тавонои Аврупои асрмиёнагӣ донистааст. Ба ин пешравӣ гӯё феодализми англисӣ даст додааст. Маҳз, феодализми англисӣ, тибқи назари ӯ, ба монархияи англисӣ имконият надод, ки тобеини худро истисмор ва фишор оварад ва гӯё он восита шуд, ки англисҳо ҳиссиёти ору номус ва қадру қимати худро ҳифз намоянд.

Намояндаи дигари ин мактаб, ҳамчун пайрави равияи либералӣ - романтикӣ, яке аз аввалин муаррихони касбӣ дар Англия Томас Бабингтон Маколей (1800 – 1859) буд.

Соли 1880 дар парламент интихоб шуда, дар соли 1832 дар мубориза барои ислоҳоти парламентӣ фаъолона иштирок намудааст. Барои ин мубориза ба ӯ дар ҳокимияти вигҳо дар Шӯро оид ба корҳои Ҳиндустон мансаби муфидро муносиб донистаанд ва соли 1839 бошад мазкур вазири ҳарбӣ таъйин мегардад.

Асари асосии ӯ «Таърихи Англия аз давраи ҳукмронии Якови II» (1842–1859) мебошад, ки таърихи давраи солҳои 1665 – 1702 - ро дар бар мегирад. Танҳо дар 25 сол дар худи як Англия он бо теъдоди 140 ҳазор нусха аз чоп баромадааст. Ӯ кӯшиш намуд, ки таърихро нависад, ки дар



Сайнаков Сайнак Парвиноевич

худ дақиқияти илмӣ ва манзалати адабиро муттаҳид намояд. «Таърихи Англия» - и вай намунаи беҳтарини тасвири миниатюрӣ, предмети мукаммал мебошад. Т. Б. Маколей иншои худро аз кушода додани хусусиятҳои вазъи сиёсӣ оғоз менамояд. Ӯ дар асари худ симои таърихии дусад нафар ходимони давлатии Англияро тасвир менамояд. Баъди ин вай ҳаёти иқтисодии мамлакатро таҳлил намуда, дар баррасии рушду инкишофёбии марказҳои шаҳрӣ қарор мегирад. Инъикоси ҳаёти шаҳрӣ ба очеркҳои муаллиф оид ба маданият иваз мешавад.

Т. Б. Маколей маводи зиёди чопшуда ва бойгониро омӯхтааст, ки дар байни онҳо ҳуҷҷатҳои расмӣ, ёддошту хотираҳо, мактубҳо, сурудҳои халқӣ, памфлетҳо, сатирҳо ва ғайрҳо мебошанд. Ӯ ҳатто аз он мавзеъҳое, ки дар он ҷо воқеаҳои асосии ин ё он давра рух дода буданд, дидан кардааст. Ӯ иброз менамояд, ки моҳияти давраи таърихӣ дар воқеоти бузурги таърихӣ ва фаъолияти шахсиятҳои намоёни замон кушода мешавад. Воқеаи марказии «Таърихи Англия» инқилоби соли 1688 мебошад. Барои ӯ инқилоби соли 1688 намунаи беҳтарини ҳал намудани масъалаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ мебошад. Он аз диди назари муаллиф роҷеъ ба зиддияти Якови II ва Вилгелм Оранский, нишонаҳои гузашта ва муосир таҳқиқ карда мешавад. Инқилоби мазкурро Маколей бо инқилоби миёнаи асри XVII Англия, ки он тибқи назари ӯ ба тавоноӣ ва бузургии мамлакат зарар расонд, муқоиса намудааст.

Намояндаи таърихнигории торӣ Арчибалд Алисон (1792 – 1867) дар асарҳои худ «Таърихи Аврупо дар давраи Инқилоби Франсия», «Таърих аз давраи Реставратсия то ҳукмронии Наполеон III» ба хулосае омадааст, ки ҳамагуна тағйирёбиҳо дар ҷамъият номатлуб ҳастанд, онҳо хатароти инқилобҳо ва барои тартиботи амалкунанда хавфнок мебошанд. А. Алисон ба ҳам гуна навигарӣ ҳуҷум намуда, системаи сиёсии Англияро васф намудааст. Таърихи Инқилоби Франсияро ғаразнокона инъикос намуда, фаъолияти якобинчиёнро бечуну чаро

Сайнаков Сайнак Партишоевич

танқид кардааст. Наполеон дар тасвири ӯ золими хунхор ва сиёсатмадорони англисии он замон Пит, Каслри, Веллингтон бошанд ҳамчун сулҳдӯст ва олиҳимату наҷиб тасвир карда шудаанд.

Равияи демократии таърихнигории романтикиро дар Англия Томас Карлейл (1795 – 1881) ва дигарон намояндагӣ мекарданд. Томас Карлейл шоир ва муаррих, яке аз муаллифони бонуфузи асри XIX Англия ба шумор меравад. Ӯ барои Англия корҳои калонро иҷро намудааст. Т. Карлейл таърихро илм ҳисоб накард, онро танҳо драмаи тарсу ваҳм, муборизаи некӣ ва бадӣ донист, ки муаррих бояд ёфта, равшан тасвир намояд. Аз ин сабаб, барои ӯ ҳангоми омӯхтани маводи таърихӣ на таҳқиқи интиқодии маъхазҳо, балки интуитсия, ки ба ӯ хулосаҳои субъективиро ба ёд меовард, асостар буд. Барои ҳамин асарҳои таърихии Томас Карлейл характери беллетристӣ[1] доштанд.

Дар ҷаҳонбинӣ ва ақидаҳои таърихии Т. Карлейл таъсири фалсафаи Гегел, таълимоти ӯ дар бораи руҳи мутлақ бараъло дида мешавад. Соли 1838 аввалин асари калонҳаҷми таърихии Т. Карлейл – «Инқилоби Франсия» аз нашр мебарояд. Асари мазкури Карлейл ҳам аз ҷониби вигҳо ва ҳам торҳо хуш пазируфта шуд.

Нововарии таҳқиқоти мазкур дар он аст, ки дар ин асар дар баробари истифодабарии маъхазҳои нав муаллиф консепсияи ҷадиди худро низ пешниҳод намудааст. Дар баробари маълумоти хаттӣ, Т. Карлейл дар асараш маводи пурсуҷӯии худ, ки дар натиҷаи доир намудани суҳбат бо иштирокчиёни инқилоб ҷамъоварӣ намудааст, васеъ истифода кардааст. Ҳамчун душмани беҳокимиятӣ (анархия) ва исён ӯ ба гуруснагию қашшоқӣ ва ҷабри даҳшатовар, ки 20 миллион франсузро фаро гирифта буд, назар афканда, таърихан ҷабру зулми инқилобиро сафед намудааст. Монархияи сарнагуншударо ӯ ҳамчун ҳокимияти расвошуда ва кухнашуда арзёбӣ кардааст. Дар инқилоб ӯ тамоми

[1]Беллетристика – аз франсузии *belles lettres – адабиёти бадеӣ;* жанри сабуки адабӣ, оммавӣ; яке аз намудҳои баёни таърих барои доираи васеи хонандагони қаторӣ.

даврахои он – якобинчигӣ, санклютизм ва ғайраро таърихан ночору зарурӣ эътироф намудааст.

Дар солҳои 1840 – 1860 объекти таҳлили таърихии Т. Карлейл ҳаёти намояндагони элитаҳои ҷамъиятӣ ва шахсиятҳои намоён буданд. Дар пайравӣ ба Гегел ӯ иброз менамуд, ки дар фаъолияти онҳо руҳи мутлақ таҷассум мегардад. Тибқи назари ӯ таърихи ҷаҳон – ин шарҳи ҳоли одамони наҷиб аст ва даврахои бутун маҳсули фаъолияти онҳо мебошанд. Онҳо симои нобиғаи романтикиро таҷассум намуданд, ки андеша ва фаъолияти онҳо паи худро дар замони он мегузоранд. Соли 1841 ӯ суҳбатҳои худро бо номи «Қаҳрамонон, пос доштани қаҳрамонон ва қаҳрамонӣ дар таърих» аз нашр мебарорад. Байни қаҳрамонон - доҳиён муаллиф Наполеон ва Кромвелро ҷудо менамояд. Т. Карлейл мактубҳо ва нутқҳои Кромвелро дар ҳаҷми панҷ ҷилд аз нашр баровардааст.

Тибқи ақидаи ӯ нақши ихтироъкорони бузурги раванди таърихиро аристократҳои ҳақиқӣ бозӣ мекунанд ва оммаи халқ дар дасти инсони бузург аз худ олоти нобино ва безабонро таҷассум менамоянд. Қаҳрамон бояд наҷотбахши ҷамъият аз инқилоб бошад. То он даме, ки одам одам бошад кромвелҳо ва наполеонҳо ба санкюлотизм даст мезананд.

Дар ҳамин мавқеъ истода, ӯ солҳои 1845 – 1846 асари таърихии худ «Мактубҳо ва нутқҳои Оливер Кромвел» - ро нашр менамояд. Асари мазкур барои он замон характери навоваранда дошт. Муаррихони он даврai Англия ходими мазкури сиёсиро инкор мекарданд ва дар симои ӯ як золимро медиданд. Т. Карлейл бошад кӯшиш намуд, ки далелҳои воқеӣ ва аҳамияти фаъолияти давлатии Кромвелро кушояд. Аз ҷумла, ӯ хизматҳои Кромвелро дар самти болобардории тавоноии баҳрии Англия ва нуфузу эътибори байналмилалии мамлакатро нишон додааст.

Солҳои 1858 – 1865 бошад асари шашҷилдаи ӯ «Таърихи Фридрихи II - и пруссиягӣ, Фридрихи Бузург номидашуда» аз чоп мебароад.

Дар умум эҷодиёти Т. Карлейл бо ҳам мухолифат дорад. Фаъолияти худро ҳамчун интиқодчии буржуазия сар намуда, оқибат ӯ ба синфи мазкур хусусияту имкониятҳои доштани нақши миссияи тамаддунофаро эҳтиром мебахшад. Зиёда аз ин ӯ баъди инкилоби соли 1848 ва тезу тундшавии ҳаракати чартистӣ дар Англия ба лагери иртиҷоӣ мегузарад. Наҷотёбии Аврупо аз даҳшатҳои инқилобиро ӯ дар муттаҳидшавии Германия, дар симои қаҳрамони асосӣ, доҳии замони худ Отто фон Бисмарк ва идеали сиёсии худро дар давлати милитаристии Германия мебинад. Ӯ ҳатто барои навиштани асари ситоишкоронаи худ «Таърихи Фридрихи II - и пруссиягӣ, Фридрихи Бузург номидашуда» аз Отто фон Бисмарк орден мегирад.

Сайнаков Сайнак Парпишоевич

## 4.ИЛМИ ТАЪРИХИ ГЕРМАНИЯ

Таърихнигории романтикии Германия дар вазъияти рӯҳафтодагии ҷуқури ҷамъиятӣ, ки дар натиҷаи шикастхӯрӣ аз артиши Наполеон ба вуҷуд омада, он беобрӯгии миллӣ дониста мешуд, зуҳур кард. Кӯшиши аз он баромаданро намуда, муаррихони немис ба омӯзиши гузаштаи пуршарафи Германия, яъне давраи асрмиёнагӣ, замоне, ки гӯё миллати немис дар таърихи Аврупо нақши асосиро бозӣ мекард, сар намуданд. Таърих, тибқи ақидаи зиёиёни немис, ӯҳдадор аст, ки дар замони бадбахтии миллӣ ба немисҳо эҳсосоти эҳтиромро гардонда орад ва рӯҳияи халқро баланд бардорад.

Баъди шикастхӯрии Наполеон таваҷҷӯҳ ба таърих афзуд. Аз соли 1820 сар карда, дар қаламрави Германия ҷамъиятҳои ҳаводорон ё хусусияти нимкасбӣ дошта оид ба омӯзиши таърихи ватанӣ ба вуҷуд омаданд.

Бо хусусиятҳои принсипҳои асосии худ дар самти сиёсӣ романтизми немисӣ ба ду равия ҷудо мешавад: романтизми шимолигерманӣ, ки умеду орзуҳои худро ба Пруссия ва сулолаи Гогенсоллернҳо гузошт; романтизми католикии ҷанубигерманӣ, ки ба сулолаи Габсбургҳо такя мекард.

Новобаста ба мухолифати сиёсӣ дошта, таърихнигории романтикии Германия баъзе аз принсипҳои самарабахши методологии таҳқиқи таърихи гузаштаро коркард намуд. Махсусан, романтикони немис дар ташаккулёбии принсипи историзм нақши намоён гузоштанд. Онҳо ҳар давраро дар таърих ҳамчун звенои муайяни зарурӣ дар занҷираи рушди умумӣ медонистанд, ки протсесси равони органикӣ мебошад, ки набояд тавассути ислоҳот, инқилоб он тараф истад, вайрон карда шавад. Барои ҳамин историзми романтикҳо характери ретроспективӣ (тарҷеӣ) дошта, пурра ба гузашта нигаронида шуда буд.

Таъсири калонро дар таърихнигории романтикии Германия фалсафаи классикии немис расонд.

Яке аз муаррихони номии немис дар давраи мазкур Бартолд Георг Нибур (1776 – 1831), яке аз муҳаққиқони бузурги Таърихи Рим, қисман Юнон буда, асосгузори методи танқидии таҳқиқи таърих шинохта шудааст. Моҳияти методи вай аз ба ду қисм ҷудо намудани кор бо сарчашмаҳо иборат буд:

1) таҳлилӣ, яъне ҷудо намудани қисавву ривоят аз маълумоти боэътимод;

2) синтетикӣ, яъне барқарор намудани тасвири ҳақиқии ҳаёти таърихӣ.

Дар баробари ин, муаррих вазифадор нест, ки пурра достону ривоятро рад намояд, чунки дар онҳо мумкин пайи ҳақиқати парешоншуда ниҳон бошад[1].

Б. Г. Нибур, инчунин назарияи методологияро низ кор кардааст. Ӯ масъалагузории мушкилро пеш меорад. Яъне тавассути сарчашмаи то замони мо расида (ки доим саргузаштгӯии субъективӣ аст) бо кадом тарз муайян намуд, ки таърих дар ҳақиқат чӣ тавр сурат гирифтааст. Тибқи хулосаи ӯ барои ин масъаларо фаҳмидан аввал таърихи худи маъхаз ва он анъанаи таърихнависие, ки дар зери таъсири он манбаъ офарида шудааст, донистану шарҳ додан лозим аст. Бо эҷодиёти Б. Г. Нибур давраи нав дар таърихи интиқоди маъхазҳо сар мешавад.

Дар ибтидои асри XIX профессори фалсафаи Донишгоҳи Йен, баъдтар Донишгоҳи Берлин Иоганн Готлиб Фихте (1762 – 1814) шӯҳрати калон ба даст овард. Ӯ аз оилаи ҳунарманди камбағал баромадааст. Мазкур дар байни мутафаккирони намоёни Германия ягона шахсе буд, ки дар ҷанги зидди Наполеон иштирок кардааст. И. Г. Фихте дар рафти хизмат дар артиш баҳори соли 1814 аз касалии домана ҷон додааст.

[1]Теория и методология истории. Учебник для вузов. Ответственные редакторы В. В. Алексеев, Н. Н. Крадин, А. В. Коротаев, Л. Е. Гринин. Волгоград, 2014. С. 46 – 47.



Сайнаков Сайнак Паршоевич

Афкори асосии тамоми эҷодиёти И. Г.Фихте ғояи ваҳдати миллии Германияро дар бар мегирифт. Илова ба ин, аз як тараф таъсири амиқро дар эҷодиёти ӯ ҷараёни маорифпарварӣ расонд, аз ҷониби дигар ӯ романтикони иртиҷоиро бо идеализатсияи Германияи асрмиёнагӣ ва миститсизми диниашон пайравӣ намуда буд.

Муҳаққиқ, қувваи ҷамъиятиро, ки қодир аст мубориза барои муттаҳидкунии мамлакатро роҳбарӣ намояд, нодида гирифта, дар фалсафаи субъективӣ - идеалистии худ ба хулосае меояд, ки офарандаи ҳақиқии таърих на давлат ва на халқҳо мебошанд, балки ким кӣ офариниши ибтидоӣ мебошад, ки файласуф онро дар зери мафҳуми «Я» мутлақ шуморид. Дар асли моҳият характери илмии таърихро рад намуда, И. Г. Фихте дар рӯҳияи романтикон иброз доштааст, ки чунин таърихе зарур аст, ки на далелҳо ва воқеотро бо тартиби хронологӣ баён намояд, балки он бо тарзи мӯъҷизакорона одамро ба қаъри гузаштаи таърихӣ барад.

Ҷамъияти муосирро И. Г. Фихте ҳамчун марҳалаи ғуломдорӣ донистааст, ки дар замони он инсонҳо на танҳо ба озодӣ нарасиданд, балки озодӣ ва мустақилияти худро дарк накарданд, дар баробари ин, тибқи ақидаи ӯ, мақсади ниҳоии ҳамагуна ҷамъият озодӣ ва баробарии комили тамоми аъзоёни он мебошад. Худи таркибу маънии прогрессро И. Г. Фихте пеш аз ҳама ҳамчун равнақи илм донистааст, барои ҳамин ӯ мавқеи пешбару пешбарандаро дар ҷамъият ба олимон ихтисос додааст.

Дар солҳои охири ҳаёташ таълимоти ӯ хусусиятҳои диалектикӣ ва историзмро дар бисёр мавридҳо аз даст дод. Дар он тамоюли панду насиҳатӣ ва ҳатто ақидаҳои миллатгароӣ роҷеъ ба бартарияти миллати немис бар дигар халқҳо бартарӣ пайдо менамоянд.

Муҳаққиқи дигари намоёни немис Фридрих Вилгелм Шеллинг (1775 – 1854) буда, қобилияти баланди тафаккурронию эҷодӣ ба ӯ даст доданд, ки дар сини 23 солагӣ профессори фалсафаи Донишгоҳи Йен шавад. Фаъолияти худро ҳамчун пайрави И. Г. Фихте оғоз намуда, хеле



Сайнаков Сайнак Парпишоевич

барвақт ба мавқеи идеализми объективӣ мегузарад. Барои Ф. В. Шеллинг таърих дар се намуд вуҷуд доштааст: эмпирикӣ, прагматикӣ ва поэтикӣ. Якум аз қайд намудани ҳамаи далелҳое, ки дар сатҳи болоӣ (парда) - и воқеот ҷойгиранд, иборат мебошад. Дуюм, вобаста ба критерияи дидактикӣ ё сиёсӣ далелҳоро зери нуқтаи назари аниқ ҷудо карда гирифтан. Сеюм бошад намуди олии синтези ҳақиқӣ ва идеалиро аз худ муаррифӣ мекард.

Кӯшиши дар таърих ҳал намудани проблемаи озодӣ ва қонуниятро намуда, Ф. В Шеллинг дар муносибат ба онҳо мафҳуми сеюми болотар аз онҳо *абсолютро*, ки дар таърихи умумиҷаҳонӣ зоҳир мешавад, ворид намуд. Онро Ф. В. Шеллинг ба се марҳалаи асосӣ ҷудо намуд: тақдир, табиат ва насиба (амали мақсадноки Худованд дар самти беҳбудии бузурги мавҷудоти умум, хусусан инсон ва инсоният). Марҳалаи тақдир он давраҳои қадимро дар бар мегирифта буд, ки дар бораи онҳо танҳо хотироти тираву порча - порча боқӣ мондааст. Давраи дуюм аз замони мустаҳкамшавии Рим оғоз гардид, замоне ки дар ҷамъият ҳуқуқҳои табиӣ барқарор гардиданд, муошират ва алоқа байни халқҳо, ки ба самти давлати ягонаи умумиҷаҳонӣ равонанд, мустаҳкам гардид. Бо таъсисёбии он давраи сеюм сар мешавад, ки дар он вақт қонунҳои табиӣ ба дар амал тадбиқшавии насиба табдил меёбанд ва худи Худованд равиши ҳаётро ба даст мегирад[1].

Ғояҳои И. Г. Фихте ва Ф. В. Шеллинг хулосаи ҷамъбасти худро дар эҷодиёти Георг Вильгелм Фридрих Гегел (1770 – 1831) ёфтанд.

Дар Германия ғояҳои куҳнапарастии романтикӣ дар таърихнигорӣ, хусусан дар Пруссия, пурратар пешниҳод шудаанд. Романтикони немис кӯшиш намуданд исбот кунанд, ки ноилшавӣ ба гармония (мувофиқат, мутобиқат) дар ҷомеа, ҳатман анъанотро, ки аз давраи асрмиёнагӣ омада истодаанд, дастгирӣ кард ва рӯҳи халқро ҳамчун муаммо, ҷавҳари

[1]Назаров С. В. Историография всеобщей истории (в связи с развитием исторической мысли). Учебное пособие. Армавир, 2002. С. 107 – 108.



Сайнаков Сайнак Пархшоевич

азалият дарк кард. Дар асарҳои намояндагони «мактаби таърихии ҳуқуқ» Ф. К. Савини ва К. Ф. Эйхгорн тезисҳо оид ба рушди дарозмуддати табиии қонунҳо ва мутобиқати онҳо ба фарҳанги миллӣ ва руҳи халқӣ асоснок шудааст. Бар зидди дар заминаи Германия гузарондани таҷрибаи инқилоби Франсия баромад намуда, онҳо қайд мекарданд, ки худсарона офаридани ҳуқуқҳои нав ғайриқобил аст.

Дар нимаи аввали асри XIX дар таърихнигории академии Германия консепсияи таърихӣ ва мактаби муаррихи консервативӣ Леополд Ранке ташаккул ёфт. Л. Ранке – муаллифи як қатор асарҳои таърихӣ аз қабили «Таърихи папаҳои Рим», «Таърихи Германия дар давраи Ислоҳотчигӣ», «Таърихи Пруссия», «Таърихи Франсия дар асрҳои XVI – XVII», «Таърихи умумиҷаҳонӣ» мебошад. Онҳо бо забони буррои адабӣ навишта шуда, симоҳои таърихиро равшан таҷассум менамоянд. Дар асарҳои Ранке ба таърихи одамони наҷиб (шоҳон, папаҳо, сарлашкарон, вазирон ва сиёсатмадорон) диққати махсус равона шудааст. Л. Ранке низ нақши ғояҳо, пеш аз ҳама диниро, дар рушди ҷамъият ҳалкунанда донистааст.

Дар васфи таърих Леополд Ранке иброз доштааст, ки «Таърих – ин илми шоҳон аст». Л. Фон Ранке дар асоси абсолютизатсияи маъхазҳои бойгонӣ ва ҳаракат ба самти историзм методологияи таърихнигориро коркард намудааст. Ӯ ғояи дар таърихнигорӣ бисёр маъмулшударо иброз намудааст: муаррих ӯҳдадор аст таърихро дар шакли воқеиаш, чи хеле, ки он дар асл рух додааст, ба қалам диҳад[1]. Канслери нахустини империяи Германия Отто Эдуард Леополд фон Бисмарк - Шёнхаузен шогирд ва аз ҳаводорони Л. Ранке буда, ба асарҳояш баҳои баланд дода, таъкид намудааст, ки китобҳои ӯ ба андозае қимати адабӣ доранд, ки чӣ қадаре, ки Библия арзиш дорад. Аз тарафи дигар ақидаҳои таърихии Л.

Сайнаков Сайнак Парвиноевич

---

[1] Прохоренко И. А. Основные направления зарубежной историографии всеобщей истории (от древности до конца XX века). Учебное пособие по спецкурсу «Основные тенденции историографии Всеобщей истории». Тольяти, 2010. С. 19.

Ранке барои бо роҳи «шамшеру хун» муттаҳид намудани Германия ба Бисмарк асосноккунии таърихиро ато намуданд.

Бо бисёр ақидаҳои худ таърихнигори бузургтарини асри XIX Германия Леополд фон Ранке (1795 – 1886) ба романтизми куҳнапарастӣ наздик аст. Ӯ фаъолияти худро дар вазифаи муаллими гимназия дар Франкфурти лаби Одер оғоз намуда, ҳамчун профессори Донишгоҳи Берлин ба охир расонда, яке аз муаррихони дарбории Пруссия ба шумор меравад. Соли 1824 дар вақти муаллими гимназияи Франкфурти лаби Одер буданаш ӯ асари аввалини худ «Таърихи халқҳои романӣ ва германӣ аз соли 1494 то соли 1535» - ро нашр намуд. Заминаи ғании маъхазӣ ва коркарди даққиқи онҳо асари мазкурро дар кӯҳтотарин муддат машҳур гардонд. Ин боис он гардид, ки муаллифи асарро барои кор ба Донишгоҳи Берлин даъват намоянд.

Чун анъана дар таърихнигории Пруссия таъсири сахти филологияи классикӣ, давлатшиносӣ ва илоҳиётшиносӣ бараъло дида мешуд. Ин имконият медод, ки усули танқиди филологии маъхазҳо, мутлақиятнамоии нақши давлат дар таърих ҷиддӣ коркард карда шаванд ва ақидаҳои тобиши теологӣ дошта, дар раванди таърих илова карда шаванд. Ақидаҳои назариявии Л. Ранке дар зери таъсири идеализм ва мазҳаби протестантӣ ташаккул ёфтаанд. Раванди таърихӣ, аз рӯи ақидаи ӯ, амалишавии «нақшаи Худовандии идоракунии олам» мебошад, ки ба тамоми равандҳо ягонагиро ато мебахшад, алоқаҳои сабабӣ низ байни худ дастури пешакии Худованд мебошанд; дин дар ҳаёти халқҳо нақши ҳалкунандаро мебозад, зуҳуроти берунаи таърихӣ ҳамчун муборизаи ғояҳо баромад мекунанд, илова бар ин ғояи олӣ – Худо ва ғояҳои дигар «тафаккури Худо дар олам». Ҳар давраи таърихӣ «ғояи идоракунанда» - и худро дорад. Л. Ранке қайд менамояд, ки «таърихи умумиҷаҳонӣ танҳо ба Худованд дастрасу фаҳмо ва аён аст»[1]. Муаррих, ба ақидаи Л. Ранке,

---

[1]Терехов О. Э. Историческая мысль и историческая наука Запада XIX – XX вв. Учебное пособие. Кемерово, 2006. С. 13 – 14.

қодир нест ва наметавонад, ки то охир мақсади Худовандро дар таърих дарк намояд.

Дар баробари ғояи динӣ дар раванди таърихӣ ғояи сиёсӣ низ нақш дорад. Л. Ранке тарафдори ғояи равону ҳамвор, муназзами рушди таърихӣ буда, давлатро ҳамчун фардияти таърихан ба вуҷуд омада, арзёбӣ намудааст, ки ғояҳои ҳукмрон, пеш аз ҳама диниро таҷассум мекард. Дар консепсияи давлатии ӯ бартарияти асосиро таҳқиқи сиёсати хориҷӣ ишғол мекард. Тибқи назари ӯ «қонуни асосӣ» - и арзи ҳастӣ намудани давлатҳо ин мубориза барои ҳукмронӣ мебошад. Тибқи назари ӯ ҳар давлат кӯшиш менамояд, ки бузургу тавоно шавад, то ки мавқеашро дар ҷаҳон мустаҳкам намояд, сиёсати он доимо сиёсати қувваю зӯрӣ аст. Худи табиати давлатҳо онҳоро ба самти мубориза барои ҳукмронӣ ба ҷангҳои забткорона тела медиҳад. Ин, тибқи пешниҳоди ӯ, қонуни абадии ҳастии онҳо мебошад. Ҳамин гуна ҷангҳо аҳамияти мусбӣ доранд, чунки онҳо ба рушди гармоникии миллатҳо ёрӣ мерасонанд, онҳоро ба самти саъю кӯшишҳои нав водор менамоянд. Ба ҷангҳо ӯ болоравии маданиятро низ нисбат медиҳад; дар қувваи дағал ӯ падидоии ҷавҳари маънавии миллат, пайдоиши азалии онро муайян менамояд. Аммо бояд қайд намуд, ки Ранке дар давраи муборизаи немисҳо барои муттаҳидкунии Германия фаъолият намудааст ва ин корро аз як тараф Пруссия бо ёрии қувваи зӯрӣ ва аз ҷониби дигар бо дастгирии ҷамъитҳои немисӣ иҷро мекард. Ҳамин тариқ, Ранке принсипҳоеро пешниҳод намуд, ки метовонем онҳоро геополитикӣ номид: ғояи давлати тавоноро рушд дод; ба сиёсати хориҷӣ нисбат ба сиёсати дохилӣ бартарӣ дод; ҳар давлат кӯшиш менамояд, ки тавоно бошад[1].

Консепсияи таърихии ӯ принсипҳои европосентризмро низ дар бар мегирад. Тамоми равиши таърихиро халқҳои пешбар муайян менамянд.

[1]Теория и методология истории. Учебник для вузов. Ответственные редакторы В. В. Алексеев, Н. Н. Крадин, А. В. Коротаев, Л. Е. Гринин. Волгоград, 2014. С. 46.

Халкҳои пешбар тибқи назари ӯ ин романо - германитаборон ва давлатҳои Аврупои Ғарбӣ мебошанд, ки аз асри VI сар карда, маданияти аз ҳама олиро офариданд, ки дар натиҷаи он Аврупо ба маркази таърихи умумиҷаҳонӣ табдил ёфт. Нақши таърихии халкҳои слвоянриро Л. Ранке дар ҳифзи тамаддуни ғарбиаврупоӣ аз кӯчманчиёни шарқӣ донистааст. Худи славянҳо бошанд дар самти ташкилоти маданию сиёсӣ пурра аз Ғарб побанд мебошанд.

Л. Ранке схемаи навбатии таърихи Аврупоро аз асрҳои миёна то асри XIX кашидааст. Дар таърихи Аврупо ӯ шаш давраро ҷудо менамояд: 1) давраи Каролингҳо ва таъсисёбии империяи Германия. Ғояҳои ҳукмрон дар ин давра: а) муттаҳидшавии калисо ва давлат; б) ташкилшавии миллатҳо; в) муттаҳидшавии Аврупо; г) бунёдёбии маданият; 2) давраи папагӣ асрҳои XI – XIII. Ғояи ҳукмрон – итоат кардани давлат ба калисо; 3) давраи барҳамхӯрии иттиҳоди давлат ва калисо асрҳои XIV – XV. Ғояи ҳукмрон – десентрализатсияи давлат; 4) давраи Ислоҳотчигӣ ва ҷангҳои динӣ дар охири асри XV – миёнаи асри XVII. Ғояи ҳукмрон – ҷадидшавии динию мадании ҷаҳони Ғарбӣ; 5) давраи бавуҷудоӣ ва рушди державаҳои бузург (Франсия, Англия, Россия, Австрия, Пруссия) миёнаи асри XVII – охири асри XVIII. Ғояҳои ҳукмрон: а) таъсисёбии давлатҳои тавоноии мутамарказ; б) бавуҷудоии монархияҳои мутлақ; 6) давраи инқилобҳо охири асри XVIII – нимаи аввали асри XIX. Ғояҳои ҳукмрон: а) дифференсиатсияи принсипҳои монархия ва суверенитети халқӣ; б) болоравии қувваҳои моддӣ[1].

Л. Ранке ба таҳлили танқидии маъхазҳои диққати махсус медод. Ба маъхазҳо такя намуда, ӯ байни онҳо ҳуҷҷатҳои расмиро дасти аввал дониста, қайд менамояд, ки таърихнигории аз панду насиҳатдиӣ озод буда метавонад гузаштаро, чи хеле ки дар ҳақиқат (асл) буду гузашт, тасвиру инъикос намояд. Л. Ранке ҳатто дар дарсҳои амалии худ кор

[1]Терехов О. Э. Историческая мысль и историческая наука Запада XIX – XX вв. Учебное пособие. Кемерово, 2006. С. 15.



Сайнаков Сайнак Паршиоевич

кардан бо маъхазҳоро таълим медод. Чунин дарсҳо (семинар) - ро маҳз ӯ, бори нахуст, дар Донишгоҳи Берлин, ҷорӣ намуд. Дар ин дарсҳои ӯ донишҷӯёни немис ва хориҷӣ иштирок мекарданд ва усули Л. Ранкеро азхуд мекарданд. Методи ӯ якчанд талаботро дар бар мегирифт: пайдоиши ҳар маъхази таърихиро муайян кардан; салоҳияту соҳибихтиёрии муаллифи ҳуҷҷат; муайян намудани сатҳи боварӣ ба ӯ; баъдтар барои барқарор намудани манзараи ҳақиқии гузашта муқоиса намудани маъхазҳои истифодашуда.

Кор карда баромадани принсипи таърихият дар фалсафаи немис бо номи мутафаккири машҳури ҷаҳонӣ Георг Вилгелм Фридрих Гегел (1770 – 1831), ки бори нахуст тамоми олами табиӣ, таърихӣ ва маънавиро дар шакли протсесс, яъне ҳаракати беист, тағйирёбанда, дигаргунсоз ва рушдёбанда тасаввур намуда, майли кушодани алоқамандии дохилии ҳаракати мазкур ва рушдро намудааст, вобаста мебошад.

Дар лексияҳояш оид ба фалсафаи таърих, ки аз соли 1818 сар карда, дар Донишгоҳи Берлин хондааст, ӯ бори нахуст кӯшидааст, ки методи диалектикиро дар таърихи умумиҷаҳонӣ, ҳамчун раванди прогрессивӣ, ки тавассути муборизаи ба ҳам зидҳо рушд меёбад, истифода намояд[1].

Консепсияи Гегел дар асоси қонунҳои умумии диалектика пешниҳод гардидааст[2]. Вай принсипи диалектикии рушдро асоснок намуд: қувваи ҳаракатдиҳандаи рушд – дар ҳал намудани зиддиятҳо, дар муборизаи ба ҳам зидҳо. Дар тартиботи кӯҳна зиддиятҳои худи он, унсурҳои нав мавҷуд аст. Дар «Фалсафаи таърих» - и худ Гегел раванди умумиҷаҳонӣ - таърихиро ҳамчун инъикоси худинкишофёбии рӯҳи мутлакро дар таҳаввулоти шуури озодӣ баён менамояд. Фаҳмиши рӯҳ аз се ҷузъиёт иборат аст: умумӣ, махсус ва ягона. *Умумӣ* – ин худи руҳи Худовандӣ, *ягона* – одами алоҳида ё руҳ дар бадан, *махсус* – руҳи

[1]Гегель Г.Ф.В. Лекции по философии истории. СПб., 1993.

[2] Прохоренко И. А. Основные направления зарубежной историографии всеобщей истории (от древности до конца XX века). Учебное пособие по спецкурсу «Основные тенденции историографии Всеобщей истории». Тольяти, 2010. С. 20.



Сайнаков Сайнак Парпиоевич

халқҳои алоҳида, ки субъекти асосии таърихи умумиҷаҳонӣ ба шумор меравад. Гегел зинаҳои раванди таърихиро ба таври давраи шарқӣ, давраи антиқа, давраи германӣ ҷудо менамояд. Ба ақидаи мутафаккир давраи германӣ (дар назар Пруссия) давраи авҷи баланди тафаккури озодӣ ва интиҳои зинаи таърихӣ мебошад. Идеали Гегел монархияи конститутсионӣ буд[1].

Мувофиқи таълимоти Гегел таърих аз Шарқи Қадим оғоз ёфтааст, ки дар он ҷо бори нахуст озодӣ зуҳур кард, аммо он аз ҷониби зулму истибдод буғӣ карда шуд. Танҳо монарх озод буд. Баъди ин рӯҳи ҷаҳонӣ ба самти Эллада (Юнон) тӯл кашид, ки дар он ҷо аллакай дарккунии озодӣ ҳамчун арзиш ба вуҷуд омад, аммо танҳо шумораи ками баргузидагон ҳақиқатан озод буданд. Шарту шароити зарурии озодӣ дар халқҳои антиқа ин мухолифати онҳо бо ғуломдорӣ буд[2]. Барои ҳамин, дар он ҷо ҳам принсипҳои озодӣ танҳо дар асл пӯшондани вайронкунии дағалонаи он буд.

Ҳамин тавр, шуури озодӣ бори нахуст дар халқҳои Осиёи Пеш, ки дар он ҷо рӯҳи мутлақ ба вуҷуд омад, зуҳур кард ва дар Европа он рушди ҳақиқиро гирифт. Дар Европа сатҳи рушди шуури озодӣ аз они халқҳои гуногун як хел набуд. Он аз халқҳои славянӣ суст, оҳиста ҳаракаткунанда ва аз халқҳои романитабор ба сатҳи баланд нарасида буд. Танҳо германитаборон бо анъаноти ким - кайҳо, қадимаи озодии фардии худ машҳур, барандаи ҳақиқии он мебошанд. Аз онҳо рушди руҳи мутлақ ба авҷи аълои худ расида, мақсади инкишофёбии худро ҷамъбаст менамояд. Чуноне ки аён аст дар схемаи кашидаи Гегел Россия, Америка, Африка ва ғайра ба чорчӯбаи таърих ворид нагардидаанд.

Ф. Гегел ба нақши империяи Ҳахоманишиҳо дар таърихи умумиҷаҳонӣ баҳои баланд дода, онро нахустин давлати мутамаддини

[1]Айрапетов А. Г. История исторической науки. Историография всеобщей истории. Курс лекций // http://www.allbest.ru/. С. 21

[2]Терехов О. Э. Историческая мысль и историческая наука Запада XIX – XX вв. Учебное пособие. Кемерово, 2006. С. 12.



Сайнаков Сайнак Парвиноевич

ҷаҳон эътироф намудааст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ дар асари худ масъалаи мазкурро баррасӣ намуда, бо маврид овардааст, ки «тарзи давлатдорӣ ва усули муттаҳид кардани давлатҳои гуногун дар дохили империяи бузурги Ҳахоманишӣ дар таърихи сиёсии ҷаҳонӣ диққати донишмандон ва сиёсатмадоронро ба худ ҷалб кардааст. Файласуфи бузурги олмонӣ Гегел, мардуми эрониро нахустин миллати таърихӣ шуморида, подшоҳии Ҳахоманишиёнро нуқтаи шурӯъи таърихи ҷаҳонӣ донистааст»[1].

Тибқи назарияи Ф. Гегел, давлат мақсади мутлақи ақл дониста шуда, он функсияи олӣ – ба тартиб даровардани ҳаёти инсонҳоро амалӣ менамояд.

Дар фарқият аз маорифпарварони француз Гегел ба масъалаҳои қонуниятҳои рушди ҷамъиятӣ, сарчашмаҳо ва пешравиҳои прогресси иҷтимоӣ на танҳо аз нигоҳи назарияи ҳуқуқи табиӣ, балки аз нуқтаи назари васеи иҷтимоӣ - таърихӣ баҳо додааст. Пешгузаштагони Гегел ба ин назар буданд, ки барқарор намудани идоракунии бохирадонаи маърифатии конститутсионӣ кифоя аст, то ки ҳамаи проблемаҳои иҷтимоиро ҳал кард. Аммо инқилоб дар Франсия нишон дод, ки на шахсиятҳои алоҳида тартиботи иҷтимоиро барқарор менамоянд, баръакс худи мантиқи рушди иҷтимоӣ ин ё он ходимони таърихиро пешниҳод менамояд ё партофта рад мекунад.

Гегел яке аз аввалинҳо шуда, чуқур дарк намудааст, ки на шахсиятҳои бузург таърихро меофаранд, балки худи таърих қаҳрамонҳои хешро ихтироъ менамояд ва рушди ҷамъият на тавассути кӯшишҳои субъективии ҳокимон ба вуҷуд меояд, балки он тобеи қонунияти объективӣ аст, ки онро илман дарк намудан мумкин аст. Чунин қонунияти дохилии таърихро Гегел прогресс дар дарккунии озодӣ донист. Ҳамчун идеалист ӯ қувваи ҳаракаткунандаи рушди таърихиро на

[1]Ниг.: Эмомалӣ Раҳмонов. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. Душанбе, 2006. – 372 с.



Сайнаков Сайнақ Наршноевич

дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ, балки дар самти тафаккури ҷамъиятӣ дарёфтааст.

Мунаққидони системаи фалсафӣ - таърихии Гегел ӯро дар панлогизм, ба эътибор нагирифтани лаҳзаи ирратсионалӣ дар таърих маломат заданд. Онҳо диққати худро ба он равона карданд, ки дар файласафаи Гегел ҳамаи мавҷудот дар олам ҳамчун зарурат маънидод карда шудаанд, ҳамин тариқ, ҳам адолат ва ҳам зулмотро як хел сафеду асоснок кардааст.

**Мактаби таърихии ҳуқуқ.** Асосгузори мактаби мазкур Густав Гуго (1764 – 1844) ҳисобида шудааст. Соли 1798 асари ӯ «Ҳуқуқи табиӣ ҳамчун фалсафаи ҳуқуқи амалкунанда» аз нашр баромад, ки дар он муаллиф ақидаеро исбот намудааст, ки ҳуқуқи табиӣ ин на дигар, балки айнан ҳуқуқи амалкунанда аст. Аз рӯи ақидаи вай ҳуқуқ ва қонунгузорӣ на бо иродаи қонунбарор, на бо ягон мудохилаи берунӣ, балки дар натиҷаи рушди худӣ, ба монанди забон, инкишоф меёбад.

Г. Гуго обрӯ ва эътибори ҳуқуқи таърихан ба вуҷуд омадаро қайд намуда, ба омӯзиши таърихи ҳуқуқ даъват менамояд. Омӯхтани гузашта, мувофиқи назари ӯ, на барои он зарур аст, ки онро интиқод намуд, чи хеле ки фалсафаи маорифпарварӣ ба ин амал даст зад, балки барои он лозим аст, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ обрӯ ва эьтибори ҳамаи одатҳо ва муассисаҳоро, ки дар раванди рушди таърихӣ ба вуҷуд омаданд, мустаҳкам намуд.

Дар давраи минбъада мактаби мазкурро намояндагони он Ф. Савини ва К. Эйхгорн инкишоф доданд.

Фридрих Карл Савини (1779 – 1861) аллакай дар сини 21 солагӣ профессори Донишгоҳи Марбург шудааст. Бо таъсис додани Донишгоҳи Берлин ӯ барои хондани лексия аз фанни ҳуқуқи римӣ ба он ҷо даъват гардидааст ва муддате баъдтар ректори донишгоҳи мазкур таъйин мегардад. Соли 1842 бошад вазири адлияи Пруссия таъйин гардидааст.

Сайнаков Сайнак Париншоевич

Мухолифи ашадии ҳама гуна конститутсионализм буда, ӯ соли 1814 манифести ҳақиқии мактаби таърихии ҳуқуқ «Оид ба мавқеи замони мо ба қонунбарорӣ ва илм оид ба ҳуқуқ» - ро чоп намуд. Асари мазкур ҷавоби мубоҳисавӣ ба баромади ҳуқуқшиноси либералӣ Антон Фридрих Юстус Тибо (1772 – 1840) буд, ки талаби тартиб додани системаи ягонаи ҳуқуқӣ барои тамоми Германияро ҳамчун қадами аввалин дар самти ваҳдати миллӣ карда буд. Ф. К. Савини қотеъона ғоя дар бораи ҳуқуқ чун маҳсули хирадро рад намуда, ҳуқуқро дар баробари забон, одатҳо ва анъанот яке аз унсурҳои фитрӣ (сириштӣ, модарзодӣ) - и ҳастии миллии ҳар як халқ эълон намуд. Мумкин нест, ки ҳуқуқро сунъӣ сохта, офарид ё аз давлатҳои ҳамсоя бардошта гирифт. Ҳуқуқ зуҳуроти органикии рӯҳи халқӣ аст, азбаски он аз ҷавҳари дохилии миллат ва тамоми таърихи гузаштаи он пайдо шудааст, набояд сохтакорӣ шавад ва ё аз ҷониби қонунбаророни алоҳида бекор карда шавад, навиштааст ӯ.

Хулосаи мазкур баъд дар тамоми зуҳуроти таърихӣ паҳн мешавад. Ҳар садсола, мегӯяд ӯ, ягон чизи ихтиёрӣ ё навро намебиёрад, балки давоми кӯҳна буда, дар алоқамандии ногусаста бо гузаштаи худ эҷод менамояд. Таърих – ин на фақат ҷамъоварӣ кардани намунаҳо, дарси ибрат, балки роҳи ягона ба самти дарккунии ҳақиқии ҳолати имрӯзаи мо мебошад. Танҳо бо ёрии ин дарккунии таърихӣ қонунбарор метавонад ба рӯҳи воқеии халқ ворид шавад ва меъёрҳои ҳуқуқиро муфовиқи талаботи рӯҳи мазкур офарад.

Ба хотири он ки нуқтаи назари худ оид ба рушди оҳиста - оҳиста, зина ба зина ва мустақилона аз ҳаргуна садамаҳои ҳуқуқро асоснок намояд, Ф. К. Савини асари асосии худро бо номи «Таърихи ҳуқуқи римӣ дар асрҳои миёна» менависад, ки дар он исбот менамояд, ки бо барҳамхӯрии империяи Рим ҳуқуқи римӣ мавҷудияти худро нигоҳ дошт, дар мувофиқа бо рӯҳи мардум ва талаботи замон бо тағйирёбии оҳиста - оҳиста бархӯрд.

Сайнаков Сайнак Парвизоевич

Намояндаи дигари мактаби мазкур, иштирокчии ҷангҳои наполеонӣ Карл Фридрих Эйхгорн (1781 – 1854) буда, дар мавқеи либералӣ - ватандӯстӣ меистод.

Барои ақидаҳои либералиаш дар соли 1817 маҷбур мешавад, ки корро дар Донишгоҳи Берлин тарк карда, ба зодгоҳаш Гёттинген баргашт ва дар он ҷо оид ба таърихи ҳуқуқ лексия мехонд.

Солҳои 30 - юми асри XIX К. Ф. Эйхгорн бо ақидаҳои худ ба самти консерватизм майл намуда, бо даъвати Ф. К. Савини боз ба пойтахти Пруссия шаҳри Берлин баргашт.

Асари асосии ӯ «Таърихи давлат ва ҳуқуқи немисӣ» (1808 – 1818) буда, муддати дароз роҷеъ ба ҳуқуқи германӣ асари бунёдӣ ба ҳисоб мерафт. Дар асари мазкури худ муҳаққиқ бори нахуст таърихи ҳуқуқи германӣ ва муассисаҳои давлатиро аз замонҳои қадим то соли 1815 муфассал инъикос ва рушди онро ба чор давра ҷудо намудааст.

Давраи якум аз соли 114 пеш аз мелод то соли 561 - и замони моро дар бар мегирад. Дар охири давраи мазкур ва оғози давраи навбатӣ одатҳои қабилаҳои германӣ ҷамъоварӣ ва навишта шуданд. Давраи дуюм таърихи шоҳигарии франкҳоро дар бар мегирад. Муаллиф дар ин бахш пайдоиши ҳуқуқҳои шоҳӣ ва мансабҳои давлатии системаи бенефисиалӣ[1], эволютсияи ташкилоти ҳарбии франкҳо ва таъсири он ба ҳуқуқи умумӣ ва шахсӣ, муассисаҳои калисои асрмиёнагӣ дар Германия ва сохтори давлатии германӣ дар ин давраро баррасӣ менамояд. Давраи мазкур тибқи тақсимбандии муаллиф аз соли 561 то соли 888 идома ёфтааст. Давраи сеюм аз соли 888 то соли 1517, давраи Империяи муқаддаси Рими миллати германиро дар бар мегирад. Давраи чорум ин замони пайдоиш ва рушди минбаъдаи давлатҳои германӣ аз соли 1517 то соли 1815 мебошад.

[1]Бенефисий (аз лотинии *beneficium* — накӯкорӣ, хайр).1) Дар асрҳои миёна намуди инъоми шартии фаврӣ, дар аксар маврид дар шакли қитъаи замин барои иҷрои хизмати ҳарбӣ ё маъмурӣ дода мешуд; 2) Дар мазҳаби католикӣ аз асрҳои миёна сар карда, то Маҷлиси дуюми умумии Ватикан вазифаи даромаднок дар назди калисо, инъом барои хизмат дар назди калисо. Системаи бенефисиалӣ дар натиҷаи аз ҷониби шоҳони франк тақсим намудани замин ба хизматгоронаш оғоз гардид.

Яке аз масъалаҳое, ки К. Ф. Эйхгорн дар асараш ҷиддӣ дида баромадааст, ин марка мебошад. Барои ӯ ҷамоа - марка дар аввал танҳо шакли иттиҳоди маскуншудагон - мулкдорони алоҳидаи индивидуалӣ дар замини худ мебошад, ки дар ибтидо дар ҳаёти германиҳо накши муҳимро бозӣ намекард. Аммо баъдтар Эйхгорн ба хулосаи дигар меояд, ки марка дар назарияи ӯ ҳамчун институти асосии сохтори қадимтарини қабилаҳои германӣ ба мақоми аввал мебарояд. Ӯ рӯи рост мегӯяд, ки тибқи маъхазҳои ибтидоӣ ва баъдина аз они германитаборон сохтори асосии қадимтарини сиёсӣ иттиҳодияи маркаҳо, яъне ҷамоаҳои алоҳида мебошад, ки ба хотири якҷоя шудгор кардан ва истифодабарии замин, дар иттиҳодияҳои ҷамоаҳои бузургтар алоқаманд буданд. Дар масъалаи пайдошавии шаҳрҳои асрмиёнагӣ низ Эйхгорн чунин мепиндорад, ки дар ин самт низ германиҳо саҳмгузорон ҳастанд. Ӯ тарафдори назарияи вотчинии пайдоиши шаҳрҳо буд, ки тибқи он шаҳр ва институтҳои он аз вотчинҳои феодалӣ, идоракунию ҳуқуқи он рушд ёфта, ба камол расиданд.

Хулоса, ғояи асосии муаллиф бар зидди ақидаҳои маорифпарварон оид ба ҳуқуқи немисҳо ҳамчун нигоҳ доштани анахронизмҳо, равона гардида буд, К. Ф. Эйхгорн бар зидди маорифпарварон баромада, исбот намудааст, ки ҳуқуқи германӣ маҳсули рушди қонунии органикии рӯҳи халқи немис аст.

**Равияи либералӣ - романтикӣ.** Таърихнигории либералӣ - романтикии Германияро пеш аз ҳама олимони намоён Г. Луден ва К. фон Роттек намояндагӣ мекарданд.

Генрих Луден (1780 ё 78 – 1847) аз оилаи деҳқони оддӣ баромада, танҳо аз синни 17 солагӣ ба таҳсил шурӯъ намудааст, аммо тавонист дар шаш сол гимназияи Бремен ва Донишгоҳи Гёттингенро хатм намояд. Аввалин асарҳои ӯ шарҳиҳолӣ буда, ба гуманисти немис Х. Томази ва ҳуқукшиносу ҷамъиятшинси голландӣ Г. Гротсий бахшида шудаанд. Муаллиф бо интихоби қаҳрамононаш хост, ки хонандаро тавассути



Сайнаков Сайнак Паршоевич

асарҳои худ бо он мутафаккироне, ки таълимот дар бораи ҳуқуқи табииро равнақ додаанд, шинос намуда, ғояҳои ҳуқуқи табииро барои мардум ҳамчун силоҳи мубориза бар зидди феодализм равона намояд.

Дар Донишгоҳи Йен бошад ӯ аз таърихи ватан лексия хонда, онро дар рӯҳияи ғояҳои ватандӯстӣ, озодихоҳӣ ва муттаҳидшавии Германия иншо намудааст. Мазмуни ватандӯстонаи лексияҳои ӯ ҳатто Наполеон Бонопартро низ ба ваҷд овардаанд, ки императори франсузҳо ӯро борҳо профессори йении сӯиқасдчӣ ва ошӯбгар хитоб кардааст.

Дар солҳои Реставратсия муаррих ба яке аз назариётчиён ва дӯстдортарин проффессори ҳаракатҳои мухолифини донишҷӯён табдил ёфт. Лексияҳои нави ӯ оид ба таърихи ҳаракатҳои халқӣ аз ҷумлаи донишҷӯён ҳаводорони зиёдро гирди ҳам меоварданд. Дар солҳои мазкур Г. Луден асари сеҷилдаи худ «Таърихи умумии халқҳо ва давлатҳо», асари дувоздаҳҷилдааш «Таърихи халқи немис» (1825 – 1837) ва сеҷилдаи «Таърихи германиҳо» (1842 – 1843) - ро нашр менамояд.

Ақидаҳои таърихии ӯ аз эътироф намудани прогресс ва қонунияти рушди таърихӣ, ки дар асоси мукаммалёбии ахлоқии инсон бунёд ёфтаанд, бар меоянд. Ӯ пешниҳод намуд, ки ҳар халқ аз азал қувваи ҳаётии табииро доро мебошад, ки хусусиятҳои хоси роҳи таърихии онро муайян менамояд. Ғояи равнақи органикӣ аз мавқеи романтикии Г. Луден маншаъ гирифта бошад ҳам, аммо дар баробари он муаррих аз ихтиёрию худсарона маънидодкунии воқеот дурӣ ҷустанро талаб мекард ва даъват мекард, ки ҳамаи зуҳурот бояд аз алоқамандиҳои мутақобилаи воқеии гузашта хулосабарорӣ карда шаванд.

Г. Луден ба ин назар буд, ки объективияти муаррих дар аз нав бавуҷудоварии тахтуллавзии маъхаз иборат нест. Ӯ ошкор намудани сабабу бурҳонро талаб менамояд, ки тартибдиҳандаи солномаи қадим тавассути он амалу раҳнамоӣ кардааст, инчунин на қайдкунии воқеаҳои алоҳида, балки таҳқиқи он муносибот ва он сабабҳо, ки ба зуҳуроти мавриди омӯзиш қарор ёфта оварда расонданд. Аммо худи ӯ низ пеш аз



Сайнаков Сайнак Парвизоевич

ҳама сабабҳои ҳодисаҳои зиёди таърихиро дар омилҳои сиёсӣ, динӣ ва ахлоқӣ кофтааст ва қариб, ки аз нақши истеҳсолоти моддӣ дар ҷамъият ва зиддиятҳои иҷтимоии он ёдоварӣ накардааст.

Намояндаи дигари таърихнигории либералӣ Карл фон Роттек (1775 – 1840) мебошад, ки дар рӯҳияи маорифпарварӣ иброз доштааст, ки таърих зиёдтар аз дигар илмҳо тарбиятгари ғояҳои озодӣ буда, табиатан бо муҳаббат ба ватан алоқаманд аст. К. Роттек таърихро ҳамчун раванди доимии ба самти ҷамъияти ҳуқуқию адолатпеша ҳаракаткунанда донистааст. Шакли идоракунии конститутсионӣ, ки барои он ӯ бо ҳамроҳии К. Т. Велкер дар асари муштаракашон «Қомуси давлатӣ» мубориза бурдааст, дар назари К. Роттек ҳам чун системаи ратсионалии ҳақиқии сохтори ҷамъиятӣ инъикос гардидааст. Давлат, тибқи ақидаи ӯ, бояд дар асоси шартномаи ҷамъиятии байни халқҳо ҳамчун сарчашмаи мустақилият ва ҳокимон, ки намояндагони халқ мебошанд, бунёд карда шавад. Ӯ бар зидди муборизаҳои инқилобӣ баромад намуд ва ҳамчун либерали ҳақиқӣ даъват мекард, ки барои барқарор намудани «системаи хирадмандона» танҳо тавассути воситаҳои қонунӣ амал кардан даркор аст.

Шиори номии мазкур «Озодии бе иттиҳод беҳтар аст аз иттиҳоди бе озодӣ» ба ӯ тааллуқ дорад. К. Роттек ба он ишора намуд, ки муттаҳидкунии миллии Германия зери роҳбарии тоҷи Пруссия ё Австрия дар ҳақиқат воқеаи прогрессивӣ намешавад. Аз ин сабаб асари ӯ «Таърихи умумиҷаҳонӣ барои ҳамаи табақаҳо» дар Пруссия ҳамчун асари дар рӯҳияи хусумат ба тартиботи ҷоришуда муаррифӣ гардида, хондан ва истифодабарии он манъ карда шуда буд.

**Мактаби гейделбергии муаррихон.** То миёнаи асри XIX мақоми пешбарро дар таърихнигории либералии немис мактаби гейделбергии муаррихон бозид, ки исми худро аз номи Донишгоҳи Гейделберг гирифтааст ва асогузори мактаби мазкур Фридрих Кристоф Шлоссер

Сайнаков Сайнак Парвизович

(1776 – 1861) фаъолияти педагогию илмии худро дар он ҷо сипарӣ намуда буд.

Ба қалами профессори Донишгоҳи Гейделберг Фридрих Кристоф Шлоссер ду асари бунёдӣ «Таърихи асри XVIII» ва «Таърихи умумиҷаҳонӣ» тааллуқ доранд. Асарҳои мазкур аз қисматҳои ҳархелаву дар давраҳои гуногун ва бо мақсадҳои гуногун навишташудаи муаллиф иборат мебошанд. Аз ҷумла, бархе аз қисмҳои асарҳои ӯ таҳқиқоти махсуси илмӣ буда, қисмати дигарро курси муаллиф барои донишҷӯён ва доираи умуми шунавандагон ташкил менамоянд. Барои ҳамин, миёни бархе аз бобу қисматҳо мутобиқат дида намешавад, аммо ин норасоиро ғайрати муаллиф дар самти объективият ва самимият, нозукияти дарккунии психологияи инсонӣ ва қобилияти ворид шудан ба умқи мазмуни давраи аз ҷониби ӯ таҳқиқшуда, пардапӯшӣ менамояд. Дар баробари ин ӯ мақсад ва вазифаҳои мушаххасро пеши худ гузошта, ба бисёр масъалаҳои таърихии ҳаёти замони худ ҷавоби аниқ додааст. Ӯ ногузирии Инқилоби Франсияро эътироф ва камбудии князгариҳои феодалии Германия ва Англияи буржуазиро танқид намуда, муҳимияти гузарондани тағйироти либералӣ ва демократиро нишон додааст. Аммо тарафдори либерализм бошад ҳам, ин ба ӯхалал нарасондааст, ки ҳангоми баҳодиҳии ба инсонҳо ва воқеот беғаразона бошад. Мисол, ӯ нақши таърихии баъзе шоҳон, аз ҷумла Искандари Мақдуниро хеле баланд арзёбӣ намудааст.

Фридрих Кристоф Шлоссер, бори нахуст дар таърихнигории Германия консепсияи либералии Инқилоби Франсияро пешниҳод менамояд. Дар асари худ «Таърихи асри XVIII» (1823) зӯроварии инқилобиро аз нуқтаи назари ахлоқӣ муҳокима намуда, дар баробари ин ӯ ночор ва зарурӣ будани инқилобро барои рушди прогрессивии Франсия эътироф намуд. Инқилоб, мувофиқи ақидаи вай баробарӣ ва дигар беҳбудиҳоро дод, якобинчиён бошанд ватанро наҷот доданд,

Сайнаков Сайнак Наримоевич

рӯҳияи нави озодиро асос гузошта, зулмоти асрмиёнагиро аз решааш барканданд.

Дар асари мазкур вазъияти пешазинқилобии давлатҳои аврупоӣ, яъне халадоршавии низомҳои сиёсӣ, хусусан ахлоқи доираи ҳукмронро таҳлил намудааст. Ӯ иброз медорад, ки аз ҳамин вазъият танҳо ду роҳи баромадан буд: ё ба монанди барҳамхӯрии империяи Рим ё инқилоб. Барои ҳамин, ночор буд, ки миллат тавассути шӯълаи инқилобӣ чун дар зарфи махсуси оташдор, тоза мешуд, то ки шӯъла ба тамоми дарахти кӯҳна, аз реша то баландиҳои он, ворид мешуд. Баҳодиҳии ӯ ба воқеоти таърихӣ ва шахсиятҳо хусусияти ахлоқӣ ё ахлоқӣ - сиёсӣ дорад.

Муаллиф инчунин диққати махсусро ба замони мутлақияти марифатнокии Фридрихи II, ки Пруссияро ба самти пешравӣ бурд, равона намуд. Дар«Таърихи умумиҷаҳонӣ» - и худ (1844 – 1850) Ф. К. Шлоссер консепсияи Гердерро, ки дар асоси фаҳмиши универсалӣ - гуманистии таърих, яъне таърихи ягнаи ҳамаи халқҳо, бар зидди шовинизму европосентризм бунёд ёфта буд, ҳифз намудааст. Дар ин асараш муаллиф таърихи ҷамъиятро ҳамчун раванди худмукаммалгардонии ахлоқӣ ва ивазшавии табиати золимона (қувваи бадӣ) - и инсон пешниҳод кардааст.

Ба шохаи демократии мактаби таърихии гейделбергӣ Вилгелм Симмерман (1807 – 1878) низ тааллуқ дошт. Асари асосии ӯ «Таърихи Ҷанги бузурги деҳқонӣ» (1841 – 1843) мебошад, ки дар асоси маводи Бойгонии шаҳри Штутгарт навишта шудааст. Ҷанги деҳқонии соли 1525 дар Германияро ӯ инқилоби ҳақиқӣ донистааст. Ӯ дар таърихнигорӣ фишороварию дуруғгӯиро нисбати иштирокчиёни ҷанги деҳқонӣ интиқод намуда, иброз дошт, ки ҷабру зулми дар гардани мардум бор карда шуда, ҳанӯз пеш аз ислоҳотчигӣ онҳоро борҳо маҷбур кард, ки шӯриш бардоранд. В. Симмерман бо Томас Мюнсер, ҳамчун яке аз ҷасуртарин ва аҷоибтарин шахсияти намоёни давраи ислоҳотчигӣ,

Сайнаков Сайнаг Парвинеевич

ифтихор мекард. Ҳамзамон ӯ Мартин Лютерро барои бемантиқию номураттабӣ ва гузаштан ба тарафи истисморгарон айбдор менамояд.

Сайнаков Сайнак Парпишоевич

# 5.ТАЪРИХНИГОРИИ ШМА

Дар муддати асри XIX ШМА роҳи аз мавқеи аграрӣ то ба яке аз мамлакатҳои саноатии рушдро тай намуда, дар муддати кӯтоҳ ба яке аз давлатҳои пешбарандаи ҷаҳони ғарбӣ табдил ёфт. То замони мо асарҳое мавҷуданд, ки дар онҳо ҷанбаҳои гуногуни зуҳуроти тамаддуни америкоӣ инъикос ёфтаанд. Инчунин нуқтаҳои назари гуногун мавҷуданд, ки дастовардҳои бузурги рушди таърихии ШМА - ро пешниҳод менамоянд.

Дар тафаккури ҷамъиятии ШМА муддати дароз назарияи фавқулоддаи Америка, бартарии он, бо назардошти хусусияти таърихиаш, аз Аврупо ҳукмрон буд. Масъалаи хусусиятҳои хоси тамаддуни америкоӣ, дар рафти омӯзиши таърихи Америка бемуамо муҳим ва баҳснок аст. Гарчанде романтизм дар заминаи зеҳнии америкоӣ андаке шакли дигарро гирифта бошад ҳам, таърихнигории ШМА ва историзми америкоӣ низ ҳамон роҳеро тай намуд, ки илми таърихи аврупоӣ онро тай карда буд. Аз ҷумла, романтизми америкоӣ аз аввал ранги либералӣ - буржуазиро касб намуда буд.

Тафаккури таърихии америкоӣ сарчашмаи худро аз солномаҳо ва ёддоштҳои замони мустамликадории ибтидоӣ мегирад, ки дар онҳо эътиқод ба ҳодисоти пешкаӣ муайянкардашудаи ҳаёти ҷамъиятӣ ҳамчун офариниши аз ҷониби Худо асосҳои историософии маънидодкунии воқеоти рух дода хизмат кардаанд. Муаллифони америкоӣ байни муҳоҷирати худ ба Америка ва баромадани яҳудиён аз Миср дар замони пайғомбари Худо Мусо қиёсҳо меоварданд.

Дар охири асри XVIII – ибтидои асри XIX таърихнигории америкоӣ дар фарқият аз аврупоӣ нав ба рушди худ оғоз намуд. Илми таърих дар ШМА ба шакли том аз адабиёт ҷудо нашуда буд. Дар бисёр мавридҳо муаррихон дар асарҳои худ эпизодҳои гумшударо бе маъхазҳо оид ба он барқарор мекарданд. Танҳо ҳуҷҷатҳои интихобнамудаи



Сайнаков Сайнак Пардишоевич

ҳукуматӣ аз нашр мебаромаданду халос. Аз ин лиҳоз, аввалин муаррихони америкоӣ ба маҷмӯаҳои ҳуҷҷатҳои англисии нашршуда такя мекарданд. Шумораи зиёди ҳуҷҷатҳо, ки оид ба давраи ибтидоии мулкдории мустамликавӣ дар Америкаи Шимолӣ маълумот медоданд, дар бойгониҳои шахсӣ ва архивҳои давлатии мамлакатҳои Аврупо нигоҳдорӣ мешуданд. Дар охири асри XVIII дар ШМА низ ҷамъиятҳои маҳаллии таърихӣ падид омаданд, ки қадимтаринаш байни онҳо Ҷамъияти таърихии Массачусетск буда, соли 1791 аз ҷониби Ҷ. Белкнап таъсис дода шуд. Соли 1800 Китобхонаи Конгресс таъсис дода шуд, ки аз соли 1828 оғоз намуда, нусха аз қонунҳои федералӣ, сабти баҳсҳои дар Конгресс гузашта ва дигар ҳуҷҷатҳои давлатӣ ба китобхонаи мазкур дода мешуд. Ба ҳолати дар сатҳи ибтидоӣ қарор доштани кори бойгонӣ нигоҳ накарда, дар мамлакат дар нимаи аввали асри XIX нашркунии маъхазҳои таърихӣ оғоз гардид.

Барои романтизми америкоӣ диққати ҷиддӣ додан ба масъалаҳои хусусияти хоси рушди миллии мамлакат, тасаввурот дар бораи миссияи махсуси Америка дар самти офаридани ҷамъияти идеалӣ – яъне сохтори нави сиёсӣ, хос буданд. Романтикҳо хаёл мекарданд, ки муассисаҳои сиёсии ШМА куллан аз аврупоӣ фарқ мекунанд. Романтикони ШМА аз ҷаҳонбинии дунявӣ ва реалистии замони маорифпарварӣ як дараҷа гашта, рӯй ба самти провиденсиализм гардонданд. Онҳо прогрессро на дар рушди донишҳо, балки бисёртар дар принсипҳои ахлоқӣ медиданд. Маркази таълимоти романтикӣ Донишгоҳи Гарвард дар Кембриҷ, наздикии Бостон буд, барои ҳамин дар романтизми америкоӣ маданият ва анъанаҳои динии Англияи Нав таъсири калон расонданд.

Масъалаҳои дигари асосии мавзӯи баҳси таърихнигории романтикии ШМА Ҷанг барои истиқлолият ва ғуломдорӣ буданд. Барои таърихнигории либералӣ - романтикии ШМА шоирона васф кардани ҷанг барои истиқлолият, коркарди ғояҳо оид ба миссияи махсуси

таърихии ШМА – ягона ҷумҳурии бузург, ки дар он ҷо дастгоҳи бюрократӣ рушд наёфтааст, хос буданд.

Асарҳои аввалин оид ба таҳлили Ҷанг барои истиқлолият дар охири асри XVIII – ибтидои асри XIX ба вуҷуд омаданд. Публитсистон ва муаррихони америкоӣ, ҳам федералистон ва ҳам зидди федералистон оид ба заминаҳои инқилоби мазкур ҳамфикр буданд. Онҳо сабабҳои зеринро пешниҳод менамоянд: а) сиёсати бехирадонаи Англия нисбат ба мустамликаҳои Америкаи Шимолӣ; б) ҳуқуқи табиии америкоиҳо ба озодӣ ва истиқлолият; в) дар идеологияи пуританӣ [1] мавҷуд будани анъаноти муқовимат бо истибдод.

Дар солҳои 20 – 30 - юми асри XIX дар илми таърихи ШМА равия бо номи *«мактаби барвақта»* ташаккул ёфт, ки намояндаи пешбари он Ҷорҷ Бэнкрофт (1800 – 1891) буд. Сарвари таърихнигории либералӣ - романтикии ШМА Ҷ. Бэнкрофт дар солҳои 1834 – 1874 асари даҳҷилдаи худ «Таърихи Штатҳои муттаҳида»: аз кашфи Америка то итимоми Ҷанг барои истиқлолиятро навишт. Дар методологияи таърихии ӯ таъсири консепсияи муаррихи немис Л. Ранке дида мешавад.

Ғояи марказии Ҷ. Бэнкрофт ин назарияи ӯ оид ба халқи интихобшуда, баргузидаи америкоӣ, ки онро Худованд, баръакси дигар халқҳо, бо роҳи тамоман нав раҳнамоӣ кардааст, мебошад. Халқи Америка, менависад ӯ, дар натиҷаи пайвастшавии шароитҳои фавқулоддаи табиии Америка бо принсипҳои ахлоқӣ ва динии қисмати муҳоҷирон - пуританҳои беҳтарини аврупоӣ ба вуҷуд омадааст. «Руҳи озодӣ», аз ибтидо дар мустамликаҳои Англияи Нав зиста, баъдан дар тамоми мустамликаҳо паҳн гардид, ки он ба ҷанг барои истиқлолият оварда расонд.

---

[1]Пуританӣ (аз англисии Puritans, аз лотинии puritas «тозагӣ, назофат, софӣ, покӣ») – протестантҳои англис, ки обрӯ ва мартабаи калисои расмиро эътироф намекарданд, тарафдорони калвинизм дар Англия дар асрҳои XVI – XVII.



Сайнаков Сайнаг Паршшоевич

Инқилоби америкоӣ низ ба ақидаи муаррих ҷузъе аз нақшаи Худовандӣ оид ба беҳтар намудани ҷамъият ва қисматҳои он дар роҳи ҳаракати онҳо ба самти асри тиллоӣ мебошад. Он зуҳуроти табиӣ ва мантиқии институтҳои демократии америкоӣ ва рӯҳи халқ мебошад. Сабабҳои инқилобро Ҷ. Бэнкрофт дар ҳаракати ногусастании Америка ба самти прогресс ва дилбохта будану ҳавас доштани он ба озодӣ муайян намудааст. Ҷ. Бэнкрофт дар самти идеализатсия чунон боло рафтааст, ки муаллиф дар давраи инқилоб америкоиҳоро ҳамчун миллати воҳиду зич тасвир намудааст. Ҷ. Бэнкрофт таъкид намудааст, ки ШМА роҳбари прогрессии ҷаҳонӣ мешаванд ва дар мамлакат идеали озодӣ, демократия, баробарии ҳуқуқи инсон аллакай дар амал ҷорӣ шудааст. Хислатҳои инқилобии ҷанг барои истиқлолиятро инъикос намуда, муаллиф нақши сарварони он, ба монанди Т. Ҷефферсон, Ҷ. Вашингтон ва С. Адамсро бисёр ҳамду сано гуфтааст.

Асари ӯ дар таърихнигории ШМА аввалин таҳқиқотест, ки дар асоси доираи васеи маъхазҳо навишта шуда, дар рушди илми таърихи ШМА таъсири калон гузошт. Ҷ. Бэнкрофт дар навиштани асари худ на танҳо аз ҳуҷҷатҳои амрикоӣ, инчунин аз маводи бойгониҳои Англия ва Франсия васеъ истифода бурдааст. Новобаста аз он ки ӯ бо омӯзиши таърихи сиёсӣ, ҳарбӣ ва дипломатии ШМА маҳдуд шуда бошад ҳам, аммо вай яке аз аввалинҳо мебошад, ки на таърихи як мустамлика, балки таърихи том ва самтҳои ҳаматарафаи рушди миллати амрикоиро пешниҳод карда буд. Ин мавқеи асари вайро боз ҳам боло бардошт. Асари мазкур беҳад ҳаводорони зиёди худро пайдо намуда буд.

Дар солҳои 1849 – 1859 сарвари таърихнигории аболитсионистӣ[1] ва публитсистика Ричард Хилдрет (1807 – 1865) асари шашҷилдаи худ «Таърихи Штатҳои муттаҳидаи Америка» - ро нашр кард, ки дар он муаллиф нисбат ба назарияи Ҷ. Бэнкрофт то дараҷае инқилоби якуми

[1]Аболитсионизм (аз англисии abolitionism, аз лотинии abolitio — бекор кардан, барҳам додан, маҳв кардан) — 1) ҳаракати ҷамъиятӣ барои бекор карданн ягон қонун; 2) ҳаракати ҷамъиятии охири асри XVIII – нимаи аввали асри XIX барои бекор кардани ғуломии зангиён дар ШМА.



Сайнаков Сайнак Пайшиоевич

америкоиро бо дигар тарз маънидод кардааст. Р. Хилдрет бар зидди назарияи Ҷ. Бэнкрофт оид ба таъсис ёфтани ШМА ҳамчун сарнавишти Худовандии дар амал тадбиқ карда шуда баромад кард. Р. Хилдрет кӯшиш кардааст, ки таърихии ҷанг барои истиқлолиятро бе идеализатсия ва муболиға нишон диҳад. Аз ҷумла, давраи пеш аз ҷангии Америкаро инъикос намуда, ӯ на танҳо тарафҳои манфии сиёсати мустамликавии Англия, балки лаҳзаҳои манфии мавқеи худи мустамликадоронро низ нишон додааст. Р. Хилдрет, инчунин ба заминаҳои иқтисодии инқилоб низ назар намудааст. Ӯ, ғайр аз ин, ғоя оид ба ягонагии дохилии лагерҳои инқилобиро ҳам инкор карда буд. Ҳамчунин Р. Хилдрет аввалин шуда, дар таърихнигори ШМА таъсири манфии ғуломдориро ба рафти ҷанг барои истиқлолият зикр кардааст.

Масъалаи аз ҳама тезу тунди ҳаёти сиёсии Америка дар миёнаи асри XIX ғуломдорӣ буд. Табиатан, таърихнигории вақти ШМА низ наметавонист, ки аз он сарфи назар намояд. Дар ҷамъияти америкоӣ дар нимаи аввали асри XIX ду нуқтаи назар оид ба шарҳдиҳӣ ва ҳал намудани масъалаҳои ғуломдорӣ ташаккул ёфтанд: якум назари демократӣ, ки қатъиян ғуломдориро маҳкум намуда, барҳам додани онро талаб мекард; дуюм, назари иртиҷоӣ мебошад, ки намояндагони он Ҷанубиҳо буданд ва кӯшиш менамуданд, ки бо кадом роҳе, ки набошад ғуломдории плантатсиониро дар мамлакат нигоҳ доранд.

Муҳофизони сохти ғуломдорӣ таъкид мекарданд, ки ШМА на тавассути ба он дохилшавии якҷояи халқи Америкаи Шимолӣ таъсис ёфта буданд, балки ба воситаи штатҳои кул, ки иттифоқро таъсис доданд, барои ҳамин штатҳои алоҳида бояд ҳуқуқҳои васеъ, бо иловаи нигоҳ доштани ғуломдорӣ, ҳатто баромадан аз иттифоқ, ки ба он ворид шуда буданд, дошта бошанд.

Бар зидди онҳо ворисони федералистон баромад мекарданд. Онҳо ваколати васеи ҳукумати федералиро асоснок намуда, ҳуқуқи штатҳоро дар самти баромадан аз иттифоқ рад мекарданд. Ғуломдорон

ғуломдориро бо характери патерналистиаш [1], бо фоиданокии иқтисодиаш сафед мекарданд ва ғуломдориро кафили мӯътадилии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва моликият медонистанд. Талаби барҳам додани ғуломдориро онҳо натиҷаи таъсири афкори чартистон ва сотсиалистони аврупоӣ медонистанд.

Тарафдорони барҳам додани ғуломдорӣ дар нашриёт маводҳоеро нашр мекарданд, ки дар онҳо бартарияти иқтисодии Шимол ва қафомонии иқтисодӣ ва таназзули мадании Ҷануб ва шармандагии ғуломдориро ба намоиш мегузоштанд. Аммо бояд иброз дошт, ки таърихнигорӣ майдони асосии зиддиятҳои ғоявӣ оид ба масъалаҳои ғуломдорӣ набуд ва дар қиёс ба афкори ҷамъиятӣ масъалаҳои мазкур дар таърихнигорӣ камтар инъикос меёфтанд.

Сарвари равияи аболитсионистии демкoратӣ Р. Хилдрет буда, ӯ дар асарҳояш ғуломдориро танқид мекард ва дар он боздорандаи асосии рушди анъанаҳои демократии ШМА - ро мебинад. Ҳамчун ҷавоб ба асари А. Токвил «Оид ба демократия дар Америка» (1840) Р. Хилдрет памфлети худ «Деспотизм дар Америка» - ро нашр намуд, ки дар он ӯ номувофиқ будани олигархияи ҷанубӣ, ғуломдорӣ ва истибдодро бо демократия ба қалам додааст. Дар асари худ «Таърихи ШМА», ки аз кашфи Америка то соли 1820 - ро дар бар мегирад, ӯ дар бораи ғуломдорӣ ҳарф зада, онро хилофи принсипҳои Эъломияи истиқлолият, ки баробарии одамонро эълон карда буд, донистааст.

Сарвари қаноти иртиҷоӣ плантатори вирҷинӣ Ҷорҷ Фитсхю (1806 – 1881), муаллифи китобҳои «Сотсиология барои Ҷануб ё муфлисшавии ҷамъияти озод » (1854), «Ҳама одамхӯрон ё ғуломон бе хӯҷаинон» (1857), мебошад, ки дар онҳо ӯ кӯшидааст аз нигоҳи иқтисодӣ ғуломдориро асоснок намуда, дар рӯҳияи консервативӣ - миллӣ хусусиятҳои хоси рушди таърихии Америкаи Ҷанубиро нишон диҳад.

[1]Патернализм (падарӣ) – системаи муносибот, ки дар он ҳукуматдорон талаботи шаҳрвандонро қонеъ намуда, ба ивази он ба онҳо дикта кардани модели рафторро раво мебинанд, ҳам оммавӣ ва ҳам фардӣ.



Сайнаков Сайнак Паршшоевич

Баҳодиҳӣ ба сабабҳои ҷанги шаҳрвандӣ низ фарқкунанда буданд. Намояндагони таърихнигории иртиҷоии Ҷануб сабабҳои онро дар баҳси конститутсионӣ бо Шимол (сетсессия[1]) медиданд, муаррихон – аболитсионистон бошад мегуфтанд, ки сабабҳои асосии ҷанги шаҳрвандӣ мубориза бар зидди ғуломдорӣ буд. Дар натиҷаи аз байн бурдани оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва азнавсозии Ҷануб таъсири таърихнигории ҷанубӣ низ рӯ ба таназзул ниҳод.

Сайнаков Сайнак Парпишоевич

[1] Сетсессия – баромадан, мебароям, баромадан аз ҳайати давлат.

## 6. ТАЪРИХНИГОРИИ РОССИЯ

Дар фосилаи байни охири асри XVIII – ибтидои асри XIX дар рушди илми таърихи Россия фарқияти калон ҷой дорад. Дар ибтидои асри XIX на сухану на манфиат, балки донистани ҳақиқат вазифаи таърихчӣ мегардад. Ба ҷои баёни сарчашма ҳар чи бештар мақоми махсусро таҳқиқоти дар асоси маъхазҳо бунёдёфта ишғол менамоянд. Зина ба зина аз будаш зиёд нишон додани ватандӯстию модернизатсиякунӣ канор монда шуда, омӯзиши махсуси солномаҳо, ёдгориҳои лингвистикӣ, археологӣ ва этнографӣ ба роҳ монда шуда, он талаботи илмиро низ боло бардошт. Таснифоти илмӣ ва усулҳои интиқодии таҳқиқи манбаъҳо каркард шуданд. Ва охирон дар натиҷаи ворид намудани маводи санадӣ дар омӯзиши таърих доираи назару дараҷаи дониши таърихӣ васеъ гардид.

**Н. М. Карамзин.** Дар ибтидои асри XIX дар таърихнигории Россия нақши намоёнро муаррихи бузурги дарбории император Александри I Николай Михайлович Карамзин (1766 – 1826) ишғол менамояд. Ӯ дар навиштани асари ҷамъбастиаш оид ба таърихи Россия аз маъхазҳои фаровони хаттию даҳонӣ васеъ истифода намудааст. Ба маҳорати эҷодии ӯ шоири тавоно, сардафтари адабиёти реалистии рус ва муаррих А. С. Пушкин баҳои баланд дода менависад, ки «Ҳама, ҳатто занҳои дунявӣ ҳам имрӯз давида, ба хондани таърихи ватани хеш шурӯъ намуданд, ки то ин вақт барои онҳо номаълум буд… Россияи қадим аз ҷониби Карамзин, чун Америка – аз ҷониби Колумб, кашф гардид». Дар ҷои дигар А. С. Пушкин қайд менамояд, ки Н. М. Карамзин дар таърихи Россия «аввалин муаррих ва охирин солноманавис» мебошад.

Шоир П. А. Вяземский Карамзинро ба М. И. Кутузов баробар карда мегӯяд, ки ӯ моро аз тохтутози фаромӯшӣ наҷот дода, нишон дод, ки мо ватан дорем.

Сайнагов Сайнак Парпиевич

Аммо дар баробари таърифу тавсиф Н. М. Карамзин ва асари ӯ дар солҳои минбаъда зери танқиди тозиёнаи муаррихони касбии буржуазии Россия қарор гирифт. Масалан, намояндаи равияи таърихнигории буржуазӣ М. И. Каченовский ошкоро гуфтааст, ки мавқеи методологии Н. М. Карамзин қафомонда аст, асари ӯ на таърихи давлат, балки таърихи шаҳриёронро дар бар мегирад.

М. П. Погодин ба ин назар буд, ки «Карамзин ҳамчун суханоро ва рассом бузург аст, аммо чун мунаққид ӯ танҳо тавонист аз оне истифода барад, ки то ӯ иҷро карда шуд ва чун файласуф ӯ мартабаи кам дорад ва таърихи ӯ ба ягон саволи фалсафии ман ҷавоб намедиҳад».

Тибқи ақидаи П. Н. Милюков «Карамзин на барои олимон, балки барои оммаи васеъ навишт, ҳамчун мунаққид аз оне истифода бурд, ки то ӯ онро карда буданд; намуна барои Карамзин муаррихони асри XVIII монданд, ки ба ҳамаи норасоии онҳо шарик шуд, фурсат наёфт, ки бо дастовардҳо баробар шавад; 12 ҷилди ӯро хонед бовар мекунед, ки чи хел барои Карамзин мафҳум дар бораи таърихи ҳақиқӣ бегона аст. Карамзин бо худ давраи навро оғоз нагузошт, балки куҳнаро анҷом дод ва нақши ӯ дар таърихи илм на фаъол, балки пассив аст».

Дар таърихнигории Шӯравӣ Н. М. Карамзин ҳамчун идеологи гуруҳҳои дворянӣ - аристократӣ муаррифӣ шудааст.

Новобаста ба муҳокимаронии муҳаққиқони пешин бархе аз мутахассисони муосири Россия ба ӯ баҳои баланд додаанд. Метовон гуфтори онҳоро дар як шакли том овард, ки «ҳамчун олим ӯ дақиқ, ҳамчун файласуф – оригиналӣ ва чун адабиётшинос – нотакрор мебошад»[1].

Н. М. Карамзин дар асари худ «Таърихи давлати Россия», ки соли 1818 аз нашр баромад, ба гардиши илмӣ шумораи зиёди маъхазҳоро ворид намуд. 3000 нусхаи китоби мазкур дар як моҳ ба фурӯш рафтаанд,

[1]Сидоренко О. В. Историография IX – начало XX вв. Отечественной истории (учебное пособие). Владивосток, 2004. С. 75.



Сайнаков Сайнак Пирмашоевич

ки инро худи Н. М. Карамзин низ интизор набуд[1]. Н. М. Карамзин асари худро ба императори Россия Александри I бахшидааст. Ва дар охирсухани он низ зикр кардааст, ки «Таърихи халқ ба шоҳ тааллуқ дорад!».

Барномаи таърихӣ - сиёсии худро бошад Н. М. Карамзин дар «Нома дар хусуси Россияи қадима ва муосир» - и худ ҷой додааст, ки соли 1811 ҳамчун барномаи дворянӣ ба Александри I пешниҳод гардид. Ӯ бар зидди ислоҳоти либералии М. М. Сперанский баромад намуда, аз номи дворянҳо зидди он ҳамчун таърихчӣ менависад: «Қудрат ва гулгулшукуфии Россия ҳама вақт дар мутлақият асос ёфта буд. Ҳамаи навигарӣ дар бораи тартиботи давлатӣ шаръ аст». Мутлақият Россияро асос ва эҳё намуд, – қайд намудааст ӯ.

Н. М. Карамзин даврабандии таърихи Россияро ба давраҳои қадим, миёна ва нав ҷудо намудааст[2] Мутлақият консепсияи умумии ӯро дар бар гирифтааст. Эҳёшавии давлатдории Россияро ӯ ба фаъолияти Ивани Калита нисбат додаст, ки дар вақти ҳукмронии ӯ Москва сарвари ҳақиқии Россия мегардад. Аҷибаш дар он аст, ки Карамзин худаш ҷумҳурихоҳ буд, аммо таърихи худро дар руҳияти мутлақият навишта, сохти монархиявиро барои Россияи азим зарурӣ донистааст.

**Равияи интиқодӣ дар таърихнигорӣ солҳои 20 – 40 - уми асри XIX**. Давраи мазкур дар таърихнигории Россия бо муносибату диду назари нав нисбат ба донишҳои таърихӣ ворид гардид. Тағйирот дар тафаккури таърихӣ низ дар партави талаботи ҷамъияти Россия ба вуҷуд омаданд. Заминаи манбаъвии таҳқиқоти таърихӣ низ васеъ гардид, донишгоҳҳо, ҷамъиятҳои илмӣ ба марказҳои калони таҳқиқоти таърихӣ табдил ёфтанд ва имконияти паҳн намудани донишҳои таърихӣ низ тавассути маҷаллаҳои «Паёми Европа», «Архиви шимолӣ», «Писари ватан» ва ғайра васеъ гардид. Шумораи донишгоҳҳо низ дар давраи мазкур дар

[1]Сахаров А. М. Историография истории СССР. Досоветский период. М., 1978. С.92.
[2]Сахаров А. М. Историография истории СССР. Досоветский период. М., 1978. С.97.



Сайнаков Сайнаг Наршоевич

Россия зиёд шуд, ки таъсири он дар рушди таърихнигорӣ низ дида мешавад ва дар назди онҳо ҷамъиятҳои илмӣ ва нашрияҳо низ фаъолият мекарданд. Масъалагузорӣ, предмет ва объекти таърихнигорӣ васеъ шуда, фанҳои махсуси таърихӣ, аз қабили таърихи иқтисодиёт, ҳуқуқ, забон ва адабиёт, этнография, археология ва ғайра шакл гирифтанд.

Равияи нав (интиқодӣ) дар илми таърих дар натиҷаи баҳсу мунозираҳо атрофи асари «Таърихи давлати Россия» - и Н. М. Карамзин ба вуҷуд омад. Дар рафти он асосҳои ҷаҳонбинии консепсияи ӯ зери танқид қарор гирифт. Дар вобастагӣ ба интиқоди асари мазкур ва пешниҳод намудани ғояҳои нав дар донистани таърихи гузашта «равияи танқидӣ» ташаккул ёфт. Равияи мазкур махсусан дар асарҳои Г. Эверс равшан намудор гардид, ки мазкур кӯшиш намудааст, то ки таърихи давлати Россияро аз нуқтаи назари рушди органикии он баррасӣ намояд. Инчунин, он дар асарҳои Н. А. Полевой, М. Т. Каченовский, Н. Г. Устрялов, М. П. Погодин инъикос гардидааст.

Иоганн Филипп Густав Эверс профессори Донишгоҳи Дерпт буда, ҳаёти худро ба таҳқиқи таърихи Россия бахшидааст.

Донишгоҳи Геттингенро хатм намуда, соли 1803 ба Лифляндия омада, ба амалишавии нақшаи худ, яъне таҳқиқи таърихи Россия, шурӯъ менамояд. Аллакай асари аввалини ӯ «Дар бораи пайдоиши давлати рус», ки соли 1808 бо забони немисӣ чоп шуд, шуҳрат пайдо кард. Соли 1809 бо дастгирии Н. М. Карамзин Эверс аъзои Ҷамъияти таърих ва қадими рус ва баъд аъзои Академияи Петербург интихоб мегардад. Соли 1810 бошад профессори Донишгоҳи Дерпт шуда, вазифаи мудири кафедраи география, таърих ва оморро ба уҳда гирифта, оид ба таърих ва ҳуқуқи рус лексияҳо хондааст. Соли 1818 бошад Эверс ректори донишгоҳи мазкур таъйин мегардад. Ҳамчун олим вай дар зери таъсири мактаби немисӣ ба воя расида, дар ташаккулёбии шахсияташ эҷодиёти К. Савини, К. Эйхгорн таъсир гузоштаанд.

Равияи илмии ӯ таҳқиқи таърихи қадимтарини Россия, таъсисёбии давлат дар рус ва институтҳои ҳуқуқии он буд.

Дар асарҳои худ Эверс фаҳмиши худро дар бораи пайдоиши давлати рус муайян намуда, ба хулосае меояд, ки он дар натиҷаи ҳаёти дохилии славянҳои шарқӣ, ки пеш аз омадани варягҳо иттиҳодияҳои мустақили сиёсӣ ва ҳокимони олӣ (князҳо) доштанд, зуҳур ёфтааст. Варягҳоро онҳо танҳо барои мустаҳкам намудани ҳокимият ба сифати кироя даъват намуда буданд. Талабот дар самти ҳал намудани масъалаҳои дохилию берунӣ ва дар вақти интихоби сарварӣ ба вуҷуд омадани парокандагӣ байни онҳо, замоне, ки ҳал намудани он ғайриимкон буд, ба он оварда расонд, ки қарор доданд ҳокимиятро ба бегона диҳанд. Барои ҳамин Рюрик даъват карда шуд. Ҳамин тавр, давлати Рус пеш аз Рюрик вуҷуд дошт. Ин хулосаи олим тасаввуроти анъанавии таърихнигории русро оид ба оғозшавии давлатдорӣ дар Россия аз Рюрик барбод дод.

Муаррихи дигари машҳури давраи мазкури Россия Николай Алексеевич Полевой (1796 – 1846) буда, муаллифи асарҳои бисёрҷилдаи «Таърихи халқи рус», «Таърихи Пётри Кабир» ва ғайра мебошад. Ғайр аз ин, ӯ ҳамчун публитсист, муҳаррир, мунаққиди адабӣ ва муассиси як қатор маҷаллаҳо машҳур аст.

Ба муқобили таърихи «давлатӣ» - и Карамзин Н. А. Полевой кӯшиш намуд, ки таърихи худро гузорад. Хост, ки онро дар 12 ҷилд аз нашр барорад, аммо аз чоп танҳо шаш ҷилди он баромаданд. Дар муқоиса бо асари Карамзин – «Таърихи давлати Россия», Н. А. Полевой асари худро «Таърихи халқи рус» номгузорӣ кард. Дар таҳқиқи таърих Н. А. Полевой танҳо назари фалсафиро пешниҳод намудааст.

Таърихи русро бо таърихи Аврупои ғарбӣ алоқаманд дониста, Н. А. Полевой даврабандии таърихи Россияро ба таври зайл муайян намудааст:

Сайнаков Сайнак Парвиноевич

- давраи аввали таърихӣ (862 – 1054) онро ӯ давраи таърихи феодалии норманӣ донистааст (дар зери феодализм на тарзи истеҳсолот, балки парокандагии давлатиро донистааст);

- давраи дуюм (1054 – 1224) – феодализми оилавӣ, ки ба он Ярослав баъди ба фарзандонаш тақсим намудани заминҳои рус асос гузошт;

- давраи сеюм (1224 – 1505) – дар натиҷаи тохтутози муғул сар шуда, то марги Ивани III, ки дар давраи ӯ Россия аз асорат раҳо ва ба давлат табдил гашт, идома ёфт;

- давраи чорум – яккаҳукмронӣ – то Пётри I идома ёфт;

- давраи панҷум аз Пётри Кабир оғоз шуд, даврае, ки таърихи Россия «ҳамчун давлати аврупоӣ» сар шуд[1].

**Мактаби скептикӣ дар таърихнигории рус.** Ба мактаби скептикӣ дар таърихнигории Россия профессори Донишгоҳи Москва Михаил Тимофеевич Каченовский (1775 – 1842) асос гузошт.

Дар таҳқиқоти ӯ таърихи қадимаи рус ва масъалаҳои маъхазшиносӣ мақоми махсусро ишғол менамоянд. Вазифаи асосии илми таърихро муҳаққиқ дар баён намудани ҳақиқати ҳол, роҳ надодан ба сохтакории фактҳо мебинад. Ӯ даъват менамояд, ки ёдгориҳои таърихӣ бояд ҷиддан таҳлил карда шаванд. Дар зери таъсири методи таърихӣ-интиқодии муаррихи машҳури немис Б. Г. Нибур М. Т. Каченовский талаб намуд, ки ёдгориҳои қадимаи рус ҷиддан таҳқиқ карда шаванд.

Раванди таърихиро Н. А. Каченовский занҷираи ҳодисоти бузург донист, ки ҳар кадоми онҳо бо зуҳуроти гузаштаю оянда алоқаманд мебошанд. Ҳар кадоми онҳо сабабҳо ва натиҷаҳои худро доранд.

М. Т. Каченовский маъхазҳои русиро таҳлил намуда, бо ҳам муқоиса намуд. Дар натиҷа муайян кард, ки дар солномаҳо бархе воқеот ҳар хел тасвир шудаанд. Бисёр калимаҳои истифодашуда ба замони

---

[1]Ниг.: Сидоренко О. В. Историография IX – начало XX вв. Отечественной истории (учебное пособие). Владивосток, 2004.

рӯйдоди воқеа бегонаанд, солшуморӣ низ дуруст нест. Ӯ ниҳоят хулоса баровард, ки аз ҳамаи номгӯи ба мо маълум, ҳатто қадима, куҳантаринашон ба асри XIV рост меояд. Нусхабардорону котибон ба хотири он ки дар замони онҳо фаҳмо бошад, матнро нав карданд, онро тағйир додаанд. Ҳамин тавр, ӯ аз рӯи матн маъхазҳои қадимаи русро мансуби асрҳои XIII – XIV медонад.

Ақидаҳои худро оид ба ёдгориҳои қадимаи рус муҳаққиқ дар лексияҳое, ки дар Донишгоҳи Москва хонда буд, ҷой дода, он таъсири аниқи худро ба ҷаҳонбинии шогирдонаш расонд.

Шогирдону пайравони ӯ В. Виноградов, хусусан С. Строев, ақидаҳояшро идома доданд. Бар зидди ақидаҳои мактаби мазкур М. П. Погодин **(1800 – 1875**) баромад мекард.

**Консепсияи таърихии М. П. Погодин.** Михаил Петрович Погодин – олим - муаррих ва педагог буда, соли 1841 академики ординарии Академияи императории Россия интихоб мегардад.

«Россия, – олами бузург аст», – менависад М. П. Погодин. Он қаламрави васеъ, боигарӣ ва қувваҳои моддӣ ва маънавии аз ҳад зиёд дорад». Муайян намудани ба вуҷудоии он, чи хел он бо тамоми қувваҳояш дар як даст нигоҳ дошта мешавад, вазифаи асосии илми таърих мебошад. Барои ҳал намудани масъалаи мазкур олим пешниҳод менамояд, ки бояд ба омӯзиши оғози таърихи Россия, сарчашмаҳои таъсисёбии давлати рус рӯ овард. Ибтидои давлатдорӣ қисми аз ҳама муҳими таърих аст. Инчунин, вай дар муқоиса бо таърихи дигар давлатҳо ва халқҳо хусусиятҳои хос ва тақдири давлати Россияро нишон дод. Таҳқиқоти худро М. П. Погодин аз масъалаи варягҳо, ки тибқи бархе ахборҳо асосгузорони давлати Рус ҳастанд, яъне онҳо кӣ буданд, оғоз менамояд. Ӯ сарчашмаҳои русӣ, византиягӣ, ғарбӣ ва арабиро ҷиддан омӯхта, таҳлили лингвистикӣ гузаронда, ба дин, урфу одат ва фаъолияти князҳои аввалини рус мурочиат намуда, ба хулосае меояд, ки варягҳо - русҳо баромади скандинавӣ доштанд. Омӯзиши халқҳои



Сайнаков Сайнак Паршиоевич

славян муҳаққиқро ба хулосае овард, ки онҳо ҳамчун халқ ҳазор сол пеш аз Рюрик маълум буданд. Онҳо дар ҷамоаҳо, ҳамчун қабила зиста, аз ҷониби саравлодон ва доҳиён идора мешуданд. Ин он маъноро дорад, ки варягҳои омада, ба аҳолии таҳҷоӣ тобеъ шуданд ва дар муддати ду - се аср дар байни славянҳо ҳазм шуда, изи худро танҳо дар сохтори гражданӣ боқӣ монданд. Ба хулосаи ӯ мардуми Новгород Рюрикро даъват намуданд. Аммо ин маънои онро надорад, ки мо ин воқеаро оғозёбии давлатдории Рус ҳисоб кунем. Натиҷаи асосии даъват намудани Рюрик – оғозёбии сулола аст. Дар натиҷа, ба авлоди Рюрик муяссар шуд, ки бузургтарин давлатро дар ҷаҳон таъсис диҳанд. М. П. Погодин оид ба таърихи Россия даврабандии худро низ пешниҳод намудааст[1].

Дар Россия мисли Аврупои Ғарбӣ асри миёна вуҷуд надошт, балки он шарқии русӣ, мулкдории хосса буд, ки моҳиятан аз феодалӣ фарқ дошт, гарчанде ба шакли чунин пайдоиш дохил мешуд, натиҷаи юришҳои салибӣ – ин сустшавии феодализм ва пурзӯршавии режими монархӣ буд, дар Россия бошад пурзӯршавии низоми монархиявӣ натиҷаи тохтутози муғул шуд, дар Ғарб ислоҳотчигӣ буд, дар Россия ислоҳоти Пётри Кабир, ҳамин хели ҳодисоти параллелӣ (мувозӣ) - ро М. П. Погодин дар таърихи Россия ва Ғарб пайдо менамояд. Равиши ин ду раванди мазкур мутлақо мустақил ва аз ҳамдигарӣ озод мебошад. Дар натиҷаи ниҳоӣ М. П. Погодин ба хулосае меояд, ки тамоми таърихи Россия комилан манзараи дигар аст.

Решаи тафовути байни Ғарбу Россияро олим дар нуқтаи ибтидоии пайдоиш мебинад, яъне ба тезиси маълум дар бораи таърихи халқ аз таърихи давлат сар мешавад ва сарчашмаи фарқият дар хусусиятҳои хоси зуҳуроти он мебошад. Давлат дар Рус дар натиҷаи «шартномаи дӯстона» оғоз ёфт, дар Ғарб он дар натиҷаи забткориҳо зуҳур намуд.

[1]Сидоренко О. В. Историография IX – начало XX вв. Отечественной истории (учебное пособие). Владивосток, 2004. С. 75.



Сайнаков Сайнак Паршиоевич

Дар Ғарб аҷнабиён таҳҷоиёнро мағлуб намуда, заминашонро кашида гирифта, онҳоро ба ғуломӣ табдил доданд. Ғолибон ва мазлумон ду синфро ташкил доданд, ки байнашон муборизаи бетанаффус сар шуд. Дар шаҳрҳо табақаи сеюм ба вуҷуд омад. Он ҳам бар зидди ашрофзодагон муборизаро оғоз намуд. Муборизаи онҳо бо инқилоб хотима меёбад. Дар Ғарб шоҳ барои таҳҷоиён бадбин буд.

Дар Россия бошад шоҳ «даъватшуда … меҳмони сулҳдӯст, ҳимоятгари хоҳиш дошта» буд. Ӯ дар муносибат бо боярҳо ягон ӯҳдадориҳоро надошт. Бо халқ «рӯ ба рӯ, ҳамчун ҳимоятгар ва қозии он» ҳарф мезад. Замин дар ихтиёри умум буд, ҳамроҳони княз онро дар намуди инъом гирифтанд. Халқ озод монд. Тамоми аҳолӣ танҳо аз нигоҳи касбу кор, мақом фарқ мекарданд, дар муносиботи сиёсию шаҳрвандӣ бошад байни ҳам ва княз баробар буданд.

Табақаи болоӣ имтиёзҳои худро дар натиҷаи «хизмат дар назди Ватан» ба даст оварданд. Дар мо, ҷамъбаст менамояд М. П. Погодин, «не тақсимот аст, на феодализм, на шаҳрҳои паноҳандагон, на табақаи миёна, на ғуломдорӣ, на мубориза аст». Ҳамаи ислоҳот дар Россия, ҳамаи навовариҳо аз боло, аз ҷониби шаҳриёр ҷорӣ шуданд, на ба монанди Аврупо аз поён. Ҳамин тавр, фарқият дар нуқтаи ибтидоӣ тақдири Россияро ҳал намуд.

Ба ғайр аз ин, сабабиятҳои таърихӣ тақдири Россия ва халқҳои Аврупоро ҷудо намуданд, Погодин ба хусусиятҳои табиӣ (қаламрав, замин, иқлим, системаи дарёҳо) ва ахлоқӣ (руҳи халқ, дин ва маориф) низ диққат додааст.

**Н. Г. Устрялов.** Муаррихи дигар машҳури ин давра, профессори Донишгоҳи Санкт - Петербург Николай Герасимович Устрялов (1805 – 1870) мебошад. Асари вай «Таърихи рус» дар таърихнигории Россия ҷойгоҳи худро дорад. Ӯ таърихи Россияро ба ду давраи асосӣ: қадима ва нав ҷудо менамояд. Ҳар кадоме аз онҳо ба зердавраҳо ҷудо шудааст. Таърихи қадимаро аз давраи оғози Рус то Пётри Кабир (862 – 1689) ва

Сайнаков Сайнак Париншоевич

таърихи навро аз Пётр то марги Александри I (1689 – 1825) муайян кардааст. Дар таҳқиқи таърих аз нуқтаи назари прагматикӣ даст задааст.

Ғайр аз ин, дар давраи мазкур А. И. Михайловск - Данилевский (1789 – 1848), М. А. Корф (1800 – 1876) ба таҳқиқи масъалаҳои таърихи Россия машғул буданд[1].

**«Назарияи халқияти расмӣ».** Ҷомеаи Россия дар солҳои 30 – 40 уми асри XIX гузариши калон аз шароити кӯҳнаи феодалӣ - крепостнойӣ ба шароити нав, яъне ба сохти буржуазиро аз сар гузаронд.

Дар аввали солҳои 30-юм вазири маориф ва президенти Академияи илмҳо граф С. С. Уваров бо ном «Назарияи халқияти расмӣ» - ро тартиб дод. «Охирин лангари наҷоти мо» исрор мекард ӯ, – «усули соф русии муҳофизати дини православӣ, мутлақият ва халқият» мебошад. Халқи рус, – навишта буд С. С. Уваров, – халқест диндор, содиқи калисои православӣ, калисо пояест, ки асрҳо пойдор буда, ҳама вақт ёварӣ кардааст, ки халқ зери асорат ва тобеият нигоҳ дошта шавад, бинобар ин ҳокимият бояд онро ҳарҷониба ҳимоя кунад.

Мутлақият ба фикри ӯ дар Россия таърихан ба вуҷуд омадааст (мувофиқи назарияи норманӣ). Бо роҳи ихтиёри қабул намудани ҳукумронии князҳои варяг аз тарафи халқи рус ва то ҳозир ҳам халқ онро ҳифз мекунад. Халқ бо тамоми буду шудаш бояд аз он миннатпазир бошад, халқи рус бояд ба подшоҳ ва подшоҳ ба халқ вафодор бошанд. Ҳокимияти шоҳӣ кафолати шукӯҳи ояндаи Россия аст.

Таҳти истилоҳи «халқият» ягонагии подшоҳ бо халқ, набудани ихтилоф дар байни онҳо фаҳмида мешуд, ки гӯё ин ба таърихи халқи рус хос будааст, чунин фаҳмида мешуд, ки халқи рус бовар дорад, ки подшоҳ

[1]Сидоренко О. В. Историография IX – начало XX вв. Отечественной истории (учебное пособие). Владивосток, 2004. С. 75.

ягона ҳомии аслӣ ва додраси халқ аст. Ин ақидаро низ ба гуфтаи Уваров тарғиб кардан зарур аст[1].

**Афкори ҷамъиятӣ - таърихии Ғарбпарастон ва Славянофилҳо.** Солҳои 20 – 40 уми асри XIX дар ҷамъияту таърихнигории русӣ чунин мунозира авҷ гирифт: Россия минбаъд бо кадом роҳ тараққӣ хоҳад кард? Барои ҳамин дар Россия ду ҳаракати чамъиятӣ ё ду гурӯҳ пайдо шуд. Гурӯҳи якумро ғарбпарастон ва гурӯҳи дуюмро бошад славянофилҳо (славянпарастон) меномиданд. Охири солҳои 30 - юм ва аввали солҳои 40 - ум дар байни онҳо баҳс оғоз гардид.

Ғарбпарастон мегуфтанд, ки Россия ва Аврупои ғарбӣ бо як роҳ тараққӣ хоҳанд кард. Бинобар ин, дар Россия бояд сохти парламентарии буржуазӣ барқарор гардад, ба фикри онҳо танҳо ҳамин ислоҳот метавонад Россияро аз табаддулоти инқилобӣ наҷот диҳад.

Славянофилҳо бошад мегуфтанд, ки Россия бо роҳи ба худ хос тараққӣ хоҳад кард, ки он Россияро ҳам аз инқилоб ва ҳам аз капитализм наҷот медиҳад. Онҳо сабаби ин ҳамаро дар ҷамъияти махсуси деҳқонони рус – община, дар деҳқонони патриархалӣ ва дар он медиданд, ки гӯё дар Россия муборизаи синфӣ вуҷуд надорад.

Ғарбпарастон ҷараёни буржуазию либералӣ буданд, ки манфиати буржуазия ва помешикони пешқадамро ифода мекард. Намояндагони намоёни ин ҷараён олими таърихшинос Т. Н. Грановский, нависандагон И. И. Панаев, В. П. Боткин буданд. Ғарбпарастон сохти крепостнойиро танқид мекарданд. Бекор кардани сохти крепостнойӣ, озодии матбуот, ҷорӣ намудани сохти конститутсиониро тарғиб мекарданд. Аммо дар баробари ин тарафдори сохти капитализм буданд. Онҳо зидди инқилоб ва сохти сотсиализм буданд.

Сайнаков Сайнак Партишоевич

[1]Сайнаков С. П. ва дигарон. Таърихи Россия (охири асри XVII – ибтидои асри XX). Курси лексия (нашри дуюм бо таҳриру иловаҳо). Душанбе, 2014.

Намояндагон ва идеологҳои Славянофилҳо А. С. Хомяков ва ду писари нависандаи машҳур С. Т. Аксаков – Иван ва Константин Аксаковҳо буданд. Онҳо ҳам дворянҳо - помешиконе буданд, ки ба охир расидани умри ҳуқуқи крепостнойиро нағз мефаҳмиданд. Онҳо ҳам сохти крепостнойиро танқид мекарданд. Ба бекор кардани ҳуқуқи крепостнойӣ талаб намуда, аз тараққиёти сохти буржуазӣ метарсиданд, чунки фикр мекарданд, ки сохти мазкур ба ҳуввияту рӯҳияи халқи рус мувофиқат намекунад. Онҳо нуқсонҳои сохти ҷамъияти мавҷударо ба он алоқаманд мекарданд, ки гӯё Россия аз роҳи ба худ хоси тараққиёти ҷамъиятӣ берун баромадааст. Ба ҳамаи ин онҳо Пётри Кабирро гунаҳгори асосӣ медонистанд, ки гӯё зӯран Россияро бо роҳи ғарб бурда, тартиботи ба халқи рус бегонаи ғарбро ҷорӣ кардааст. Славянофилҳо тартиботи пеш аз Пётрро ситоиш ва барои аз нав барқарор кардани он даъват мекарданд. Ин даъват реаксионӣ буд. Славянофилҳо манфиати помешиконро ифода мекарданд. Мубоҳиса байни Ғарбпарастон ва Славянофилҳо аҳамияти калони ҷамъиятӣ дошт, зеро сухан дар бораи пайдо намудани роҳҳои тараққиёти минбаъдаи Россия мерафт. Ин баҳсу мунозираҳо дар адабиёти илмӣ ва санъат низ инъикос меёфт[1].

**Равияи инқилобӣ - демократӣ.** Ғояҳои демократӣ дар ҷамъияти рус оҳиста - оҳиста мустаҳкам гардиданд. Солҳои 30 – 40 - ум давраи ба вуҷуд омадани ғояи нав – инқилобӣ - демократӣ буд. Барои зуҳур ва ташаккулёбии ин ғоя Шӯриши декабристон замина гузошт. Намояндагони он А. И. Герсен, В. Г. Белинский ва Н. П. Огарев (маорифпарварон – инқилобчиён - демократ) буданд. Аҳамияти асосиро дар афкори ҷамъиятии Россия дар солҳои 30 - юм маҳфилҳои А. И. Герсен, В. Г. Белинский ва Н. П. Огарёв бозиданд.

Равшанфикр
Огоҳӣ Озодӣ Ободӣ

[1]Сайнаков С. П. ва дигарон. Таърихи Россия (охири асри XVII – ибтидои асри XX). Курси лексия (нашри дуюм бо таҳриру иловаҳо). Душанбе, 2014.

Виссарион Григориевич Белинский (1811 – 1848) ҳамчун донишҷӯ аввали солҳои 30 - юм дар Донишгоҳи Москва маҳфили начандон калони худро созмон дод. Аз рӯи рақами хонае, ки дар он аъзоёни маҳфил ҷамъ мешуданд, ин маҳфил «Ҷамъияти адабии рақами ёздаҳ» номида шуд. Ин маҳфил ду сол (с. 1830 – 1832) амал кард. Аъзоёни он бар зидди мутлақият ва сохти крепостнойӣ буданд. Дар ҳамин маҳфил Белинский драмаи худ «Дмитрий Калинин» - ро хонд, ки дар он қисмати ҷавони крепостнойӣ, ки дар муборизаи зидди бедодгарии сохти крепостнойӣ ҳалок гардидааст, тасвир шуда буд. Барои ин асараш Белинский соли 1832 аз донишгоҳ хориҷ карда шуд.

Александр Иванович Герсен (1812 – 1870) ва Николай Огарёв (1813 – 1877) инқилобчиёни он давра буданд. Ҳар дуи онҳо аз оилаи дворян буданд. Дар ташаккулёбии ҷаҳонбинии онҳо Шӯриши декабристон таъсири худро расонда буд. Дар донишгоҳ Герсен ва Огарёв илҳомбахши инқилобии донишҷӯён буданд. Аъзоёни маҳфил мутлақият ва крепостнойчигиро сахт танқид мекарданд. Дар маҳфил ба омӯзиши таърихи сиёсӣ, хониши адабиёти инқилобии Франсия диққат медоданд. Герсен ва Огарёв тарғиботи худро дар тамоми факултетҳо чуқур ба роҳ монда буданд. Нақшаи онҳо саҳеҳ набошад ҳам, рӯҳия ва ақидаи мазкурон хусусияти инқилобӣ дошт. Тобистони соли 1837 Герсен ва Огарёв ҳабс карда шуданд, фаолияти маҳфил бошад аз байн рафт.

Дар рушди афкори ҷамъиятии он давра, хусусан Белинский нақши калон бозид. Ӯ дар адабиёт ва матбуот ҳамчун мунаққид баромад мекард. Ғояи ӯ ҷамъияти сотсиалистӣ буд, ки дар он мебоист шаҳрвандони озоди баробарҳуқуқ зиндагӣ ва фаъолият кунанд. Ӯ фикр мекард, ки барҳамхӯрии мутлақият ва ҳуқуқи крепостнойӣ ба он меорад, ки бою камбағал, шоҳу гадо намемонад, вале бародарон – одамони баробарҳуқуқ мемонанд. Аммо ғояи сотсиализми ӯ хаёлӣ буд. Ӯ баръакси сотсиалистони хаёлии Аврупо дарк кард, ки айни замон ба

Сайнаков Сайнак Паришоевич

сотсиализм бо роҳи осоишта расидан ғайримкон аст. Белинский дар Россия яке аз аввалин шахсоне буд, ки беадолатиро танқид кард. Вай навишта буд: «Россия роҳи халосии худро дар муваффақиятҳои тамаддун, маориф, инсонпарварӣ мебинад. … Ҳуқуқу қонуне лозим, ки на ба таълимоти калисо, балки ба ақли солим ва ба адолатпарварӣ мувофиқ бошад».

Дар «Мактуб ба Гогол» ном асараш ӯ базе ақидаҳои худро овардааст. Ин мактубро ҷавонони солҳои 40 - уми асри XIX азёд карда буданд ва манифести худ медонистанд. Эҷодиёти Белинский дар таърихи афкори ҷамъияти рус ва ҳаракати ҷамъиятӣ аҳамияти бузург дошт. Маҷаллаҳои вай «Отечествнные записки» ва «Современник», ки дар онҳо асарҳои ӯ чоп мешуданд, машҳуртарин маҷаллаҳои замони Россия буданд. Ҳамроҳи А. И. Герсен Белинский сардафтари ҳаракати инқилобӣ - демократӣ дар Россия гардид. Ӯ славянофилҳоро барои парастиши замони гузашта ва аз талаботи давр қафо мондани назарияи сиёсиашон сахт танқид мекард. Дар баробари ин, вай назарияи ғарбпарастонро низ тарафдорӣ намекард. Хусусан, аз инқилоб тарсидан ва дар назди буржуазияи ғарб сар хам кардани онҳо ба ӯ маъқул набуд.

Герсен дар асарҳояш ҳамчун материалисти диалектикӣ бармад мекард. Ӯ зидди «назарияи халқияти расмӣ» буд. Дар повест ва романҳои худ «Кӣ гунаҳкор?», «Доктор Крупов», «Аккаи дузд» ҳисси муҳаббати гарм ба халкро нишон дода, дар баҳсҳои байни ғарбпарастон ва славянофилҳо мавқеи инқилобиро ишғол мекард. Вай славянофилҳоро мисли Белинский барои тарафдори замони кӯҳна буданашон ва дар назди мутлақият сар хам карданашон сахт танқид мекард. Бо вуҷуди ин вай бо ғарбпарастон, ки тарафдори роҳи осоиштаи ислоҳотии тараққӣ буданд, низ ҳамфикр набуд. Герсен инқилобчӣ ва сотсиалисти хаёлӣ буд.

Сайнаков Сайнак Нарншоевич

Ӯ яке аз аввалинҳо шуда фаҳмид, ки сабаби асосии шикасти Шӯриши декабристон аз халқ худро дур гирифтани онҳо буд. Бинобар ин, кӯшиш мекард, ки бо халқ бояд наздик шуда, ҳисси қадри инсонӣ ва соҳибихтиёрии онро бедор кунад. Соли 1847 Герсен ба хориҷа сафар кард ва шоҳиди инқилоби соли 1848 дар Франсия гардид.

Ӯ инқилоби Франсияро ба чашмони худ дида, боз ба Россия чашми умед баст, ки маҳз ватани вай роҳи нави азнавсозиро ба тамоми ҷаҳон нишон медиҳад. Ӯ ба халқи рус ва ояндааш бовар дошта, ба фикре меояд, ки ватани ӯ ба роҳи сотсиализми ба худи он хос мерасад. Чунки вай бо дидагони худ дид, ки халқи рус бо коллективи махсус – обшинаи деҳқонон зинда аст. Ӯ назарияи худро барои ҳукумати оянда, яъне «сотсиализми русӣ» - ро кор кард, ки дар он манфиатҳои синфи коргарро ҳимоя мекард.

Августи соли 1852 Герсен ба Лондон меравад. Дар он ҷо вай матбааи «Озоди рус» - ро ташкил карда, аввал маҷмӯаи «Полярная звезда» (Ситораи қутб), баъдтар газетаи машҳури «Колокол» (Зангула) - ро нашр мекунад. Ин нашрияҳо дар Россия паҳн мегардиданд ва дар тарбияи насли нави инқилобчиён нақши бузург бозиданд. Шиори «Колокол» - и ӯ аз чунин суханон иборат буд: «Зиндагонро даъват мекунам»[1].

[1]Сайнаков С. П. ва дигарон. Таърихи Россия (охири асри XVII – ибтидои асри XX). Курси лексия (нашри дуюм бо таҳриру иловаҳо). Душанбе, 2014.



Сайнаков Сайнак Парпиевич

# ЛЕКСИЯИ 6. ФАҲМИШИ МАТЕРИАЛИСТОНАИ МАРКСИСТИИ ТАЪРИХ

**Адабиёт:**

Гулыга А. В. Немецкая классическая философия. М., 1986.

Б. Славин.Марксизм: испытание будущим: О дискуссионных вопросах теории и истории марксизма. Москва, 2014.

Безансон А. Интеллектуальные истоки ленинизма. М., 1998.

Герасименко Г.А. История Российской исторической науки (дооктябрьский период). Учеб. пособие. – Псков, 1998.

Историография истории России до 1917 г.: Учеб. для студ. высш. учеб. заведений: В 2 т. // Под ред. М.Ю. Лачаевой. – М., 2003.

Советская историография. Под. ред. Ю. Н. Афанасьева. М., 1996.

Три источника и три составных части марксизма//Ленин, В. И.Полн. собр. соч., т.23.

Сайнаков С. П., Садиров Ш. А., Азизов С. А. Таърихнигории давраи нави мамлакатҳои Европа ва Америка. Курси лексияҳо барои факултетҳои таърихи мактабҳои олӣ. Душанбе, 2018.

Сахаров А.М. Историография истории СССР. Досоветский период. Курс лекций. – М., 1978.

Сборник материалов по истории исторической науки в СССР (конец XVIII – первая треть XIX в.). Учеб. пособие // Под ред. И.Д. Ковальченко. – М., 1990.

## 1.ЗУҲУРИ ТАЪРИХНИГОРИИ МАРКСИСТӢ ВА ЗАМИНАҲОИ ОН

К. Маркс ва Ф. Энгелс – ҳамчун мутафаккирон, инқилобчиён ва сотсиалистони немис дар солҳои 40 - уми асри XIX дар фалсафа консепсияи материалистонаро инкишоф додаанд.

Асоси фалсафаи марксизмро материализми диалектикӣ ва таърихӣ дар бар мегиранд. Марксизм аз фалсафаи классикии немис, иқтисоди сиёсии англис ва сотсиализми хаёлии французӣ сарчашмаи назариявӣ гирифтааст.

Марксизм дар натиҷаи рушди дуру дарози ҷамъияти инсонӣ ва таҷрибаи таърихӣ зуҳур кардааст. Дар миёнаҳои асри XIX барои пайдо шудани ҷаҳонбинии илмии коммунистӣ заминаҳо ба вуҷуд омаданд. Дар

Сайнаков Сайнак Партишоевич

як вақт бо барқарор шудани сохти сармоядорӣ синфи коргар низ ташаккул ёфт.

Миёна ва нимаи дуюми асри XIX равнақёбии босуръати шаҳрҳои саноатӣ, истеҳсолоти саноатӣ ва тағйирёбӣ дар ҳаёти ҳаррӯза ва маданияти ҷамъиятӣ ба вуҷуд омад. Дар натиҷа дар таърихнигорӣ масъалҳои нав, пеш аз ҳама проблемаи синфи коргар, ба миён омаданд. Маҳз, дар ҳамин давра илмҳои табиӣ бо усулҳои материалистонаи таҳқиқоти худ дар ҷамъият обрӯю мартабаи калон пайдо намуданд.

Дар ҳамин вазъият консепсияи фаҳмиши материалистонаи таърих бо ғояҳои худ, ки бо раванди сиёсӣ - идеологии шароити моддии ҳаёт созгор буд, ташаккул ёфт.

Хусусиятҳои хоси таърихнигории марксистӣ инҳо мебошанд:

1. Сабаби ниҳоии рушди таърихӣ асоси дигаргунӣ дар истеҳсолоти моддӣ мебошад;

2. Тарзи истеҳсолот ё базиси иқтисодии ҷамъият – ин таъсири мутақобила (комплекс) - и қувваҳои истеҳсолкунанда (ашё, воситаҳои меҳнатӣ, қувваи корӣ) ва муносибатҳои истеҳсолӣ мебошад, ки маҳаки онҳо муносибати молумулкиро ба вуҷуд меоранд. Базис ба надстройка таъсиррасон аст: сиёсӣ, ғоявӣ, институтҳои маънавӣ - маданӣ ва муносибатҳо;

3. Тибқи намуди базис панҷ форматсияи ҷамъиятӣ - иқтисодӣ ҷудо карда мешавад: ҷамоаи ибтидоӣ; ҷамъияти ғуломдорӣ; ҷамъияти феодалӣ, ҷамъияти сармоядорӣ ва ҷамъияти сотсиалистӣ;

4. Ивазшавии форматсияҳо дар раванди муборизаҳои синфӣ ва инқилобҳо, ки муносибатҳои истеҳсолии ба сатҳи қувваҳои истеҳсолкунанда ҷавобгӯ набудаи ба вуҷуд омадаро аз байн мебаранд, сурат мегирад.

Фаҳмиши материалистонаи таърих дар асарҳои К. Маркс ва Ф. Энгелс «Идеологияи немисӣ» (1845 – 1846), «Қашшоқӣ дар фалсафа» (1847), «Манифест Ҳизби коммунистӣ» (1848), «Ба интиқоди иқтисоди

Сайнаков Сайнак Парпиноевич

сиёсӣ» (1859), «Сармоя» (1867), «Анти - Дюринг» (1876 – 1878), «Нома оид ба материализми таърихӣ» (1893 – 1895) асоснок шудааст[1].

К. Маркс ва Ф. Энгелс усули материалистонаи худро дар таҳлили як қатор воқеоти таърихӣ тасдиқ карданд. Аз ҷумла, К. Маркс оид ба инқилоби Франсия солҳои 1848 – 1849: «Муборизаи синфӣ дар Франсия дар солҳои 1848 – 1850», «18 брюмери Луи Бонапарт»; оид ба Коммунаи Париж: «Ҷанги шаҳрвандӣ дар Франсия» ақидаҳои худро пешниҳод намудааст. Дар таърихи инқилоби солҳои 1848 – 1849 вобастагии муборизаи сиёсиро аз тағйироти иқтисодӣ муқаррар намуд; се давраи роҳи аз поён намоёншудаи инқилобро муайян кард; феномени бонапартизмро кушод; ба хулосае омад, ки ҳуқуқи умумии интихоботӣ дар давраи сохти буржуазӣ ба кор намеояд. Бояд дастгоҳи давлатӣ - бюрократӣ аз байн бурда шавад.

Асарҳои Ф. Энгелс оид ба таърих «Инқилоб ва аксулинқилоб дар Германия» ва «Ҷанги деҳқонӣ дар Германия» мебошанд.

К. Маркс ва Ф. Энгелс назарияву ғояҳои мутафаккирони гузаштаро бо назари танқидӣ аз нав коркард намуда, тибқи хулосаи муҳаққиқони минбаъда таълимоти наверо ба вуҷуд оварданд, ки он ба манфиати синфи коргару деҳқон мувофиқ омад:

- онҳо назарияи ҷамъиятиро аз тасаввуроти хаёлӣ ва схемаҳои утопиявӣ озод карда, онро ба илми ҳақиқӣ, ки қонунҳои тараққиёти таърихиро меомӯзад, табдил доданд;

- онҳо назарияи ҷамъиятро ба идеологияи ҳаракати оммаи пролетариат табдил дода, онро аз кабинетҳои хилват ба арсаи васеъю дастраси манфиатҳои меҳнаткашон баровcovered;

- онҳо муроқибавӣ будани тафаккури ҷамъиятӣ ва аз амалия ҷудо будани назарияро бартараф сохта, меҳнаткашонро бо силоҳи маънавии дигаргунсозии олам мусаллаҳ карданд.

---

[1]Муфассалтар ниг.: Теория и методология истории. Учебник для вузов. Ответственные редакторы В. В. Алексеев, Н. Н. Крадин, А. В. Коротаев, Л. Е. Гринин. Волгоград, 2014. С. 55 – 89.

Ҳамин тавр, марксизм дар ҳамаи соҳаҳои илмҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла таърих, таъсири худро расонд.

Дар рафти баррасии мавзӯи мазкур зарур аст, ки ба масъалаҳои марксизм ва принсипи таърихӣ ва характери мубоҳисавии асарҳои асосгузорони марксизм диққат дода шавад.

Марксизм аз фалсафа, иқтисодӣ сиёсӣ, назарияи коммунизми илмӣ таркиб ёфтааст.

Қонунҳои инкишофи ҷамъият объективӣ мебошанд, онҳоро тағйир додан ва ё бекор кардан мумкин нест, лекин одамон метавонанд қонунҳои мазкурро кашф намоянд, дар фаъолияти ҳаррӯзаи худ ба назар гирифта ба фоидаи ҷамъият истифода баранд. Бархе аз ҷамъиятшиносони буржуазӣ қонунҳои объективии рушди ҷамъиятро ба он асос рад мекунанд, ки ҳодисаҳои таърихӣ ҳеҷ гоҳ такрор намеёбанд, такроршавӣ бошад, хусусияти таркибии қонун аст. Марксистон иброз медоранд, ки қабул аст, ҳар як воқеа дар таърихи ҷамъият ба маънии муайяне такрорнашаванда аст. Мисол, Инқилоби буржуазии Франсия нусхабардори Инқилоби буржуазии Англия набуд, ҳар кадоме онҳо ба тарзи махсус ва хусусияти хоси худашон сурат гирифтанд. Аммо илми ҷамъиятшиносӣ аз ҷиҳати нотакрории воқеаҳои ҷудогонаи таърихӣ бархе аз хусусиятҳои умумию қонуниятҳоро муайян менамояд. Яъне ҳамаи инқилобҳои буржуазӣ, сарфи назар аз тафовути худ, асоси умумии иқтисодӣ, мақсади умумии объективӣ доштанд. Ҳамаи инҳо зиддияти синфи буржуазия бо сохти феодалӣ буданд. Аз ин лиҳоз, ба ҷиҳати аз ҳама умумитарини инқилобҳои буржуазӣ такроръёбӣ хос аст.

Тибқи назарияи марксистона таърихи ҷамъият аз инкишофи табиат моҳиятан фарқ мекунад. Ҳастии ҷамъиятӣ шуури ҷамъиятиро муайян мекунад – чунин аст принсипи асосӣ ва аввалиндараҷаи материализми таърихӣ. Аммо барои донистани қонунҳои рушди ҷамъият мафҳумҳои базис ва надстройка хизмат мекунанд.

Сайнаков Сайнан Пардиноевич

Базис сохти иқтисодии ҷамъиятест, ки аз системаи муносибатҳои муайяни истеҳсолӣ иборат мебошад. Мисол, базиси иқтисодии ҷамъияти буржуазӣ системаи муносибатҳои истеҳсолии муносиботи сармоядорӣ мебошад. Базиси иқтисодии сотсиализм системаи муносибатҳои истеҳсолии сотсиалистӣ мебошад.

Надстройка маҷмӯи ақидаҳо, ғояҳо, назарияҳо, муносибатҳои гуногуни сиёсӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, мадании ҷамъиятӣ, инчунин маҷмӯи муассисаю ташкилотҳои ҷамъиятӣ аст.

Базис ва надстройка бо ҳам алоқаманданд. Барои ҳар базиси иқтисодӣ надстройкаи муайяни сиёсӣ ва идеологӣ мувофиқат мекунад. Моҳияту маънои ғояву назарияҳои ҷамъиятӣ, решаҳои тартиботи сиёси ва идеологиро дар базиси иқтисодӣ ҷустан лозим аст.

Дар асоси базису надстройка марксистон форматсияи ҷамъиятию иқтисодиро пешниҳод намудаанд. Яъне, зинаи қонунии тараққиёти таърихие, ки ба тарзи муайяни истеҳсолот бо базису надстройкаи худ асос ёфтааст, форматсияи ҷамъиятию иқтисодӣ номида мешавад.

Тибқи ақидаҳои назариётчиёни марксизм таърихи инсоният то ҳозир панҷ форматсияи иҷтимоию иқтисодиро паси сар намудааст:

- ҷамоаи ибтидоӣ;
- ҷамъияти ғуломдорӣ;
- ҷамъияти феодалӣ;
- ҷамъияти сармоядорӣ;
- ҷамъияти сотсиалистӣ (коммунистӣ).

Ҳамин тавр, таърихи ҷамъият таърихи инкишоф ва ивазшавии форматсияҳои ҷамъиятиву иқтисодӣ мебошад.

Ҳар як ҷамъият, ғайр аз ибтидоӣ, дорои синфҳои бо ҳам зид мебошанд. Ва дар таърихнигории марксистӣ ба мақоми синфҳо ва мубориазаи синфӣ дар раванди таърих диққати махсус дода мешавад. Муборизаи синфӣ дар ҳамаи форматсияҳои истисморгар қувваи пешбарандаи таърих мебошад. Таърифи классикии синфро яке аз

Сайнаков Сайнак Паришоевич

пешвоёни марксизм В. В. Ленин чунин додааст: «Синфҳо гуфта, гуруҳи калони одамонеро меноманд, ки аз ҷиҳати мақоми ишғолкардаашон дар системаи таърихан муайяни истеҳсолоти ҷамъиятӣ, аз ҷиҳати муносибаташон ба воситаҳои истеҳсолот, аз ҷиҳати нақше, ки дар ташкили ҷамъиятии меҳнат мебозанд ва аз ин рӯ, аз ҷиҳати тарзҳои гирифтани ин ҳиссаи сарвати ҷамъиятӣ, ки онҳо дар ихтиёри худ доранд ва аз миқдори он ҳиссаи сарвати ҷамъиятӣ аз якдигар фарқ мекунанд».

Дар баробари синфҳо дар таърихнигории марксистӣ ба инқилобҳои иҷтимоӣ низ зиёд такя шудааст. Қатъиян дарҳам шикастани сохти ҷамъиятӣ, ки дар натиҷаи он аз як форматсияи ҷамъиятию иқтисодӣ ба форматсияи дигар гузариш ба амал меояд, инқилоби иҷтимоӣ ном дорад. Хулоса, консепсияи К. Маркс ва Ф. Энгелс ба таърих тавассути муносиботи иқтисодӣ назар намуданро пешниҳод менамояд[1].

Хулоса, ҷаҳонбинии марксистӣ низ мисли дигар назарияҳо тарафҳои мусбию манфии худро дошта, дар асарҳои як қатор муҳаққиқони муосири ҷаҳонӣ нишон дода шудаанд.

---

[1] Прохоренко И. А. Основные направления зарубежной историографии всеобщей истории (от древности до конца XX века). Учебное пособие по спецкурсу «Основные тенденции историографии Всеобщей истории». Тольяти, 2010. С. 20.



Сайнаков Сайнак Паршиоевич

## 2. ПАҲНШАВИИ ҒОЯҲОИ МАРКСИСТӢ ДАР РОССИЯ

Дар солҳои 80 - ум пролетариат инкишоф ва мустаҳкам гардида, барои ғояи нав – марксизм, ки андаке пештар дар Аврупои ғарбӣ паҳн шуд, дар Россия низ барои паҳн гардидани он шароити таърихӣ ба вуҷуд омад. Худи намоёнтарин намояндагони халқчиён – Г. В. Плеханов, Л. Г. Дейч, В. И. Засулич, П. Б. Акселрод аз халқчигӣ ба мавқеи марксизм гузаштанд.

Соли 1872 ҷилди якуми «Капитал» - и М. Маркс ба русӣ тарҷума ва нашр шуд. Дар соли 1883 бошад дар Женева аз тарафи Плеханов аввалин ташкилоти марксистии рус – гурӯҳи «Озодкунии меҳнат» таъсис дода шуд. Георгий Валентинович Плеханов (1856 – 1918) намоёнтарин марксисти рус аввал халқчӣ буда, аз таъқиби ҳукумат соли 1880 ба хориҷа хиҷрат кард. Якчанд насли марксистони рус дар зери таъсири асарҳои ӯ ба воя расиданд. Гурӯҳи «Озодкунии меҳнат» қобилияти деҳқононро ҳамчун иттифоқчии синфи коргар инкор карда, буржуазияи либералиро дар рафти инқилоб иттифоқчии синфи коргар ҳисоб мекард. Ин гурӯҳ сотсиализми илмӣ ва назарияи марксистиро бо ҳаракатҳои коргарӣ муттаҳид карда натавонист. Ин вазифаро баъдтар В. И. Ленин амалӣ гардонд. Бо ин нигоҳ накарда, гурӯҳи «Озодкунии меҳнат» аз ҷиҳати назариявию ғоявӣ барои ҳаракати сотсиал - демократӣ дар Россия роҳро кушод. Дар зери таъсири ин гурӯҳ дар Россия маҳфилҳои дигари марксистӣ ба вуҷуд омаданд.

Дар соли 1883 бошад дар Петербург бо сарварии Дмитрий Благоев (1856 – 1924), ки баъдтар доҳии ҳизби коммунистии Булғория мешавад, гурӯҳи марксистии сотсиал - демократӣ ташкил карда шуд, ки номи «Ҳизби сотсиал-демократҳои рус» - ро мегирад. Д. Благоев ин вақт дар Донишгоҳи Петербург мехонд. Пеш аз ҳама номгузории сотсиал - демократӣ барои Россия чизи нав буд, ки мундариҷаи нави фаъолияти инқилобиро дар Россия таҷассум мекард.

Сайнаков Сайнак Парвиоевич

Дар барномаи ин маҳфил нақши инқилобии синфи коргар қайд шуда, баръакси барномаи халқчиён дар он дарҷ гардида буд, ки «сармоядорӣ дар мо (яъне Россия) зуҳур ва инкишоф ёфта истодааст».

Гурӯҳи Д. Благоев ақида доштанд, ки «коргароне, ки дар марказҳо ҳастанд, бояд ҳамчун маҳаки қувваи сиёсии халқ хизмат намоянд». Мақсади асосии ин маҳфил гузаштан ба сотсиализм буд. Аммо дар роҳи амалӣ намудани он гурӯҳи мазкур ақидаҳои дақиқи марксистӣ надошт, дар барномаи онҳо ҳоло ҳам унсурҳои халқчигӣ, хусусан террорро ҳамчун муборизаи сиёсӣ истифода бурдан, ҷой доштанд.

Благоев бо «Озодкунии меҳнат» алоқа дошт. Плеханов ба барномаи вай эрод гирифта, дар натиҷа ӯ аз мӯҳтавои барномаи худ даст кашид ва барномаи «Озодкунии меҳнат» - ро қабул мекунад. Маҳфили Благоев 3 сол амал кард. Дар моҳи марти 1887 ин маҳфил барҳам дода шуд. Худи Благоев бошад аз ин пештар, соли 1885, дастгир ва ба Булғория пеш карда шуд.

Ҳамин тавр, дар охири солҳои 80 – 90 - ум маҳфилҳои марксистӣ дар бисёр шаҳрҳои Россия ба вуҷуд омаданд[1].

---

[1]Сайнаков С. П. ва дигарон. Таърихи Россия (охири асри XVII – ибтидои асри XX). Курси лексия (нашри дуюм бо таҳриру иловаҳо). Душанбе, 2014.



Сайнаков Сайнак Пиримоевич

## 3.ОҒОЗИ ДАВРАИ ЛЕНИНӢ ДАР ИНКИШОФИ МАРКСИЗМ

Доҳии пролетариати рус, таъсисдиҳандаи нахустин ҳукумати коргару деҳқон дар ҷаҳон В. И. Ленин (Улянов) 22 - уми апрели соли 1870 дар оилаи педагог дар шаҳри Симбирск ба дунё омадааст. Дар синни панҷсолагӣ назди модар хонданро ёд гирифта, аз синни даҳсолагӣ вориди гимназияи Симбирск шуда, онро бо медали тилло хатм кард. Барвақт тавассути асарҳои Герсен, Белинский, Чернишевский ва ғайра бо ғояи инқилобии онҳо шинос мегардад. Соли 1887 бародараш Александр аъзои ташкилоти «народоволестсҳо» буда, бо сабаби ташкил намудани сӯиқасд ба ҷони император Александри III қатл карда шуд. Ҳамин вақт, В. И. Ленини 17 - сола зараровар будани усули терроррo барои ҳаракатҳои оммавии коргарон фаҳмида, қайд мекунад, ки «мо бо ин роҳ намеравем. Бо ин роҳ рафтан даркор нест». Ӯ ба омӯзиши асарҳои К. Маркс, Ф. Энгелс ва Плеханов пардохта, баъд аз сари онҳо дар инкишоф додани марксизм нақши муассиреро мегузорад.

Соли 1887 пас аз хатми гимназия ба донишгоҳи Қазон дохил шуда, барои иштироки фаъолона дар ошӯби донишҷӯён ба ҳабс кашида мешавад ва дар моҳи декабр аз Қазон ба деҳаи Какушкино бадарға мешавад.

Тирамоҳи соли 1888 ба Қазон баргашта, ба маҳфили марксистии Н. Е. Федосеев шомил мешавад. Соли 1889 оилаи Уляновҳо ба Самара кӯч мебандад. Ленин дар он ҷо маҳфили марксистиро таъсис дода, барои тибқи экстернат супоридани имтиҳонти курси факултети ҳуқуқшиносӣ низ омодагӣ мебинад. Сонӣ ба тариқи экстернат соли 1891 имтиҳоноти давлатиро назди Донишгоҳи Петербург супорида, дипломи дараҷаи якумро аз рӯи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ мегирад. Августи соли 1893 ӯ ба Петербург омада, ба ҳаракатҳои инқилобӣ ворид шуда, сотсиал-демократҳои Петербургро роҳбарӣ менамояд.

Сайнаков Сайнак Парпиоевич

В. И. Ленин хеле барвақт ба омӯзиши марксизм шурӯъ кардааст, дар аёми ҷавони аъзои маҳфили марксистии Федосеев будааст. Солҳои 1892 – 1893 бошад худаш дар Самара маҳфили марксистиро таъсис медиҳад ва дар он ҷо китобхонаи пинҳонии ин ҷараёни сиёсиро мекушояд. Сонӣ бар зидди назариячиёни халқчиён баромад кард ва дар раванди таърихӣ ғайрииилмӣ будани ақидаҳои халқчиёнро исбот мекунад.

Ҳамин тариқ, ба ин шахсияти инқилобчӣ муяссар мешавад, ки марксизмро бо ҳаракатҳои коргарӣ пайванд намояд. Дар як вақт бар зидди халқчиён мубориза бурда, набарди сиёсиро бо марксистони легалӣ низ ба роҳ мемонад. Сарвари марксистони легалии Россия он вақт П. Струве ба ҳисоб мерафт. Онҳо низ бар зидди халқчиён мубориза бурда, исбот мекарданд, ки Россия бо роҳи сармоядорӣ меравад. Барои шарҳу тавзеҳ додани ин масъала онҳо ба марксизм такя мекарданд. Дар таърихнигории шӯравӣ онҳоро ҳамчун зери ниқоби душманони ҳаракатҳои коргарӣ амал намуда, айбдор мекарданд. Онҳо худро танҳо барои он тарафдорони марксизм нишон доданд, ки танҳо далели рушди сармоядорӣ дар Россияро исбот намоянд. Худи сармоядориро эътироф намуда, иброз доштанд, ки он абадан пойдор мемонад. Барои исботи ин онҳо аз марксизм моҳияти инқилобии он, ногузир аз байн рафтани сохти сармоядорӣ ва барқарор шудани коммунизмро партофтанд.

В. И. Ленин бошад мавқеи ақидаи худро мустаҳкам намуда, дар асарҳои худ нишон дод, ки дар Россия ба майдони сиёсӣ, ҳамчун қувваи асосӣ ва роҳбарикунанда, пролетариат ворид шуд ва иттифоқчии коргаронро танҳо дар симои деҳқонон медид. Пролетариат муборизаи деҳқононро дар инқилобҳои буржуазӣ - демократӣ роҳбарӣ намуда, ба сӯи инқилоби сотсиалистӣ ҳаракат менамояд.

Дар баробари барои тоза нигоҳ доштани назарияи марксизм мубориза бурдан, В. И. Ленин ба фаъолияти амалии инқилобӣ низ машғул мешавад. Ӯ кӯшиш ба харҷ дод, ки гурӯҳҳои сотсиал - демократиро дар як ташкилот муттаҳид намояд. Ҳамин тариқ, вай соли 1895 дар Петербург «Иттифоқи

Сайнаков Сайнак Паршшоевич

мубориза барои озод кардани синфи коргар» - ро ташкил дод, ки он барои таъсисёбии ҳизби коргарии Россия ҳамчун ҷанин хизмат кард.

Баъдтар, бо ғалаба кардани Инқилоби Октябр, методологияи марксистӣ дар таърихнигории Россияи Шӯравӣ (баъдан ИҶШС) ҳукмрон гардид[1].

Сайнаков Сайнак Паршиоевич

[1]Сайнаков С. П. ва дигарон. Таърихи Россия (охири асри XVII – ибтидои асри XX). Курси лексия (нашри дуюм бо таҳриру иловаҳо). Душанбе, 2014.

## ЛЕКСИЯИ 7 . ИЛМИ ТАЪРИХИ ҒАРБ ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX

**Адабиёт:**


Барг М. А. Эпохи и идеи: становление историзма. М., 1987.

Болховитинов Н. Н. Становление исторической науки в США. // История США. М., 1983. Т. 1.

Историография истории нового и новейшего времени стран Европы и Америки / Под ред. И.П. Дементьева, А.И. Патрушева - М., 2000.

Историография истории Древней Греции // История Древней Греции /Под ред. В.И. Кузищина. М., 1996. С.19-35.

Историография истории нового времени стран Европы и Америки. Учеб. пособие // Под ред. И.П.Дементьева. – М., 1990.

Историография истории России до 1917г.: Учеб. для студ. высш. учеб. заведений: В 2 т. // Под ред. М.Ю. Лачаевой. – М., 2003.

Иванов Г. М. Кризис позитивистской концепции исторического источника и Б. Кроче // Вопросы истории. М., 1974. № 1.

Основные проблемы истории США в американской историографии 1861-1865 гг. под. ред. Севостьянова Г. Н. М., 1974.

Сайнаков С. П., Садиров Ш. А., Азизов С. А. Таърихнигории давраи нави мамлакатҳои Европа ва Америка. Курси лексияҳо барои факултетҳои таърихи мактабҳои олӣ. Душанбе, 2018.

Тишков В. А. История и историки в США. М., 1985.

Уманский Н. Б. Американская революция в буржуазной историографии США (конец XVIII-60-е гг. XX вв.). Казань, 1988.

Шапиро А.Л. Историография с древнейших времен до XVIII в. Курс лекций. – Л., 1982.

Шапиро А.Л. Историография с древнейших времен до 1917г. Учебное пособие. – Л., 1993.

Шеуджен Э.А. Историография: Вопросы теории и методологии. Курс лекций. – Майкоп, 2005.


### 1.ХУСУСИЯТИ УМУМИИ ТАЪРИХНИГОРИИ ПОЗИТИВӢ

Дар нимаи дуюми асри XIX дар ташкил намудани таҳқиқоти таърихӣ, интишори ҳуҷҷатҳо ва таълими таърих пешравии назаррас ба

Сайнаков Сайнак Парпишоевич

вуҷуд омад. Дар ҳамин вақт таъсис додани маҷаллаҳои зиёди таърихӣ, аз ҷумла чунин маҷаллаҳое, ки дар мамлакатҳои худ пешбар шуда, имрӯз ҳам нашр мешаванд, ба вуқуъ пайваст. Ҷамъиятҳои маҳаллии таърихӣ дар Германия ва ШМА ба ассотсиатсияҳои миллӣ муттаҳид шуданд, дар Италия бошад онҳо зери ҳимояи муассисаи навтаъсиси Институти итолиёии таърих даромаданд.

Маҷаллаҳои мазкур ва ҷамъиятҳо дар нашр намудани маъхазҳои маҳаллӣ нақши муҳим мебозиданд. Нашри намудани силсиламаҷмӯаҳои ҳуҷҷатӣ низ идома ёфт. Дар Франсия соли 1888 «Ҷамъияти таърихи инқилоби Франсия» таъсис ёфта, он ба мунсибати садсолагии инқилоби мазкур маҷмуаи бисёрҷилдаи протоколҳои якобинчиён ва Комитети наҷоти ҷамъиятиро аз нашр баровард.

Ғайр аз ин, барои ба роҳ мондани таълими тахассусии таърих дар донишгоҳҳо таҳқурсӣ гузошта шуд. Хусусан, дар ин самт Германия пешсаф буд. Агар дар Англия аввалин курси системавӣ оид ба таърихро дар соли 1870 хондан оғоз намуданд ва дар ШМА кафедраи аввалини таърихӣ соли 1881 таъсис ёфта бошад, дар донишгоҳҳои Германия бошад аз солҳои 60 - ум сар карда, ихтисосбандии соҳаҳои гуногуни донишҳои таърихӣ оғоз гардида буд.

Бархе аз макотиби олӣ, пеш аз ҳамаи донишгоҳҳои Германия, аллакай соҳиби матбуоти даврии худӣ, ба монанди «Ахбори илмӣ» буданд.

Байни муаррихони мамлакатҳои гуногун низ робитаи илмӣ барқарор шуд. Дар дигар давлатҳо гирифтани маълумоти таърихӣ низ роиҷ гардид, дар баробари ин барои ҷустуҷӯи маводу маъхаз муаррихон аз бойгониҳои давлатҳои дигар ҳар чи бештар дидан мекарданд.

Баҳсу мунозираҳои таърихӣ низ дар ин давра дар бисёр мавридҳо характери байналхалқиро гирифтанд. Масалан, соли 1880 байни муаррихон баҳс оид ба феодализми аврупоӣ оғоз гардид. Дар он муаррихони франсузӣ ва немис фаъолона иштирок намуданд. Зеро баъди

Сайнаков Сайнак Паршиоевич

ҷанги Франсияву Пруссия ва таъсисёбии империяи Германия баҳси чандинсола роҷеъ ба масъалаи нақши забткориҳои германиҳо ва институтҳои галлу римӣ дар сохти табақавии Франсияи асрмиёнагӣ ранги тозае гирифт. Баҳси мазкур муаррихони ШМА ва Англияро низ фаро гирифт, ки дар давлатҳои мазкур хулосаи тарафдорони назарияи германӣ барои асосноккунии бартарияти институтҳои сиёсии англосаксӣ истифода мешуд.

Дар охири асри XIX дар байни муаррихони касбии Ғарб тамоюли қаноат ҳосил накардан нисбат ба нуқтаҳои диди назариявӣ - методологии мавҷудбуда аён гардида, кӯшиши пайдо намудани нуқтаҳои назари нав оид ба омӯзиши гузашта ба миён омаданд. Қобили қайд аст, ки дар Германия аз тарафи Карл Лампрехт (1856 – 1915) кӯшиш карда шуд, ки таърихро ҳамчун раванди қонунӣ, табиӣ, мунтазам, ки давраҳои онро метавон тавассути синтези маданӣ - таърихӣ, ки омӯзиши комплексии муносиботи иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва зуҳуроти маданиятро пешниҳод менамояд, ҷудо намуд. Амалан ин маънои онро дошт, ки Лампрехт давраҳои таърихиро бо барои ҳар кадоми онҳо характеру хислати психологияи ҷамъиятӣ хос фарқ гузошт. Ӯ ба ин назар аст, ки дар таърих нақши ҳалкунандаро факторҳои психологӣ ва маданӣ бозӣ мекунанд. Методи худро ӯ «синтези маданӣ - таърихӣ» номид.

Ӯ пешниҳод намуд, ки объекти таҳқиқоти таърихӣ бояд коллектив қарор гирад, на шахсияти алоҳида. Қувваи ҳаракаткунандаи таърих рушди психологияи ҷамъиятӣ эътироф карда шавад. Раванди таърихиро муҳаққиқ тариқи ҷадидшавии психологияи иҷтимоӣ, ивазшавии давраҳои маданӣ -таърихӣ дида баромадааст, ки дар навбати худ ба ҷадидшавии институтҳои иҷтимоию иқтисодии ҷамъият оварда мерасонанд. Лампрехт шаш давраи маданӣ - таърихиро ҷудо менамояд: анимизм, символизм, типизм, конвенсионализм, индивидуализм, субъективизм.

Сайнаков Сайнак Парнишоевич

Маънидодкунии ичтимоӣ - психологии таърихи ӯ бо афкори намояндагони идеализми куҳнаи руҳияи Л. Ранке дошта бархӯрд, ки онҳо дар назарияи вай мазмуни тавзеҳдидии материалистонаро медиданд.

Намоёнтарин намояндаи мактаби неоранкеанӣ - куҳнапарастон Георг фон Белов буд. Таърихчии забардаст буда, дар сини 33 солагӣ унвони профессориро соҳиб мешавад. Ӯ тарафдори ҷиддии назари идеалистона ба таърих буд. Г. Белов Лампрехтро ба он айбдор намуд, ки позитивизми франсузиро кӯр - кӯрона нусхабардорӣ намудааст.

Дар асли ҳол бошад консепсияи Лампрехт на танҳо аз чорчӯбаи идеализм берун набаромад, балки он аз ҷониби худи Лампрехт бар зидди фаҳмиши материалистонаи таърих, ки онро муҳаққиқ маҳдуду яктарафа мешуморид ва ақидаҳои марксистона оид ба раванди таърихӣ, махсусан бар зидди форматсияҳои ичтимоӣ - иқтисодии он, равона гардида буд.

Дар охири асри XIX бошад намояндагони равияҳои бонуфузи таърихнигорӣ тез - тез бо марксизм бар мехӯрданд ё кӯшиш мекарданд, ки баъзе унсурҳоро аз он бардошт намоянд. Ин аз обрӯ гирифтани консепсияи марксистии таърихӣ дар он давра шаҳодат медод. Ғояҳои марксистӣ аллакай дар илми таърих дар дарккунии он ворид гардиданд. Дар таърихнигории миллии як қатор мамлакатҳо равияву ҷараёнҳои марксистӣ ба вуҷуд омаданд, ки намояндагони он аксаран фаъолони ҳаракатҳои сотсиалистӣ буданд. Минҷумла, асарҳои П. Лафарг дар Франсия, А. Лабриола дар Италия, Г. В. Плеханов дар Россия на танҳо дар ташвиқоту тарғибот, ҳатто дар коркарди минбаъдаи назариявии таълимоти марксистӣ оид ба ҷамъият, инчунин аз нуқтаи назари марксистӣ инъикос намудани масъалаҳои мушаххаси таърихӣ саҳми намоён гузоштанд[1].

Сайнаков Сайнак Париншоевич

[1]Назаров С. В. Историография всеобщей истории (в связи с развитием исторической мысли). Учебное пособие. Армавир, 2002. С. 90.

Аммо бо ин ҳама нигоҳ накарда, дар нимаи дуюми асри XIX дар таърихнигории Ғарб ва Россия мақоми пешбарандаро ҷараёни позитивизм[1] ишғол мекард.

Заминаҳои иҷтимоӣ - таърихии ба вуҷудоии позитивизм паёмадҳои навбатӣ буданд. Рушди босуръати сармоядорӣ дар шароити инқилоби саноатӣ нақши масъалаҳо оид ба аҳамияти иктисодиёт дар ҳаёти ҷамъиятиро тезонд. Дар натиҷа проблемаҳои нави иҷтимоӣ зуҳур карданд. Прогресси саноатӣ кашфиёти навро дар илмҳои табиӣ ва техникӣ ба бор овард. Дар ҷаҳонбинии ҷамъиятӣ бошад назарияи равандҳои эволютсионӣ дар табиати Чарлз Лайел (аз нуқтаи назари геологӣ) ва назарияи эволютсионии Чарлз Дарвин (аз нуқтаи назари биологӣ) таъсири ҷиддии худро расонданд. Тафриқаи принсипиалӣ байни дарккунии илмии илмҳои табиӣ ва ҷамъиятшиносӣ бардошта шуд.

Дар чунин вазъият равияи нави илмӣ - ҷаҳонбинӣ бо ном позитивизм ба вуҷуд омад. Позитивизм дар таърихнигорӣ низ таъсир расонда, як қатор муаррихон - тарафдорони худро дошт.

Нишонаҳои фарққунандаи таърихнигории позитивӣ инҳо мебошанд:

- барқарор намудани донишҳои дақиқи позитивӣ тавассути таҳлили танқидии маъхазҳо;
- назарияи плюрализм (бисёрақидагӣ) - и далелҳо;
- тоб хӯрдани диққати муаррихон ба самти таҳқиқи таърихи иқтисодӣ ва таърихи иҷтимоӣ;
- маънидодкунии таҳаввулотонаи раванди таърихӣ;
- маънидодкунии функционалии қонунҳои таърихӣ[2].

Сайнаков Сайнак Партишоевич

---

[1]Позитивизм (аз фр. ва лот.) – мусбӣ, ҳақиқӣ, таълимоти фалсафӣ ва равияи методологӣ дар илм, ки маъхази ягона ва ҳақиқии донишҳоро дар таҳқиқоти эмпирикӣ (тавассути усулҳои эмпирикӣ: мушоҳида, сотсопросҳо ва ғ.) медонист.; Позитивизм – равияи идеалистии фалсафӣ, ки донишро маҳсули илмҳои махсус шуморида, фалсафаро ҳамчун илм инкор мекунад.

[2]Айрапетов А. Г. История исторической науки. Историография всеобщей истории. Курс лекций // http: //www.allbest.ru/

Позитивистон дар коркарди минбаъдаи методикаи таҳлили маъхазшиносӣ, аз он ҷумла усулҳои оморӣ ва муқоисавӣ - таърихӣ, саҳми назарраси худро гузоштанд. Муаррихон - позитивистон ба ин назар буданд, ки ба ҳодисаҳои таърихӣ факторҳои гуногун, аз қабили характери сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, биологӣ, ғоявӣ, географӣ ва психологӣ дошта, таъсири худро мерасонанд. Муҳаққиқ вазифадор аст, ки бо ин ҳамаи факторҳои аҳамияти якхела доштаву ба ҳамтаъсиррасон сару кор гирифта, таъсиррасонии онҳоро ба равиши таърихӣ муайян намояд. Маҳз моҳияти назарияи «плюрализми далелҳо» дар ҳамин мебошад. Расман муаррихон - позитивистон ба ягонтои аз ин далелҳо афзалият надода, дар таҷрибаи таҳқиқоти худ одатан якеро аз онҳо ҷудо мекарданд. Назарияи пешрафт дар асарҳои муаррихони позитивист қувваи нав гирифт. Прогресс ҳамчун тағйироти оҳиста - оҳиста, эволютсионӣ тасаввур карда мешуд. Инқилоби гузашта – ин натиҷаи хатогии аламовар, тасодуф мебошад. Позитивистон ба детерминизми[1] лапласӣ[2] такя намуда, иброз медоштанд, ки ҳамаи зуҳурот сабабияти худро доранд, барои ҳамин зуд ё дер он мерасад. Қонунҳои таърихиро инкор накарда, позитивистон онҳоро фақат ҳамчун алоқаҳои берунии функсионалӣ байни зуҳурот ва воқеот маънидод мекарданд, ки муҳаққиқ вазифадор аст онҳоро муайян намояд.

Асосгузори позитивизм, математик ва мантиқдони французӣ Огюст Конт (1798 – 1857) методологияи маърифати илмии худро дар асараш «Курси фалсафаи позитивӣ» (1832 – 1842) овардааст. Маҳз дар маҷрои позитивизм соҳаи махсуси даркунии ҷамъият – сотсиология ба вуҷуд омад. Асосгузори он низ О. Конт шинохта шудааст.

Ӯ илмҳоро ба назариявӣ ва амалӣ ҷудо намудааст. Дар масъалаи дарккунии илмӣ олим таърихро дар қатори илмҳои нақши ёрирасондошта ҷой додааст ва пешниҳод менамояд, ки илми нави

---

[1]Детерминизм – маънояш ҷудокунӣ, муайянкунӣ. Таълимот дар бораи қонуният ва сабабияти шароити тамоми ҳодисот ва зуҳурот.
[2]Аз номи математик, астроном ва физики французӣ Пер - Симон Лаплас (1749 – 1827)

назариявии ҷамъиятӣ – сотсиология таъсис дода шавад. Он вазифадор аст, ки ба таҳлили алоқамандии сабабии байни далелҳо, ки муаррихон пайдо менамоянд, машғул шавад. Ҳамин тавр, қонунҳои таърихӣ шакл мегиранд. Аз они Конт ивазшавии давраҳои асосии таърихи инсоният ининъикоси паи ҳам ивазшавии се шакли шууру фаҳмиши коллективӣ (қонуни се зина): теологӣ (қадим ва асри миёна), метафизикӣ (асрҳои XVI – XVIII ), позитивӣ ё илмӣ (давраи муосир) мебошад. Шабеҳи шуур, ки тадриҷан иваз мешавад, ҷамъият бо роҳи эволютсионӣ рушд меёбад[1].

Баъди О. Конт позитивизм аз ҷониби Герберт Спенсер (1820 – 1903) ва ғайра инкишоф дода шуда, он дар тафаккури фалсафии Ғарб ба яке аз равияҳои асосӣ табдил ёфт.

Ҳамин тариқ, дар зери таъсири фалсафаи позитивистии О. Конт таърихнигории позитивистӣ ташаккул ёфт. Дар натиҷа муносибати нав бо фактҳо ва маъхазҳо, ки дар давраи романтикон оғоз гардид, ба нуқтаи баландтарини худ расонда шуд:

1. Методҳои нави илмӣ - танқидии то андозае моҳиронаи кор бо ҳуҷҷатҳо ва маъхазҳо офарида шуданд;

2. Ба факти таърихӣ додани мақоми элементи муҳими таҳқиқоти таърихӣ. Хусусан ҷиддӣ муносибат намудан бо фактҳо, ғалат маънидод кардани фактҳо ҳамчун хатогии дағалонаи ахлоқи касбӣ дониста шуд;

3. Баланд бардоштани муҳимияти ҳуҷҷати таърихӣ. Ташаккулёбии фаҳмиш дар бораи он ки муаррих метавонад танҳо дар чорчӯбаи имконоти маъхази муътамади хаттӣ (ё маъхази моддии фактҳо) таърихро таҷдид намояд;

---

[1]Ниг.: Айрапетов А. Г. История исторической науки. Историография всеобщей истории. Курс лекций // http: //www.allbest.ru/; Терехов О. Э. Историческая мысль и историческая наука Запада XIX – XX веков. Учебное пособие. Кемерово, 2006. С. 42 – 43.



Сайгаков Сайнак Паршиоевич

4. Ниҳоят афзудани донишҳои мушаххаси таърихӣ, дар асоси он манбаъҳое, ки аз рӯи дақиқият ва таҳқиқи интиқодонаи худ беназир буданд[1].

[1]Гринин Л. Е. Теория, методология и философия истории: очерки развития исторической мысли от древности до середины XIX века. Лексия № 9. Первая половина XIX в. // Философия и общество. № 4. – октябрь – декабрь – 2010. С. 168.



Сайнаков Сайнак Паршиоевич

## 2.ТАЪРИХНИГОРИИ ФРАНСИЯ

Дар давраи мазкур дар ҳаёти иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва сиёсии Франсия тағйирот ворид шуда, дар мамлакат инқилоби саноатӣ ҷамъбаст гардид. Таърихи сиёсии Франсия низ як қатор воқеаҳо, аз қабили табаддулоти бонопартӣ, инқилоби буржуазӣ - демократии соли 1870, Коммунаи Париж 1871, барқароркунии сохти ҷумҳуриявӣ ва мубориза барои пойдор мондани онро аз сар гузаронд, ки ба рушди таърихнигории мамлакат таъсири худро гузоштанд.

Дар таърихнигории Франсия дар рушди муассисаҳои таърихӣ Жан Виктор Дюрюи (1811 – 1894), Габриел Моно (1844 – 1912) саҳм гузошта, консепсияи позитивӣ бошад дар асарҳои А. де Токвил, И. Тэн ва дигарон инъикоси худро ёфтааст.

В. Дюрюи солҳои 1863 – 1869 вазири маорифи халқи Франсия буд. Ин мақом ба вай имкон дод, ки раванди корҳои таҳқиқоти таърихиро дар мамлакат беҳтар намуда, таълими таърихро дар мактабҳо ба роҳ монад. Г. Моно бошад дар муассисаҳои таълимии Германия ду сол фаъолият намуда, таҷрибаи гузарондани семинарҳои Л. Ранкеро ба Франсия овард. Хизмати дигари ӯ дар он аст, ки соли 1876 маҷаллаи умумитаърихии «*Revue Historique*» - ро таъсис дод, ки вазифаи он тарғиб намудани донишҳои таърихӣ ва паҳнкунии маълумотгирии таърихӣ дар Франсия буд. Соли 1893 Рене Вормс «Назарандозии байналхалқии сотсиологӣ» - ро таъсис дод. Инчуни айни ҳамин вақт Ҷамъияти сотсиологии Париж ва Институти байналхалқии сотсиологӣ ба вуҷуд омаданд. Дар муқоиса бо дигар давлатҳо дар Франсияи онвақта сотсиология ҳамчун фанни соф таърихӣ фаъолият мекард ва предмети он масъалаҳои назариявӣ ва фалсафӣ - методологии таърихро дар бар мегирифт.

Ипполит Тэн (1828 – 1893), дар баробари файласуфу муаррих буданаш, ҳамчун адабиётшиносу санъатшиноси машҳур, асосгузори

Сайнаков Сайнак Парпиоевич

мактаби маданӣ - таърихӣ дар адабиётшиносӣ, солҳои 1863 – 1864 дар навиштани асари бисёрҷилдаи худ «Таърихи адабиёти Англия», усули таҳлилии таърихӣ - генетикиро истифода бурд.

Дар асари асосии таърихии худ «Пайдоиши Франсияи муосир» (1876 – 1893) ӯ усули психологии тартибдодаи худро санҷида, расман тасдиқ намудааст. Тибқи он психологияи ҷамъият зери таъсири се омил ташаккул меёбад: «нажодӣ» (хусусиятҳои миллӣ); «муҳит» (шароитҳои географӣ ва иҷтимоӣ - сиёсӣ); «давраи таърихӣ» (таъсири мутақобилаи нажодӣ, муҳит ва анъаноти таърихӣ)[1].

Сарчашмаҳои таърихии Коммунаи Париж (1871) - ро муайян намуда, И. Тэн ба омӯзиши Инқилоби асри XVIII Франсия таваҷҷуҳ намудааст. Дар Бойгонии миллии Париж ӯ оид ба ҳаракатҳои халқӣ маводи фаровонро ҷамъ намудааст. Дар инқилоб вай ду қувваи асосии амалкунандаро ҷудо менамояд: якум халқ, дағал ва ҷоҳили аз фалсафаи харобкунандаи маорифпарварон заҳролудшуда, ки танҳо ба ҷабру зулм моҳир аст ва дуюм якобинчиёнро. Ин намуди ғайриоддии психологӣ худи руҳи инкилобро таҷассум менамояд. Якобинчӣ ҳамчун авомфиреби бадқаҳр ва догматики мансабпараст, парвардаи ғояҳои муҷаррад, хусусан фалсафаи Ж. Ж. Руссо, зоҳир мешавад. Дар натиҷа инқилоб дар тасвири И. Тэн ҳамчун таркиши маргбори даҳшатҳои ҷиноӣ аҳамияти мусбӣ надошта инъикос ёфтааст.

Асари ӯ аз ҷониби гурӯҳҳои консервативӣ бо хурсандӣ пазируфта шуд. Аммо дар ибтидои асри XX муаррихи франсузӣ А. Олар, ки яке аз муҳаққиқини машҳури Инқилоби Франсия мебошад, соли 1907 китоби худ «Тэн ҳамчун муаррих» - ро аз чоп баровард. А. Олар, ҳангоми мутолиа тасоддуфан як иқтибоси беасоси И. Тэнро ёфта, тамоми аппарати илмии асари ӯро санҷида, дар айни замон методикаи таҳқиқотии асарашро таҳлил намудааст. Тибқи таҳлили А. Олар, И.

[1]Терехов О. Э. Историческая мысль и историческая наука Запада XIX – XX веков. Учебное пособие. Кемерово, 2006. С. 43.

Тэн дар иқтибосбардорӣ ғаразнокона ба ихтисор намудани матн даст зада, услуби ҳуҷҷатҳоро яктарафа тағйир додааст. Беист далелҳои овардаи ӯ бофтаю сохтаи муаллиф мебошанд, яъне чунин ҳуҷҷатҳо мавҷуд нестанд, бархе далелҳои алоҳидаро беасос хулосабарорӣ намудааст. Ҳамин тариқ, хулоса мебарорад А. Олар, асари И. Тэн барои ба вуҷуд овардани хусумат ва бадбинӣ нисбат ба тарафдорон ва ғояҳои Инқилоби Франсия равона шудааст[1].

Намояндаи дигари таърихнигории позитивии Франсия Фюстел де Куланж (1830 – 1889) буд. Ибтидои давраи фаъолияти илмии ӯро таҳқиқи таърихи қадим дар бар мегирад. Таҳқиқоти ӯ «Ҷамоаи шаҳрвандии ҷаҳони антиқа» (1864) оид ба таърихи ҷамъиятҳои шаҳрвандии антиқа – полисҳо аҳамияти муҳим доранд. Муаллиф дар асари худ бар зидди модернизатсиякунии нав оғозёфтаи қадим баромад намуда, нишон дод, ки асоси иқтисодии ҷамъияти антиқаро ғуломдорӣ ташкил медод, ки аз муносиботи сармоядорӣ куллан фарққунанда аст. Инчунин муаррих иброз медорад, ки ҷамоаи шаҳрвандӣ аз оилаҳо иборат буда, ба дин такя мекард, аз ин ҷо муҳаққиқ қувваи онро ҷудо менамояд. Мавҷуд будани озодиҳои фардиро дар шаҳр - давлатҳо инкор намуда, қайд кардааст, ки на шахсият амал менамояд, балки омма, ки онҳоро тасаввурот ва манфиатҳо роҳбарӣ мекунанд.

Роҷеъ ба таърихи асрмиёнагии барвақта асари дигари Фюстел де Куланж «Таърихи Франсия» бахшида шудааст. Ф. де Куланж яке аз аввалинҳо шуда, ғоя дар бораи он ки тамаддуни антиқа бо омадани қабилаҳои германӣ дар асрҳои IV – V аз байн нарафтро пешниҳод намуд. Ӯ инчунин таъсири варварҳоро ба таърихи Аврупо ба сифр оварда расонд. Тибқи ақидаи ӯ дар дохили империяи Рим қувваи кофӣ боқӣ монда буд, то ки аз болои варварҳо пирӯз шавад. Варварҳои заиф

[1]Ниг.: Айрапетов А. Г. История исторической науки. Историография всеобщей истории. Курс лекций // http: //www.allbest.ru/

ва дағал дар он мақому манзалате набуданд, ки бо тамаддуни бузург ҷанг намоянд. Онҳо марзи империяро гузаштан сар карданд, аз парокандагии дохилӣ истифода намуда, дар қаламрави он муқимӣ шуданд ва ба табааи империя табдил ёфтанд.

Ҳамин тавр, оҳиста - оҳиста, дар сатҳи баландтари вазъияти ором танҳо васеъшавии таъсири маданияти римӣ, дар муқоиса бо мудохилаи ҳарбӣ дар ҳайати аҳолии империя унсурҳои нав (германӣ), ба вуҷуд омад. Дар ҳамин раванди муборизаи дохилӣ байни тамаддуни римӣ ва ҷаҳони варварӣ, тибқи назари муаррих, Аврупои асрмиёнагӣ ва феодализм зуҳур намуданд. Сарчашмаи феодализм охири охирон танҳо институтҳои ҷамъиятии римӣ (заминдории калон, вобастагӣ будани истеҳсолкунандагони бевосита аз он, ҳокимияти монархиявии тавоно, моликияти хусусӣ) буданд.

Яке аз хизматҳои асосии Ф. де Куланж дар илми таърих дар он зоҳир мегардад, ки вай ба нақши асосӣ доштани муносиботи иқтисодӣ дар таърих диққати махсус додааст. Ӯ яке аз аввалинҳо шуда, ба омӯзиши муносиботи аграрӣ дар Франсияи асрмиёнагии барвақта таваҷҷӯҳ намудааст[1].

Дар инкишофи таърихнигории Франсия профессорони Донишгоҳи Сорбонна Шарл Ланглу (1863 – 1929) ва Шарл Сенобос (1854 – 1942) саҳми калон гузоштанд. Асари муштараки онҳо «Муқаддима ба омӯзиши таърих» шоистаи таҳсин аст. Асари мазкур, гарчанде ки ҳаҷман он қадар калон набошад ҳам, аз ҷониби муаррихони оянда ҳамчун рамзӣ «библияи историзми позитивӣ» номида шуд. Дар ин асар муаллифон-позитивистон диққати асосиро ба масъалаҳои паҳнкунӣ ва мукаммалгардонии техникаи таҳқиқоти таърихӣ, интиқоди ҷиддии маъхазҳо даъват намуда, дар баробари ин мустаҳкам намудани фактологизм, ки вазифаи муаррихро танҳо ба

[1]Назаров С. В. Историография всеобщей истории (в связи с развитием исторической мысли). Учебное пособие. Армавир, 2002. С. 103.



Сайнаков Сайнак Парпишоевич

ҷамъоварӣ, ҷудо карда гирифтану интиқоди фактҳо дониста, аз онҳо парвариш карда баровардани қонуниятҳои рушди таърихиро даст кашанд. Чизе ки ба хулосаву ҷамъбасткуниҳои васеъ, барқароркунии қонунҳои таърихӣ дахл доранд, муаллифони китоб онро на кори муаррихон, балки сотсиологҳо медонанд. Ҳамин тариқ, муаррихони мазкур шабоҳату айният додани таърих ва сотсиологияро, ки хоси О. Конт ва тарафдорони наздики ӯ буд, рад карданд.

Ш. Сенобос ҳам дар дастури зикршуда ва ҳам дар асари дигари худ «Методи таърихӣ дар замима ба илмҳои иҷтимоӣ» мавқемуайянкунии идеалистонаи навбатиро ҷудо менамояд: «Таърих на илм, балки танҳо раванди махсуси дарккунӣ аст», илова ба ин раванди субъективӣ ва абстрактӣ; «усули таърихӣ ин танҳо методи шарҳдиҳии психологӣ аз рӯи аналогияҳо аст». Табиатан кулли материализми таърихиро ӯ ҳамчун «метафизика», илова ба ин «хатарноки ғайриоддӣ» хислат медиҳад, барои ҳамин муборизаи доимӣ бурдан бо онро талаб менамояд.

Хулоса, тарафҳои мусбии таърихнигории позитивии Франсия инҳо буданд: 1) Мавқегирӣ дар бораи характери прогрессивӣ доштани тамоми раванди таърихӣ; 2) тезис оид ба индивидуалӣ (фардӣ) ва спетсификӣ (хос) будани зуҳуроти таърихӣ, вобастагии онҳо аз макон ва замон; 3) талаботи максималии дақиқ инъикос (тавсиф) намудани далелҳои таърихӣ; 4) эътироф намудани зарурияти принсипи генетикӣ ҳангоми омӯхтани ҳодисоти таърихӣ, зуҳурот ё муассисот; 5) Аз қайдкунии фаъолияти ашхоси барҷаста гузаштан ба таҳқиқи фаъолият ва ҳолати омма (коллектив), аз психологияи фардӣ ба психологияи коллективӣ, дар алоқамандӣ ба ин, аз мавзуъҳои ҳарбӣ - димломатии пеш дар асарҳои таърихӣ бартарӣ дошта, ба таърихи муассисоту сохти иқтисодӣ гузаштан.

Ба тарафҳои манфии равияи мазкур муҳаққиқони баъдӣ хусусиятҳои зеринро шомил менамоянд: 1) тасаввуроти пурраи



Сайнаков Сайнак Паришоевич

идеалистӣ доштан оид ба раванди таърихӣ; 2) муайян намудани назарияи прогресс ҳамчун «гипотези метафизикӣ»; 3) муайян намудани таърихро ҳамчун «илми қатъӣ субъективӣ» ва дарсҳои таърихро ҳамчун «хаёли хоми кӯҳнашуда»: таҷрибаи таърихӣ ҳеҷ чизро намеомӯзад. Аҳамияти асосии таърих дар он аст, ки он барои илмҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ маводи воқеию ҳақиқӣ таъмин менамояд ва инчунин ба рушди зеҳнӣ мусоидат менамояд[1].

Дар баробари муаррихони позитивист дар давраи мазкур дар Франсия равияи алоҳидаи «мактаби ҷумҳуриявӣ» низ шакл гирифт, ки хусусияти фарққунандаи таърихнигории он аз ин иборат буд, ки дар маркази таҳқиқи тарафдоронаш пеш аз ҳама таърихи сиёсӣ, минҷумла таърихи инқилобҳо қарор гирифт. Намояндаи намоёнтарини мактаби мазкур Алфонс Олар (1849 – 1928) мебошад, ки дар Донишгоҳи Сорбонна мудири кафедраи таърихи Инқилоби Франсия буд. Аз соли 1887 муҳаррири маҷаллаи «Инқилоби Франсия» буда, «Ҷамъият оид ба таърихи Инқилоби Франсия» - ро низ роҳбарӣ намудааст. Зери роҳбарии ӯ як қатор маъхазҳо, ба монанди протоколҳои якобинчиён ва санадҳои Комитети наҷоти ҷамъиятӣ, аз нашр баромаданд.

А. Олар дар таҳқиқоти худ бештар ба масъалаҳои таърихи ғояҳои сиёсӣ ва муассисаҳои замони инқилоб диққат додааст. Ин раванд дар асараш «Таърихи сиёсии Инқилоби Франсия» (1901) нишон дода шудааст. Инқилоби Франсияро ӯ дар ҳаёт тадбиқ намудани принсипҳои «Эъломияҳои ҳуқуқии» соли 1789 ва соли 1793 донистааст.

Инқилоби бузурги Франсия аз Эъломияи ҳуқуқи соли 1789 - и таҳриршуда ва соли 1793 илова карда шуда иборат буда, барои бо мақсади дар ҳаёт тадбиқ намудани ин Эъломия тамоми кӯшишҳо карда шудаанд. Аксулинқилоб бошад кӯшишҳое буданд, ки франсузҳоро аз роҳи тибқи принсипҳои асосии ин эъломия амал намудан гардонданд,

---

[1]Назаров С. В. Историография всеобщей истории (в связи с развитием исторической мысли). Учебное пособие. Армавир, 2002. С. 104.



Сайнаков Сайнак Париншоевич

иборат буд. А. Олар ҳамчун таърихнигори ҷумҳурихоҳ Жорж Жак Дантонро болобардорӣ кардааст. Асарҳои А. Олар оид ба ҷанбаҳои сиёсии инқилоби Франсия маводи фаровонро пешкаш менамоянд, ки айни замон ҳам аҳамияти илмии худро нигоҳ доштаанд, аммо муаллиф ба умқи иҷтимоӣ - иқтисодии таърихи инқилоб ҷиддан аҳамият надодааст.

Намояндаи дигари мактаби ҷумҳуриявӣ Албер Сорел (1842 – 1906), профессори Мактаби олии илмҳои сиёсӣ, аъзои Академияи Франсия буда, яке аз асарҳои асосии мазкур «Европа ва Инқилоби Франсия» (1885 – 1904) мебошад, ки ба муносиботи байналхалқӣ дар Аврупо, аз охири давраи ба истилоҳ тартиботи кӯҳна то соли 1815 бахшида шудааст.

Муҳаққиқ чунин мепиндорад, ки Инқилоби Франсия идомаи табиӣ ва зарурии таърихи Европа буд. Фикри худро идома дода, менависад, ки Комитети наҷоти ҷамъиятӣ ва Наполеон I ногузир сиёсати хориҷии худро идома доданд, то ки вазифаҳои дар вақташ дар назди худ гузштаи монархия, яъне ба даст овардани сарҳадоти табиии Франсияро идома дода, ҳал намоянд. Ҷангҳои озодихоҳии инқилоб ва ҷангҳои экспансионии империяи якумро муаллиф як хел қабул намудааст.

Сайнаков Сайнак Парвиноевич

## 3.ТАЪРИХНИГОРИИ АНГЛИЯ

Нимаи дуюми асри XIX давраи буд, ки Англия аз нигоҳи иқтисодӣ ва сиёсӣ беист рушд мекард. Бо дастовардҳои иқтисодии мамлакат пешравиҳо дар соҳаи илмҳои табиӣ ва техника низ алоқаманд буданд. Вазъияти мазкур ва муътадилии шароити сиёсӣ ба фоидаи мукаммалгардонии системаи сиёсии Британия буд. Аз ин лиҳоз, барои муаррихони англис талқини ғояҳои фавқулоддаву бартарияти миллати англис, хусусан аҷдодони замони гузаштаи онҳо – англосаксҳо – хос буд ва муаррихони англис ба онҳо, нисбат ба дигар халқҳои Аврупо, побандии махсус ба озодӣ ва демократияро хос медонистанд. Дар ин нуқот ғояи фавқулоддагии миллати англис бо ҳамду саногӯии «монархияи конститутсионӣ» - и англис зич алоқаманд буд ва кӯшиш карда мешуд, ки сарчашмаҳои онро дар асрҳои XI – XIII ва ҳатто давраи англосаксонӣ пайдо намоянд. Илова ба ин, хизмати асосии англосаксҳо, баъд ворисони онҳо англисҳо, дар он аст, ки тавонистанд бо роҳи эволютсионии осоишта, бе ягон изтироби инқилобӣ, сохти мукаммали сиёсии худро офаранд.

Ҳамин тавр, таърихнигории Британия рушд меёфт, дар мамлакат соли 1857 нашри силсилавии ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, хроникаҳои асрмиёнагӣ, соли 1863 бошад нашри системавии дастнависҳои баста (лӯлапеч) оғоз гардид. Аз соли 1880 бошад нашркунии ҳуҷҷатҳои таърихи Шотландия сар шуд.

Майлу рағбати зиёд ба таърих ва фаъолшавии муаррихон талаб мекард, ки матбуоти даврии таърихӣ таъсис дода шавад. Соли 1886 маҷаллаи «Назарандозии таърихии Англия», ки то ҳозир фаъол аст, таъсис дода шуд. Соли 1868 аввалин ташкилоти умумимиллӣ – Ҷамъияти таърихӣ таъсис ёфт, ки баъдан мақоми ҷамъияти шоҳиро гирифт. Солҳои 1880 – 1890 ба сафи он муаррихони сатҳи донишгоҳӣ Ҷ. Актон, У. Каннингем ва Ф. Мейтленд дохил шуданд.

Таълими таърих бошад ҳоло ҳам дар донишгоҳҳои мамлакат нисбат ба Франсия ва Германия дар сатҳи поинтар қарор дошд. Айни замон ҳам дар Англия факултетҳои махсуси таърихӣ амал намекарданд, муаррихони касбиро одатан дар факултетҳои таъриху филология ва ҳуқуқшиносӣ омода мекарданд. Аз ин лиҳоз, дар ин факултетҳо оид ба бархе аз бахшҳои ҷудогонаи таърих кафедраҳо амал намекарданд. Ин маънои онро дошт, ки то солҳои 70 - уми асри XIX донишгоҳҳо ҳоло ҳам амалан ба таври кофӣ маркази таҳқиқоти таърихӣ ба ҳисоб намерафтанд.

Бори нахуст масъалаи мазкур дар Донишгоҳи Оксфорд ҳалли худро пайдо намуд, ки дар ин самт хизмати муаррихи машҳур Уилям Стеббс (1825 – 1901) калон аст. Ӯ соли 1866 мудири кафедраи таърихи донишгоҳи мазкурро ба ӯҳда мегирад. Вай на танҳо системаи таълими таърихро тағйир дод, яъне дар амал гузарндани семинар ва курси системавию бетанаффуси таърихро ҷорӣ кард, балки барои ташкили фаъолияти илмӣ - тадқиқотӣ дар донишгоҳ мусоидат кард. Хизмати ӯ буд, ки аз охири асри XIX сар карда, Донишгоҳи Оксфорд ба яке аз марказҳои донишгоҳии омӯзиши таърих табдил ёфт. Муаррихони донишгоҳи мазкур бисёртар ба омӯзиши мавзуъҳои асрмиёнагӣ машғул буданд. Баъдтар чунин усули таълимро дар Кембриҷ Ҷон Эмери Актон (1834 – 1902), ки соли 1895 мудири кафедраи таърихи нав таъйин гардида буд, ҷорӣ кард.

Гарчанде ба қалами ӯ чанд мақолаи дар маҷаллаҳо нашршуда ва курси лексияи кутоҳ тааллуқ доранд ҳам, аммо вай яке аз ташаббускорони навиштани асари дастаҷамъонаи муаррихони Донишгоҳи Кембриҷ оид ба таърихи нав буд. Нақшаи ин асарро мазкур худаш тартиб дода буд. Ҷилди аввалини асари мазбур соли 1902, баъди вафоти Ҷ. Актон, аз нашр баромада буд[1].

Сайнаков Сайнаг Парвишоевич

[1]Ниг.: Назаров С. В. Историография всеобщей истории (в связи с развитием исторической мысли). Учебное пособие. Армавир, 2002.

Ғояи асосии асари мазкури ӯ аз нишон додани тамоми таърихи навро ҳамчун рушди беисти ҷамъиятӣ иборат буд. Муаррихи касбӣ, тибқи назари Ҷ. Актон, набояд ба қайд намудани воқеоту далелҳо маҳдуд шавад, балки ӯ вазифадор аст, ки ба хонанда барои баҳодиҳии онҳо ёрӣ расонад. Ҳамзамон муаррих ҳуқуқ надорад, ки ба манфиату фоидаи ақидаву идеяҳои худ хомӯширо ихтиёр намояд, алалхусус далелҳоро ғалат маънидод кунад.

Яке аз муаррихон - позитивистони машҳури англис Генри Томас Бокл (1821 – 1862) мебошад. Муҳаққиқ дар самти навиштани таърихи тамаддун ҷиддан омодагӣ дида, забонҳои зиёдро омӯхт, маводи зиёд ҷамъ намуда, онҳоро коркард намуд. Генри Томас Бокл 19 забони қадиму муосирро омӯхта, китобхонаи хонагии вай аз 22 ҳазор нусха китоб иборат будааст[1]. Тамоми ин кӯшишу ғайратро вай бахри навиштани таърихи тамаддуни инсоният намудааст, аммо марги нобаҳангом нақшаи ӯро барбод дод. Танҳо бахши муқаддимавии «Таърихи тамаддуни ҷаҳон» - и ӯ ҷамъбаст гардиду халос. Ҳамин тариқ, ду ҷилди муқаддимавии асари ӯ «Таърихи тамаддун дар Англия» аз чоп мебароянд[2].

Ӯ боварӣ дошт, ки замоне мерасад, ки илми таърих ба сатҳи баланд расонда мешавад, замоне мерасад, ки омӯзиши он ҳамчун касби аз ҳама наҷибона ва шуғли аз ҳама мушкилтарин эътироф мегардад.

Г. Т. Бокл итминони комил дошт, ки дар оянда таърих ва омӯзишу коркарди он ба дасти мутахассисони касбии махсус омода карда шуда мегузарад ва он аз шархиҳолнависон, насабшиносон, солноманависони дарборӣ, князу дворянҳо – ин қабил пургӯёни хушку холӣ, ки дар ҳар

[1]Ниг.: Айрапетов А. Г. История исторической науки. Историография всеобщей истории. Курс лекций // http: //www.allbest.ru/
[2]Терехов О. Э. Историческая мысль и историческая наука Запада XIX – XX веков. Учебное пособие. Кемерово, 2006.

кунҷу канор нишаста, ба ақидаи вай ҳаракати адабиёти миллии моро чиркин мекунанд, наҷот дода мешавад[1].

Г. Т. Бокл пешниҳод намуд, ки таҳқиқи гузаштаи инсоният ба усулҳои коркардшудаи илми роҷеъ ба табиат мумкин аст. Яке аз воситаҳои маҳсулиятноки табиатшиносиро ӯ таҷриба донист ва эквиваленти онро дар омӯзиши таърих кор кардани эталон дидааст, ки онро баъд дар таҳқиқи таърихи мамлакатҳои гуногун ба кор бурд. Ҳамин хел эталон барои ӯ таърихи Англия шуд, дар мисоли он ӯ мехост мавҷудияти қонунҳои умумиро барои дигар мамлакатҳо исбот намояд.

Дар мувофиқа бо методологияи позитивӣ Г. Т. Бокл таърихи ҷамъиятро ҳамчун давоми таърихи табиат донистааст. Ҳамчун позитивист Г. Т. Бокл эътиқодманди он буд, ки ҷамъият дар рушди худ ба қонунҳои муайян тобеъ буда, умедвори кашфи онҳо шуда, хост таърихро ба илми дақиқ табдил диҳад. Ӯ қонуни муҳими рушди ҷамъиятиро прогресс донист. Ҳамзамон ӯ пешниҳод намуд, ки азбаски ҷамъияти инсонӣ қисми табиат мебошад, он ба қонунҳои табиӣ ҳам итоат мекунад. Байни омилҳои моддӣ, ки ба рушди ҷамъият таъсир мерасонанд, ба мақоми аввал омилҳои географӣ – иқлим, хоку ғизоро гузошт.

Тибқи назари ӯ, муаррих набояд ба навиштани шарҳи ҳоли шахсиятҳои алоҳидаи намоён машғул шавад, балки омӯхтани муҳити атрофи табиӣ, тақсимоти бойгарӣ, афзоиши аҳолӣ ва хусусан ғункунии донишҳоро дар мадди аввал гузорад. Г. Т. Бокл, аз паи таъсири омилҳои таҳаввулоти ҷамъиятӣ шуда, пешниҳод менамояд, ки дар тамаддунҳои қадим омили географӣ афзалият дошт. Дар тамаддунҳои баъдина, хусусан дар Европа, таъсири муҳити географӣ суст мешавад. Аз болои қувваҳои табиӣ шуури одам пирӯз мешавад ва ақл сабаби асосии пешрафти тамаддуни инсонӣ мегардад. Тарафҳои гуногуни

[1]Адо А. В., Галкин И.С., Григорьева И. В. и др. Историография истории нового времени стран Европы и Америки. Под редакции И. П. Дементьева. М., 1990. С.233.



Сайфиддинов Сайнак Парпиоевич

раванди таърихӣ диққати Г. Т. Боклро асосан аз нигоҳи як нуқтаи назар, яъне чи хел онҳо ба пешрафти ақлонии ин ё он мамлакат таъсир расонданд, ба худ ҷалб намудаанд[1].

Намояндаи дигари таърихнигории давраи мазкури Англия, давомдиҳандаи методҳои Г. Т. Бокл Уилям Лекки (1838 – 1903) буд. Мазкур дар асари худ «Таърихи ратсионализм дар Аврупо» (1865) исбот намуд, ки бо паҳншавии маориф ва донишҳо ва дар як вақт паст шудани таъсири калисо сатҳи ахлоқии инсонҳо ҳеҷ гоҳ рӯафтодаву паст намешавад. Ғайр аз ин, қайд менамояд, ки ҳукмронии назарияи таасубгароии динӣ, муддати дароз рушди маънавии инсониятро боз дошт ва прогрессии ҳақиқии он вақте мерасад, ки замоне, ки фанатизми динӣ таъсири худро аз даст диҳад.

Асари калонтарини ӯ «Таърихи Англия дар садаи ҳаждаҳум» (1878 – 1890) иборат аз ҳафт ҷилд буда, гарчанде ки дар он муаллиф диққати асосиро ба таърихи сиёсӣ равона карда бошад ҳам, дар он ба масъалаҳои маданӣ, иқтисодӣ ва динӣ низ назар карда шудааст. У. Лекки кӯшиши дар як сатҳ баррасӣ намудани мавзуъҳоро сарфи назар кардааст, барои ҳамин ба як масъала диққати зиёд равона намудааст, дигар масъаларо бошад танҳо дахл кардаасту халос. Ба таври муфассалтар таърихи Ирландия, ҷанги Англия бо мустамликаҳои америкоияшро тасвир намудааст. У. Лекки бо эҳсосоти баланд муборизаи ирландиҳоро дар роҳи озодӣ тасвир намуда, зулму истибдоди англисҳоро бар зидди онҳо нишон додааст.

Дар охири асри XIX зери таъсири позитивизм дар таърихнигории Англия ба масъалаҳои иқтисодӣ низ бештар таваҷҷӯҳ мекарданд, ки дар ин самт Т. Роҷерс ва У. Эшли пешсаф буданд.

Торолд Роҷерс (1825 – 1890) дар кафедраи иқтисоди сиёсии Донишгоҳи Оксфорд фаъолият намуда, дар ҳаҷми ҳашт ҷилд «Таърихи

---

[1] Муфассалтар ниг.: Назаров С. В. Историография всеобщей истории (в связи с развитием исторической мысли). Учебное пособие. Армавир, 2002. С. 107 – 108.; Терехов О. Э. Историческая мысль и историческая наука Запада XIX – XX веков. Учебное пособие. Кемерово, 2006. С. 48 – 51.



Сайнаков Сайнак Паршиоевич

хоҷагии қишлоқ ва нархҳо дар Англия дар солҳои 1259 – 1793» (1866 – 1902) - ро менависад. Дар навиштани асари худ муаллиф аз маъхазу маводҳои гуногун истифода намуда, масъалаҳои ҳаракати нархҳо ва музди меҳнату даромадро дар давраи мазкур равшан нишон додааст. Пасту баландшавии нархи маҳсулот ва ҳаракати музди меҳнатро муқоиса намуда, ӯ кӯшиш намудааст, ки чи хел ивазшавии сатҳи ҳаёти модии меҳнаткашонро муайян намояд.

Т. Роҷерс ҳамчун муҳаққиқ бо ақидаҳои худ оид ба раванди таърихӣ идеалист буд. Ӯ прогресси тафаккури ҷамъиятӣ ва таъсиру фишори афкори ҷамъиятиро қувваи асосии ҳаракатдиҳандаи рушди ҷамъиятӣ медонист.

Уилям Эшли (1860 – 1927) низ муддате дар Донишгоҳи Оксфорд дарс медод. Асари асосии ӯ «Муқаддима ба таърихи иқтисодӣ ва назария» (1888 – 1893) ба таърихи иқтисодии асрҳои миёнаи Англия бахшида шудааст ва то давраи асри XVI - ро дар бар мегирад. Асари ӯ низ бар пояи маъхазҳои васеъ навишта шуда, диққати асосиро муаллиф ба доктринаҳои иқтисодии асрмиёнагӣ додааст. Ақидаҳои консервативии сиёсӣ ба муаллиф имкон додаанд, ки нақши ҳақиқии савдои озодро дар рушди иқтисодиёти Англия баҳогузорӣ намояд. Ӯ яке аз аввалин муаҳаққиқоне буд, ки ақидаи муаррихон ва иқтисодчиёни либералӣ, яъне дастовардҳои савдои берунаи Англия пурра аз сиёсати *фритреде (савдои озод)* маншаъ мегирифтро зери шубҳа гузошт.

Сайнаков Сайнак Парпиноевич

# 4.ТАЪРИХНИГОРИИ ГЕРМАНИЯ

Дар нимаи дуюми асри XIX Германия ба давраи болоравии хоҷагидории тавоно гузашта, дар мамлакат, бо истифодаи олоти муосир асоси саноати бузург, таҷриба ва дастовардҳои сохти индустриявии Британия гузошта шуд. Инчунин, дар охири асри мазкур азнавсозии капиталистӣ дар деҳот ҳам ҷамъбаст гардид. Германия зери сиёсати Пруссия ба як давлати воҳид табдил ёфт. Аз ин пас мамлакат ба ҷангҳои навбатии ғоратгарона тайёрӣ медид, ки ҳамаи ин зуҳурот дар рушди таърихнигорӣ ва ғояҳои асосии он таъсир расонданд.

Дар донишгоҳҳои Германия низ дар ташкил ва гузарондани таҳқиқоти таърихӣ пешравии назаррас дида мешуд. Дар системаи таълим усули лексионӣ - семинарӣ мустаҳкам гардид. Донишҷӯён - муаррихони касбии оянда коркарди маъхазҳоро меомӯхтанд ва дар асоси онҳо реферату маърӯза навишта, дар дарсҳои семинарӣ дифоъ мекарданд. Ин ба он оварда расонд, ки донишгоҳҳои Германия дар сатҳи ҷаҳонӣ ба донишгоҳҳои намунавӣ табдил ёфтанд. Он вақт донишҷӯёни дигар мамолик орзуву ҳаваси дар Германия таҳсил намуданро мекарданд. Солҳои 60 - ум дар донишгоҳҳои мамлакат тахассусҳо оид ба таърихи қадим, асри миёна ва нав кушода шуда, ин боиси таъсисёбии кафедраҳо ва институтҳои нав гардид. Донишгоҳҳои бузургтарини Германия, аз ҷумла, Берлин, Мюнхен, Гейделберг, Галл, Лейпсиг нашркунии силсилавии таърихиро оғоз намуданд. Дар марказҳои калони илмӣ комиссияҳои таърихӣ таъсис доданд, ки дар байни онҳо фаъолияти комиссияи назди Академияи илмҳои Бавария намоёнтар буд.

Соли 1852 дар Нюрнберг Осорхонаи миллии Германия таъсис дода шуд, баъди он бошад Осорхонаи марказии Риму германӣ дар Майнс ба фаъолият сар кард. Нашриётҳои даврии нав, аз ҷумла «Маҷаллаи таърихӣ» (1859) дар Мюнхен, таъсис дода шуданд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, сохтори илми таърихи Германия дар ҳолати федеративӣ монд.



Сайнаков Сайнак Паршиоевич

Дар қаламрави империяи дар арафаи таъсиси он марказҳои ҳамоҳангсоз мавҷуд набуданд, барномаҳои муайяни корҳои илмӣ - тадқиқотӣ ҳам дар соҳаи таърих мураттаб нагардида буданд. Солҳои минбаъда тафаккури таърихии немис вобаста ба масъалаҳои аз нигоҳи сиёсӣ муттаҳид намудани Германия такони ҷиддӣ гирифт.

Дар таърихнигории Германия ин ҳама ба он оварда расонд, ки ду равияи асосӣ ташаккул ёбанд: 1) равияи хурдгерманӣ (тарафдорони тамоюли пруссиягӣ); 2) бузурггерманӣ (тарафдорони тамоюли австриягӣ). Ҳамзамон дар зери таъсири позитивизм дар Германия равияи таърихӣ - иқтисодӣ шакл мегирад. Аммо дар фарқият аз дигар мамлакатҳои пешбари Ғарб дар Германия позитивизм ба таври васеъ паҳн нагардид. Ғайр аз ин, муаррихони немис доимо дар муносибат бо позитивизм дар мухолифат қарор доштанд ва ғояву нуқтаи назари методологии Л. Ранкеро идома медоданд.

**Мактаби хурдгерманӣ.** Мавқеи ҳукмронро дар таърихнигории буржуазии нимаи дуюми асри XIX «мактаби хурдгерманӣ» ишғол мекард, ки ҳангоми фаъолона иштирок намудан дар муборизаи сиёсӣ барои муттаҳид намудани Германия зери роҳбарии Пруссия муаррихони он ба худ чунин ном гирифтанд ва баъди соли 1871 он ба мактаби нимрасмии таърихии империяи Пруссӣ - Германӣ табдил ёфт[1].

Намояндагони намоёни он И. Г. Дройзен, Г. фон Зибел ва Г. фон Трейчке буда, ба он як қатор муаррихон, аз қабили муҳаққиқи бузурги таърихи бостон Т. Моммзен наздику ҳамроҳ шуданд. Аммо дар фарқият аз дигар намояндагони ин мактаб Т. Моммзен дар таҳқиқоти таърихии худ баъди таъсисёбии империяи Германия низ диду назари либералиро нигоҳ дошт.

[1]Ниг.: Назаров С. В. Историография всеобщей истории (в связи с развитием исторической мысли). Учебное пособие. Армавир, 2002.; Терехов О. Э. Историческая мысль и историческая наука Запада XIX – XX веков. Учебное пособие. Кемерово, 2006.

Сайнаков Сайнак Паршиоевич

Мактаби мазкур сиёсӣ буда, аз муаррихон тамоюлнокии сиёсиро ошкоро талаб менамуд. Намояндагони он ба таърих ҳамчун воситаи ташвиқу тарғиб намудани ғояҳои сиёсии худ назар менамуданд.

Дар таърихнигории Германия дар нимаи дуюми асри XIX, бо тавағҷуҳи дақиқона доштан дар самти таҳқиқи сиёсати беруна ва дипломатия мавқеи пешсафиро мактаби хурдгермании ранкеанӣ ишғол мекард. Аз ҷумла, Г. Зибел дар асараш «Таъсисёбии империяи Германия», ки бо фармоиши Отто фон Бисмарк навишта шудааст, Генрих фон Трейчке дар монографияаш «Таърихи немисӣ», И. Дройзен дар таҳқиқоти «Таърихи сиёсати Пруссия» консепсияи таърихиро оид ба миссияи Пруссия ва сулолаи Гогенсоллернҳо дар муттаҳидкунии миллии Германия асоснок намудаанд.

Иоганн Густав Дройзен (1808 – 1884) пас аз хатми Донишгоҳи Берлин ба таҳқиқи таърихи қадим машғул шуда, соли 1833 асари худ «Таърихи Искандари бузург» (1836) ва баъд асари дуҷилдааш «Таърихи эллинизм» (1853) - ро нашр менамояд. Дар ин асарҳояш тавассути ҷанг дар доираи Македония муттаҳид намудани давлатҳои хурди Юнонро намунаи беҳтарини муттаҳидшавии миллӣ номидааст.

Баъдтар муаллиф ба таҳқиқи давраи нави таърих шурӯъ намуда, асари дуҷилдаи «Лексия оид ба ҷангҳои озодихоҳона» (1846) ва «Таърихи сиёсати Пруссия» (1855 – 1886) - ро нашр менамояд. Дар асари охиронаш муҳаққиқ мақсади асосии сиёсӣ – исбот намудани нақши тақдирсози Пруссияро дар тақдири Германия дар давраи нав, ҳатто асрҳои миёна, пайгирӣ намудааст.

Ҳамчун мухолифи ашаддии позитивизм И. Г. Дройзен, ҳангоми таҳқиқоти таърихӣ дар мақоми аввал шуурро мегузорад, ки бо ёрии он муаррих метавонад гузаштаро дарк намояд. Усулҳои миқдории позитивистонро ӯ инкор намуда, иброз менамояд, ки ягон қонунҳои таърихӣ на аз омор, на аз психологияи омма, на аз шароитҳои географӣ фаҳмида гирифта намешаванд.



Сайнаков Сайнак Наршиоевич

Намояндаи дигари машҳури мактаби мазкур Генрих фон Зибел (1817 – 1895) буд. Ӯ низ хатмкардаи Донишгоҳи Берлин буда, дар он ҷо аз муаррихони номӣ Савини ва Ранке сабақ гирифтааст. Солҳои 1840 – 1845 ҳамчун приват - дотсенти Донишгоҳи Бонн, с. 1845 – 1856 профессори Донишгоҳи Марбург, баъд то соли 1861 ба сифати профессори Донишгоҳи Мюнхен ва Донишгоҳи Бонн фаъолият намудааст. Соли 1875 ӯро ба Берлин даъват намуда, директори Бойгонии давлатии Пруссия таъйин намуданд. Аз соли 1859 то вопасин ҳаёташ аъзои Академияи илмҳои Бавария будааст.

Генрих фон Зибел ҳамчун доҳии мактаби хурдгерманӣ дар баррасии бархе аз масъалаҳо аз Дройзен ва Трейчке дида, мавқеи прогрессивитарро ишғол мекард. Дар ибтидо фаъолияти илмии худро ҳамчун медиевист[1] сар карда, сипас зери таъсири воқеоти соли 1848 ва ҳодисоти сиёсии баъди он ба таҳқиқи таърихи нав машғул мегардад.

Барои ӯ таърих доимо майдни ҷанг (мубориза) будааст, ки дар он масъалаҳои баҳсноки сиёсати муосир ҳал шудаанд. Объективизми Ранкеро рад намуда, Г. фон Зибел ошкоро ногузирии тамоюлкорӣ (тенденсионӣ) - и ҳар муаррих дар илмро қайд намуда, оид ба ин масъала бешубҳа нисбат ба Ранке ҳақ ва содиқонатар буд. Аммо ӯ алоқа байни тамоюлкории сиёсии муаррих ва идеологияи синфии ӯро ба назар нагирифтааст. Оқибати амр вай сарчашмаи тамоюлкории сиёсии муаррихро на синфӣ, балки инсонӣ, манфиатҷӯии ӯ дар корҳои инсонӣ мебинад. Дар фарқият аз ранкечиёни ортодоксалӣ Г. фон Зибел таърихро аз нигоҳи моҳияти имконияти дарккунии он ба илмҳои табиӣ наздик намуд, ки аз рӯи назари муҳаққиқ таърих ҳам имкон дорад ва метавонад ба дониши дақиқ расад. Дар баробари ин, Г. фон Зибел равшантару саҳеҳтар, нисбат ба позитивистон, байни муаррих ва табиатшинос фарқиятро мебинад.

[1]Медиевистика (аз лотинии *medius – миёна* ва лотинии *aevum – аср, давра*) – қисми илми таърих, ки ба таҳқиқу омӯзиши давраи асрмиёнагии Аврупо (инчунин дигар минтақаҳо) машғул аст. Мутахассисони соҳаи таърихи асрмиёнагиро бошад ***медиевист*** меноманд.

Ӯ дуруст қайд менамояд, ки дар фарқият аз табиатшинос муаррих на танҳо бо зуҳуроти моддӣ, ки тавассути дарккунию қабулкунии ҳиссӣ дода мешаванд, инчунин бо табъу дил, тафаккур ва рафтори одамон, ки аллакай дар гузаштаи дур зистанд ва наметавонанд предмети бевоситаи таҷрибаи ҳиссии таҳқиқотӣ шаванд, сару кор мегирад. Оид ба ҳама чиз муаррих тавассути шоҳидии шахсони сеюми дар бисёр маврид пурра эътимод кофӣ надошта медонад, зеро онҳо чун қоида аз субъективият ва баъзе вақт рӯи рост дурӯғ зарар мебинанд.

Дар фарқият аз Ранке Г. фон Зибел, дар таърих мавҷуд будани қонуниятҳои объективии умумиро эътироф мекард, аммо ин қонуниятҳоро ӯ ҳамчун соф идеалистӣ, ҳамчун абстракт дар таърих ҳукмрон, барои ҳамаи даврҳо якхелаи «қонуни ахлоқӣ», ки мазкур аз «табиати инсонӣ» баровардааст, мефаҳмид.

Чун позитивистон Г. фон Зибел қонуни эволютсияи умумӣ ва прогрессии ҷамъиятиро эътироф мекард ва онро низ чун прогресси шакли сиёсӣ, ки нуқтаи баландтарини онро монархияи пруссиягӣ меҳисобид, идеалистӣ медонист.

**Мактаби таърихии бузурггерманӣ.** Мухолифини сиёсии тарафдорони мактаби хурдгерманӣ намояндагони мактаби таърихии бузурггерманӣ буданд, ки ба онҳо аксарияти муаррихони Германияи ҷанубию миёна, хусусан минтақаҳои католикнишин, пеш аз ҳама Австрия, шомил ё наздик буданд. Маркази асосии фаъолияти онҳо шаҳри Вена буд, ки дар он ҷо соли 1854 дар намунаимактаби франсузии «Мактаби хартий» «Институти таърихӣ» таъсис дода шуд, ки ба омӯзиши танқидии ҳуҷҷатҳои бойгонии асрмиёнагӣ машғул буд. Ҳамин тавр, дар атрофии институти мазкур мактаби боқуввати маъхазшиносон ва палеографҳо ба вуҷуд омад, ки намояндагони беҳтарини он Т. Зикел, Ю. Фиккер буданд. Марказҳои дигари мактаби бузурггерманӣ Академияи илмҳои Вена ва Донишгоҳи Инсбрук ба шумор мерафтанд. Инчунин, ба гуруҳи намояндагони беҳтарини мактаби мазкур муаррихон

И. Ф. Бёмер, К. А. Корнелиус, О. Лоренс ва ғайра шомил мешуданд. Ба мисли муаррихони мактаби хурдгерманӣ муаррихони мазкур низ кушоду равшан тарафдори инъикоси тенденсионии таърих буда, таърихи Германияро аз мавқеи апологияи Австрия, ҳамчун меросбардори анъанаҳои асрмиёнагии империя, баррасӣ мекарданд.

Намояндаи машҳуртарини мактаби мазкури таърихӣ профессори Донишгоҳи Инсбрук Юлиус Фиккер (1826 – 1902) буд. Асарҳои мазкур оид ба ҳуқуқи асрмиёнагии Германия ва Италия аз нуқтаи назари заминаи манбаъвӣ беҳтарин асарҳои давр ба шумор мераванд. Инчунин асари ӯ «Очерк доир ба маъхазшиносӣ» (1877 – 1878) аз тарафи мутахассисони соҳа баҳои баланд гирифта буд.

И. Ю. Фиккер тарафдори қатъии сулолаи Габсбургҳо буда, ба таври ихтиёрӣ дар ҷанги зидди Пруссия иштирок кардааст ва империяи Австрияро бо ҳайати бисёрмиллатааш кафили беҳтарини манфиатҳои миллӣ ва байналхалқии Германия донист.

Консепсияи таърихии худро И. Ю. Фиккер ҳангоми баҳсу мунозираи чорсолаи худ бо Г. фон Зибел оид ба масъалаҳои нақши империяи асрмиёнагии Германия ва сиёсати берунаи он дар тақдири минбаъдаи немисҳо нишон додааст. Аз нуқтаи назари сиёсӣ Г. фон Зибел қатъиян зидди идеализатсияи романтикии империявии муаррихон - бузурггерманиҳо баромада, одилона қайд намуд, ки юришҳои бесамари императорони италянӣ ба манфиатҳои миллии Германия зарар расонданд ва он дар бисёр маврид ғуруру ҳавобаландии шахсии худи ҳокимон буд, ки дар онҳо дар ҷануб аз Алп доимо ҳисси пурзӯрӣ дар хаёл буд.

И. Ю. Фиккер, на ба дараҷаи илмият, балки ба андозаи зиёдтар сабаби махфии сиёсии консепсияи Г. фон Зибелро кушода, дар навбати худ ба тарафдории идеализатсиякунии империяи асрмиёнагӣ гузашта, танҳо Австрияро ворисӣ ҳақиқии он эълон намуд.

Сайнаков Сайнак Парпиноевич

Баҳси Г. фон Зибел ва И. Ю. Фиккер, новобаста аз мақсади сиёсӣ ва илмӣ дошта, бархӯрди маъмулии нуқтаҳои назари гуногун набуд. Сухан дар бораи зиддияти ду тенденсияи қадими принсипиалии таърихнигории немис, оид ба масъалаи пайдоиши давлати Германия мерафт. Тенденсияи якум аз мавқеи тозаи миллатгароӣ маншаъ мегирифт, ки тибқи он аҳамияти ҳалкунанда дар пайдоиши давлатдорӣ ба «рӯҳи халқии немис» дода мешуд. Намояндагони тенденсияи дуюм таъсисёбии давлатро танҳо натиҷаи сиёсати сулолавӣ, кори дасти ҳокимони алоҳида, ки ворисони онҳо гӯё танҳо сулолаи Габсбургҳо ҳастанд, донистанд. Аммо дар ҳар ду тамоюл равандҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва муҳимияти зиддиятҳои синфӣ байни феодалону деҳқонон барои ба вуҷуд омадани давлати немисӣ амалан рад карда мешуданд.

Дар баҳс оид ба мазмун ва аҳамияти сиёсти императорони италянӣ (мурод аз римӣ) дар сатҳи илмӣ аксарияти муаррихони немис, аз ҷумла Дройзен, ақидаи Фиккерро дастгирӣ ва ҳамзамон хатогиҳои далелии дағали Зибелро зикр намуданд.

Мактаби бузурггерманӣ ҳамчун равияи сиёсӣ дар таърихнигории немис моҳияти мавҷудияти худро баъди ҷанги австро - пруссии соли 1866 ва хориҷкунии ниҳоии Австрия аз Германияи воҳид аз даст дод. Ба сифати ворису меъросбардори он дар охири асри XIX муаррихони католик, ки аксарияташон берун аз Пруссия фаъолият доштанд, баромад мекарданд. Ғояи асосии ин мактаб акнун аз мадҳу сано гуфтани калисои католикӣ ва муҳокимаи ислоҳотчигии Германия иборат буд. Намояндагони машҳуртарин байни онҳо Иозеф Гёррес, Игнас Дёллингер, Иоган Фридрих Бёмер ва И. Янсен буданд.

Иоган Янсен (1829 – 1891), илоҳиётшиноси католик, муаррих, аз соли 1851 приват - дотсенти Академияи Мюнстер буда, баъдтар ба сифати омӯзгори гимназияи католикии Франкфурти лаби Майн фаъолият кардааст. Маъмултарин асари ӯ «Таърихи халқи германӣ дар хотимаи асрҳои миёна» (1876 – 1888) мебошад, ки фарогири таърихи



Сайнаков Сайнак Париншоевич

давраи аз асри XV – то оғози Ҷанги сисола аст. Иоган Янсен, таҷрибаи таърихии Ислоҳотчигӣ ва Ҷанги деҳқониро таҳлил намуда, кӯшиш намудааст, ки ночор ва манфиатовар будани идеологияи католикиро ҳамчун воситаи наҷот додан аз инқилобҳои иҷтимоӣ исбот намояд. Ӯ Ислоҳотчигиро ҳамчун бадбахтии бузург барои Германия ба риштаи муҳокима кашидааст ва алоқаи онро бо манфиати деҳқонон рад намуда, исбот менамояд, ки деҳқонони немис, минҷумла побанд (крепостной), дар асрҳои XV – XVI ҳаёти солими патриархалӣ доштанд, истисморро намедонистанд ва байни онҳо на бояд нисбати калисо норозигӣ ҷой доштааст. Сарчашамаи ҳамин хел норозигиро муаррих танҳо шаҳрҳо медонад, ки дар он ҷо порахӯрӣ ва ғункунии беисти сарвати бе дарду миён ба даст омада ҳукмрон буд, ки оҳиста - оҳиста дар деҳот ҳам паҳн гардид. Дар зери таъсири он феодалон бо ёрии торҳои ҳуқуқи римӣ ба деҳқонон фишор оварданд ва барзгарон бошанд дар навбати хеш беинсофона иҷро намудани ӯҳдадориҳои худро дар муносибат бо феодалон сар карданд. Ҳамин тавр, замони деградатсия (завол) - и иҷтимоӣ ва ахлоқӣ фаро расид, барои паҳнкунии «евангелизм» - и харобиовар фазои муносиб ба вуҷуд омад, ки дар он манфиатҳои «пролетариат», шаҳрӣ, деҳқонӣ ва ритсарӣ бархӯрданд. «Евангелизм» Ҷанги деҳқониро ба вуҷуд овард, ки ба ҳамаи иштирокчиёни он, бе тафовутгузорӣ, И. Янсен майлкунии тағйирдиҳии ҷамъият ба самти коммунистии ибтидоиро нисбат медиҳад. Хулоса, муаррих, сарчашмаҳои тамоми бадбахтиҳои аз болои Германия рехтаи ибтидои асри XVI - ро оқибат рӯҳияи капиталистии шаҳрӣ донистааст.

И. Янсен яке аз аввалин муаррихони замони худ буд, ки масъалаи характери «иҷтимоӣ» доштани «евангелизм» ва тибқи назари ӯ аз он ба вуҷуд омадани Ҷанги деҳқониро ба миён гузошт.

**Равияи маданӣ - таърихӣ.** Асогузори ин равияи таърихӣ дар таърихнигории немис Яков Буркгардт (1818 – 1897) шинохта шудааст. Гарчанде ки дар Донишгоҳи Берлин аз муаррихи номии немис Ранке

Сайнаков Сайнак Парвишоевич

сабақ гирифта бошад ҳам, аммо ӯ мавқеи зидди мактаби ранкеаниро ишғол намудааст. Баръакси назарияи мактаби Ранке мазкур дар мадди аввал на таърихи давлат ва таърихи сиёсӣ, балки таърихи маънавӣ, қисман маданияти моддии инсониятро гузоштааст. Дар васфи таърих ӯ чунин менависад, ки «таърих барои ман нафосати бузург буд ва мемонад, ман онро ҳамчун раванди тааҷҷубовар … кушоишҳои нав, наву доимии рӯҳ мебинам».

Дар ибтидои фаъолияти эҷодии худ Я. Буркгардт моҳияти прогресси таърихиро дар кушодани имкониятҳои шахсияти инсонӣ медид. Ӯ эътироф мекард, ки таърих муносибатҳои мутақобилаи давлат, дин ва маданиятро аз худ намояндагӣ мекунад. Азбаски маҳз дар маданият рӯҳи инсонӣ нисбатан пурратар кушода мешавад, нақши махсусро ӯ ба маданият мансуб медонист. Чунин консепсияи худро вай дар асараш «Таърихи Эҳё дар Италия» (1860) ҷой додааст.

Я. Буркгардт дар байни муаррихон яке аз аввалинҳо мебошад, ки кӯшиш намудааст, ки дар асоси азнавбарқароркунии зиндагӣ ва хӯ, рафтор, урфу одати давраи тасвир карда шуда, характеристикаи ақидаҳои намояндагони намоёнтарини хусусият ва ҷанбаҳои фарогирифтаи шакли мадании хоси Эҳёро муайян намояд.

Бо ҳамин тарз аз ҷониби ӯ тасвири бетаровати Эҳё ҳамчун ягонаву воҳид, бе ҷудонамоии ягон давраи хронологӣ шарҳ дода шудааст. Худи пайдоиши Эҳёро Я. Буркгардт зуҳуроти асроромези илҳоми рӯҳи инсонӣ донистааст. Ин бо консепсияи умумитаърихии ӯ, ки мувофиқи он таърих – ин дар асоси қонунҳои олӣ ва даркнашавандаи ҳаёт ивазшавии маданиятҳо мебошад, алоқаманд аст.

Рушди таърихнигории позитивӣ дар Германия бо фаъолияти илмии намояндаи равияи таърихӣ - маданӣ Карл Лапрехт (1856 – 1915) алоқамандӣ дорад, ки кӯшиш намуд рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавиро синтезу хулосабарорӣ намуда, таърихи универсалиро нависад. Олим қонунҳои таърихиро ифодаёбии аз ҳама бештари



Сайнаков Сайнак Парвиноевич

қонунҳои умумии психология ва худи таърихро – ивазшавии давраи муайяни иҷтимоӣ - психологӣ донистааст.

Соли 1891 профессори Донишгоҳи Лейпсиг таъйин гардида, оид ба таърихи маданият семинарро ташкил намудааст. Дар натиҷа як гурӯҳи муаррихон бо роҳбарии вай масъалаҳои махсуси таърихӣ - маданиро таҳқиқ мекарданд.

Дар асараш «Таърихи халқи Германия» зинаҳои психогенетикии маданият ҳамчун асоси даврабандии таърихи Германия ҷой гирифтанд. Аз рӯи пешниҳоди К. Лампрехт давраи аввал сохти авлодӣ, хоҷагидории коллективӣ ё анимизм будааст. Бо ба вуҷудоии моликияти хусусӣ ва шакли хоҷагидории фардӣ давраи «символизм» оғоз гардид, ки аз замони асрмиёнагии ибтидоӣ то асри X - ро дар бар мегирад. Дар асрмиёнагии мутараққӣ Лампрехт ду давраи маданиро ҷудо менамояд: «типизм» (асрҳои X – XIII) ва «конвенсионализм» (асрҳои XIII – XIV), замоне, ки хоҷагидории натуралӣ ва мулкдории калони меросии феодалӣ ҳукмрон буданд. Аз асри XV сар карда, бо ба вуҷуд омадани хоҷагии пулӣ давраи «индивидуализм» оғоз мегардад, ки онро дар миёнаи асри XVIII давраи «субъективизм» (завлои сохти табақавӣ ва фаъолияти озоди иқтисодӣ) иваз намудааст. Баъди он давраи «иҷтимоӣ - психологӣ» - и вобаста бо инқилобҳои саноатӣ меояд. Дар дохили ҳар давраи маданӣ «руҳи иҷтимоӣ» - и махсуси он зуҳур менамояд, ки барои омӯзиши он зарур аст, ки илми алоҳидаи роҷеъ ба мавҷудияти психологии инсонҳо офарида шавад[1].

Муҳимияти таҳқиқоти иҷтимоӣ - психологӣ дар таърихро ӯ дар дигар асараш «Илми нави таърих» (1905) низ овардааст. Дар он муаллиф иброз медорад, ки таърих чи хеле ки аст, на дигар хел, ин психологияи амалӣ мебошад, аз ин ҷиҳат барои дарккунии рушди таърихӣ ҳамчун қисми ниҳоят муҳим психологияи назариявӣ зарур мебошад.

---

[1]Айрапетов А. Г. История исторической науки. Историография всеобщей истории. Курс лекций // http://www.allbest.ru/



Сайнаков Сайнак Парвинсевич

**Равияи таърихӣ - ҳуқуқӣ.** Дар нимаи дуюми асри XIXдар таърихнигории Германия мақоми мактаби таърихии ҳуқуқ ҳам баланд буд. Намояндаи намоёни он дар ин вақт ходими давлатӣ, ҳуқуқшинос, муаррих ва омӯзгор, профессори Донишгоҳи Мюнхен Георг Людвик фон Маурер (1790 – 1874 ё 2) буд. Дар яке аз асарҳои калонҳаҷм, ки ба сохти маркҳои немисӣ, ҳавлӣ, деҳот ва шаҳрҳо бахшида шудааст, назарияи марк (ҷамоа) - ии худро асоснок намудааст. Муқарраროти асосии консепсияи таърихии ӯ ин аст, ки германиҳо «халқи кӯчии забткор буданд ва моликияти хусусӣ ба заминро намефаҳмиданд. Бо гузариш ва ҳаёти муқимӣ онҳо дар ҷамоаҳои авлодӣ сокин шуданд. Ҷамоаҳои мазкур ё маркҳо қаламрави васеъро дар бар мегирифтанд, ки дар натиҷа ба қаламрави округҳо, сотен, графгариҳо ва ҳатто шоҳигарии пурра ё гертсогҳо табдил ёфтанд. Дар дохили марк дар аввал баробарии том ҳукмрон буд, ки аз ҷониби сарҳадоти даврӣ ҳимоят мешуд, аммо забт намудани музофотҳои Рим ва таъсири он ба Германия нобаробариро ба вуҷуд оварданд». Деҳқонони қаламравҳои забтшудаи Рим бо ҳиссаҳои замини худ ба ҷамоаи германӣ, ки ҳамин тавр характери авлодиро аз даст дода буд, дохил карда шуданд ва мафҳуми моликияти хусусӣ, ки аз ҳуқуқи римӣ гирифта шуд, оғози харобшавии ҷамоаҳоро гузошт. Дар ҷои харобиҳои маркҳо, дар натиҷаи ғасб намудани ҳуқуқҳои судӣ ва дигар ҳуқуқҳо, ҳокимияти маҳаллии заминҳо ва ҳокимияти давлатӣ ба вуҷуд омад. Зина ба зина азбайнравии сохти ҷамоавиро пайгирӣ намуда, Маурер қайд менамояд, ки кӯшиши заминдорон ва князҳо ба аз худ намудани ҳокимият аз болои ҷамоа аз тарафи охирӣ муқовиматро ба вуҷуд овард. Дар ин муборизаҳо маркҳо дар он ҷойҳое пирӯз шуданд, ки помешикҳои хурд ва деҳқонон бар зидди феодалони калон дар якҷоягӣ мубориза бурданд. Аммо аҳамияти муҳим дар нигоҳ доштани ҷамоаҳои озод сатҳи алоқаи онҳо бо император ва империя буд. Бо азбайнравии империяи Германия ин дастгирӣ низ аз байн рафта, боқимондаҳои

Сайнаков Сайнак Нариншоевич

охирони ҳаёти ҷамоавӣ, ки ба сохтори аввалин ва қадимтарини германӣ тааллуқ дошандт, бо сурати тез нест шуданд.

Назарияи маркӣ ё ҷамоавӣ, ки дар коркарди он дар баробари Маурер, дигар муаррихон - иқтисоддонҳо, аз ҷумла Ганссен, Рошер, Зибел саҳм гузоштанд, асоси тасаввуротро оид ба зуҳурёбии феодализм ва рушди мунонисботи аграрӣ дар асрҳои миёна, ки дар чанд даҳсола дар таърихнигории Ғарб ҳукмрон буд, ташкил медод. Дар таърихнигории Германия дар оянда назарияи мазкурро Гирке, Мейтсен ва Брунер инкишоф доданд.

**Равияи таърихӣ - иқтисодӣ.** Аз солҳои 70 - уми асри XX дар таърихнигории Германия қувват гирифтани равияи таърихӣ - иқтисодӣ оғоз гардид, ки дар маркази диққати он равандҳои дар базиси ҷамъият ба вуҷуд омада қарор гирифтанд. Ташаккулёбии он ба болоравии мубориза и иҷтимоӣ ва паҳншавии марксизм хос буд, ки намояндагони равияи мазкур кӯшиш мекарданд консепсияи махсуси худро оид ба рушди иҷтимоӣ - иқтисодии ҷамъиятӣ тартиб дода, бар зидди консепсияи марксизм гузоранд. Он барои он даъват шуда буд, то ки исбот намояд, ки моликияти хусусӣ абадист ва чунин дарккунии раванди таърихиро асоснок намояд, ки тибқи он капитализмро ҳамчун интиҳои таърихи инсоният нишон диҳад.

Намояндагони равияи мазкур ҳамчун тарафдорони ислоҳот дар самти сабук намудани зиддиятҳои тезу тундшудаи иҷтимоӣ баромад мекарданд. Ба хотири ҳифз намудани капитализм, онҳо сиёсати фаъоли иҷтимоӣ ва дахолати мустақими давлатиро дар фаъолияти соҳаҳои иқтисодӣ тарғиб мекарданд. Барои паҳнкунии ақидаҳои худ намояндагони равияи мазкур дар соли 1872 «Иттифоқи сиёсати иҷтимоӣ» - ро таъсис доданд, ки то солҳои аввали зуҳури идеологияи фашистӣ низ амал мекард.

Дар самти методологӣ равияи таърихӣ - иқтисодӣ қонунҳои умумиро, кадомаш ки набошад, инкор карда, назарияи иқтисодиро ба



Сайнаков Сайнак Парвинӣоевич

ҷамъоварӣ ва қайди далелҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар давраҳои гуногун иваз намуд. Аз нигоҳи бисёр хусусиятҳо равияи мазкур ба позитивизм наздик буд, аммо дар баробари ин, зери таъсири намоёни ғояи рушди органии ҷамъиятӣ, ки барои таърихнигории немис анъанавӣ буд, қарор дошт.

Дар бархе самтҳо принсипҳои равияи таърихӣ - иқтисодӣ дар рушди илми таърих таъсиргузор буданд. Дар таҳқиқоти муаррихони равияи мазкур омӯзиши иқтисодиёт ҳамчун фанни махсус зикр гардидааст. Онҳо бори нахуст кӯшиш намудаанд, ки аз маҳаку нуқтаи назари иқтисодӣ даврабандии таърихиро пешниҳод намоянд. Ҳанӯз намояндаи мактаби пешин Б. Хилдебранд чунин кӯшиш карда буд, ӯ тамоми таърихро, бо хусусияти намуди хоҷагидорӣ, ба се давра ҷудо намуда буд: хоҷагии натуралӣ, хоҷагии пулӣ ва хоҷагии қарзӣ (кредитӣ).

Ҳамин тариқ, дар муқобили таърихи сиёсӣ таҳқиқот оид ба таърихи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ низ вусъат меёбад. Дар иқтисоди сиёсӣ низ дар асоси принсипҳои фаҳмиши позитивӣ мактаби таърихӣ ба вуҷуд меояд. Намояндагони намоёнтарини он Г. Шмоллер, А. Вагнер, Л. Брентано буданд. Асару мақолоти онҳо дар «Солномаи қонунгузорӣ, идоракунӣ ва хоҷагии халқ» нашр мешуданд. Аҳамияти омили иқтисодиро қайд намуда, олимони мазкур онроҳамчун натиҷаи муносибати мутақобилаи омилҳои психологӣ ва табиӣ тавзеҳ медоданд. Инчунин онҳо консепсияи миссияи иҷтимоии Гогенсоллернҳоро тартиб дода, ба шакли муайян даровარданд.

Яке аз намояндагони машҳури ин равия, профессори Донишгоҳҳои Страсбург ва Берлин, аъзои Академияи илмҳои Пруссия Густав Шмоллер (1838 – 1917) буд. Бо ҳидоят ва роҳбарии ӯ оид ба таърихи маъмурӣ, иҷтимоӣ- иқтисодии Пруссия силсилатаҳқиқот ва нашри ҳуҷҷатҳо «Санадҳои Пруссия» сурат гирифтааст. Ӯ бунёдгузори «Солнома оид ба масъалаҳои қонунбарорӣ, идоракунӣ ва хоҷагии халқ» мебошад.



Сайнаков Сайнак Паришоевич

Дар асарҳои зиёди худ, ки ба зуҳурёбии капитализм дар Германия, масъалаҳои иҷтимоӣ - иқтисодии сиёсати шоҳони Пруссия бахшида шудаанд, муаллиф ривоят дар бораи «миссияи иҷтимоӣ» - и Гогентсоллернҳоро муфассал кор карда баромадааст. Ривоят ба он мерасад, ки сабаби асосии гузариш аз ҳолати шахшудаи феодалии асри XVI ба рушди босуръати капиталистии аз аввали асри XIX сар шуда, натиҷаҳои сиёсати дурусти иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва тиҷоратии шоҳони Пруссия буд, ки ба ақидаи Г. Шмоллер сотсиалӣ буда, ба манфиати мамлакат ва оммаи мардум равона шуда буданд.

Профессори Донишгоҳи Лейпсиг Карл Бюхер (1847 – 1930) бошад дар асари назариявии худ «Пайдоиши хоҷагии халқ» (1893) даврабандии таърихиро дар намуди се хоҷагидорӣ (хонагӣ – натуралии мустақил; шаҳрӣ – бо мубодилаи доимӣ; халқӣ) ва панҷ зинаи рушди истеҳсолоти саноатӣ (хонагӣ, ҳунармандии фармоишӣ, ҳунармандӣ дар бозор, саноати хонагӣ, истеҳсолоти фабрикавӣ) - ро пешниҳод кардааст[1].

Хоҷагидории хонагӣ, ба ақидаи К. Бюхер, дар намуди хоҷагии натуралӣ хоси ҷамоаи ибтидоӣ, ғуломдорӣ ва хоҷагии зинаи вотчинии асрмиёнагии аврупоӣ буд. Замоне, ки дар асрҳои миёна бо рушди шаҳрҳо мубодилаи мол характеридоимӣ мегирад, тибқи назарияи ӯ, давраи хоҷагидории шаҳрӣ оғоз мегардад. Бо мустаҳкамшавии мутамарказшавии сиёсӣ хоҷагиҳои парокандаи шаҳрӣ ба хоҷагии халқии воҳид табдил меёбанд, ки тамоми мамлакатро фаро мегирад. Ин ба назари ӯ хоҷагии халқӣ мебошад. Даврабандии ӯ дар таърихнигории дигар мамолик низ паҳн шуда, таъсири худро гузошт.

[1] Прохоренко И. А. Основные направления зарубежной историографии всеобщей истории (от древности до конца XX века). Учебное пособие по спецкурсу «Основные тенденции историографии Всеобщей истории». Тольяти, 2010. С. 27.

## 5.ТАЪРИХНИГОРИИ ШМА

ШМА низ дар давраи мазкур рушди бомуваффақияти иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва сиёсиро аз сар гузаронд. Ғалабаи штатҳои шимолӣ дар Ҷанги шаҳрвандии солҳои 1861 – 1865 монеаҳои асосиро дар роҳи рушди саноатии на танҳо штатҳои шимол, балки ҷануб низ бардошт. Дар охири асри XIX ШМА ба давлати бузурги саноатии ҷаҳон табдил ёфт. Раванди сиёсии мамлакат низ ба самти мутамарказкунии давлатӣ мерафт. Дар самти идеологӣ бошад ташаккулёбии ғояи гегемонӣ, ки зери дирафши он тайёрӣ ба экспансияи хориҷӣ дида мешуд, оғоз гардид. Ин ҳамаи тағйирот дар рушди тафаккури таърихӣ низ таъсири худро расонданд.

Илми таърихи ШМА дар бисёр самтҳо то оғозисолҳои 80 - уми асри XIX аз таърихнигории мамолики мутараққии аврупоӣ қафо меистод. Дар ШМА анъанаи таҳқиқоти таърихнигории ботаҷриба мавҷуд набуда, дар баробари ин омӯзгорони тахассусии таърихӣ низ кифоя набуданд. Танҳо дар солҳои 60 - ум таълими фанни таърих дар коллеҷҳо ва оҳиста - оҳиста дар донишгоҳҳо фанни ҳатмӣ шуд. Аз ҷумла, аз соли 1865 сар карда, фанни таърих дар Донишгоҳҳои Гарвард ва Йел ва дар дигар донишгоҳҳо бошад аз солҳои 70 - ум таълим дода мешуд. Натиҷаи мусбиро сафари донишҷӯёни ШМА ба Германия дод, ки дар он ҷо онҳо методҳои нави таҳқиқоти таърихиро аз худ мекарданд. Баъди бозгашт бисёре аз онҳо дар донишгоҳҳои бонуфуз сарварии кафедраҳои таърихи сиёсиро ба ӯҳда гирифтанд. Масалан, дар байни ин гуна донишҷӯён - муаррихони номии оянда Г. Б. Адамс, Ҷ. Барҷесс А. Уайт ва дигарон буданд.

Соли 1884 дар шаҳри Саратога «Асотсиатсияи таърихии Америка» таъсис дода шуда, аз соли 1895 он дар ШМА ба нашр намудани аввалин маҷаллаи умумитаърихии бо номи «Назарандозии таърихии Америка» - ро оғоз намуд.

Сайнаков Сайнак Парпиноевич

Тахассусӣ кардани кори илмии муаррихон бо якҷоягии дастовардҳои илмҳои ба ҳам наздик ба васеъшавии проблематикаи таърихӣ таъсири судманд расонд. Ин боиси он гардид, ки яке аз муҳаққиқони америкоӣ Люис Генри Морган (1818 – 1881) дар омӯзиши таърихи ҷамоаи ибтидоӣ саҳми калон расонд.

Ӯ ҳаёти қабилаҳои ирокезии ҳиндуҳои Америкаро таҳқиқ намуда, ба шароити моддии рушди ҷамъияти ибтидоӣ диққат дода, оид ба характери таърихии ба вуҷуд омадани моликияти хусусӣ маълумоти муҳимро ба даст овард. Маҳз рушди муносиботи молу мулкӣ, тибқи назари ӯ, авлоди модариро ба падаршоҳӣ тағйир дод.

Аз они Л. Г. Морган оид ба қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷамъиятӣ тасаввуроти аниқ набуд, ӯ дар бораи ихтироот ва кашфиёт навишта, зери мафҳуми онҳо фаъолияти хоҷагидории коллективҳои ибтидоии одамон ва динамикаи онҳо дар замон, инчунин таъсири фаъолияти мазкур ба ҳамаи дигар фаъолияти функсионалии ҷамъиятро зимнан дар назар дошт. Л. Г. Морган дар натиҷаи таҳқиқоташ давраи таърихи инсониятро ба се зина ҷудо намуд: ваҳшоният (ёбоӣ); барбарият; тамаддун[1].

Л. М. Морган аз нуқтаи назари материалистӣ мавзуъро баррасӣ намуда, дар асараш «Ҷамъияти қадима», ки асосан ба таҳқиқи ҳаёти қабилаҳои ҳиндуҳои америкоии ирокезҳо бахшида шудааст, имкон дод, ки аз диди нав ба ташкилоти ҷамъиятии ҷамоаи ибтидоӣ нигоҳ карда шавад[2].

Медиевистикаи америкоӣ низ дар ин давра рушд ёфт. Дар ин самт фаъолияти илмии муҳаққиқ Генри Чарлз Ли (1825 – 1909) арзанда мебошад. Дар асарҳои худ «Таърихи инквизитсия» (1888), «Таърихи омӯрзиши пинҳонӣ ва индулгенсия» (1896) вай дар асоси маводи

Сайнаков Сайнак Паршшоевич

---

[1] Пирумшоев Ҳ. Даврабандии таърихӣ // Таърих хотираи гӯёи миллат. Маводи конференсияи назариявӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами таърихнигории тоҷик дар давраи муосир» (Рашт, 5-6 ноябри соли 2016). Душанбе, 2017. С. 23 – 28.

[2] Назаров С. В. Историография всеобщей истории (в связи с развитием исторической мысли). Учебное пособие. Армавир, 2002. С. 109 – 110.

ҳуҷҷатии архивҳои Аврупо, мубориза калисоро бар зидди ҳаракатҳои мулҳидон баррасӣ намуда, даҳшаткории инквизитсияро нишон додааст.

Заминаи муҳим барои навиштани асарҳои умумӣ оид ба таърихи ШМА ин коркарди таърихи ноҳияву минтақаҳои алоҳида мебошад. Аз ҷумла оид ба таърихи Соҳили ғарбии Америкаи Шимолӣ Хюберт Бэнкрофт бо ёрдамчиёнаш маводи зиёдро ҷамъоварӣ намуд. Солҳои 1874 – 1876 асари панҷҷилдаи ӯ роҷеъ ба таърихи аҳолии маҳаллии Соҳили ғарбии Шимолии Америка чоп шуда, баъдтар таърихи 34 ҷилдаи штатҳои ҳавзаи Уқёнуси Ором навишта шуд.

Бо мароқи зиёд ҷамъоварӣ намудани мавод оид ба таърихи ҷанги шаҳрвандӣ низ оғоз гардид. Мисол, дар ҳар штат таърихи полкҳои маҳаллӣ, ки дар ҷанг иштирок доштанд, офарида шуд. Гарчанде ки онҳо аз нигоҳи илмӣ аз таҳлили баланди илмӣ - тадқиқотӣ бархӯрдор набошанд ҳам, аммо асарҳои мазкур маводи бойро, ки интизори таҳлили илмии мутахассисони касбӣ буд, пешкаш мекарданд.

Намояндагони мактаби *англосаксонӣ* таъкид мекарданд, ки танҳо халқҳои нажоди ориёӣ аз ҳама муносибтар муассисаҳои демократии конститутсиониро таъсис додаанд, ки принсипҳои индивидуализм ва ҳокимияти тавонои давлатӣ, идоракунии маҳаллӣ ва федерализмро пайваст мекунанд. Мероси сиёсии *тевтониро*, қайд мекарданд онҳо, англосаксҳо дар асри V ба Англия оварданд, баъдтар мустамликадорони англис - пуританҳо онро ба Америкаи шимолӣ интиқол доданд. Диққати асосӣ ба генеалогияи муассисаҳои сиёсии америкоӣ дода, кӯшиши дар Америкаи мустамликавӣ дарёфт намудани звенои пайвасткунанда бо ташкилоти қабилавии қадимигерманиро мекарданд.

Маркази равияи нав Донишгоҳи Ҷонс Гопкинс дар Балтимор гардид ва тарғиботчии ашаддии он Герберт Бакстер Адамс (1850 – 1901) буд. Дар асарҳояш «Десятинаи саксонӣ дар Америка»,



Сайнаков Сайнак Паришоевич

«Пайдоиши германии шаҳрҳои Англияи нав» ва ғайра ӯ муассисаҳои сиёсӣ ва муносиботи заминдорӣ дар маҳалҳои ибтидоии мустамликаҳои Англияи навро бо муассисаҳои сиёсӣ ва муносиботи германиҳо, ки муаррихи римӣ Татсит дар асараш овардааст, муқоиса намудааст. Ӯ далелҳои навро дарёфт намуда, қайд менамояд, ки дар маҳалҳои муҳоҷирони нахустини мустамликавии Америка унсурҳои алоҳидаи ҷамоаи деҳот ҳифз шудаанд ва мушоҳидаи аҷоиброи оид ба идоракунии пуританӣи маҳалҳои муҳоҷирон карда, дар самти номгузории шаҳрҳои Германияи шимолӣ, Англия ва ШМА таҳлили лингвистӣ гузарондааст. Герберт Адамс ба хулосае меояд, ки хешутаборӣи сиёсӣ, ки аз умумияти нажодии мустамликадорони америкоӣ бо германитаборони қадим маншаъ мегирад, вуҷуд дорад.

Ба ҳамин монанд масъалаҳои таърихиро ҳамақидагону ҳамфикрони Г. Б. Адамс – Д. Д. Уайт, Ҷ. Говард ва ғайра баррасӣ мекарданд. Махсусан, Ҷон Фиске (1842 – 1901) дар рӯҳияи назарияи германӣ иброз доштааст, ки таърихи Америкаи мо на аз Эъломияи истиқлолият ва ҳатто на аз бунёд намудани Ҷеймстаун ё Плимут оғоз мегардад, балки он бо сарчашмаҳои худ ба он рӯзҳое мерасад, ки замоне Арминийи ҷасур дар ҷангалзори Тевтобург (сентябри соли 9 - уми мелодӣ) дар Германияи шимолӣ легионҳои империяи Римро торумор карда буд. Дар асари худ «Пайдоиши Англияи нав» (1899), масъалаҳои худидоракунии шаҳрӣ, ташаккулёбии ассамблеяҳои шаҳрӣ, таъсисёбии федератсияи ассамблеяҳои музофотӣ ва ғайраро баррасӣ намуда, мароқ зоҳир намудааст, ки дар замини Америка рафти рушди минбаъдаи принсипҳои сиёсии англосаксонӣ шуда гузаштааст. Гӯё Англияи Нав модели кӯҳнаи англисиро беҳтару хубтар намудааст. Ҳатто ҷанг барои истиқлолият ва ҷанги шаҳрвандии солҳои 1861 – 1865 - ро Ҷ. Фиске аз нуқтаи назари рушд ва ба ҳам мувофиқ намудани ғояҳои конститутсионӣ ва мухторияти маҳаллӣ дида баромадааст.

Сайнаков Сайнак Паршиноевич

Гарчнде ки тасаввуроту назарияҳои пешниҳодшудаи мактаби англосаксонӣ пеш аз ҳама мақсади ҳимоятгарони муассисаҳои конститутсионии америкоӣ барои талаботи дохилӣ равона шуда бошанд ҳам, бархе аз муаррихони намоёни мамлакат ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ШМА - ро дар самти паҳн намудани институтҳои мукаммали сиёсии он берун аз қаламрави мамлакат ва ҳатто дар тамоми ҷаҳонро эълон мекарданд. Ин ғояҳо дар якҷоягӣ бо анъанаҳои экспансионизми америкоӣ қисми таркибии идеологияи нави ШМА дар остонаи асри XX гардиданд.

Дар таърихнигории ШМА аз нуқтаи назари позитивӣ таърихи миллии худро Ҷ. Мак Мастер таҳқиқ намудааст. Дар асараш «Таърихи халқи амрикоӣ» вай ба омӯзиши тарзи ҳаёт, ахлоқ, рушди маънавӣ диққати ҷиддӣ додааст. Ҳангоми навиштани асараш аз маводи матбуоти даврӣ, ёддоштҳои аз мадди назар дур шуда, номаҳо ва рӯзномаҳо васеъ истифода кардааст. Дар натиҷаи таҳқиқоти худ ӯ рушди таърихии Америкаро ҳамчун раванди эволютсионӣ пешниҳод кардааст. Ҷанг барои истиқлолиятро мазкур ҳамчун инқилоби муътабар бо муҳаббат ба қонуну тартибот тасвир намудааст. Ҳамин тавр, хулоса намудааст, ки қаҳрамони таърихи Амрико ин синфи миёнаи бузурги англосаксҳо мебошад.

Ҷиддан ба масъалаҳои англосаксонӣ профессори Донишгоҳи Гарвард Генри Адамс (1838 – 1918) ва шогирдони ӯ машғул шуданд. Г. Адамс, ки дар Донишгоҳҳои Германия ва Англия таълим гирифтааст, аз таъсири назарияи олимони равияи таърихӣ - ҳуқуқӣ ва ҳамчунин равияи позитивӣ бархӯрдор буд. Дар давраи аввали фаъолияти худ дар Донишгоҳи Гарвард ӯ махсусан ба омӯзиши масъалаҳои медиевистика машғул шуда, дар он ҷо роҷеъ ба таърихи асрҳои миёна лексия ва семинарҳо мегузаронд. Дар аввали фаъолияташ зери таъсири ғояи тевтонӣ буда, дар натиҷаи истифода бурдани методи интиқодии Ранке ва методологияи позитивистӣ дар асари худ «Таҳқиқот оид ба ҳуқуқи

англосаксонӣ» ба хулосае омадааст, ки «тевтонистон» алоқаи анъанаҳои англосаксониро ҳам бо муқаррароти қадимигерманӣ ва ҳам сохти сиёсии ШМА аз будаш зиёд нишон додаанд. Шогирдони Г. Адамс – Е. Ченнинг, К. Л. Осгуд, Ч. Бирд – мухолифони асосии муаррихони мактаби англосаксонӣ буданд. Асари Чарлз Бирд «Пайдоиши тевтонии идоракунии намояндагӣ» (1913) охирин зарба ба назарияи «тевтонӣ» буд.

Ҳамин тариқ, Генри Адамс роҷеъ ба таърихи Амрико курси лексия хонда, он баъдтар барои навиштани асари асосии ӯ «Таърихи ШМА дар давраи маъмурияти Ҷефферсон ва Мэдисон» таҳкурсии асосӣ мегардад. Таъсири методологияи позитивистиро дар қиёс, ки муаррих байни рушди иҷтимоии ШМА ва равандҳои физикӣ дар табиат овардааст, бараъло мушоҳида кардан мумкин аст. Ӯ, инчунин, ҳаёти диниро дар Англияи Нав омӯхт, нақши ғояҳои маорифпарвариро дар таъсисёбии ШМА кушод, ғайр аз ин таъсири мустамликадории Ғарбро дар психологияи амрикоиҳо муайян намудааст. Ӯ ба хулосае мебиёяд, ки дар натиҷаи таҳаввулоти характери миллии амрикоӣ «намуди нави инсон» ба вуҷуд омад.

Сайнаков Сайнак Паршиноевич

## 6.ТАЪРИХНИГОРИИ РОССИЯ

Илми таърихи Россия дар давраи мазкур вобаста ба шароити ҳаётӣ ҷамъиятӣ - сиёсӣ ва мадании мамлакат рушд меёфт. Таъсири равияҳои фалсафии Аврупои Ғарбӣ дар таърихнигории Россия низ расид. Аз ҷумла, мароқ ба фалсафаи Гегел ва дар солҳои 40 - уми асри XIX бошад таваҷҷуҳ ба позитивизм ба вуҷуд омада, дар солҳои 60 – 80 - уми асри мазкур он мустаҳкам мегардад. Ҳамин тавр, дар таърихнигории Россия равияҳои «мактаби давлатӣ», инқилобӣ, демократӣ, либералӣ, халқчигӣ ва ғайра амал мекарданд.

**Барқароршавӣ ва рушди «мактаби давлатӣ».** Асосгузорон - намояндагони машҳури ин равия К. Д. Кавелин, Б. Н. Чичерин С. М. Соловёв буданд. Соли 1844 К. Д. Кавелин диссертатсияи худро роҷеъ ба масъалаҳои таърихи мақомоти судии Россия ҳимоя намуд. С. М. Соловёв бошад соли 1846 дар диссертатсияи доктории худ «Таърихи муносиботи байни князҳои хонадони Рюрик» ба консепсияи таърихии худ асос гузошт. Соли 1851 бошад ҷилди аввали асари ӯ «Таърихи Россия аз давраҳои қадимтарин» аз нашр баромад. Ҳамин тариқ, бо номҳои муаррихони мазкур фаъолияти «мактаби давлатӣ» оғоз мегардад.

Бо хусусиятҳои хоси худ раванди таърихиро қабул намудани ҳар яки онҳо нигоҳ накарда, муаррихони мазкурро системаи ақидаҳои онҳо оид ба таърихи Россия муттаҳид мекард. Онҳо ба фалсафаи таърихии Гегел, методи диалектики ӯ таваҷҷуҳ доштанд ва дар ин ё он зина ғояи фалсафаи позитивизм низ онҳоро ба тарафи худ кашида буд. Дар асарҳои муаррихони мазкур зарурати дарккунии назариявии гузашта асоснок карда шуда, онҳо кӯшиши муттаҳидкунии назарияи таърихро бо маводи мушаххаси таърихӣ намуданд ва консепсияи рушди давлатдории рус, институтҳо ва меъёри ҳуқуқии онро аниқ ифода карданд. Давлат аз ҷониби онҳо чун субъект ва муҳаррики раванди таърихӣ дониста мешуд. Дар асарҳои онҳо эътирофнамоии нақши пешбари давлат дар назарияи

Сайнаков Сайнак Паршиоевич

«побандкунӣ ва аз зулму асорат озодшавии табақаҳо», характеристикаи давлат ҳамчун мақоми берун аз табақавӣ ва берун аз синфӣ инъикоси худро ёфт. Таърихи гражданӣ предмети асосии таърихнигории Россия гардид. Онҳо бо ақидаи барқароршудаи қобилияту истеъдод доштани халқи рус дар самти рушд ва дахл доштани он ба оилаи халқҳои европоӣ ҳамраҳӣ мекарданд. Раванди таърихии рус, бо тамоми хусусиятҳои хоси он, аз қонунҳо ва оғози ҳаёт дар умум бо Арупои Ғарбӣ пайравӣ намудааст.

Ҳам К. Д. Кавелин, Б. Н. Чичерин ва ҳам С. М. Соловёв, ба низоми николаевӣ ба назари танқидӣ нигоҳ мекарданд ва хостори ислоҳоти ҷамъиятӣ буданд.

Фардияти ҳар кадоме аз ин муаррихон дар қабулкунӣ ва трансформатсияи ғояҳои давр, дар истифодабароии ин ё он методҳои таҳқиқотӣ, инчунин дар муайянкунии мазмун ва чорчӯбаи хронологии давраҳои алоҳидаи таърихи Россия, муносибати онҳо ба зуҳуроту воқеоти алоҳида зоҳир мегардад[1].

Ба насли дуюми пайравони мактаби давлатӣ В. И. Сергеевич, А. Д. Градовский, Ф. И. Леонтович, И. Е. Андреевский, А. В. Романович - Славатинский дохил мешуданд. Предмети асосии таҳқиқоти онҳо институтҳои ҳуқуқӣ, қонунгузории давлати Россия будааст. Насли дуюми мактаби давлатӣ дар фарқият аз пешгузаштагонашон амалан ба омӯзиши томи таърихи Россия машғул нашуданд.

Базеъ ҷанбаҳои консепсияи таърихи Россия, ки аз ҷониби муаррихони мактаби давлатӣ коркард шуданд, дар асарҳои муаррихони охири асри XIX – ибтидои XX низ рушди худро ёфтанд. Имрӯз низ бархе аз муаррихони Россияи муосир ба консепсияҳои таърихии онҳо таваҷҷуҳ доранд.

---

[1]Сидоренко О. В. Историография IX – начало XX вв. Отечественной истории (учебное пособие). Владивосток, 2004.

**К. Д. Кавелин.** Константин Дмитриевич Кавелин (1818 – 1885) – муаррих - ҳуқуқшинос, ходими ҷамъиятӣ ва педагог, профессори Донишгоҳи Петербург буда, яке аз поягузорони мактаби давлатӣ шинохта шудааст.

Ба монанди дигар ҳамзамонони худ ӯ низ ба фалсафаи Гегел таваҷҷуҳ дошт ва дар охири ҳаёташ бартариятро ба позитивизми илмӣ донистааст. Ӯ дар маркази баҳси славянофилҳо ва ғарбпарастон қарор ёфта, худро тарафдори аврупоикунонии Россия муаррифӣ намудааст, зарурияти ислоҳоти онро тарафдорӣ намуда, яке аз сарварони равияи либералистӣ мегардад. Тарафдори монархияи мутамарказ бошад ҳам, аммо бар зидди ҳуқуқи крепостнойӣ баромад кардааст. Аз болои лоиҳаҳои ислоҳоти деҳқонӣ ва азнавсозии муассисаҳои давлатӣ ҷиддан кор кардааст. К. Д. Кавелин ба ахлоқи олии халқи рус ва бузургии тақдири он боварии комил доштааст.

Дар мақолаҳояш, ки оид ба таърихи Россия навишта шудаанд, «Назар ба ҳаёти юридикии Россияи Қадим», «Назари кутоҳ ба таърихи рус», «Фикрҳо ва қайдҳо оид ба таърихи рус» ва ғайра К. Д. Кавелин чандин маротиба ба донишҳои таърихии давраҳои гузашта мурочиат намудааст. Ӯ дар рушди донишҳои таърихӣ чанд давраро ҷудо менамояд. Дар ибтидо, менависад ӯ, таърих ҳамчун «афсонаи шавқангез оид ба қадим» ба худ ҷалб намуд, баъд таърих «панд додан» ва «маълумотгирӣ» шуд, сонӣ ба «бойгонии ходимони сиёсию давлатӣ» мубадал гашт. Оқибат давраи «фикру хаёл, андешаи чуқур» сар мешавад. К. Д. Кавелин ба хулосае меояд, ки то ин дам «худогоҳии халқии мо ҳоло ҳам барқарор нашудааст». Ақидаҳо ба таърихи Россия, баҳодиҳии воқеоти таърихӣ «гапи норавшани кӯдакона ва фикри хому номустаҳкам» мебошанд. Вақт зарурияти дарккунии «маънию моҳият ва аҳамияти мавҷудияти таърихии моро» таъкид менамояд, илми таърихро ба «сарчашма ва оинаи худогоҳии халқӣ» табдил медиҳад.

Ҳал намудани вазифаи мазкурро К. Д. Кавелин дар шароити коркарди назарияе, ки бояд таърихро ҳатман ҳамчун «зиндаи том», ҳамчун организми рушдёфта, фарогирифтаи «як рух, як оғоз» - ро пешбинӣ менамояд, медонад. К. Д. Кавелин ба таҳлили маъхазҳо ҷиддӣ даъват менамояд.

Таърих барои К. Д. Кавелин ин ифшо намудани «руҳи халқӣ», характер ва рағбат, қадру қимату норасоиҳои инсон ва тасвири он дар ҳаёти муайяншуда мебошад.

Мавқеи асосии назарияи худро К. Д. Кавелин дар низоми том ва ягонагии раванди таърихӣ, дар натиҷаи сабабҳои дохилӣ, зина ба зина ивазшавӣ, алоқамандии ҳамаи зуҳурот ва равандҳо медонад[1].

Мазмун ва мундариҷаи ҳаёти таърихии халқҳо ду элементи асосӣ дорад: ташаккулёбии организми ҷамъиятӣ ва рушди шахсият. К. Д. Ковелин дар асарҳояш оид ба масъалаҳои пайдоиши давлатдорӣ дар Россия, ҳуқуқи крепостнойӣ ва нақши шахсият дар таърих фикрҳои ҷолиб пешниҳод намудааст.

**Чичерин Б. Н.** Борис Николаевич Чичерин (1828 – 1904) – назариётчии мактаби давлатӣ, ҳуқуқшинос, файласуф, ходими намоёни ҷамъиятӣ, публитсист буда, дар коркарди таърихи Россия нақши калон дорад. Ӯ низ фалсафаи Гегелро омӯхта, бо ҷаҳонбинии нави замонаш шинос буддаст.

Соли 1858 ба хориҷа сафар намуда, дар он ҷо бо ғояҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва сиёсии ҷамъияти Ғарб шинос мешавад. Соли 1861 профессори Донишгоҳи Москва интихоб шудааст. Соли 1866 бо нишони эътироз бар зидди бекор кардани низомномаи донишгоҳии соли 1863 қабулшуда аз Донишгоҳ рафт. Аз ин вақт сар карда, ӯ тамоми қуввашро ба корҳои илмӣ мебахшад.

[1]Сидоренко О. В. Историография IX – начало XX вв. Отечественной истории (учебное пособие). Владивосток, 2004.

Таҳқиқоти ӯ ба масъалаҳои пайдоиш ва рушди давлат, таърихи институтҳои ҳуқуқӣ ва ҷамъиятӣ, муносиботи мутақобилаи давлат ва ҷамъият, ҳукумат ва қонунро дар бар мегирад.

Дар дарккунии раванди таърихӣ ӯ ба фалсафаи таърихи Гегел такя мекард. Таърихи инсоният барои ӯ ин таърихи рушди «руҳ», ки дар амалҳои шахсии инсони алоҳида ва меъёрҳои умумии ҳаёти ҷамъиятӣ амалӣ мешавад, мебошад. Раванди таърихии воқеиро Чичерин ҳамчун ивазшавии иттифоқҳои ҷамъиятӣ пешниҳод намуд, ки зина ба зина ҷамъияти инсониро ба барқароршавии «томи ахлоқӣ - юридикӣ» мебаранд, ки тамоми соҳаҳои руҳ – давлатро оштӣ медиҳанд. Шакли иттифоқҳои ҷамъиятӣ муносибатҳои оғози умумӣ ва шахсиро дар ин ё он давра инъикос мекарданд. Дар рушди ҷамъиятӣ ӯ се зинаро ҷудо менамояд.

Зинаи якум – ҳаёти патриархалӣ. Асоси он хешутабории хунӣ қарор дорад. Инсонҳо бо пайдоиши умумӣ алоқамананданд. Дар натиҷаи рушди шахсият, алоқаҳои хунӣ зина ба зина аҳамияти худро аз даст медиҳанд ва ташкилоти ҷамъиятӣ вайрон мешавад;

Зинаи дуюм – ҷамъияти шаҳрвандӣ (асрҳои миёна) мебошад. Он ба оғоз (ибтидо) - и озодиҳои шахсӣ ва ҳуқуқи шахсӣ такя мекунад. Аз ҳамин нуқтаи назар инсонҳо ба ҳамаи зуҳуроти ҷамъиятӣ назар мекарданд. Алоқаҳои ҷамъиятӣ ба ҳуқуқи вотчинии заминдор такя мекард, ё шартномаи озод ё ғуломи хусусӣ кардани як шахс дигар шахсро. Аммо «шахсият бо тамоми тасодуфоташ, озодӣ бо тамоми худсариаш» ба тантанаи «ҳукмронии қувва, нобаробарӣ, пароканадагӣ, анархия, ки мавҷудияти иттифоқро аз байн бурд» оварда расонд. Ин ночор ба он оварда расонд, ки тартиботи нав – зинаи сеюм, шакли олии иттифоқи ҷамъиятӣ – давлат барқарор карда шавад. Давлат ба ягонагию муттаҳидӣ мебарад, ҳар кадомро дар мақомаш мемонад, ҳамин тавр ризогии дохилӣ ва тартибот ҷорӣ карда мешавад. Танҳо дар давлат имконият аст, ки озодии бошуурона ва ахлоқи шахсӣ рушд ёбанд. Ҳамин

тавр, Чичерин элементи диалетктикаи рушди ҷамъиятро нишон додааст. Бо чунин тасаввуроти худ оид ба ҷамъият ӯ таърихи Россияро баррасӣ намудааст. Аммо дар Россия онҳо хусусияти хоси худро доранд.

Якум Чичерин диққати худро ба шароити табиӣ - географӣ, қаламрави номаҳдуди даштӣ, вуҷуд надоштани монеаҳои табиӣ, якхелагии табиат, камаҳолӣ, пароканда будани аҳолӣ дар ҳамвориҳо равона намуд. Дар зери таъсири ин шароитҳо характери мардум ташаккул ёфт. Шароити фаровони хуби ҳаётӣ боиси он нашуд, ки фаъолияти ақлонӣ ва ҷисмонӣ ба кор бурда шавад, имкон надод, ки тарафҳои гуногуни «руҳи инсон» рушд ёбад, оғози илм, саноат инкишоф ёбад. Дар қаламрави васеъ паҳн шуда, халқи рус аз маркази муттаҳидкунандаи дохилӣ берун монд, ки дар натиҷа аз имконоти асосҳои худии даст ёфтан ба давлатдории воҳид бенасиб монд.

Дуюм, славянҳои шарқӣ ба монанди Европаи Ғарбӣ дар симои Рим сарчашмаи рушди институтҳои ҳуқуқию шаҳрвандӣ надоштанд. Онҳо аз ҷамъияти ташкилшудаи бомаърифати қадима берун монданд. Аммо бо ин ҳама нигоҳ накарда, халқи рус ба оилаи халқҳои аврупоӣ шомил мебошад. Он қодир ба рушд буда, параллелӣ бо Ғарб рушди хосаи худро гузарондааст. Фарқият дар таърихи мамлакатҳои Ғарб ва Россия дар роҳҳо ва шаклҳои гузариш аз як зина ба зинаи дигар мебошад.

Хулоса, асоси консепсияи таърихии Чичеринро эътирофнамоии давлат ҳамчун шакли олии рушди ҷамъиятӣ ва нақши муайянкунандаи он дар таърихи халқи рус ташкил медиҳад. Ҳамин тавр, пас аз Ковелин, Чичерин асосҳои назариявиро тавсия карда, коркарди мушаххаси як қатор масъалаҳоро пешниҳод намуд, ки ба мазмуни асосии консепсияи таърихии мактаби давлатӣ ворид шудаанд[1].

**Соловёв С. М.** Сергей Михайлович Соловёв (1820 – 1879) – классики эътирофшуда, муаррих, профессор ва ректори Донишгоҳи

[1]Сидоренко О. В. Историография IX – начало XX вв. Отечественной истории (учебное пособие). Владивосток, 2004.



Сайнаков Сайнак Нарзиқоевич

Москва, академики ординарии Академияи илмҳои императории Санкт - Петербург, муаллифи асари 29 ҷилдаи «Таърихи Россия аз давраҳои қадимтарин» буда, дар таърихи Россия ва Ҷаҳон ба қатори муррихони забардасттарин шомил шудааст. Ҳанӯз аз миёнаҳои асри XIX сар карда, шӯҳрати муаррихи мазкур дар ҷомеаи рус мустаҳкам шудан гирифт.

Агар дар эҷодиёти Карамзин дар мақоми аввал тасвир ва дуюм сарчашма бошад, С. М. Соловёв бошад ҷойҳои онҳоро иваз намуд. С. М. Соловёв қайд намуд, ки ба ҷои таърихи адабӣ (дар назар бадеият) бояд таърихи илмӣ ҷойгузин шавад. Барои ҳамин ӯ ҷиддан навиштани таърихи Россияро ба ӯҳда гирифтааст, ки ба талаботи илми муосир ҷавобгӯ бошад. С. М. Соловёвро мавҷуд набудани ақидаҳои васеи фалсафӣ дар таърих қонеъ намекард. Ӯ ба ин назар буд, ки ҳар консепсияе, ки раванди таърихро шарҳ медиҳад, хаёлу мақсад ва ният ё нозу дигаргуншавии шахсияти алоҳида аст, ки чизе гуфтан гирад. «Худраъии як шахс, чи қадаре ки ин шахсияти тавоно ҳам бошад, наметавонад равиши ҳаёти халқиро иваз намояд, халқро аз роҳаш гардонад».

Дар ҳамин вақт ҷаҳонбинии фалсафӣ - таърихии С. М. Соловёв аз Карамзин сифатан фарқ дошт. Ба таҳлили маводи мушаххас - таърихӣ аз мавқеи дигар машғул шуда, С. М. Соловёв принсипи антропологии омӯзиш ва дарккунии таърихи халқро кор кард. «Илм ба мо нишон медиҳад, ки халқҳо ҳаёт ба сар мебаранд, тибқи қонунҳои муайян рушд меёбанд, чун инсонҳои алоҳида, чун тамоми мавҷудоти зинда, тамоми мавҷудоти органикӣ, сину соли муайянро паси сар менамоянд». Аз ғояҳои муосири замони худ ва «Фалсафаи таърих» - и Гегел баҳра бардошта, С. М. Соловёв ба фаҳмиши алоқамандии органикии мутақобилаи зуҳуроти таърихӣ мерасад.

С. М. Соловёв дар асари худ таърихи Россияро ба таври зерин даврабандӣ намудааст:

Сайнаков Сайнак Парвиноевич

- якум, аз давраи Рюрик то Андрей Боголюбский – давраи муносиботи авлодӣ дар ҳаёти сиёсӣ;

- дуюм, Аз Андрей Боголюбский то оғози асри XVII – давраи муборизаи авлодӣ ва аввалияи давлатӣ, ки бо пирӯзии пурраи оғози давлатдорӣ ба итмом расид. Ин давраи дарозро ба зердавраҳои алоҳида ҷудо намудааст:

а) аз Андрей Боголубский то Ивани Калита – ибтидои муборизаи авлодӣ ва муносибатҳои давлатӣ;

б) аз Ивани Калита то Ивани III – давраи муттаҳидшавии Рус дар атрофии Москва;

в) аз Ивани III то ибтидои асри XVII – давраи мубориза барои тантанаи пурраи оғози давлатдорӣ.

- сеюм, аз ибтидои асри XVII то миёнаи асри XVIII – давраи воридшавии Россия ба системаи давлатҳои аврупоӣ

- чорум, аз миёнаи асри XVIII то ислоҳоти солҳои 60 - уми асри XIX – давраи нави таърихи Россия.

С. М. Соловёв дар асари бунёдии худ ба шахсияти Пётри Кабир баҳои баланд дода, ӯро аз ҳамаи монархҳо ва ходимони давлатии асри XVIII болотар донист.

Муаррих ислоҳоти Пётри Кабирро бо Инқилоби Франсия муқоиса намуда, менависад, ки дар Франсия ҳукумати заиф истодагарӣ карда натавонист ва зуҳуроти андӯҳгини ба ҳамагон маълум рух доданд. Дар Россия бошад як инсони қобилияту истеъдоди баланд дошта, ба дасти худ равиши ҳаракати инқилобиро гирифт ва ин одам модарзод сарвари давлат буд.

Асари С. М. Соловёв дар асоси маводи васеи таърихӣ иншо шудааст. С. М. Соловёв дар байни муаррихони Россия яке аз аввалинҳо шуда, аз санадҳо, хусусан санадҳои руҳониён ва грамотаҳои савдоии князҳо истифода бурдааст. Дар баробари солномаҳову дигар намуди дастнависҳо ӯ аз маводи бойгонӣ низ васеъ истифода кардааст.

Сайнаков Сайнак Неъматшоевич

Инчунин, диққати муаррихро асарҳои ёддоштии ходимони давлатию ҷамъиятии Россия низ ба худ ҷалб намудааст. Диалектика ба С. М. Соловёв имконият дод, ки таҳқиқоти таърихиро ба зинаи нав барорад. Баррасии ҳаматарафаю комплексии факторҳои табиӣ - географӣ, демографию этникӣ ва сиёсати берунӣ дар рушди таърихии Россия ба қалами С. М. Соловёв тааллуқ доранд. Муаррих дар соҳаи таърихи рус усулҳои нави танқидиро истифода бурд. С. М. Соловёв аввалин бор дар илми таърихи Россия нуқтаи назари тамаддуниро коркард намуд, ки тавассути он ӯ тавонист, ки таърихи русро аз Аврупои ғарбӣ тафовут гузорад ва ҳамзамон онро ба раванди ҷаҳонии таърихӣ ворид намояд. Хулоса, С. М. Соловёв дар таърихнигории Россия бори нахуст принсипи историзмро ба кор бурд.

**Тафаккури таърихии А. П. Шапов.** Афанасий Прокопевич Шапов (1821 – 1876) – ҳамчун аввалин муаррихи Россия буд, ки раванди таърихиро аз нигоҳи ғояи инқилобӣ - маорифпарварӣ баррасӣ кардааст. Ӯ ҷиддан масъалаи мақом ва манзалати халқи оддиро дар таҳқиқи таърихи Россия ба миён гузошт. «Фактори асосӣ дар таърих худи халқ аст, руҳи халқӣ, ки таърихро эҷод мекунад, моҳият ва мундариҷаи таърих – ин ҳаёти халқӣ аст», қайд намудааст ӯ. А. П. Шапов, инчунин муаррихи забардасти таърихи калисо ба шумор меравад. Предмети таҳқиқоти ӯ асосан ҳаёти халқи оддӣ, хизмати табақаи мазкур дар назди таърих ва мубориза он барои ҳуқуқу озодиҳои сиёсии худ буд.

**Мақоми В. О. Ключевский дар таърихнигории Россия.** Шогирди беҳтарини С. М. Соловёв – Василий Осипович Ключевский (1841 – 1911), тавонист, ки кори устодашро идома дода, таърихнигории Россияро боз ҳам ба қуллаҳои баландтар расонад.

В. О. Ключевский ба илм бо роҳи хоси худаш ворид шуд. Ӯ схемаи таърихӣ - философии С. М. Соловёвро дида баромада, ба муқобили вай мустақиман рӯи рост эрод нагирифт. Танҳо дар як мақолаи худ, ки ба

Сайнаков Сайнак Парвизоевич

таҳлили самти эҷодии С. М. Соловёв бахшида шудааст, нозукбинона ба яктарафа будани методикаи таҳлили маъхазии ӯ ишора мекунад.

Ақидаи С. М. Соловёв, дар бораи мустамликакунӣ ҳамчун фактори рушди таърихӣ, дар эҷодиёти В. О. Ключевский, дар натиҷаи баррасии ҷанбаҳои иқтисодӣ, этнологӣ ва психологӣ тавзеҳоти чуқурро дарёфт.

В. О. Ключевский назари С. М. Соловёвро дар бораи мумкин будани муқоисанамоии ҷамъияти инсонӣ бо ҷисмҳои органикии табиат, ки онҳо ҳам таваллуд мешаванд, ҳаёт ба сар мебаранд ва мефавтанд, дастгирӣ мекард. Ҳаракати илмие, ки ӯ бо устодаш дар рушди он саҳм гузоштандро вай чунин шарҳ додаст: «Тафаккури таърихӣ ба механизми зисти умумии инсоният бодиққатона назар карданро оғоз намуд». В. О. Ключевский ба таҳқиқи таърихи Россия аз мавқеи алоқамандии мутақобила ва ба ҳам таъсиррасонии се фактории асосӣ – шахсият, табиат ва ҷамъият оғоз намуд.

Асари бунёдии В. О. Ключевский «Курси таърихи рус» мебошад. В. О. Ключевский инъикоснамоии проблемавиро дар таърихи Россия пешниҳод кардааст. Асари мазкур аз панҷ қисм иборат буда, 86 лексияро дар бар мегирад. Мундариҷаи он бошад таърихи Россияро аз замонҳои қадимтарин то ислоҳоти Александри II фаро гирифтааст. Консепсияи раванди таърихии рус аз они В. О. Ключевский аллакай дар диссертатсияи докторин вай «Думаи боярӣ» намудор мешавад. Муҳаққиқ дар консепсияи худ ба халқ, ҳам дар фаҳмиши этникию ҳам этикӣ, ҷойгоҳи махсус дода, тибқи он халқ дар таърихи таъсисёбӣ ва рушди давлат нақши асосиро гузоштааст.

Таҳқиқи феномени хотираи халқӣ, ба ақидаи худи В. О. Ключевский, барои вай роҳи дарккунии гузашта, хусусан гузаштаи басо дурро гушод: «Оғози таърихи халқро … лозим аст, аз ҳама пеш дар хотираи худи халқ кофт…».

Сайнаков Сайнак Партипоевич

Инчунин, дар таърихнигории давраи мазкур П. Н. Милюков, А. А. Кизеветтер, С. Ф. Платонов ва ғайра саҳм гузоштаанд[1].

**Равияҳои ҳалқчигӣ дар таърихнигорӣ.** Гарчанде ки дар таърихнигории Россия тарафдорони ҳаракати халқчигӣ зиёд бошанд ҳам, дар ин ҷо мо фақат ақидаҳои таърихӣ - сиёсӣ ва ҷамъиятии назариётчиёни асосии онро ҷой додем.

Дар халқчигӣ се равия мавҷуд буд: исёнгарӣ, тарғиботӣ ва сӯиқасд. Назариётчиёни асосии халқчиён М. А. Бакунин, П. Л. Лавров ва П. Н. Ткачёв ба шумор мерафтанд.

Асосгузор ва назариётчии равияи исёнгарӣ анархисти машҳури рус Михаил Алексеевич Бакунин буд. Ӯ худ аз оилаи дворян буда, солҳои 40 - ум ба хориҷа ҳиҷрат намудааст. Барои иштирок дар ҳаракати инқиолбӣ суди Пруссия ва Австрия ӯро соли 1848 ба қатл ҳукм карда буд. Зиёда аз як сол дар зиндони Австрия занҷирбанд монда, баъд ӯро ба ҳукумати Россия доданд.

Пас аз ҳабси дароз Ҳукумати Россия ӯро ба Сибир бадарға мекунад, аммо аз он ҷо ба хориҷа мегурезад.

Солҳои 60 - ум ӯ сардори ҷараёни анархизм мешавад. Анархия чунин ҷараён аст, ки нест кардани ҳамагуна ҳокимиятро талаб мекунад. Ҳатто Бакунин бар зидди К. Маркс ва Интернатсионали I фаъолона баромад кард. Тарғиботи ӯ дар базе минтақаҳои Италия, Испания ва Россия тарафдорони худро пайдо намуд.

Тарафдорони Бакунин ақида доштанд, ки деҳқонони рус аз қашшоқию зулм барои инқилоб тайёр мебошанд, фақат ба пеши халқ рафта, онро ба исён бардоштан даркор аст. Онҳо боварӣ доштанд, ки ин исён оқибат ба балвои умумироссиягӣ ва сонӣ умумиҷаҳонӣ мубаддал мегардад. Инқилоб ба ақидаи тарафдорони равияи исёнгарой исёни

[1]Сидоренко О. В. Историография IX – начало XX вв. Отечественной истории (учебное пособие). Владивосток, 2004.



Сайнаков Сайнак Паришоевич

умумиест, ки давлатро вайрон карда, тавассути он сотсиализм барқарор мешавад.

Ба равияи тарғиботии халқчигӣ Пётр Лавровович Лавров (1823 – 1900) поя гузошт. Ӯ профессори Академияи ҳарбӣ буда, унвони полковники артиллерияро дошт. Мазкурро низ соли 1866 барои иштирок дар ҳаракати инқилобӣ ҳабс ва ба губернияи Вологодск бадарға карда буданд.

Соли 1870 ба ӯ муяссар мегардад, ки аз бадарға гурехта, худро ба хориҷа расонад. Солҳои 1873 – 1876 роҳбарии маҷалла ва рӯзномаи хориҷии рус «Ба пеш» - ро ба зимма доштааст.

Лавров низ фикр мекард, ки Россия сармоядориро аз сар нагузаронда, тавассути инқилоб ба сотсиализм гузашта метавонад. Вай ба табақаи зиёиён такя карда, онро қувваи пешбарандаи инқилоб медонист. Мувофиқи назари ӯ зиёиён бояд ғояи сотсиалистӣ ва инқилобиро аз худ карда, дар байни оммаи халқ паҳн намоянд. Ӯ нағз мефаҳмид, ки халқ барои гузарондани инқилоб тайёр нест ва зиёиёнро вазифадор менамояд, ки ташкилоти инқилобиро созмон дода, байни халқ тарғиботро ба роҳ монанд ва маърифати онро баланд бардоранд. Ҳамин тариқ, халқро бедор ва шуури сотсиалистиро дар байни он паҳн намоянд.

Ба равияи сӯиқасдии халқчигӣ мунаққид ва публитсист Пётр Никитич Ткачёв (1844 – 1885) асос гузошта буд. Ӯро низ, ҳини донишҷӯ буданаш, барои иштирок дар ҳаракатҳои инқилобии солҳои шастум суд дар соли 1871 маҳкум ва бадарға кард. Баъди озод шудан соли 1873 ба хориҷа ҳиҷрат кард ва дар он ҷо ба нашр намудани маҷаллаи «Бонгзанӣ» сар кард.

Мазкур ақида дошт, ки мутлақият ягон асоси синфӣ надошта, он дар ҳаво муҳалақ мебошад. Аз ин лиҳоз, гурӯҳи начандон калони сӯиқасдчиён метавонанд мутлақиятро сарнагун намоянд. Тавассути табаддулоти давлатӣ ҳокимиятро соҳиб шуда, баъди азнавсозии инқилобӣ метавонанд ба сотсиализм гузаранд.

Сайнаков Сайнак Паршиноевич

П. Н. Ткачёв бар зидди дигар халқчиён деҳқононро қувваи асосии ҳалкунандаи инқилоб напазируфта, аз шӯриш даст кашида, роҳи сӯиқасди махфии зидди ҳукуматро пиёда карданӣ буд[1].

Равияҳои мазкур гарчанде роҳҳои аз ҳам мухталифи муборизавиро пешниҳод карда бошанд ҳам, аммо мақсадашон як, яъне инқилобро роҳи ягонаи озод кардани халқ аз зулму ситами мутлақият медонистанд.

**Оғози омӯхтани таърихи нави Ғарб дар Донишгоҳҳои Россия.** Бори нахуст дар Россия аз нигоҳи илмӣ ва мустақилона ба омӯзиши таърихи умумӣ Т. Н. Грановский (1813 – 1855) асос гузошт. Аз ин лиҳоз, ӯ яке аз асосгузорони мактаби русии омӯзиши таърихи умумӣ дониста шудааст[2]. Дар давраи мазкур мактаби расмии давлатии таърихӣ, ки намояндагони он С. М. Соловев, Б. Н. Чичерин, К. Д. Кавелин буданд, бар зидди роҳи франсузии тағйироти ҷамъиятӣ (дар назар Инқилоби Франсия) роҳи русии дигаргунсозии саривақтии аз боло (гузарондани ислоҳот аз ҷониби Ҳокимияти болоӣ) - ро мегузоштанд. Сабаби асосии сар задани Инқилоби Франсияро онҳо дар заиф будани ҳокимияти давлатӣ маънидод мекарданд.

Тарафдорони консепсияи инқилобӣ - демократӣ, ба монанди Н. Г. Чернишевский, Н. А. Добролюбов, Д. И. Писарев, дар инқилоб ҳассоси таркиши муборизаи синфӣ, қонунияти умумиҷаҳонӣ - таърихиро медиданд. Тибқи назари онҳо бо роҳи инкилобӣ Франсия ва дигар давлатҳои аврупоӣ рафтанд ва бо ин роҳ Россия ҳам меравад[3].

Тибқи даврабандии маъмули он давра таърихи нав давраи асрҳои XV – XVI (аз кашфиёти Америка то Ислоҳотчигии Германия) - ро дар бар мегирифт.

Сайнаков Сайнак Парпиоевич

[1]Сайнаков С. П. ва дигарон. Таърихи Россия (охири асри XVII – ибтидои асри XX). Курси лексия (нашри дуюм бо таҳриру иловаҳо). Душанбе, 2014.
[2]Теория и методология истории. Учебник для вузов. Ответственные редакторы В. В. Алексеев, Н. Н. Крадин, А. В. Коротаев, Л. Е. Гринин. Волгоград, 2014. С. 51.
[3]Айрапетов А. Г. История исторической науки. Историография всеобщей истории. Курс лекций // http: //www.allbest.ru/

Профессори Донишгоҳи Харков М. Н. Петров дар очерки таърихии худ «Томас Мюнсер. Ҷанги бузурги деҳқонӣ» (1868) ҷанги мазкурро баробари Инқилоби Англия дар асри XVII ва Инқилоби Франсия дар асри XVIII мондааст. Вай дар Ислоҳотчигии Германия ду шохаро ҷудо намудааст: якум муътадил, бо сарварии М. Лютер ва дуюм радикалӣ (муаллиф радикалҳоро навоварони ҷасур номидааст). Т. Мюнсерро муаллиф асилтарин ва боистеъдодтарин шахсият дар миёни доҳиёни ҷангҳои деҳқонӣ номидааст.

Мунтазам таълим додани таърихи навро дар Донишгоҳи Петербург В. В. Бауэр гузошт. Дар «Лексияҳо оид ба таърихи нав» (1886) ба масъалаи ислоҳотчигии Германия диққати махсус дода, характери қонунии онро нишон дода, мухолифати синфиро дар ҷамъияти Германия кушода, зиддияти шаҳрҳо ва феодалонро муайян намуд. Баромадҳои стихиявии табақаҳои поёниро ғайриқобил дониста, дар онҳо тамоми бадбахтии худсаронаи Германияро дидааст.

Профессори Донишгоҳи Москва В. И. Гере бошад ба таври системавӣ дар Россия ба омӯзиш ва таълими таърихи Инқилоби Франсия асос гузошт. Ӯ бори нахуст дар Россия семинарҳои таърихиро аз рӯи намунаи немисӣ ташкил намуд. Вай барои муаррих предмети асосии таҳқиқро рафтори одамон интихоб намуда, зикр менамояд, ки фаҳмиши таърихӣ бояд ба методи психологӣ такя намояд. Инчунин қайд намудааст, ки ғояҳо ба тақдири инсонҳо ва равиши тамаддунҳо таъсиргузор мебошанд.

Консепсияи Инқилоби Франсияи вай дар асоси назария ва ақидаҳои А. де Токвил ва И. Тэн пешниҳод шудааст. Монархияи Франсияро барои он интиқод кардааст, ки он ба монархияи маърифатнок мубаддал нагашт. Аз ҷиҳати сиёсӣ пухта нарасидани ҷамъияти франсузиро ӯ яке аз сабабҳои асосии инқилоб мебинад. Ғояи ҳокимияти халқӣ бошад ба он оварда расонд, ки табаддулоти соли 1789 характери инқилобӣ гирад. Ба номи ин ғоя санади якуми инқилобӣ:



Сайнаков Сайнак Парипоевич

мубаддалёбии намояндагони табақаи сеюм дар Штатҳои генералии соли 1789 Маҷлиси миллӣ ба вуҷуд омад; зери ливои ғояи ҳокимияти халқӣ воқеоти минбаъдаи инқилобӣ сурат гирифтанд; бо заифшавии боварӣ ба ин ғоя характери инқилоб тағйир ёфт ва он ҳамчун инкоркунандаи ғояи ҳокимияти халқӣ анҷом ёфт.

**Таҳқиқи таърихи инқилобҳои Ғарб дар Россия.** Дар давраи мазкур муаррихони империяи Россия ба таҳқиқи масъалаҳои таърихи Инқилоби Англия дар асри XVII ва Инқилоби бузурги Франсия дар XVIII машғул шуда, хулосаҳои илмии худро баровардаанд.

Н. И. Кареев – аввалин муаррихи Россия мебошад, ки дар асоси маводи бойгонии Франсия оид ба Инқилоби Франсия таҳқиқот анҷом додааст. Оид ба рушди аграрии Франсияи арафаи инқилобӣ дар асоси назарияи марксистии ибтидои ғункунии сармоя консепсияи худро пешниҳод намуд. Дар он ӯ мунозираи худро бо муаррихони франсузӣ, аз он ҷумла бо консепсия О. Токвил мухолифат намуда, исбот намудааст, ки:

а) деҳқонон на ҳамчун мулкдор заминро соҳибӣ карданд, балки тибқи ҳуқуқи меъёрӣ, иҷораи доимӣ - меъросӣ;

б) дар як вақт бо заиф шудани ҳокимияти давлатии сенорҳо (заминдорон) пурзӯршавии вобастагии заминпулии деҳқонон аз маҷбуриятҳои феодалон ба вуҷуд омад;

в) дар табақаи сеюм табақабандӣ тибқи самти: шаҳр - деҳа; буржуазия - омма; деҳқонон - мулкдорон – батракҳо гузашт;

г) қонунҳои аграрии давраи инқилоб натиҷаи табиии баромадҳои деҳқонӣ.

Дар умум ӯ хулоса баровардааст, ки инқилоб зуҳуроти қонунӣ будааст.

Ба қалами Н. И. Кареев як қатор асарҳо оид ба масъалаҳои фалсафӣ ва методологии илми таърих ва асарҳои зиёд оид ба тамоми давраҳои таърихӣ тааллуқ доранд. Таърихро ӯ ҳамчун фанни баёниву



Сайнаков Сайнак Париншоевич

тасвирӣ маънидод кардааст, ки бо далелҳои фардӣ ва такрорнашаванда сару кор дорад. Қонунҳои таърихро эътироф карда, ӯ пешниҳод намуд, ки ин қонуниятҳо аз рӯи характери худ на таърихӣ, балки психологӣ ва сотсиологӣ мебошанд. Дар омӯзиши таърих зинаҳои гуногуни маърифат, аз ҷузъиёти мушаххаси фардӣ сар карда, то характеристикаҳои муҷарради умумиро ҷудо менамояд[1].

Консепсияи яклухти назарияи умумии таърих тибқи ақидаи Н. И. Кареев историология (назарияи раванди таърихӣ) - ро дар бар мегирад, ки дар он диққати махсус ба дида баромадани масъалаҳои шахсият дар таърих, назарияи маърифати таърихӣ ва назарияи таълими таърихӣ равона шудааст.

М. М. Ковалевский, муаррих, сотсиолог, мутахассиси соҳаи таърихи иқтисодиёт, либерал - конститутсияхоҳ буда, дар таҳқиқоти илмӣ, новобаста аз таъсири ғояҳо ва шахсияти К. Маркс, методологияи позитивиро пайравӣ мекард.

Ӯ низ мисли Н. И. Кареев бо хулосаҳои А. де Токвил мухолифат нишон додаст. Қайд намудааст, ки дар арафаи Инқилоби Франсия заминдорони калон меъёри оброкро аз ҳаду ҳудуди ниҳоӣ, маҷбуриятҳои оброкии деҳқононро боло бардоштанд. Ба хулосае омадааст, ки дар чунин вазъият инқилоб амри зарурӣ аст. Яъне гузарондани ислоҳот дар чунин вазъият ғайриимкон аст, зарурат ба вуҷуд омад, ки дар реша табаддулот кард, ки бояд фарқияти табақавиро аз байн мебурд ва ваҳдати шаҳрвандиро дар Франсия ба вуҷуд меовард. Ҳамин тавр, М. М. Ковалевский дар асоси таҳлили бархе аз маълумот баъзе хусусияту ҷузъиётро ба назарияи Н. И. Кареев роҷеъ ба вазъияти деҳқонон илова намуд.

М. М. Ковалевский ба сарчашмаи ин ё он таълимоти сиёсӣ таваҷҷуҳи махсус дошт. Ин ба масъалаи Инқилоби Франсия низ дахл

---

[1]Айрапетов А. Г. История исторической науки. Историография всеобщей истории. Курс лекций // http: //www.allbest.ru/



Сайнаков Сайнак Парпиноевич

дошт. Норасоии асосии Конститутсияи соли 1789 - ро дар поёнбарии мақоми ҳокимияти иҷроия бо мундариҷаи ҷумҳуриявии мухолифаткунандаи шакли монархиявӣ медид. Сабаби бевоситаи инқилобро ӯ дар сиёсату иқдоми ғайриқатъии Людовики XVI медид.

М. М. Ковалевский инчунин аз байни муаррихони рус яке аз аввалинҳо буд, ки оид ба Инқилоби Англия таҳқиқот бурдааст. Тибқи ақидаи ӯ дар рушди Англия болоравии тиҷорати пашм ва дар алоқамандӣ ба ин инкишоф ёфтани гӯсфандпарварӣ ва сиёсати таворакашӣ (деворгирӣ)[1] таъсир расонданд. Сабаби асосии инқилоби Англияро дар проблемаҳои замин дидааст. Ӯ бо ҳам мувофиқ омадани омилҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ - сиёсии инқилоби Англияро нишон додааст. Мақоми махсусро ба зиддияти ҳукумати шоҳӣ ва парламент, муносиботи мутақобилаи ҳизбҳо, бархӯрд байни парламент ва Кромвел додааст. Дар фарқият аз муаррихони ҳамзамонони англису французии худ вай диққати асосиро ба нақши ҳаракатҳои демократӣ дар инқилоб равона намудааст.

Профессори Донишгоҳи Киев И. В. Лучитский оид ба масъалаҳои аграрӣ - деҳқонӣ дар Инқилоби Франсия таҳқиқот мебурд. Ӯ дар бойгонии Париж ва 30 бойгонии маҳалии Франсия маводи фаровонро ҷамъоварӣ намуд ва дар асоси усули таърихӣ - оморӣ оид ба вазъи аграрии Франсияи инқилобӣ асар офаридааст.

Профессори Донишгоҳи Москва А. Н. Савин оид ба таърихи Англия дар асри XVII курси лексия хонда, норозигии тамоми табақаҳои ҷамъиятии мамлакатро сабаби инқилоб донистааст. Аммо баръакси М. М. Ковалевский характери буржуазии инқилобро рад кардааст ва ҳатто аз истифодабарии мафҳуми буржуазия низ канораҷӯӣ намудааст. Суханронӣ оид ба соҳибкорону тоҷиронро афзалтар донистааст. Ӯ тезис дар бораи муборизаи равияҳои сиёсӣ муборизаи синфҳои гуногунро

[1]Заминҳои ҷамоатиро ғасб кардани заминдорони калон дар Англия ва баъзе мамлакатҳои дигари Европа.



Сайнаков Сайнак Парпиоевич

инъикос менамояд, қабул надошт. Вай мепиндошт, ки Инқилоби Англия аз нигоҳи характери динӣ - сиёсиаш бартарӣ дошт ва онро баҳси динӣ - сиёсӣ номид.

Назарияи синфии марксизмро рад карда, Савин қайд намудааст, ки моҳияти иҷтимоии инқилоб на тавассути вазъияти ҷамъиятӣ, балки аз рӯи тафаккури иштирокчиёни он дарк карда мешавад[1].

Сайнаков Сайнак Парпишоевич

[1]Айрапетов А. Г. История исторической науки. Историография всеобщей истории. Курс лекций // http: //www.allbest.ru/

## ЛЕКСИЯИ 8. ИЛМИ ТАЪРИХИ ҒАРБ ДАР ОХИРИ АСРИ XIX – ИБТИДОИ АСРИ XX

**Адабиёт:**

Аббате М. Философия Бенедетто Кроче и кризис итальянского общества. М., 1959.

Айрапетов А. Г. История исторической науки. Историография всеобщей истории. Курс лекций // http: //www.allbest.ru/

Вебер М. Избранные произведения. Пер. с нем. М., 1990.

Виндельбанд В. Избранное. Дух и история. М., 1995.

Историография истории нового времени стран Европы и Америки. М., 2000.

Кроче Б. Теория и история историографии. Пер. с итал. М., 1998.

Пронштейн А. П., Данилевский И. Н. Вопросы теории и методики исторического исследования. М., 1986.

Репина Л. П., Зверева В. В., Парамонова М. Ю. История исторического знания. М., 2008.

Репина Л. П. Историческая наука на рубеже XX – XXI вв.: социальные теории и историографическая практика. М., 2011.

Сайнаков С. П., Садиров Ш. А., Азизов С. А. Таърихнигории давраи нави мамлакатҳои Европа ва Америка. Курси лексияҳо барои факултетҳои таърихи мактабҳои олӣ. Душанбе, 2018.

Савельева И. М., Полетаев А.В. Теория исторического знания: Учеб. пособие. СПб., 2007.

### 1.ИНТИҚОДИ ПОЗИТИВИЗМ

Буҳрони таърихнигории позитивӣ заминаҳои иҷтимоӣ - таърихӣ, гносеологӣ ва шарту шароити худро дошт. Зинаи нав дар рушди сармоядорӣ, болоравии мубориэаҳои синфии пролетариат ва вайроншаии босуботии нисбии ҷамъияти ғарбӣ, заифшавии боварӣ ба ҳаракати беисти рушди тамаддуни буржуазӣ ва исботи ояндадор будани инқилобҳои сотсиалистӣ ва ғайра аз қабили онҳо буданд.

Таъсири инқилоб дар илми физика – кашфи зарраҳои элементарӣ ва назарияи нисбияти А. Эйнштейн ба методологияи дарккунии таърих низ таъсир расонд. Ба ҷои тасвири механикии олам, тасвири нав –

Сайнаков Сайнак Парпиевич

релятивистӣ[1] омад: эътироф намудани алоқаи органикии макон ва замон бо ҳаракаткунии материя ва эҳтимолияти нисбатан (нисбӣ) бо табиати ҳақиқати илмӣ.

Қабат ба қабат ғун шудани маводи асоснокшудаи нави таърихӣ, дар мадди аввал аз гуногунрангии бузурги роҳҳои рушди таърихии мамлакатҳо ва халқҳо шаҳодат медод. Ҳама чиз дар таърих беҳамто, ҷудогона буда, барои ҳамин муайян намудани қонуниятҳои умумитаърихӣ хеле мушкил аст. Дониши таърихӣ нисбӣ, ҳақиқат дар таърих ба андозаи хеле калон аз субъекти маърифат – хусусиятҳои эҷодии муаррих вобаста аст. Тасаввуроти позитивистон роҷеъ ба фанҳои дақиқ дар таърих, ба монанди донишҳо дар илмҳои табиӣ зери шубҳа гузошта шуд.

Дар охири асри XIX – ибтидои асри XX дар таърихнигории Ғарб нишонаҳои бӯҳрони методологӣ равшан намудор шуданд. Принсипҳои асосии методологияҳои таърихии барои таърихнигории нимаи дуюми асри XIX хос, пеш аз ҳама позитивизм, ба интиқоди қатъӣ ва аз сари нав дида баромадан рӯ ба рӯ шуданд. Сабабҳои аз сари нав дида баромадани он ду падида буданд. Якум, он аз тағйироти иҷтимоӣ - таърихӣ, идеологӣ ва психологӣ дар ҷомеаи ғарбӣ маншаъ мегирифт, дуюм он дар соҳаи гносеология реша давонда, прогресси худи илми таърих тақозои он буд.

Охири асри XIX – ибтидои асри XX бо нишондодҳои болоравии муборизаи синфӣ, тезу тундшавии зидиятҳои байниимпериалистӣ, бо сурати тез баланд рафтани миллатгароӣ ва милитаризм маълум аст, ки ҳамаи ин ба он оварда расонд, ки ҳатто муаррихони либералиро ҳам бонги изтироб фаро гирифт. Муаррихон он оптимизми иҷтимоие, ки ба асосгузорони позитивизм О. Конт, Г. Спенсер ва ғайра хос буд, аз даст доданд.

[1]Релятивизм – таълимоти фалсафии идеалистӣ, ки имконияти дарккунии дунёи объективиро инкор мекунад ва ҳамаи донишҳоро нисбӣ мешуморад.



Сайнаков Сайнак Паршиоевич

Охири асри XIX – ибтидои асриXX илми таърих дар самти васеъкунии проблематика ва мукаммалгардонии техникии худ қадамҳои навбатиро ба пеш гузошт. Ҳамзамон кашфиётҳои зиёд дар соҳаи таърихи мушаххас аз мавқеи схемаҳо ва фаҳмишу хулосаҳои ҷамъбастшудаи пешина қаноатманд шудан наметавонистанд, зиёда аз он бештар вақт бо он мухолифат мекарданд. Ба ивази хулосаҳои ҷамъбастии глобалии таърихнигории гузашта, ки дар асоси заминаи эмпирикии муқоисавии нокифоя бунёд ёфта буданд, таҳқиқоти ҷузии бешумори маҳдудихтисос омаданд. Онҳо нишон доданд ё аён карданд, ки чӣ қадар ғайридақиқият, тақрибан ё нодурустӣ дар сохтори таърихии позитивизм ҷой доранд.

Интиқоди методологияи позитивӣ дар рафти мунозираи методологӣ дар Германия дар атрофии принсипҳои позитивии К. Лампрехт сар шуд. Маҳз, ҳамин баҳсу мунозира дар ташаккулёбии назарияи субъективии фаҳмиши таърихӣ, тасаввурот дар бораи таърих ҳамчун илм роҷеъ ба зуҳуроти индивидуалӣ ва беҳамто нуқтаи охиринро гузошт. Дар баҳсу мунозираи атрофи ғояи К. Лампрехт ба вуҷуд омада, тамоми хусусиятҳои асосии муборизаи илмӣ ва ҷамъиятии он давра инъикос ёфтаанд. Он ҳама чизро фаро гирифт: ҳам муқобилияти олими бузург (К. Лампрехт), ки мекӯшид ғояҳои худро ҳифз намояд, ҳам он ки аз они яке аз арконҳои позитивизм мавҷуд набудани имкониятҳои назариявии ҷавоб гардондан ба саволу масъалаҳои давр, ҳам ҳуҷуми тунди мухолифини омилҳои иқтисодӣ дар таърих, ки бо васвасаҳои умумии зиддимарксистӣ омехта шуда буданд, ҳам таъқибкунии дигарандешон ва охирон ба таври драмавӣ даст кашидани К. Лампрехт ва амсоли ӯ, аз мавқегирии пештарааш ва бад - ин тартиб табдилёбии ӯ ба натсионал - патриот, тарафдори милитаризми Германия.

Дар як вақт дар баробари Германия кофтукови методологӣ дар дигар мамлакатҳо ҳам оғоз гардид. Ҳамаи онҳо дар аз нав мавқегирии умумии методологии илми таърихро ифода мекарданд, аммо зоҳиршавии он дар ҳар давлат фарқкунанда буд ва ҳам аз фаъолияти

Сайнаков Сайнак Парпишоевич

мушаххаси иҷтимоӣ ва ҳам аз анъанаву хусусиятҳои хоси рушди равияҳои таърихнигории миллӣ вобаста буданд.

Бо интиқодкунии методологияи позитивистии фаҳмиши таърихӣ дар Германия намояндагони «фалсафаи ҳаёт», мактаби неокантии таърихии Баден, М. Вебер, дар Британия Ҷ. Тревелян, дар Италия Б. Кроче, дар ШМА намояндагони фалсафаи прагматизм баромад мекарданд.

В. Дилтей, намояндаи «фалсафаи ҳаёт» буда, дар асари худ «Муқаддима ба илм оид ба рӯҳ» (1883) аз рӯи объекти таҳқиқ илмҳои ҷамъиятӣ - гуманитариро аз илмҳои табиӣ ҷудо намудааст. Илмҳои гурӯҳи якум олами ғояҳо, маънавиёти инсон, таҷрибаи ҳаёт, тақдир ва илмҳои гурӯҳи дуюм бошад олами моддиро таҳқиқ менамоянд. Ӯ менависад, ки муаррих рӯҳи давраҳоро дарк мекунад, аммо на бо роҳи мантиқӣ, балки бо роҳи интуитивӣ (гувоҳии дил). Таҷрибаи ҳаёт бо ақл ҷамъбастшуда нест, якҷоя нест. «Табиатро мо шарҳ медиҳем, ҳаётро танҳо мефаҳмем». Аммо ин фаҳмиш гуногун аст, бад - он хотир, ки ҳар кас ба воқеоти таърихӣ бо баҳодиҳию андешарониии шахсии худ назар менамояд.

Файласуф, маданиятшинос ва ҷамъиятшинос Г. Зиммел ба монанди Дилтей назар дошт, ки ҳаёт ва шуур беқиёсу беҳамто мебошанд. Дар «Фалсафаи таърих» - и худ (1892) қайд кардааст, ки масъалаҳои ҳаёт ҳамчун ҷараёни доимӣ, тағйирёбӣ, раванди эҷодиро баррасӣ намудааст. Ба ҷои қонуни умумӣ ӯ қонуни индивидуалӣ ё тақдиру қисматро, ки тавассути интуитсия дониста мешавад, мемонад. Дар пайравӣ аз Ф. Нитсше, Г. Зиммел воқеоти алоҳидаи таърихиро тавассути майлу шавқмандӣ, амалҳои иродавӣ, рефлексҳои ҳиссиётӣ тавзеҳ медод. «Дарккунӣ» дар таърих танҳо натиҷаи идрок (фаҳмидагирӣ) - и томи «таркибҳои психикӣ» мебошад. Ҳамин тариқ, раванди таърихӣ барои вай аз рӯи моҳият раванди психологӣ мебошад. Аз ин бармеояд, ки

Сайнаков Сайнак Париншоевич

накши асосиро дар дарккунии таърих хусусиятҳои психологии муҳаққиқ бозӣ мекунанд.

Намояндаи намоёнтарини мактаби неокантии таърихии Баден Вилгелм Винделбанд[1] (1848 – 1915) низ аз нигоҳи предмети таҳқиқ байни илмҳои табиӣ ва ҷамъиятӣ - гуманитарӣ фарқияти қатъиро гузошт. Дар нутқи худ «Таърих ва илм оид ба табиат», ки дар Донишгоҳи Баден аз 1 майи 1894 ироа кардаст, вай фарқияти мазкурро чунин пешниҳод намуд, ки илмҳои табиӣ қонунҳои умумиро муқаррар менамоянд, илмҳои ҷамъиятӣ - гуманитарӣ бошад фактҳои алоҳидаро тасвир менамоянд. Илмҳои гуруҳи аввал номотетӣ[2] (қонунӣ) ва дуюм идиографӣ[3] (алоҳида) мебошанд. Дар илмҳои гурӯҳи аввал методи абстрактӣ ва дар илмҳои гуруҳи дуюм методи аёнӣ бартарӣ дорад. Дар асараш «Фалсафаи ҳаёти маънавии асри XIX - и немис» ӯ вазифаи муҳимтарини муаррихро омӯзиши ҳаёти шахсиятҳои намоёни таърихӣ донистааст. Дар руҳияи фалсафаи кантӣ Винделбанд шахсияти инсонро ким кӣ «чизе ба худ», донистааст, ки аз назари фаҳмиши ратсионалистӣ пурра дарк карда намешавад. Барои ҳамин дар ҳамаи донишҳои таърихӣ боқимондаи нофаҳмо пинҳон мемонад, чизе, ки онро наметавон ифода кард, наметавон тафсир дод.

Шогирди Винделбанд, Генрих Риккерт (1863 – 1936) дар асараш «Илмҳо оид ба табиат ва маданият» (1899) ғояи устодашро дақиқ нишон дода, илмҳои табииро ба илмҳои фаҳмиши ҷамъбастидошта (хулосавӣ) ва илмҳои ҷамъиятӣ - гуманитариро ба шакли дарккунии фардӣ (ҷудогона, алоҳида) нисбат додааст.

Компоненти муҳими консепсияи назариявӣ - методологии Риккерт ғояи ӯ «мансубият ба арзишҳо» мебошад. Ӯ «арзишоҳи умумӣ» - ро ба сифати давлат, дин ва санъат муайян намудааст, ки имконият медиҳанд далелҳои яклухти мавҷудбударо ҷудо намуд. Бояд ба назар гирифт, ки

[1]Виндельбанд В. Избранное. Дух и история. М., 1995.
[2]Аз юнонии номос – қонун
[3]Аз юнонии идиос – махсус, алоҳида

Сайгаков Сайнаг Паршиоевич

ҳар зуҳуроти таърихӣ маҳсули маданият аст, ин дар навбати худ масъалаеро ба миён мегузорад, ки он барои инсон чи гуна аҳамият дорад. Арзишҳои умумӣ мутлақ намебошанд, ҳатто барои як давра ҳам, зиёда аз ин онҳо барои ҳар давра ва барои гуруҳҳои гуногуни ҷамъиятӣ фарқкунанда мебошанд.

В. М. Вебер[1], муаррих, ҷамъиятшинос, мутафаккири сиёсӣ, олиме, ки аз рӯи назарсанчии бархе аз таҳлилгарон ҳатто аз К. Маркс ҳам пеш гузашт, дар инкишофи назарияи таърих нақши муассир гузоштааст. Ақидаҳои таърихии худро ӯ дар асарҳояш «Ахлоқи протестантӣ ва сармоядорӣ» (1904 – 1905), «Хоҷагӣ ва ҷамъият» (1921) ва ғайра баён доштааст. Дар фарқият аз К. Маркс вай масъалаи муносиботи мутақобилаи соҳаи маънавиёту рӯҳоният ва иқтисодиётро таҳқиқ намуда, бартарияти иқтисодётро ба мубоҳиса гузошт. Рафтори иқтисодии соҳибкор тавассути системаи арзишҳои ахлоқии ӯ, ки дар навбати худ аз сарчашамаҳои динӣ, аз он ҷумла этикаи протестантӣ шаклу сират мегиранд, муайян карда мешавад. Инсон тибқи этикаи протестантӣ, на мулкдор, балки муассисаи идорашаванда мебошад ва ӯ вазифадор аст, ки дар корхона кори савобу писанди Худоро иҷро намояд. Ӯ вазифадор аст, ки худро доимо назорат намояд.

В. М. Вебер, сурати ҳоли алоҳидаи позитивизмро ҷудо намуда, дар зуҳуроти ҷудогонаи таърихӣ аломатҳоеро дарёфтааст, ки дар дигар вазъи мувофиқ омада дар шакли то дараҷае рушд ёфта, дар дигар зуҳуроти такрор мешаванд. Аз ин хусусиятҳои такроршаванда намуди идеалӣ, ҳамчун модели зеҳнии муносиботи воқеӣ, қисматбандӣ карда мешавад. Фаҳмиши идеалӣ - намудӣ имконият медиҳанд, ки умумӣ, махсус ва ягонаро фарқ намуд. Ин ҳамаро метавонем ҳамчун таҳлили веберии пайдоиши капитализми европоӣ мисол овард. Ӯ алоқамандии рӯҳи сармоядориро бо ахлоқи протестантӣ муқаррар менамояд. Ин кашфиёт имкон медиҳад, ки оид ба алоқамандии ахлоқи динӣ ва

[1]Вебер М. Избранные произведения. Пер. с нем. М., 1990.

тафаккури хоҷагидорӣ дар умум хулосаи ҷамъбастӣ баровард. Аз нигоҳи нуқтаи назари В. М. Вебер на ҳар зуҳуроти ҷудогонаи таърихӣ барои тартиб додани намудҳои идеалӣ мавод мешавад. Зарур аст, ки падидаҳои таърихии аз ҳама бештар равшан ифода ёфта, омӯхта шаванд, ки ин мавқеишғолкунии В. М. Вебер ӯро бо назарияи «нисбат додан ба арзиш, муҳимият» - и Риккерт наздик менамояд. В. М. Вебер қонунҳои табиӣ - илмиро аз қонуниятҳои таърихӣ ҷудо намуда, қонуниятҳои таърихиро ҳамчун қонунҳо - тенденсияҳо, «имкониятҳои объективӣ» муайян намудааст.

Муаррихи англис Ҷ. Тревелян дар асари худ «Клио - Муза» (1913) таърихро ҳамчун соҳаи илме, ки тибқи назари ӯ, ки гӯё аҳамияти амалӣ надорад, ичунин қодир нест, ки қонуниятҳои умумӣ, дар баробари ин умқи алоқамандии сабабиятро муайян карда наметавонад, аз илмҳои табиӣ ва дақиқ қатиъиян ҷудо намуд. Ҳатто, вай зикр кардааст, ки агар ҳодисаю воқеа, ба мисли Инқилоби охири асри XVIII Франсия, хеле хуб омӯхта шуда бошад ҳам, муаррих ҳоло ҳам қодир нест, ки сабабҳои онро сарфаҳм равад: ғайримумкин аст омӯхтани сабабу мақсади барангезандаю водоркунандаи рафтори 25 миллион нафар француз, ифроз доштааст вай. Ба муаррих танҳо рушд додани тасаввуорти эҷодии худ, бурро намудани истеъдоди адабии хеш мемонаду халос, то ки баъди ҷалб намудани маъхазҳои мувофиқ ва дарк кардани онҳо ақалан ҷузъан дар симои ходими таърихӣ унс гирад, то ки мақсадҳои ҳақиқиро дар рафтори ӯ дарёбад. Вазифаи таърих танҳо таълиму тарбия мебошад. Он имкон надорад ва набояд ба аз ин зиёдтар даъво кунад. Аз ин суханон бармеояд, ки таърих илм набудааст. Ӯ ифроз медорад, ки дар Юнони қадим он ба санъату ҳунарҳо тааллуқ дошта, ҳомии он Муза будааст.

Файласуфи италянӣ ва муаррих, сарвари мактаби этикӣ - сиёсии неогегелӣ Бенедетто Кроче дар ҷилди аввали «Фалсафаи руҳ» (1893) қайд намудааст, ки далели таърихӣ – ин офариниши ақли мо аст ва муқаррар намудани далел ин маҳсули суханварона (ё маҳоратона) - и интуитсияи

муаррих аст. Таърих ногузир аз нуқтаи назари замони ҳозира навишта мешавад, барои ҳамин муҳаққиқ қодир нест, ки ба далелҳо маънидодкунии барои ҳамагон ҳатмӣ диҳад. Фаҳмишҳои таърихӣ мушаххасанд, табиӣ - илмӣ бошанд абстрактанд, аввалиҳо аз дуюмиҳо мушкилтаранд.

Дар асараш «Материализми таърихӣ ва иқтисоди марксистӣ» (1900) Б. Кроче фаҳмиши марксистонаи таърихро зери интиқод қарор додааст. Барои ӯ: «таърих ин фаъолияти Руҳи Умумиҷаҳонӣ мебошад, ки шахсиятҳо зоҳир ва василаи ӯ ҳастанд; давлат, новобаста аз табиати иҷтимоии худ – ин на ташкилоти синфи ҳукмрон, балки пеш аз ҳама арзиши ахлоқӣ мебошад».

Махсусан, дар асари дигари худ «Назария ва таърихи таърихнигорӣ» (1910) Б. Кроче консепсияи гегелии таърихи умумиҷаҳониро равшану возеҳ баён намудааст. Тибқи назари ӯ «қонунҳо», дар кадом илме, ки ин мафҳум истифода нашуда бошад, наздикӣ ба ҳақиқат доранду аз ин беш нестанд. Хусусан, ин нуқтаи назар нисбат ба таърих одилона мебошад, зеро он барқароркунии доимии нав мебошад[1].

Фаҳмиши таърихии худро Б. Кроче зери мафҳуми «историзми мутлақ (том)» ба муқобили марксистонаи «историзми берунӣ (зоҳир)» номидааст. Б. Кроче консепсияи «ҳақиқати таърихӣ» - ро, ки тафаккури муаррихро ба вуҷуд оварда, ягонагии назария, фалсафа ва таърих ба шумор меравад, пешниҳод намудааст. Фард, ки таърихро эҷод мекунад, кӯшиш менамояд, ки гузаштаро таҳамул ва софдилона (дар ҳақиқат) ба тарзи нав дарк кунад. Яке аз постулатҳои[2]«историзми том» - и Б. Кроче ин тезис оид ба ҳозиразамон будани таърих мебошад. Азбаски мо ҳамон таърихро дониста мегирем, ки фаҳмидани он айни замон зарур аст, пас

---

[1]Кроче Б. Теория и история историографии. Пер. с итал. М., 1998.
[2]Постулат аз лотинии *postulatum* – талабот, қоидае, ки ҳамчун ҳақиқат қабул мешавад.



Сайнаков Сайнак Парпиноевич

ҳар гуна таърих ҳозиразамон мебошад. Яъне, Б. Кроче, ҳамагуна таърихро таърихи ҳозиразамон донистааст.

Барои Б. Кроче беҳамто будани одоби муомилаи (риояи одоб) таърихӣ муҳим аст, ки фақат ба меъёре, ки баробари он андозае дар ботини муаррих мавҷуд аст. Аммо чи хел тафаккури таърихии муаррих тавлид ва иваз мешавад, ин натиҷаи иродаи насибаву Худо мебошад, ки инсонҳо онро дарк кардан наметавонанд.

Аз ҳама асосӣ дар таърих – тафаккур, руҳи мутлақи беинтиҳо рушдёбанда мебошад, ки доимо дар мафкура ва фаъолияти одамони алоҳида индивидиуализатсия мешавад. Аз ин ҷо ҳамчун таърихи асосӣ таърихи этикӣ - сиёсӣ, ки дар таърихи маданият, инчунин дар таърихи сиёсӣ ва иқтисодӣ баён мегардад, баромад менамояд.

Оид ба чи гуна Кроче методологияи худро дар таҳқиқоти мушаххаси таърихӣ истифода мебарад, асари ӯ «Таърихи шоҳигарии Неапол» шаҳодат медиҳад. Ӯ дар назди худ мақсад гузоштааст, ки табиати қувваҳои этикӣ - сиёсии давлати мазкур ва сабабҳои ноуҳдабароии он ки барои чӣ дар давраи Рисорҷименто роҳбари ҳаракати муттаҳидкунандаи Италия нашудро таҳқиқ намояд. Ӯ ба мафҳумҳои «аристократия» ва «синфи миёна» такя мекунад ва қайд менамояд, ки монархия ба «синфи миёна», ки мубталои либерализм, ҳатто радикализми якобинчиёни французӣ буд, такя кард. Радикализми якобинчиёни французӣ оқибат ба сустшавии монархия оварда расонд. Ҳамин тариқ, сабаби нотавонии монархияи Неаполитанӣ табаддулот дар ақидаҳои фалсафӣ - сиёсии «синфи миёна» шуд, ки он аз нуқтаи назари танқидӣ воқеияти ҳақиронаи Италияи Ҷанубиро баҳогузорӣ намуда, омода гардид, ки ба хотири ягонагии ватан Бурбониҳои неаполитаниро қурбон кунад.

Ба фалсафаи прогматизм дар ШМА мақолаи Ч. Пирс «Чӣ тавр ғояҳои худамонро равшан кунем» (1878) ибтидо гузошт. Барои ин пеш аз

Сайнаков Сайнак Нарзиллоевич

ҳама бояд барқарор намуд, ки кадом паёмадҳои амалиро аз таассуроти предмети мазкур ё аз рекасияи он дар фаъолияти мо интизор шуд.

Аз ин принсип дурӣ ҷуста, файласуф ва психолог У. Ҷемс дар асари худ «Прагматизм. Номгузории нав барои бархе аз методҳои куҳнаи тафаккур» низоми зеринро пешниҳод намуд:

1. Ақидаҳои мо – ин қоида барои амалиёт. Ду нуқтаи назари рақобаткунанда мумкин амалан як чизро ифода кунанд, дар натиҷаи ин ҳар дуи онҳо ҳақиқианд.

2. Ҳамагуна чиз (ғоя) вобаста ба муфид буданаш баҳогузорӣ карда шавад.

3. Ҳар зуҳурот тавассути назарияи «сершумории сабабҳо» тавзеҳ дода шавад, лекин «қувваҳои фавқултабии тавоно» низ мавҷуданд[1].

4. Дуруст будани ғояҳои мо дар амал санҷида мешаванд. Амалия фоиданокӣ, муфид буданашон ва ҳузуру ҳаловати онҳоро муайян мекунад.

А. С. Лаппо - Данилевский (1863 – 1919)[2], яке аз асосгузорони методологияи таърихӣ дар Россия буда, оид ба характеру мазмуни методологияи таъриху маъхазшиносӣ, факти таърихӣ ақидаҳои худро баён намудааст. Мувофиқи таълимоти ӯ, ки муҳаққиқони муосири рус таҳлил намудаанд, се мавқегирии асосии илмӣ: мафҳуми илмии маъхази таърихӣ (мавзӯи таҳқиқ); сохтори таҳлили илмию назариявии сарчашмаҳои таърихӣ (усули таҳқиқ); нақши боризи муҳаққиқ дар фаҳмиши маъхазҳои таърихӣ (методологияи таҳқиқ) заруранд[3].

---

[1]Айрапетов А. Г. История исторической науки. Историография всеобщей истории. Курс лекций // http: //www.allbest.ru/

[2]Оид ба Лаппо - Данилевский муфассалтар ниг.: Клио. Журнал для учёных. № 12. (84). СПб., 2013.; Ракитов А. И. Историческое познание. Системно - гносеологический подход. М., 1982. С.186 – 187.

[3]Ниг.: Иброҳимов М. Назария ва методологияи манбаъшиносӣ. Душанбе, 2016. С. 12.; Пронштейн А. П., Данилевский И. Н. Вопросы теории и методики исторического исследования. М., 1986. С. 7.



Сайнаков Сайнак Париишоевич

## 2.РАВИЯҲОИ ИҚТИСОДӢ ВА ИҶТИМОӢ ДАР ТАЪРИХНИГОРӢ

Коркарди таърихи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аз ҷониби позитивистон дар охири асри XIX – ибтидои асри XX идома ёфт. Яке аз асосгузорони равияи иқтисодӣ дар таърихнигории ШМА Ф. Тернер консепсия оид ба баромади германибостонии системаи сиёсии ШМА - и аз Аврупо воридшударо намепазируфт. Соли 1893 ӯ асари худро бо номи «Оид ба аҳамияти ҳудудҳо дар таърихи Америка» аз нашр баровард, ки дар он муаррих тезис роҷеъ ба аҳамияти муайянкунандаи мустамликадории Ғарбро дар таърихи мамлакат асоснок намудааст. Ҳудудро муаррих хатти пеши нуқтаҳои аҳолинишин, ки дар рафти маскуншавии заминҳои ғарбӣ ба вуҷуд омаданд, муайян намудааст. Тибқи назари ӯ заминҳои озод барқароршавии баробариро дар байни маскуншудагон таъмин намуд. Дар он ҷое, ки ҳар кас тавонист хоҷагии фермериро дошта бошад, ба осонӣ ба баробарии иқтисодӣ расид, дар натиҷа аз он баробарии сиёсӣ, ҳамчун компоненти муҳимтарини демократияи амрикоӣ, ба воя расид. Он ба гуфтаи Тернер, «на аз Вирҷиния оварда шуд, балки аз ҷангалҳои Америка зуҳур карда, ҳангоми бархӯрд бо ҳудудҳо ҳар дам қуввати нав гирифт. Албатта, бо гузашти вақт муносибатҳои ҷамъиятӣ «дар ҳудуд» мушкил гардиданд, яъне аз Шарқ ба он тамаддун (сармоядорӣ) наздик шуда, баробарии иҷтимоиро вайрон кард. Аммо «ҳудуд» на мемирад, балки ба Ғарб ҳаракат намуда, дар ҷои нав баробарии иҷтимоӣ барқарор мешавад. Ҳамин тавр, идеалҳои асосиии «пионерон»: индивидуализм, демократия, натсионализм, экспансионизм реша давонда ҷорӣ мешаванд.

Консепсияи *тернерии* демократияи амрикоӣ дар асоси омӯзиши равандҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ дар заминҳои ғарбӣ ташаккул ёфт. Аммо олим моил буд хусусиятҳои хоси рушди капитализми мазкури амрикоиро чун васеъ шудани моҳияташ шарҳ диҳад. Консепсия «ҳудуд» бо назарияи «клапан (сарпӯш) - и муҳофизкунанда» зич

Сайнаков Сайнак Партишоевич

алоқаманд аст. «Одамони зиёдатӣ» (қувваи кории зиёдатӣ) ба «заминҳои озод» кӯч бастанд, бо ин роҳ гӯё ШМА тавонистанд аз мубориза синфӣ халос хӯранд[1].

Муаррихи амрикоӣ Ч. Бирд дар асараш «Тафсири иқтисодии Конститутсияи Штатҳои муттаҳида» (1913) нишон дод, ки Конститутсия на меваи «давраи гармонияи сотсиалӣ», на натиҷаи изҳори иродаи озоди омма буд. Он дар заминаи нобаробарии зиёди молу мулкии натиҷаи фаъолияти гуруҳҳои тиҷоратӣ - пулӣ парвариш ёфт. Мубориза дар атрофии қабул намудани Конститутсияро муаррих ҳамчун бархӯрди соҳибони моликияти манқул ва ғайриманқул тавзеҳ медиҳад. Ҳаракат барои Конститутсия, хулоса мебарорад ӯ, аз нуқтаи назари принсип, дар асоси манфиати соҳаҳои моликияти манқул бунёд ёфта буд. Конститутсия бо овози на зиёда аз 1/6 қисми калонсоли аҳолии ҷинси мардона тасдиқ гардиду халос.

Тадқиқоти калонҳаҷму нодир дар соҳаи таърихи иҷтимоӣ ин силсилаасарҳои муаррихони англис – зану шавҳар Ҷон ва Барбара Хэммондҳо ба шумор мераванд. Соли 1910 асари аввалини онҳо «Коргарони деҳот дар солҳои 1760 – 1832» аз нашр баромад. Дар солҳои Ҷанги якуми ҷаҳонӣ китоби онҳо роҷеъ ба таърихи коргарони шаҳрии давраи мазкур аз нашр баромада, соли 1919 бошад ҷилди охирин силсилаасарҳо оид ба коргарони соҳибтахассус аз нашр мебарояд. Муаллифон дарасари худ дар баробари дигар мавод аз ҳуҷҷатҳои парламент ва комиссияи он, протоколҳои тафтишоти махсус ва бори нахуст бойгонии Вазорати корҳои дохилиро истифода карданд. Дар асари худ муаллифон вазъи ногувори коргарони англисро дар давраҳои ибтидоии инқилоби саноатӣ кушодаанд. Ҳамчун фабианҳо онҳо ғояи ба ҳам муфовиқ омадаи манфиатҳои коргарон ва буржуазияро ба асос гирифтанд, лекин надоштани

[1]Айрапетов А. Г. История исторической науки. Историография всеобщей истории. Курс лекций // http: //www.allbest.ru/



Сайнаков Сайнақ Нарзиқоевич

маълумоти комил ба ҳар дуи онҳо имконият надод, ки ин ҳақиқатро дарк намоянд. Ҳаракатҳои коргарии замони чартизм натиҷаи пураламонаи мавҷуд набудани руҳияи ризоият байни синфҳои гуногун буд. Онҳо самара ва зодаи зулмистифодабарӣ, эгоизм, номукаммалии системаи сиёсӣ буданд. Дар натиҷаи ислоҳоти навбатӣ ин ноқисиҳо андак - андак барҳам дода шуданд.

Ҷанбаҳои институтсионалии таърихи иҷтимоӣ дар асарҳои муаррихони британӣ, фаъолони ҷамъияти Фабианӣ, зану шавҳар С. ва Б. Веббҳо баррасӣ шудааст. Асари онҳо «Таърихи тред - юнионизм» (1894) дар асоси маъхазҳои васеъ, аз ҷумла бойгонии тред - юнионҳо навишта шудааст. Дар асари мазкур муаллифон диққати асосиро ба сиёсати ҷазодиҳии ҳукуматӣ то замони ҳукми қонунӣ гирифтани иттифоқҳои касаба ва структураи ташкилотчигии дохлию мақсад ва вазифаҳои тред-юнионҳо дода шудаанд. Онҳо нақши сарварони ислоҳталаби иттифоқҳои касабаро хеле қадрдонӣ намудаанд. Чартизм, тибқи фаҳмишу хулосаи онҳо зуҳуроти тасоддуфӣ буд. Дар «Демократияи саноатӣ» (1897) тред - юнионҳо ҳамчун қисми ҷудонопазири ҷамъияти капиталистӣ, шарти мутадили мавҷудияти он нишон дода шудаанд. Ҳамин тариқ, тибқи назари онҳо пролетариат ва буржуазия – «шарик» - и раванди истеҳсолот мебошанд.

Муомилаю нуқтаи назари институтсионалӣ хоси мактаби амрикоии коммонс – висконсинскии таърихи синфи коргар низ буд. Методологияи сарвари мактаби мазкур, профессори Донишгоҳи Висконсинск Ҷ. Коммонс дар зери ғояи мактаби таърихии дар иқтисоди сиёсӣ (асосан К. Бюхер) амал намуда, ташаккул ёфта буд. Асоси иқтисодии ҷамъиятро К. Бюхер сатҳи рушди муносиботи молию пулӣ қабул намуд. Коммонс, пас аз К. Бюхер, муносиботи байни капитал ва меҳнатро ҳамчун муносиботи нархҳои бозоргонӣ ва пулкоркунӣ (музди меҳнат) баҳогузорӣ кардааст. Ҳаракати коргарӣ – ин баромади гуруҳҳои истеҳсолкунандагон, ки манфиатдори маҳдуд



Сайнаков Сайнак Партишоевич

намудани бозор аз тохтутози рақибони хориҷӣ (молҳои воридотӣ) ва рақибони дохилӣ (қувваи арзони коргарӣ) мебошанд, аст. Иттифоқҳои касаба – ин намуди ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ба хотири доштани тавонмандии рақобатпазирии гурӯҳии байниҳамдигарии миёни худи коргарони кироя (коргарони тахассусӣ ва дигар категорияи коргарон) ба вуҷуд омадааст, мебошад. Ба хусусиятҳои хоси ташаккулёбии синфи коргар ва ҳаракатҳои коргарӣ дар ШМА Коммонс вуҷуд доштани заминҳои озод, серҳаракатии рушди бозори дохилӣ, воридшавии доимии муҳоҷирон, мавҷуд будани ҳуқуқи умумии интихобот тааллуқ медонад.

Мактаби Коммонс - висконсинск дар солҳои 1910 – 1911 асари даҳҷилдаи «Таърихи ҳуҷҷатии ҷамъияти индустриявии Америка» - ро аз нашр баровард.

Мақоми намоёнро дар ҳаёти ҷамъиятии аввали асри XX ШМА шумораи зиёди ҷамъиятшиносон ва нависандагони публитсисти равияи радикалӣ - интиқодӣ ишғол мекарданд. Онҳо дар ҷамъият бо номи «парокандагунандагон, титкунандагони фасод» машҳур буданд. Объекти интиқодии онҳо корҳои нопоки олигархҳои молиявӣ - саноатчиён, виҷдонфурӯшии намояндагони дастгоҳҳои ҳизбӣ - сиёсӣ, дастгоҳи давлатии фасодзада буданд. Ҳамзамон онҳо ба омӯзиши сарчашмаҳои таърихии ин зуҳуроти номатлуб низ машғул шуданд. Ҳанӯз дар соли 1894 Г. Ллойд дар асари «Бойгарӣ бар зидди ҷамъият» дар асоси маводи ҳисоботи Конгресс, ҳуҷҷатҳои судӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо, усулҳои криминалии болоравии трести нафтии «Стандард Ойл» - ро ошкор карда, нишон дод. В. Лаусон бошад дар силсиламақолаҳои худ фаъолияти молиявии як ширкати муттаҳидаи коркарди мисро фош намуда буд. Махсусан, китоби Л. Стефенс «Расвоии шаҳрҳо» (1904) машҳур гашт, ки дар он муаллиф дар мисоли мегаполисҳо, тобеъ будани сохторҳои ҳокимият ба гуруҳҳои молиявӣ - саноатчиёнро ифшо намудааст. Дар соли 1930 бошад ҳамин муаллиф


Равшанфикр
Огоҳӣ Озодӣ Ободӣ
Сайнаков Сайнак Париишоевич

16 шаҳри калон ва 11 штатро гашта, китоби худро бо номи «Паҳнкунандагони фасод. Автобиография» иншо менамояд[1].

Сенатор, ҳуқуқшинос, аъзои ҳизби ҷумҳурихоҳон Ричард Франклин Петтигру (1848 – 1926) дар китобаш «Плутократияи тантанакунанда» исбот намуд, ки иқтидори иқтисодии ШМА дар дасти гуруҳи кучак ғун шудааст ва ин сарватмандон ҳокимияти воқеии мамлакат мебошанд. Ӯ дар асараш зикр менамояд, ки як гуруҳи хурди табақаи дорои ҳокимиятро монополия кардааст. Р. Ф. Петтигру махсусан ба масъалаҳои сохти иқтисодии мамлакат – ғасби замин, банкҳо ва банкирҳо, плутократия, дастгоҳи ҳукуматӣ – адвокатҳо, Суди олӣ, президентҳо, ҳизбҳои сиёсӣ, саноатчиён ва империализми америкоиву ҷанги ҷаҳонӣ диққати махсус додааст. Бар зидди оғози Ҷанги якуми ҷаҳонӣ баромад намуда, аз мардуми Амрико талаб намуд, ки дар он иштирок накунанд, чунки онро плутократҳо барои сарватманд шуданашон ташкил намуданд. Ӯро барои фаъолияташ таъқиб намуда, ҳатто ба ҷосусӣ мутаҳам намуданд, аммо сонӣ сафед карда шуд. Заминаи манбаъвии асари мазкурро далелҳои ҳаёти сиёсии ба муаллиф маълум, шарҳиҳолномаҳо, асарҳои таърихӣ, ёддоштҳо ва протокол (пайнавишт) - ҳои Сенат ташкил медиҳанд.

Дар Франсия сотсиалист Ж. Жорес дар чорчӯбаи лоиҳаи бузург «Таърихи иҷтимоии Франсия» солҳои 1901 – 1904 асари чорҷилдаи худ «Таърихи иҷтимоии Инқилоби Франсия» - ро аз нашр баровард. Номи китоб ба он алоқаманд аст, ки он барои коргарон ва деҳқонон офарида шудааст. Аммо он ҳамчун сотсиалистӣ бо дигар мазмун низ аст, яъне сотсиализми франсузӣ чун давомдиҳандаи Инқилоби асри XVIII Франсия баромад мекунад. Ж. Жорес худ иброз менамояд, ки дар рафти навиштани асараш аз ғояву назарияи К. Маркс, Мишле ва Плутарх илҳом гирифтааст. Тибқи назари муаррихони баъдина

[1]Айрапетов А. Г. История исторической науки. Историография всеобщей истории. Курс лекций // http: //www.allbest.ru/

консепсияи методологии Жорес ба методологияи марксистӣ наздик аст. Ӯ заминаҳои иҷтимоӣ - иқтисодии инқилобро мекушояд, таҳаввулоти шакли моликият, рушди саноат ва хоҷагии қишлоқро таҳқиқ менамояд, таъсири сохтори иқтисодиро ба шакли идоракунӣ ва ҳаёти маънавӣ муайян кардааст. Аммо Жорес бар зидди абсолютизатсияи омили иқтисодӣ баромад мекард. Дар баробари сабабҳои моддӣ ӯ тезу тундиҳои муборизаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодиро дар оштинопазирии зиёдатии инқилобчиён шарҳ додааст. Зулм ва терорро маҳкум намуда, Жорес нақши Дантонро қадрдонӣ кардааст, ки ба созишкорӣ майл дошта буд.

Сайнаков Сайнак Парпишоевич

## 3.САТҲИ ОМӮЗИШИ ТАЪРИХИ СИЁСӢ

Дар давраи мазкур таҳқиқи таърихи сиёсӣ низ сурат гирифт. Масалан, академик Э. Лависс муаррихи расмии таърихи Ҷумҳурии сеюм ба ҳисоб мерафт. Мазкур вазифаи муаррихро дар асосноккунии арзишҳои ахлоқӣ ба воситаи илми таърих медонист. Ҳамроҳ бо А. Рамбо Э. Лависс роҳбарии нашрияи асари коллективонаи «Таърихи умумӣ» - ро ба зимма дошт. Зери назари ӯ «Таърихи Франсия аз оғози он то инқилоб» аз нашр баромад. Аммо ба ташаккулёбии шуури таърихӣ ва миллии франсузҳо таъсири амиқро китоби дарсии вай оид ба таърихи Франсия барои синфҳои ибтидоӣ – «Лависси хурдсол» расонд. Он барои кӯдакон ҳамчун беҳтарин китоб шуда буд. Нашри якуми он ба соли 1884 рост омада, охиронаш, яъне нашри панҷоҳум, соли 1950 аз чоп баромад.

Дар тасвири Лависс тамоми роҳҳои тай намудаи инсоният албатта бо тақдири Франсия гузаштанд. Шоҳон, ки ягонагии марзӣ, маъмурӣ ва ахлоқии Франсияро таъмин карданд, аз ҷониби Лависс шоистаи эҳтиром дониста шуданд. Онҳо ҳамчун саромадони тартибот ва арзишҳои ҷумҳуриявӣ баромад намуданд. Баръакси ин, касоне, ки бо ин ягонагӣ ҳамраҳӣ накарданд, ё онро халалдор карданд, хоҳ якобинчӣ, исёнгари вандеӣ ё коммунари парижӣ бошад, аз тарафи Лависс ҳамчун хоин маҳкум шудаанд. Баҳогузории ӯ ба инқилоб бо чунин хитоб хулосабарорӣ шудааст, ки инқилобҳо як вақтҳо зарурӣ буданд, аммо имрӯз ин хелӣ нестанд. Унсурҳои асосии консепсияи таърихии Лависсро миллатгароӣ, побандии бемаҳдуд ба анъаноти франсузӣ, парастиши осмон, замин, гузаштагон, эътиқод ба ҷумҳурӣ ва ба ваҳдати миллӣ ҳамчун наҷотбахши ватан ташкил медиҳанд.

Муаррихи Франсия А. Олар бошад дар Ҷумҳурии сеюм давоми анъаноти Ҷумҳурии якум (1792 – 1804) - ро медид. Ба масъалаи мазкур ӯ асари худ «Таърихи сиёсии Инқилоби Франсия. Пайдоиши



Сайнаков Сайнак Парвиноевич

демократия ва ҷумҳурӣ» (1901) - ро бахшид. А. Олар исбот намуд, ки моҳияти инқилоб дар Эъломияҳои ҳуқуқи соли 1789 ва соли 1793 дарҷ гардидааст. А. Олар асосҳои иҷтимоии муборизаи бархеи гуруҳҳои сиёсииро таҳқиқ накарда буд. Аммо на ҳамаи шахсиятҳои соли 1793 аз диди назари муаррих дар як сатҳ қарор доранд. Қаҳрамони дӯстдоштаи ӯ Дантон мебошад. Дантон – сиёсатмадори ҳақиқӣ, ки «ягон бор аз ақидаи ҷамъиятӣ пеш нагузашт». Ӯ – минбари дурахшон, «оштидиҳандаи инқилоб дар 10 августи соли 1792», наҷотдиҳандаи Франсия аз интервентҳо будааст. Дантон бо тамоми имконот кӯшид, ки миёни бархе гуруҳҳо мухолифати қатъӣ сар назанад.

Ҳамзамон А. Олар ба Робеспер характеристикаи манфӣ дода, ӯро ҳамчун «авомфиреби худписанд», «қасосгири беандоза, тӯҳматчии бераҳм», муаррифӣ намудааст, ки баҳори соли 1793 халал расондааст, то ки ҳизбҳо миёни худ оштӣ кунанд[1].

А. Матез бошад соли 1907 Ҷамъият оид ба омӯзиши робесперизм ва маҷаллаи «Анналҳои инқилобӣ» - ро таъсис дод. Ӯ майл намудааст, ки ба Робеспер баҳои ҳақиқӣ дода, кӯшидааст, ки таърихи инқилобро аз нуқтаи назари муборизаҳои иҷтимоӣ баррасӣ намояд. Аз беандоза таърифкунии Робеспер даст кашидан натавониста, ҳамзамон асотир дар бораи бе айбу нуқсон будани Дантонро низ аз байн бурд. Дар асоси ҳуҷҷатҳои таърихӣ бар зидди Дантон айбномаи ҷиддӣ, яъне порагирию иртибот доштан бо аксулинқилобчиёнро эълон намуд.

Таҳқиқи таърихи сиёсӣ дар Германия бо фаъолияти илмии Г. Делбрюк алоқаманд аст. Дар асари бисёрҷилдаи «Таърихи санъати ҳарбӣ дар доираи таърихи сиёсӣ» ӯ алоқамандии ҳодисоти ҳарбиро бо сохти ҷамъиятӣ мушоҳида намудааст. Консепсияи таърихии вай дар асоси ғояи зиддияту тазод пешниҳод шудааст. Ҳаракату гардиши таърих тавассути муборизаи инсону табиат, шахсият ва омма, фард ва

Сайнаков Сайнак Парпишоевич

[1]Айрапетов А. Г. История исторической науки. Историография всеобщей истории. Курс лекций // http: //www.allbest.ru/

ҷамъият, рӯҳ ва қувва муайян шудааст. Зуҳуроти пурраю равшани ин тазодҳоро ӯ дар ҷангҳо пайдо менамояд. Ҷангҳои мудофиавиро муаллиф чун воситаи ҳифзи маданияти миллӣ донистааст.

Сайнаков Сайнак Парпишоевич

# ХУЛОСА

Ҳамин тавр, дар китоби мазкур таърихнигории таърихи давраи нави мамлакатҳои Европа ва Америка инъикос ёфта, масъалаҳои мафҳуми «таърих» ва мақоми он дар ҷомеа, донишҳои таърихии замон, равия, ҷараён ва мактабҳои илми таърих, рушди анъанаҳои таърихнависии давраи нав, хусусиятҳои хоси таълифи китобҳои таърихӣ дар мисоли асарҳои муаррихони аврупоӣ ва амрикоӣ, дараҷаи инъикоси воқеияти замон дар асарҳои таърихии давраи мазкур, давраи гузариш аз донишҳои таърихӣ ба илми таърих, заминаҳои ташаккули илми таърих дар Аврупо ва Амрико, равияҳои асосии таърихнигорӣ, консепсияҳои таърихии замон, вазъи кунунии таҳқиқи илми таърихи замони нав ва масоили умдаи таърихнигории таърихи нав баррасии худро ёфтанд.

Дар натиҷаи баррасӣ намудани таърихи илми таърихи Ғарб аз давраи гуманизм то ибтидои асри XX муайян гардид, ки таърихнигорӣ бо фалсафа, вазъи иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва сиёсии давра ва назарияву консепсияҳои мухталифи илмҳои дигари замон зич алоқаманд буда, рушд ёфтааст.

Феномени таърихнигории ҷаҳонӣ аз таърихнигории давлатҳои алоҳида, ки дар чорчӯбаи илми ҷаҳонӣ офарида шудаанд, ташаккул меёбад. Дар рафти баррасии курси мазкур муайян гардид, ки таърихнигории гуманистӣ аввал дар Италия, маорифпарварӣ бошад дар Англияю Франсия рушд ёфта, баъд дар дигар давлатҳо паҳн гардиданд. Дар асри XIX бошад ба таърихнигорони Германия даст ёфт, ки назарияву консепсияҳои мухталифи таърихиро пешниҳод намоянд. Дар ибтидои асри мазкур бошад принсипи таърихият дар илми таърих барқарор гардид ва асарҳои таърихию рӯзноманигории таърихӣ дар маданияти Ғарб мақоми намоёнро ишғол намуд.

Дар солҳои 40 - уми асри XIX дар илми таърихи Ғарб дар баробари равияҳои буржуазӣ таърихнигории марксистӣ зуҳур намуд, ки баъдтар

Сайнаков Сайнак Парпиноевич

ба яке аз равияҳои асосии таърихӣ табдил ёфта, дар Россияи Шӯравӣ (баъдтар ИҶШС) ҳукмрон гардид.

Дар маводи таълимӣ масъалаҳои марбути таърихнигории позитивӣ, ки бори нахуст дар Франсия зуҳур кард, мактабу ҷараёнҳои асосии ин равия ва ба буҳрони методологӣ дучор шудани он дар охири асри XIX – ибтидои асри XX низ инъикос гардидаанд.

Хулоса, дар натиҷаи азхуд кардани курси таърихнигории давраи нав донишҷӯёнро зарур аст, ки луғату мафҳумҳои фанни мазкур, консепсияи илмии муаррихони замон, мазмуну мундариҷаи китобҳои дарсиеро, ки оид ба ин фан таҳия шудааст ва масъалабандии асосии курсро дониста, мавзӯъҳои гуногунро таҳлил карда, хулосаи зарурӣ бароранд, қобилияти таҳлилнамоӣ, истифодаи таҳқиқоти назариявӣ, тарзи роҳҳои қабул, ҳифз ва коркарди маълумот (иттилоот) - и таърихиро ёд гиранд ва барои татбиқи фаъолияти касбӣ ҳавасманд бошанд.

Сайнаков Сайнак Парвизоевич

## НОМГӮИ
## АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА ВА ТАВСИЯШАВАНДА

### МАВОДИ ТАЪЛИМӢ - МЕТОДӢ:


19. Айрапетов А. Г. История исторической науки. Историография всеобщей истории. Курс лекций // http://www.allbest.ru/
20. Альперович М. С. Советская историография стран Латинской Америки. М., 1968.
21. Адо А. В., Галкин И. С., Григорьева И. В. и др. Историография истории нового времени стран Европы и Америки. Под ред. И. П. Дементьева. М., 1990.
22. Бобохонов М., Боқиев О., Ёрмуҳаммадов А., Пӯлодов С. Баъзе масъалаҳои асосии таърихи СССР ва таърихшиносӣ. (Дастури таълимӣ). Душанбе, 1990.
23. Бобохонов М. Таърихи Русия дар замони сармоядорӣ. – Душанбе, 1996.
24. Биск И. История исторической мысли в новое время. Учеб. пос. Иваново, 1983.
25. Виноградов К. Б. Очерки английской историографии нового и новейшего времени. Л., 1975.
26. Герасименко Г. А. История Российской исторической науки (дооктябрьский период). Учебное пособие.Псков, 1998.
27. Григорьева И. В. Источниковедение новой и новейшей истории стран Европы и Америки: Учебное пособие. М., 2012.
28. Далин В. М. Историки Франции XIX – XX вв. М., 1981.
29. Ғафорова М. Қ. Асосҳои фалсафа. Нашри 2-юм, пурра ва саҳеҳшуда. Душанбе, 2012.
30. Иброҳимов М. Назария ва методологияи манбаъшиносӣ. Душанбе, 2016.


Сайнаков Сайнак Паришоевич

31. Историография истории нового времени стран Европы и Америки. М., 1990.
32. Историография истории нового времени стран Европы и Америки. М., 2000.
33. Историография новой и новейшей истории стран Европы и Америки. М. 1977.
34. Историография нового времени стран Европы и Америки. М., 1967.
35. Историография новой и новейшей истории стран Европы и Америки. М., 1977.
36. Историография античной истории. Под редакцией профессора В. И. Кузищина. М., 1980.
37. Историки России XVIII – XX веков. Вып. 1 – 4. М., 1997.
38. Историография истории нового времени стран Европы и Америки. М., 1990.
39. Историография истории нового и новейшего времени стран Европы и Америки. М., 2000.
40. Историческая наука и историческое сознание / Под ред. Б.Г. Могильницкого. Томск, 2000.
41. История русской общественной мысли и культуры XVIII–XX веков. М., 1990.
42. Историография истории нового и новейшего времени стран Европы и Америки. Под ред. И. П. Дементьева, А. И. Патрушева. М., 2000.
43. Историография истории Древней Греции // История Древней Греции. Под ред. В. И. Кузищина. М., 1996. С.19 – 35.
44. Историография истории нового времени стран Европы и Америки. Учебное Пособие. Под ред. И. П. Дементьева. – М., 1990.
45. Историография истории России до 1917г.: Учеб. для студ. высш. учеб. заведений: В 2 т. Под ред. М. Ю. Лачаевой. – М., 2003.
46. История Латинской Америки. Доколумбовая эпоха – 70-е годы XIX века. Отв. ред. Н. М. Лавров. М., 1991.

Сайнаков Сайнак Парциоевич

47. История Латинской Америки. 70 - е годы XIX века - 1918 год. Отв. ред. Е. А. Ларин. М., 1993.
48. Историография. История США. Т. 1. Гл. ред.Г. Н. Севостьянов. М., 1983 – 1987.
49. Историческая информатика. Под ред. Л. И, Бородкина,И. М. Гарсковой. М., 1996.
50. Историческая наука России в XX в. Отв. Ред. Алексеева. М., 1997.
51. Историческая наука в XX в. Историография истории нового и новейшего времени стран Европы и Америки. Учебное пособие. Под ред. И. П. Дементьева, А. И. Патрушева. М., 2007.
52. Историческая наука на рубеже веков. Под. ред.А. А. Фурсенко. М., 2001.
53. Историческая наука и историческое сознание.Под. ред. Могильницкого. Томск, 2000.
54. Ковальченко И. Д. Методы исторического исследования. М., 2003
55. Кубышкин А. И. Проблемы историографии международных отношений в новое и новейшее время. Саратов, 1990
56. Ковальченко И. Д. Методы исторического исследования. М., 1987.
57. Кроче Б. Теория и история историографии. Пер. с итал. М., 1998.
58. Канделоро Д. История современной Италии. М., 1958 – 1971.
59. Косов А. П. Историография истории (Историография всемирной истории). Методические рекомендации. Витебск, 2014.
60. Лаптева М. П. Теория и методология истории. Курс лекций. Перм, 2006.
61. Методологические и историографические вопросы исторической науки. Томск, 1964, 1966, 1969, 1982.
62. Мейнеке Ф. Возникновение историзма. М., 2004.
63. Мортон А. История Англии. М., 1950.
64. Медушевская О. М. Румянцева М. Ф. Методология истории. М., 1997.

Сайнаков Сайнак Парпиоевич

65. Могильницкий Б. Г. История исторической мысли XX века: Курс лекций. Вып. I: Кризис историзма. Томск, 2001; Вып. II: Становление «новой исторической науки». Томск, 2003; Вып. III: Историографическая революция. Томск, 2008.
66. Мунавваров М., Рашидова У. М. Таърихи нави кишварҳои Аврупо ва Амрико. Душанбе, 2014.
67. Назаров С. В. Историография всеобщей истории (в связи с развитием исторической мысли). Учебное пособие. Армавир, 2002.
68. Наумова Г. Р., Шикло А. Е. Историография истории России. 4 - е издание. М., 2011.
69. Очерки истории Аргентины. Отв. ред. В.И.Ермолаев. М., 1961.
70. Очерки истории Бразилии. Под ред. В.И.Ермолаева. М., 1962.
71. Очерки истории Кубы. Под ред. Н.М.Лаврова. М., 1978.
72. Очерки истории Чили. Отв. ред. Н.М.Лавров. М., 1967.
73. Очерки новой и новейшей истории Мексики, 1810 – 1945. Под ред. М. С. Альперовича и Н. М. Лаврова. М., 1960.
74. Пронштейн А. П., Данилевский И. Н. Вопросы теории и методики исторического исследования. Учебное пособие для вузов по спец. «История». М., 1986.
75. Прохоренко И. А. Основные направления зарубежной историографии всеобщей истории (от древности до конца XX века). Тольяти, 2010.
76. Пирумшоев Ҳ. Барнома аз фанни Назария ва методолигияи таърих барои магистрҳои факултетҳои таърих (тахассус: таърих). Шакли электронӣ. Душанбе, 2012.
77. Репина Л. П., Зверева В. В., Парамонова М. Ю.История исторического знания: пособие для вузов. 2-е изд. М., 2006.
78. Репина Л. П., Зверева В. В., Парамонова М. Ю. История исторического знания. М.: Дрофа, 2008.

Сайт ... ишоевич

79. Репина Л. П. Историческая наука на рубеже XX – XXI вв.: социальные теории и историографическая практика. М., 2011.
80. Савельева И. М., Полетаев А.В. Теория исторического знания: Учеб. пособие. СПб., 2007.
81. Советская историография. Под. ред. Ю. Н. Афанасьева. М., 1996.
82. Сайнаков С. П., Мирзоев Ф. А., Наҷмуддинов Т. А., Гадоев Ғ., Исматов Ф. Н. Таърихи Россия (охири асри XVII – ибтидои асри XX). Курси лексия (нашри дуюм бо таҳриру иловаҳо). Душанбе, 2014.
83. Сайнаков С. П. Комплекси таълимӣ-методӣ аз фанни таърихнигории таърихи наву навтарини мамлакатҳои хориҷӣ (Аврупо ва Амрико). Душанбе, 2017.
84. Сайнаков С. П., Ҳусайнов А. Қ., Мирзоев Ф. А., Наҷмуддинов Т. А. Барномаи таълимӣ аз фанни таърихнигории таърихи наву навтарини мамлакатҳои хориҷӣ (Аврупо ва Амрико). Душанбе, 2017.
85. Сайнаков С. П., Шарипов М., Содиқов М. Барномаи таълимӣ аз фанни таърихнигории таърихи наву навтарини мамлакатҳои Аврупо ва Амрико (барои донишҷӯёни шуъбаи ғоибона). Душанбе, 2018.
86. Сайнаков С. П., Садиров Ш. А., Азизов С. А. Таърихнигории давраи нави мамлакатҳои Европа ва Америка. Курси лексияҳо барои факултетҳои таърихи мактабҳои олӣ. Душанбе, 2018.
87. Сахаров А. М. Историография истории СССР. Досоветский период. Курс лекций. – М., 1978.
88. Сборник материалов по истории исторической науки в СССР (конец XVIII – первая треть XIX в.). Учеб. Пособие. Под ред. И. Д. Ковальченко. – М., 1990.
89. Семёнов Ю. И. Философия истории. Общая теория, основные проблемы, идеи и концепции от древности до наших дней. М., 2003.
90. Сидоренко О. В. Историография IX – начало XX вв. Отечественной истории (учебное пособие). Владивосток, 2004.

Сайнаков Сайнак Париноевич

91. Сотиволдиев Р. Ш. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ. Китоби дарсӣ. Душанбе, 2011.
92. Тарнас Р. История западного мышления. М., 1995.
93. Терехов О.Э. Историческая мысль и историческая наука Запада XIX – XX веков. Учебное пособие. Кемерово, 2006.
94. Фалсафа. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни таҳсилоти муассисаҳои олии касбӣ. Ҳайати муаллифон. Душанбе, 2011.
95. Халявин Н. В. Историография истории России (дореволюционный период): курс лекции. Издание 2-е. Ижевск, 2017. 260 с.
96. Ҷалилов А. Ҷ.Таърихи асрмиёнагии мамлакатҳои Аврупо. Ҷилди аввал. Душанбе, 2013.
97. Ҷалилов А. Ҷ., Асоев С. У. Таърихи асрмиёнагии мамлакатҳои Аврупо. Ҷилди дуюм. Душанбе, 2013.
98. Шапиро А. Л. Историография с древнейших времен по XVIII в. Курс лекций. – Л., 1982.
99. Шапиро А.Л. Историография с древнейших времен до 1917 г. Учебное пособие. – Л., 1993.
100. Шарофова М., Зарифов Н. Таърихи навтарини мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ (маводи таълимӣ). Душанбе, 2012.
101. Шеуджен Э.А. Историография: История исторической науки. Курс лекций. – Майкоп, 1999.
102. Шеуджен Э. А. Историография: Вопросы теории и методологии. Курс лекций. – Майкоп, 2005.
103. Шеуджен Э. А. Историография. История историческойнауки. Модульно-рейтинговая система контроля знаний студентов: учебно-методическое обеспечение. – Майкоп, 2009. 56 с.

**АДАБИЁТИ ИЛОВАГИИ ТАЪЛИМӢ ВА ИЛМӢ - ТАДҚИҚОТӢ:**

Сайнаков Сайнак Парпиноевич

1. Аббате М. Философия Бенедетто Кроче и кризис итальянского общества. М., 1959.
2. Адо А. В. Крестьянские движения во Франции во время великой буржуазной революции конца XVIII в. М., 1987.
3. Адо А. В. Великая французская революция и ее современные критики // буржуазные революции XVII – XIX вв. в современной зарубежной историографии. Отв. ред. И. П. Дементьев. М., 1986.
4. Актуальные проблемы изучения истории Великой Французской Революции (материалы круглого стола 19 – 20 сент. 1988). Отв. ред. Е. Б. Черняк. М., 1989.
5. Академическое дело 1929 – 1931 гг. Документы и материалы следственного дела, сфабрикованного ОГПУ. Вып. 1. СПб., 1993.
6. «Анналы» на рубеже веков: антология. М., 2002.
7. Алпатов С. И., Коваль И. П. Критический анализ американской буржуазной историографии. Киев, 1984.
8. Американские Просветители. Избранные произведения в 2-х т. Сост. Гольдберг Н. М. М.: «Мысль», 1968 –1969.
9. Аптекер Г. Американская революция. М., 1962.
10. Арендт Х. Истоки тоталитаризма. Пер. с англ. М., 1996.
11. Бейль П. Исторический и критический словарь. В 2-х т. М., 1978.
12. Бжезинский Зб. К. План игры: Геостратегическая структура ведения борьбы между США и СССР. М.: Прогресс, 1986.
13. Берк Э. Размышления о революции во Франции. М., 1993.
14. Боден Ж. Метод легкого познания истории. М., 2000.
15. Болингброк Г. Письма об изучении и пользе истории. М., 1978.
16. Бэкон Ф. История правления короля Генриха VII. М., 1990.
17. Блок М. Апология истории, или Ремесло историка. М., 1986.
18. Барг М. А., Авдеева К. Д.От Макиавелли до Юма: Становление историзма. М., 1984.
19. Барг М. А. Эпохи и идеи: становление историзма. М., 1987.

20. Болховитинов Н. Н. Становление исторической науки в США // История США. Т. 1. М., 1983.
21. Болховитинов Н. Н. США: проблемы истории и современная историография. М., 1980.
22. Болховитинов Н. Н., Согрин В. В. Об основных тенденциях в развитии историографии США // Современная зарубежная немарксистская историография. Критический анализ. Отв. ред. В. Л. Мальков. М., 1989.
23. Бобкова М. С. У истоков формирования исторического сознания западноевропейского общества Нового времени // Новая и новейшая история. № 6. 2008.
24. Бобоёров Ҳ. Методологияи «бехатарии вуҷудӣ»: мавзӯи нестӣ дар фалсафаи Ғарб. Душанбе. 2015.
25. Бродель Ф. Материальная цивилизация, экономика и капитализм XV – XVIII вв. М., 1986-1992.
26. Бриггс Э., Клэвин П. Европа нового и новейшего времени. С 1789 г. Идо наших дней. М., 2006.
27. Бьюкеннен П. Дж. Смерть Запада. Пер. с англ.А. Башкирова. М., 2004.
28. Бруз В. В. Проблема европейской безопасности: парадигма, генезис и исторические этапы в историографии. М., 2004.
29. Бурстин Д. Американцы: 3 тома. Пер. с англ. М., 1993.
30. Вазари Дж. Жизнеописания наиболее знаменитых живописцев, ваятелей и зодчих. В 2-х т. М.–Л., 1933.
31. Вайнштейн О. Л. Западноевропейская средневековая историография. М. – Л., 1964.
32. Вебер М. Избранные произведения. Пер. с нем. М., 1990.
33. Вебер М. Избранное. Образ общества. М., 1994.
34. Великие мыслители Запада / Под ред. Яна Мак - Грила. М., 1998.

Сайнаков Сайнак Партипоевич

35. Вико Дж. Основания новой науки об общей природе наций. М., 1994.
36. Виллани Дж. Новая хроника, или История Флоренции. М., 1997.
37. Вольтер Ф. История Карла XII, короля шведского. СПб., 1909.
38. Вольтер Ф. Философские сочинения. М., 1988.
39. Виндельбанд В. Избранное. Дух и история. М., 1995.
40. Виноградов В. Н. У истоков лейбористской партии. 1889 – 1900. М., 1965.
41. Виноградов К. Б. Очерки английской историографии нового и новейшего времени. Л., 1975.
42. Волгин В. П. Развитие общественной мысли во Франции в XVIII в. М., 1958.
43. Волгин В. П. Жан Мелье и его «Завещание». М., 1919.
44. Волгин В. П. Французский утопический коммунизм. М., 1960.
45. Великая Отечественная война (Историография). Сборник обзоров. М., 1995.
46. Владимиров В. Н. Интернет для историка: глобальная информационная игрушка или новая парадигма // История и компьютер. 1996. № 18.
47. Внешняя политика России: Источники и историография. М., 1991.
48. Вен П. Как пишут историю: опыт эпистемологии. М., 2003.
49. Гердер И. Г. Идеи к философии истории человечества. М., 1977.
50. Гиббон Э. История упадка и разрушения Римской империи. Т. 1–7. М., 1883–1886.
51. Гольдберг Н.М.Томас Пейн. М.: «Мысль», 1969.
52. Гоббс Т. Левиафан. М., 1937.
53. Губман Б. Л. Смысл истории. М., 1991.
54. Гарин Э. Хроника итальянской философии XX в. М., 1965.
55. Губман Б. Л. Смысл истории. Очерки современных западных концепций. М., 1991.

Сайнаков Сайнак Паршшоевич

56. Гегель Г. Ф. В. Лекции по философии истории. СПб., 1993.
57. Гизо Ф. История цивилизации в Европе. М., 1996.
58. Гизо Ф. История цивилизации во Франции. В 4-х томах СПб.,1877–1881.
59. Гизо Ф. История Английской революции. Т. 1–3. СПб., 1868.
60. Грановский Т.Н. и его переписка. Т. I. М., 1897.
61. Грановский Т.Н. Лекции по истории средневековья. М., 1987.
62. Грин Дж.Р. Краткая история английского народа. Т. 1–3. М., 1897–1900.
63. Гулыга А. В. Немецкая классическая философия. М., 1986.
64. Гусев В. В. Изучение новой истории стран Западной Европы и США в СССР. 1976 – 1981. Воронеж, 1983.
65. Геллнер Э. Нации и национализм. Пер. с англ. М., 1995.
66. Гуревич А.Я. Исторический синтез и школа «Анналов». М., 1993.
67. Далин В. М. Люди и идеи. М., 1970.
68. Данилов А. И. Проблемыаграрной истории раннего средневековья в немецкой историографии конца XIX – начала XX в. М., 1958.
69. Данилов А. И. Фридрих Мейнеке и немецкий буржуазный историзм// Новая и новейшая история. № 2. М., 1962.
70. Дильтей В. Воззрение на мир и исследование человека со времен Возрождения и Реформации. М., 2000.
71. XX век: Методологические проблемы исторического познания // Под. ред. А. Л. Ястребицкой. Ч. 1 – 2.М., 2001 – 2002.
72. Дементьев И. П. Американская историография гражданской войны в США (1861 – 1865 гг.). М., 1963.
73. Дементьев И. П. Идейная борьбав США по вопросам экспансии (на рубеже XIX – XX вв.). М., 1973.
74. Дементьев И. П. Основные направления и школы в американской историографии послевоенного периода// Вопросы истории. № 11. 1976.

Сайнаков Сайнак Паршноевич

75. Дементьев И. П. Теория американской исключительности в исторической мысли США // Вопросы истории. № 2. М., 1986.
76. Дементьев И. П. Чарльз Остин Бирд // Новая и новейшая история. , № 3. М., 1995.
77. Дунаевский В. А. Советская историография стран Запада 1917 – 1941 гг. М., 1974.
78. Дунаевский В. А., Кучеренко Г. С. Западноевропейский утопический социализм в работах советских историков. М., 1981.
79. Драбкин Я. С. Проблемы и легенды в историографии германской революции 1918-1919 гг. М., 1990.
80. Дудзинская Е. А. Международные научные связи советских историков. М., 1978.
81. Ерофеев Н. А. Нэмир и его место в буржуазной историографии // Вопросы истории. № 4. М., 1973.
82. Ерусалимский А. С. Бисмарк. Дипломатия и милитаризм. М., 1968.
83. Ефимов А. В. США. Пути развития капитализма. М., 1969.
84. Еремин Л. Н. Некоторые проблемы генезиса идеологии британского империализма в английской буржуазной историографии // Вопросы методологии и истории исторической науки. Отв. ред. Ю. С. Кукушкин. М., 1977. вып. 1.
85. Жуков Е. М. Очерки методологии истории. М., 1980.
86. Зверева Г. И., Репина Л.П., Согрин В.В. Современная историография Великобритании. М., 1991.
87. Зиёзода Т. Н. Методология истории и особенности периодизации всеобщей истории: искусственная и реальная // Вестник Таджикского национального университета. (Научный журнал). № 3/6(211).Душанбе, 2017. С. 42 – 50.
88. Зомбарт В. Современный капитализм. 2-е изд. М. – Л., 1924.
89. Зомбарт В. Буржуа. Пер. с нем. М., 1994.

Сайнаков Сайнак Парпиоевич

90. Зоҳидов О. Ҳ. Таърихи сиёсии тоҷикон: таҳлили назарияҳо. Душанбе, 2011.
91. Иброҳимов М. Далелҳои таърихӣ ва манбаъҳои таърихӣ аз нуқтаи назари «Анналҳо» // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. № 3/7(214).Душанбе, 2017. С. 112 –115.
92. Иброҳимов М. Сохтори тадқиқоти манбаъҳо: шароитҳо ва муҳити таърихии пайдоиши манбаъҳо // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. № 3/7. Қисми 1. Душанбе, 2017. С. 33 – 40.
93. Иванов Г. М. Кризис позитивистской концепции исторического источника и Б. Кроче // Вопросы истории. № 1.М., 1974.
94. Историк в поиске: Микро и макроподходы к изучению прошлого. Под ред. Ю. Л. Бессмертного. М., 1999.
95. Кан С. Б.Немецкая историография революции 1848-1849 гг. в Германии. М., 1962.
96. Кисель М. А. Р. Дж. Коллингвуд – историк и философ // Коллингвуд Р. Дж. Идея истории. Автобиография. М., 1980.
97. «Круглый стол». Якобинство в исторических итогах Великой французской революции// Новая и новейшая история. № 5. М., 1996.
98. Кунина А. Е. США: Методологические проблемы историографии, практика исследований. М., 1988
99. Курьянович А.В. Источниковедение и историография в системе гуманитарного знания // Источниковедение и историография в мире гуманитарного знания. Сб. ст. М., 2002.
100. Камю А. Бунтующий человек. Пер. с фр. М., 1990.
101. Каспэ И. Представление истории и представления об истории в русском Интернете // Исторические исследования в России. М., 2003.
102. Кондорсе М. А. Эскиз исторической картины прогресса человеческого разума. М., 1936.

Сайнаков Сайнак Парвиноевич

103. Коллингвуд Р. Дж. Идея истории. Автобиография. М.: Наука, 1980.
104. Коллингвуд Р. Дж.Идея истории. Автобиография. М., 1998.
105. Капхен Ч. Закат Америки уже скоро / Пер. с англ. Б. Сыркова. М., 2004.
106. Макиавелли Н. История Флоренции. Л., 1973.
107. Минье Ф. История Марии Стюарт. СПб., 1866.
108. Мир просвещения. Под ред. Винченцо Ферроне и Даниэля Роша. М., 2003.
109. Мишле Ж. Жанна д'Арк. Пг., 1920.
110. Мишле Ж. История Франции в XVI веке. Эпоха Возрождения. СПб., 1860.
111. Мишле Ж. Народ. М., 1965.
112. Мир историка: XX век. Под ред. А. Н. Сахарова. М., 2002.
113. Морган Л. Г. Древнее общество или исследование линий человеческого прогресса от дикости через варварство к цивилизации. Л., 1935.
114. Ницше Ф. О пользе и вреде истории // Ницше Ф. Сочинения в двух томах. Т. 1. М., 1990.
115. Монтескье Ш. Л. О духе законов // Монтескье Ш.Л. Избранные произведения. М., 1955.
116. Манхейм К. Диагноз нашего времени. Пер. с нем. и англ. М., 1994.
117. Мягков Г. П. Научное сообщество в исторической науке: опыт русской исторической школы. Казань, 2000.
118. Манфред А. З. Важнейшие проблемы новой истории в советских исследованиях // Новая и новейшая история. М., 1965. № 3.
119. Манфред А. З. Великая французская буржуазная революция. М., 1950.
120. Манфред А. З. Споры о Робеспьере// Очерки истории Франции XVIII – XX вв. М., 1961.

Сайнаков Сайнак Парпиноевич

121. Международные отношения в эпоху империализма. Документы из архивов царского и Временного правительства. 1878-1917. Сер. 3. 1914-1917 гг. М., 1931-1938.
122. Мизиано К. Ф. Историография революции 1848 г. в Италии// Революции 1848 – 1849 гг. М., 1952. Т. 2.
123. Молок А. И. Парижская коммуна и крестьянство. Л., 1925.
124. Мухин М. Ю. Историк и Интернет // Источниковедение новейшей истории России. М., 2004.
125. Орлова М. И. Германская революция 1918 – 1919 гг. в историографии ФРГ. М., 1986.
126. Основные проблемы истории США в американской историографии 1861-1865 гг. Под. ред. Севостьянова Г. Н. М., 1974.
127. Политическая история на пороге XXI в.: традиции и новации. Отв. ред. Л. П. Репина. М., 1995.
128. Питти Бонакорсо. Хроника. Л., 1972.
129. Пирумшоев Ҳ. Даврабандии таърихӣ // Таърих хотираи гӯёи миллат. Маводи конференсияи назариявӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами таърихнигории тоҷик дар давраи муосир» (Рашт, 5-6 ноябри соли 2016). Душанбе, 2017. С. 23 – 28.
130. Поппер К. Р. Открытое общество и его враги: 2 тома. Пер. с англ. М., 1992.
131. Портреты историков: Время и судьбы: В 2 томах. Под ред. Г. Н. Севостьянова, Л. Т. Мильской. М., 2000.
132. Прохорова Л. Д. История исторической науки: Учеб. пособие. Омск, 2010.
133. Парфенов И. Д. Концепция империализма Д. Гобсона и ее влияние на английскую историографию // Новая и новейшая история. Саратов. 1974. вып. 2.
134. Подкорытов Г. А. Историзм как метод научного познания. Л., 1967.

Сайнаков Сайнак Паршиоевич

135. Про А. Двенадцать уроков по истории. М., 2000.
136. Проблемы всеобщей истории. Историографический сборник. Отв. ред. В. Г. Ревуненков. Л., 1967.
137. Пронштейн А. П., Данилевский И. Н. Вопросы теории и методики исторического исследования. М., 1986.
138. Раҳмонов Эмомалӣ. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. Душанбе, 2006. – 372 с.
139. Ратмэн Д. Б. «Новая социальная история» в США// Новая и новейшая история. М., 1990. №2.
140. Рамазанов С. П. Кризис в российской историографии начала XX в. Волгоград. 1999-2000. Ч. 1-2.
141. Рассел Б. История западной философии. Ростов-на-Дону, 2006.
142. Румянцева М. Ф. Теория истории. М., 2002.
143. Ревякин А. В. Этьен Кабе о французских буржуазных революциях // История социалистических учений. М., 1987.
144. Ромео Р. Послевоенная итальянская историография нового времени (1818-1915 гг.) // Проблемы советско - итальянской историографии. Материалы советско - итальянской конференции историков 12-14 октября 1964. Отв. Ред. С. Д. Сказкин. М., 1966.
145. Ракитов А. И. Историческое познание. Системно - гносеологический подход. М., 1982.
146. Рахшмир П. Ю. Историография западноевропейского фашизма. Пермь, 1993.
147. Рикерт Г. Границы естественнонаучного образования понятий. СПб., 1998.
148. Риккерт Г. Философия истории // Науки о природе и науки о культуре. М., 1998.
149. Румянцева М.Ф. Историческая компаративистика и проблемы исторического построения // Историческая компаративистика и историческое построение. М.,2003.

Сайнаков Сайнак Парпиноевич

150. Робертсон У. История государствования императора Карла V. Т. 1–3. М., 1859.
151. Смоленский Н. И. Политические категории немецкой буржуазной историографии (1848-1871 гг.). Томск, 1982.
152. Смоленский Н. И. Об исследовании британским ученым Д. Тошем проблем методологии истории// Новая и новейшая история. М., 2002. -№ 6.
153. Соколов А. Б. Введение в современную западную историографию. Ярославль, 2002.
154. Сернова Н. В. О некоторых методических приемах анализа организационных систем // Системный подход: анализ и прогнозирование международных отношений. М., 1991.
155. Советская внешняя политика в годы «Холодной войны» (1945-1985). Новое прочтение. Сб. Ст. под ред. Л.Н. Нежинского. М., 1995.
156. Селигмен Б. Основные течения современной экономической мысли. М., 1968.
157. Собуль А. Жорес, Матьез и история французской революции // Французский ежегодник. 1980. М., 1982.
158. Собуль А. Классическая историография французской революции. // Французский ежегодник. 1976. М., 1978.
159. Токвиль А. Демократия в Америке. М., 1992.
160. Тьерри О. Опыт истории происхождения и успехов третьего сословия. М., 1937.
161. Тьерри О. Избранные сочинения. М., 1937.
162. Татищев В. Н. Собр. Соч. В 8 т. М., 1994–1996.
163. Татищев В. Н. История Российская. В 7 т. М.–Л., 1962–1968.
164. Тюрго А. Р. Ж. Рассуждения о всеобщей истории // Тюрго А.Р.Ж. Избр. Философские произв. М., 1937.
165. Тойнби А. Дж. Постижение истории. Пер. с англ. М., 1991.

Сайнаков Сайнак Парпиноевич

166. Тарле Е. В. Жерминаль и прериаль. М., 1937.
167. Тарле Е. В. Континентальная блокада Англии. М., 1993.
168. Тарле Е. В. Талейран. М., 1939.
169. Тишков В. А. История и историки в США. М., 1985.
170. Токарева Е. С. Организация исторической науки в Италии // Организация исторической науки в странах Западной Европы. Отв. ред. В. В. Согрин. М., 1988.
171. Теоретические проблемы исторических исследований. М., 1998-2002.
172. Тревельян Дж. М. Социальная история Англии. М., 1990.
173. Трельч Э. Историзм и его проблемы. Логические проблемы философии истории. М., 1994.
174. Трёльч Э. Историзм и его проблемы. Пер. с нем. М., 1994.
175. Тош Д.Стремление к истине. Как овладеть мастерством историка. М., 2000.
176. Уайт Х. Метаистория. Екатеринбург. 2002.
177. Уманский Н. Б. Американская революция в буржуазной историографии США (конец XVIII – 60 - е гг. XX вв.). Казань, 1988.
178. Урибес Санчес Э. Современная французская историография происхождения первой мировой войны (методология и проблематика)//Первая мировая война: Дискуссионные проблемы истории/Отв. ред. Ю. А. Писарев, В. Л. Мальков. М., 1994. С. 33 - 44.
179. Февр Л. Бои за историю. Пер. с фр. М., 1991.
180. Филатов Г. С. Проблема «второго Рисорджименто» в историографии итальянского Сопротивления// Объединение Италии: 100 лет борьбы за независимость и демократию. М., 1963.
181. ФРГ глазами западногерманских социологов. Техника - интеллектуалы - культура. М., 1989.

Сайнаков Сайнак Паршиоевич

182. Филитов А.М. «Холодная война»: Историографическая дискуссия на Западе. М., 1991.
183. Фюре Ф. Прошлое одной иллюзии. Пер. с фр. М., 1998.
184. Фукуяма Ф. Великий разрыв. М., 2003.
185. Фукуяма Ф. Государство.М., 2007.
186. Фукуяма Ф. Доверие. М., 2004.
187. Фукуяма Ф. Конец истории и последний человек. М., 2004.
188. Фукуяма Ф. Наше постчеловеческое будущее. М., 2004.
189. Хантингтон С. Кто мы? М., 2004.
190. Хантингтон С. Политический порядок в меняющихся обществах. – М., 2004.
191. Хантингтон С. Столкновение цивилизаций. М., 2003.
192. Хантингтон С. Третья волна. Демократизация в конце XX века. – М., 2003.
193. Хайек Ф. Пагубная самонадеянность. Ошибки социализма. М., 1992.
194. Харц Л. Либеральная традиция в Америке. Пер. с англ. М., 1992.
195. Харви Д. Краткая история неолиберализма. М., 2007.
196. Холодная война, 1945 – 1963: историческая ретроспектива. Под ред. Чубарьян А. О., Егорова Н.И. М., 2003
197. Хобсбоум Э. Век империи. Ростов на Дону. 1999.
198. Хобсбоум Э. Век религии. Ростов на Дону. 1999.
199. Хобсбоум Э. Нации и национализм после 1780 г. Пер. с англ. СПб., 1998.
200. Харц Л. Либеральная традиция в Америке. Пер. с англ. М., 1992.
201. Хрестоматия по истории Нового времени стран Европы и Америки. Сост. М.В. Пономарев. М.: Изд-во Проспект, 2010.
202. Ҳамза Камол. Насабшиносӣ. (Курси лексия барои мактабҳои олӣ). Душанбе, 2017. 213 с.
203. Чапкевич Е. И. Евгений Викторович Тарле. М., 1997.

Сайнаков Сайнак Парпиноевич

204. Черняк Е. Б. 1794 год: актуальные проблемы исследования Великой Французской революции // Французский ежегодник. 1987. М., 1989.
205. Чудинов А. В. Утопии века Просвещения. М., 2007.
206. Чудинов А. В. Французская революция: история и мифы. М., 2007.
207. Шарифжанов И. И. Актон и современная англо-американская буржуазная историография // Проблемы британской истории. М., 1973.
208. Шелдон Г.У.Политическая философия Т. Джефферсона. М., 1996.
209. Шлепаков А. Н. Проблемы новой и новейшей истории в трудах историков советской Украины // Новая и новейшая история. М., 1972. № 5.
210. Шнеерсон Л. М. Исследование проблем новой и новейшей истории в Белоруссии // Новая и новейшая история. М., 1973. № 1.
211. Шлезингер-мл. А. Циклы американской истории. Пер. с англ. М., 1992.
212. Шпенглер О. Закат Европы. Тт. 1-2. М., 1993, 1998.
213. Шпет Г. Г. История как проблема логики. Критические и методологические исследования. М., 2002.
214. Шейнфельд М. Методологические дискуссии в отечественной исторической науке (60 - 90 гг.). Красноярск, 2004.
215. Экономическая история: проблемы, исследования, дискуссии. М., 1993.
216. Эфиров С. А. Итальянская буржуазная философия XX в. М., 1968.
217. Ясперс К. Смысл и назначение истории. М., 1993.


Сайнаков Сайнак Паршиоевич

Равшанфикр
Огохӣ Озодӣ Ободӣ